ISSN 2710-4672

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ
## БАХШИ ИЛМҲОИ ФАЛСАФА, ҲУҚУҚ ВА СИЁСАТШИНОСӢ

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА
## СЕРИЯ ФИЛОСОФИЯ, ПРАВО И ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY
## SERIES OF PHILOSOPHY, LAW AND POLITICAL SCIENCES

**Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni**

**№ 4 (16)**

**Душанбе – 2024**

**ISSN 2710-4672**

***Маҷалла соли 2021 таъсис ёфтааст***

*Маҷалла аз 01.10.2024 шомили феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар маҷалла мақолаҳои илмӣ аз рӯи самтҳои зерин нашр мешаванд: 09.00.00 – Илмҳои фалсафӣ, 12.00.00 - Илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 23.00.00 – Илмҳои сиёсатшиносӣ*

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2023 таҳти № 293/МҶ-97 аз нав ба қайд гирифта шудааст.*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибосоварии илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст.* http: //elibrary.ru

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121*

***Тел.:*** *(+992 37) 224-20-12*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Почтаи электронӣ:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Сомонаи маҷалла:*** *http: // filosofiya.tgpu.tj*

**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Муовини сармуҳаррир:** ***Сангинзод Дониёр Шомаҳмад*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Котиби масъул:** ***Холов С.С.***

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***Самиев Бобо Ҷураевич*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Назариев Рамазон Зибуҷинович*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Султонзода Соқӣ Аслон*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Худойдодзода Фаррух Бегиҷон*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Раҳимзода Маҳмад Забир*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
***Сафарзода Анвар Ислом*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Меликов Умрилло Асадуллоеивч*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Раҷабов Саидумар Одинаевич*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Азиззода Убайдулло Абдулло*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Муҳаммад Абдураҳмон Навруз*** *- доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
***Қувватзода Сайдулло Зувайд*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент*
***Каримов Шамсиддин Турсунматович*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
***Муродова Нигина Сулаймоновна*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент*
***Бедилзода Ҳусейн Кабут*** *- номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024***

**ISSN 2710-4672**
***Журнал основан в 2021 году***
*Журнал включен в перечень рецензируемых научных журналов Республики Таджикистан с 01 октября 2024 года. В журнале публикуются научные статьи по следующим направлениям: 09.00.00 - Философские науки, 12.00.00 - Юридические науки, 23.00.00 - Политические науки*
*Журнал зарегистрирован в Министерством культуры Республики Таджикистан с 1 мая 2023 года под номером № 293/ЖР-97*
*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки.* http: //elibrary.ru

***Тел.:*** *(+992 37) 224-20-12*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Электронная почта:*** *vestnik. tgpu@gmail. com*

***Сайт журнала***: *http: // filosofiya.tgpu.tj*

**Главный редактор**: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** - *доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

**Зам. главного редактора**: ***Сангинзод Дониёр Шомахмад*** - *доктор юридических наук, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

**Ответственный редактор**: ***Холов С.С.***

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**
***Самиев Бобо Джураевич*** - *доктор философских наук, профессор,*
***Назариев Рамазон Зибуджинович*** - *доктор философских наук, профессор*
***Султонзода Соки Аслон*** – *доктор философских наук, профессор*
***Хайдаров Рустам Джурабоевич*** – *доктор философских наук, профессор*
***Худойдодзода Фаррух Бегиджон*** - *доктор философских наук, профессор*
***Рахимзода Махмад Забир*** – *доктор юридических наук, профессор, член – корр. НАНТ*
***Сафарзода Анвар Ислом*** – *доктор юридических наук, профессор*
***Меликов Умрилло Асадуллоевич*** – *доктор юридических наук, профессор*
***Раджабов Саидумар Одинаевич*** – *доктор юридических наук, профессор*
***Азиззода Убайдулло Абдулло*** – *доктор юридических наук, профессор*
***Мухаммад Абдуррахмон Навруз*** – *доктор политических наук, профессор, член – корр. НАНТ*
***Кувватзода Сайдулло Зувайд*** – *доктор политических наук, доцент*
***Каримов Шамсиддин Турсунматович*** – *доктор политических наук, профессор*
***Муродова Нигина Сулаймоновна*** – *доктор политических наук, доцент*
***Бедилзода Хусейн Кабут*** - *кандидат политических наук, доцент*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2024***

**ISSN 2710-4672**

***The journal was founded in 2021***

*The journal is included in the list of peer-reviewed scientific journals of the Republic of Tajikistan since October 1, 2024. The journal publishes scientific articles in the following areas: 09.00.00 - Philosophical Sciences, 12.00.00 - Legal Sciences, 23.00.00 - Political Sciences*

*The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on May 1, 2023 for No. 293/ZhR-97*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

***Phone**: (+992 37) 224-20-12*

***Fax:** (+992 37) 224-13-83*

***E-mail:** vestnik.tgpu@gmail.com*

***Journal website:** http: // filosofiya.tgpu.tj*

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo** - Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni*

**Deputy Editor-in-chief:** ***Sanginzod Doniyor Shomahmad** - Doctor of Low Sciences, Professor, Vice-rector on Scientific Affairs of TSPU named after S. Ayni*

**Executive Editor:** ***Kholov S.S.***

**THE EDITORIAL BOARD:**

***Samiev Bobo Jurayevich** - Doctor of Philosophy, Professor*
***Nazariyev Ramazon Zibujinovich** - Doctor of Philosophy, Professor*
***Sultonzoda Soqi Aslon** - Doctor of Philosophy, Professor*
***Haydarov Rustam Juraboevich** - Doctor of Philosophy, Professor*
***Khudoidodzoda Farrukh Begijon** - Doctor of Philosophy, Professor*
***Rahimzoda Mahmad Zabir** - Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the NAST*
***Safarzoda Anvar Islom** - Doctor of Law, Professor*
***Melikov Umrillo Asadulloevich** - Doctor of Law, Professor*
***Rajabov Saidumar Odinaevich** - Doctor of Law, Professor*
***Azizzoda Ubaydullo Abdullo** - Doctor of Law, Professor*
***Muhammad Abdurrahmon Navruz** - Doctor of Political Science, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan*
***Quvvatzoda Saidullo Zuvaid** - Doctor of Political Science, Associate Professor*
***Karimov Shamsiddin Tursunmatovich** - Doctor of Political Science, Professor*
***Murodova Nigina Sulaymonovna** - Doctor of Political Sciences, Associate Professor*
***Bedilzoda Hussein Kabut** - Candidate of Political Sciences, Associate Professor*

***© TSPU named after S. Ayni, 2024***

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ // ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

**Самиев Б.Ҷ., Холов С.С.**
Худкушӣ – падидаи иҷтимоӣ: омилҳои зуҳурёбӣ ва пешгирии он дар ҷомеа............................ 7
**Султонзода С.А., Ҷалилова С.И.**
Офариниши олам дар таълимоти космогонии Ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ.................. 15
**Худойдодзода Ф.Б., Фозилов О.М.**
Таъсири таълимоти мантиқии Арасту ва Ибни Сино ба таълимоти мантиқии мутафаккирони асримиёнагии ғарб ........................................................................................................... 23
**Мирасанов М. В.**
Политическая философия Гегеля ................................................................................ 32
**Норбоев Ю. М.**
Масъалаи беохирӣ дар фалсафаи Ҳинди қадим.................................................................. 40
**Саидумаров С. С., Тураев Ф. Р.**
Методологияи омӯзиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба хусусиятҳои миллӣ (таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ).................................................................................................... 47
**Файзуллоев Ғ.Ф., Сайфиддинова Р. С.**
Ғояҳои маорифпарварии халқи тоҷик................................................................................ 53
**Саидумаров С. С.**
Муҳоҷирати меҳнатӣ ва ганҷури равонии миллат: бурду бохтҳо дар мисоли миллати тоҷик (таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ)........................................................................................ 62
**Саидова Н. Н.**
Нақши оила ва тарбия дар иҷтимоишавии ҷавонон ......................................................... 69
***Ашуров И.Ч.***
Омӯзиши сатҳи ватандӯстии ҷавонони донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон (дар мисоли Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ........................................... 75

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ // ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Сангинзод Д. Ш.**
Пешвои миллат - тарғибгари арзишҳои ҳуқуқииву демократии Тоҷикистони соҳибистиқлол 81
**Файзова М. Р.**
Инкишофи вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ.................................................................. 92
**Раҳмонов Ш.**
Тарафи объективии додани пора ва таҳлили назариявӣ-ҳуқуқии аломатҳои он....................... 100
**Майнусов Д. Ф.**
Ҳуқуқ ва мақоми зан дар мероси тоисломӣ ва инъикоси он дар "Шоҳномаи"-и Абулқосим Фирдавсӣ.................................................................................................................. 108
**Рофиева А.Ҳ.**
Рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он ........ 116
**Козиён Ш.К.**
Юридическая осведомленность в борьбе с коррупцией в формировании и реализации антикоррупционной политики Республики Таджикистан ................................................ 128
**Абдуллозода М. А.**
Ҷанбаҳои ҳуқуқии мафҳум ва хусусиятҳои бозори энергетикӣ............................................. 136
**Аламов Ҳ.Н.**
Низоми идоракунии Ҳахоманишиҳо дар давраи Дорои I..................................................... 142
**Обидова М. Н.**
Бехатарии экологӣ ҳамчун омили асосии устувории давлат.................................................. 147
**Мирзозода Ш. М.**
Дафтарчаи меҳнатӣ ҳамчун кафили таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ба меҳнат.... 155
**Калонов Ф.М.**
Инъикоси маърифати ҳуқуқи ва вазъи сиёсии асри XIV дар эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ........................................................................................................................ 161

## ИЛМҲОИ СИЁСАТШИНОСӢ/ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Шарифзода А.А.**
Сиёсати дурбинонаи Пешвои миллат оид ба эҳё, таҳким ва рушди забони давлатӣ................ 167
**Қурбонова З. М.**

Интихобот ҳамчун унсури асосии сиёсат ........ 175
**Нуриддин П. Р.**
Рушди дипломатияи иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ........ 180
**Назарзода Т. К., Козиён Ш. К.**
Причины вступления молодежи в экстремистские группы и меры по их предотвращению .... 187
**Косимова Р.**
Роль этнических меньшинств в социально-политическом развитии многонационального государства: вызовы и перспективы ........ 191
**Кудратов К. А.**
Влияние военно-политической обстановки в Афганистане на эскалацию гражданской войны в Таджикистан (1992-1997) ........ 198
**Холов С.С.**
Ҷанбаҳои илмию амалии рушди ниҳоди президентӣ ........ 214
**Пардаев С. А.**
Деятельность Республики Таджикистан и Российской Федерации в международных региональных организациях СНГ, ОДКБ и ШОС ........ 219
**Назарзода Т. К.**
Глобальная угроза терроризма и экстремизма и меры по их противодействию ........ 225
**Қудратов К.А., Мунисаи А.**
Натиҷаҳои сиёсии сол дар муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ ........ 230
**Валиева Ф.Б.**
Ҷанг ва сулҳ дар “Шоҳнома” – и Абулқосим Фирдавсӣ ........ 240
**Саийдкарим А.**
Сабабҳо ва омилҳои шикасти низомӣ ва фурӯпошии қувваҳои мусаллаҳи Афғонистон ........ 248
**Холов С.Х.**
Международное и региональное сотрудничество государств: теоретические основы и практические аспекты ........ 255
**Мустаджобова Т.М.**
Формирование политических и культурных связей между Таджикистаном и Узбекистаном в современных условиях ........ 263

ТДУ 316.362.8:

# ХУДКУШӢ – ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ: ОМИЛҲОИ ЗУҲУРЁБӢ ВА ПЕШГИРИИ ОН ДАР ҶОМЕА

***Самиев Б.Ҷ.***
*Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ*
***Холов С.С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар фарҳанги антиқаи Юнону Рим ҳодисаи худкушӣ ҳамчун ҷиноят эътироф карда мешуд. Юнониёну римиён ба шахси худкуш муносибати нафратангез, ҳисси бадбинона дошта, мувофиқи қонунҳои амалкунандаи худ дастони ӯро аз тан ҷудо карда, онҳоро алоҳида мегузоштанд. Масалан, дар Афина ва Спарта ҷасади шахси худкушикардаро барои бо дигарон ибрат гаштан, месӯзониданд. Дар Рими Қадим низ ҷасади урёни шахси ба худкушӣ даст задаро дар маркази шаҳр ба намоиш мегузоштанд. Минбаъд ин амал ба он боис шуд, ки зуҳуроти худкушӣ дар ин кишвар коҳиш ёбад.

Дар робита бо ин, файласуфи Юнони Қадим Пифагор[1] дар бораи инсон ва арзишҳои ҳаётии ӯ таваҷҷуҳи хосса дода, ҳаёти ӯро ба ақрабаки соат монанд карда, қайд мекунад, ки ӯ офаридаи Худо аст ва ҳеҷ шахс бо хоҳишу майли худ амали падруд гуфтани ҳаётро надорад. Донишманди дигари юнонӣ Арасту[1] маргро дар муқобили ҳаёт чунин зуҳуроти иҷтимоие меҳисобад, ки вақти муайяни худро надорад, вале онро бояд интизор шуд. Пас, аз ин нигоҳ бармеояд, ки ҳама мавҷуди зинда умри абадӣ надошта, вобаста ба вақт ва иллатҳои таъсиргузор фаношаванда мебошанд. Зуҳуроти худкуширо бошад, Арасту нишонаи беҷуръатӣ, тарсӯӣ ва ба худ боварӣ надоштани шахс, тавсиф медиҳад.

Андешаи Афлотун бошад, аз ақидаҳои Пифагор ва Арасту дар фаҳмиши мафҳуми марг фарқ мекунад. Махсусан, ӯ дар китоби «Қонун»-и худ вобаста ба ҳолатҳои рухдодаи ҳаёти инсонӣ қайд мекунад, ки худкушӣ дар ҳама вазъ тамоили манфӣ надорад, балки зуҳуроти худкуширо дар ҳолатҳои тоқатфарсои зиндагӣ ва таҳқири беҷо дуруст мешуморад[5].

Нисбат ба Афлотун донишманди дигари юнонӣ Суқрот ба таври ошкоро ҳодисаи худкуширо падидаи манфии ҷомеа намеҳисобад. Файласуф, ки худ зиндагиро тавассути худкушӣ падруд гуфта буд, таблиғгари он ғоя ба ҳисоб мерафт, ки аз зиндагии вазнину пур аз таҳдиду таҳқир марг беҳтар аст. Зеро марг инсонҳоро аз азобу шиканҷа, таҳқиру маломат раҳо менамояд. Ба фаҳмиши илмӣ агар имрӯз ин дидгоҳи Суқротро арзёбӣ дорем, маълум мегардад, ки он танҳо маънои дунёбезорӣ, ноуҳдабароӣ, мубориз набудани шахсро ба зиндагӣ бозгӯ мекунад.

Эпикур ва пайравони мактаби лаззатгароии ӯ мақсади зиндагиро дар лаззату кайфият медиданд ва дар робита бо ин худкуширо амали маҷбурӣ не, балки худихтиёрӣ ҳисобида, қайд мекунанд, ки беморӣ, мушкилоти зиндагӣ барои ба ҳолати худкушӣ овардани инсонҳо танҳо як баҳона аст. Дар таълимоти намояндагони мактаби фалсафии равоқиён (стоикҳо) [7, с. 7] бошад, аслан ақидае роиҷ буд, ки худкушӣ роҳи халосӣ аз мушкилоти вазнин ва дилбазангаштаи рӯзгор аст. Муҳтавои ин андеша он аст, ки шахси ба худкушӣ роҳ дода, метавонад бо ин васила худро аз вазниниҳои зиндагӣ раҳо намояд. Маҳз чунин идеяи пешниҳодкардаи равоқиён аз як тараф, сабаб гардид, ки дар Рими қадим пайравони ин идея зиёд шуда, барои афзоиш ёфтани зуҳуроти худкушӣ мусоидат намояд. Аз тарафи дигар, сабаби авҷ гирифтани амалҳои худкушӣ коста гардидани ахлоқи ҷавонон, вусъати тоза касб кардани руҳияи дунёбезорӣ, навмедӣ, тафриқаандозӣ байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ ва ғайра ба ҳисоб мераванд. Махсусан, файласуфи Рими Қадим Сенака чунин назар дошт, ки ҳар як шахс ҳуқуқ дорад ба худкушӣ даст занад, дар сурате, ки ягон асос дошта бошад.

На танҳо дар Юнон ва Рими Қадим, балки дар кишварҳои Шарқи тоисломӣ намояндагони гуногуни мактабҳои фалсафӣ нисбати масъалаи дарки мафҳумҳои ҳаёт ва марг дидгоҳи мухталиф доштанд. Масалан, дар Ҳинди Қадим шакли маъмули худкушӣ – ин худкушии динӣ буд. Ин амал бо роҳи худоташзанӣ ба анҷом расонида мешуд. Барои тақвияти ин гуфта метавон мисол овард, ки яке аз тамоилгирии маросими ҳиндуёни қадим «Сати» он буд, ки занҳо баъди фавти шаҳвар ҷиҳати шод гардонидани арвоҳи ӯ ба худкушӣ даст зананд. Ё худ пайравони мактаби Йога, ки бештар ба машқҳои ҷисмонӣ машғул мешуданд умри дароз медиданд. Бинобар ин, ба онҳо роҳи аз ҳама беҳтари раҳоӣ ёфтан аз зиндагӣ ба амали худкушӣ даст задан буд.

Дар дини насронӣ зуҳуроти худкушӣ, яъне сӯиқасди маҷбурӣ ба ҷони худ маҳкум карда мешавад. Пайравони ин дин пайдоиши ҳаёт ва лаҳзаи рух додани маргро ба Худо нисбат медиҳанд. Мувофиқи қонуну қоидаҳои ин дин шахси ба ин зуҳурот дастзада аз маросими дафни динӣ маҳрум карда мешуд. Дар маҷмуъ, дар асрҳои миёнаи Аврупо илоҳиётшиноси католикӣ Фомаи Аквинӣ худкуширо дар асоси се идеяи худ маҳкум карда буд:

1) худкушӣ - ин вайронкунии қонуни табиат буда, дар муносибат бо он ки "тамоми унсурҳои табиӣ бояд ҳастии худро нигоҳ доранд", ҳар як кас ҳаёти худро низ бояд дӯст дорад.

2) худкушӣ – ин вайронкунии қонунҳои ахлоқӣ мебошад ва агар ҳодисаи худкушӣ зиёд гардад, ба ҷомеа костагӣ меорад.

3) худкушӣ - ин вайронкунандаи қонунҳои илоҳӣ аст, ки Худо ба инсон сарнавишт додаст ва ҳуқуқи аз байн бурдани онро танҳо Худо дорад[5].

Ҳамзамон, дар асрҳои миёнаи Аврупо барои он ки ин зуҳурот дар ҷомеа афзоиш наёбад ҷиҳати тарси мардум ҷасади шахси худкушро чормех зада, дар хиёбонҳо меовехтанд. Ба вижа франсавиҳо мурдаҳои шахсони худкушро аз пойҳояшон овезон карда, ба тамошои мардум мегузоштанд.

Дини ислом ҳамеша инсонро ба илмомӯзӣ, покизагии ботину зоҳир, эҳтироми ҳуқуқҳои якдигар, роҳ надодан ба фасоду кинагирӣ, сӯиқасд накардани ба ҷони шахси дигар ва ғайра ҳидоят мекунад. Ӯро аз дигар офаридаҳояш мукаррамтару воломақомтар медонад, аммо худкушӣ, қатли шахси бегуноҳро маҳкум менамояд. Масалан, дар ояти 29-и сураи Нисо омадааст: "Ва хештанро макушед. Ба дурустӣ ки Худо ба шумо меҳрубон аст". Дар ояти 195-уми сураи Бақара бошад, таъкид шудааст: «Ва худро бо дасти худ ба ҳалокат наяндозед». Яъне, ислом худкуширо падидаи манфӣ, нишонаи беимонӣ ва ё имони бемор меҳисобад, зеро дидаву дониста ба худкушӣ даст задани ашхос дар шариати исломӣ раво нест, балки ҳам гуноҳ аст ва ҳам ҳаром. Ислом таълим намедиҳад, ки муъмин тарсу нотавону заиф ба воя расад. Чунки тарс аз мушкилоти зиндагӣ, нишонаи заъфи имон дониста мешавад. Паёмбари ислом афроде, ки даст ба худкушӣ мезананд, онҳоро аз лутфу карами Худо маҳрумшуда, ба ғазаби Худо гирифторшуда меҳисобад.

Мувофиқи ваҳйи ба Муҳаммад нозилшуда ҳаёти инсонӣ танҳо ба як давраи маҳдуди замони зиндагии ӯ дар замин интиҳо намеёбад. Яъне, фаророасии марг маънои интиҳои ҳаётро надошта, балки маънои дигар шудани шакли ҳаётро ифода мекунад. Ҳарчанд бо фарорасии марг руҳи инсонӣ аз ҷисм ҷудо мешавад, аммо ин маънои пурра нобуд шудани инсонро надорад. Марги табиии инсон - тавлиди дубораи инсон мебошад. Ҳаёту марг дар дасти Худо аст ва ҳеҷ кас бо майлу рағбати худ ба дунё наомада, рафтани ҳеҷ касе низ ба ӯ вобаста намебошад - ин аст фаҳмиши фалсафии ҳаёт ва марг дар ислом.

Дар давраи баъдии рушди афкори фалсафӣ донишманди англис Дэвид Юм рисолае бо номи "Оид ба худкушӣ" ба нашр мерасонад. Ба назари ӯ зуҳуроти худкушӣ бо андешаҳои иллоҳӣ он қадар муқобил нест, зеро қонунҳои илоҳӣ дар лаҳзаҳои алоҳида ба вуҷуд намеоянд, балки дар ҳамоҳангии умумӣ зоҳир мегарданд. Тамоми зуҳуроте, ки пайдо мешаванд, аз ҷониби Худо дода шуданд ва барои ҳамин ҳар як ҳолат барои ҳастии бемаҳдуд муҳим аст. Хоҳиши тарк кардани ҳаёт аз ҷониби Худо ба муқобили хости Худо нест ва ин ақида ҳамгироии ҷаҳонро вайрон намекунад. Баъд аз марг унсурҳое, ки мо аз онҳо таркиб ёфтаем, барои давом ёфтани тараққиёти минбаъдаи ҷаҳонӣ хизмат мекунанд.

Шурӯъ аз асри XIX назар ба фаҳмишҳои пешин нигоҳи мутафаккирон нисбат ба мушаххас кардани иллатҳои даст задани шахс ба зуҳуроти худкушӣ тағйир меёбад. Ба ҷои фаҳмишҳои соддалавҳона ва динӣ идеяе пешниҳод карда мешавад, ки шахсе, ки даст ба амали худкушӣ мезанад - бемори равонӣ, аз ақл бегонашуда мебошад. Ҷомеашиноси итолиявӣ Чезаре Ломброзо маҳз таваҷҷуҳи худро ба илман асоснок кардани иллатҳои даст задан ба ин зуҳуроти иҷтимоӣ равона карда, дар асоси тадқиқоти анҷомдода, консепсияи "алоқамандии гениалӣ (нобиғавӣ) ва ҷунунӣ" - и даст задани афродро ба худкушӣ пешниҳод менамояд. Минбаъд консепсияи пешниҳодкардаи ҷомеашинос аз як тараф, барои тағйир ёфтани тафаккури сотсиологҳо, равоншиносон ҷиҳати ҳал ва баррасӣ кардани ин мушкилаи иҷтимоӣ таъсири муассир гузошт. Аз тарафи дигар, барои пайдо шудани илмҳои нав, аз қабили сотсиология, писихология, психиатрия ва ғайра мусоидат кард.

Инчунин, аз ин давра шурӯъ шуда якчанд консепсияҳои илмӣ оид ба асоснок кардани зуҳуроти худкушӣ коркард карда мешаванд. Аз ҷумла, бори аввал тадқиқоти сотсиологӣ доир ба масъалаи худкушӣ аз ҷониби асосгузори суитсидология, ҷомеашиноси фаронсавӣ Э.Дюркгейм[1] баргузор карда шуда, назарияи состсиологии худкуширо коркард мекунад. Ҷомеашинос маводи ғункардаи тадқиқоти мазкурро коркард карда, доир ба ин мавзуъ асари комиле бо номи "Худкушӣ" таҳия менамояд. Аз аввалин ҷомеашиносоне мегардад, ки зуҳуроти худкуширо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ҳисобида, ба омилҳои сар задани он мушкилоти иҷтимоӣ, ҳолатҳои психологӣ ва физиологии шахсро ворид менамояд.

Худкушии худхоҳона назарияи дигари худкушӣ аст. Ин навъи худкушӣ дар натиҷаи рушди амалҳои фардгароӣ ва дар сатҳи паст қарор доштани ҳамгироии иҷтимоии шахси худкуш, ки худро доимо танҳо, дур аз мардум эҳсос мекунад, рӯй медиҳад. Зеро алоқаи иҷтимоӣ барои фард ба сифати омили муҳим ҷиҳати ҳифзи ҳаёт ва нигоҳдории саломатӣ нақши меҳварӣ дорад. Ҳангоми канда шудани алоқаи иҷтимоӣ инсон аз доираи муҳити иҷтимоӣ берун шуда, даст ба худкушӣ мезанад. Бинобар ин, шакк нест, ки худхоҳӣ яке аз сабабҳои асосии даст задани шахс ба худкушӣ мебошад.

Худкушии беғаразона (алтруистӣ) намуди дигари маъмули худкушӣ аст. Ин навъи худкушӣ пеш аз ҳама дар натиҷаи зиёд будани ҳамгироии иҷтимоӣ ва аз ҳад зиёд ба коллектив вобаста будани шахс рух медиҳад. Инчунин, ин навъи худкушӣ дорои якчанд тамоилҳо мебошад:

- ҳатмӣ - дар ҳолати сахт вобаста будани шахс ба ҷомеа, фард барои нойил шудан ба ҳадафҳои хеш даст ба худкушӣ мезанад.

- ихтиёрӣ - инсон бе таъсири ягон неру ҷиҳати ба даст овардани хушбахтии шахсӣ ва эҳтиром пайдо кардан дар ҷомеа қасдан ба худкушӣ даст мезанад.

Худкушии аномиявӣ ба андешаи Э.Дюркгейм дар натиҷаи ивазшавии низоми иҷтимоӣ ё ин ки гузариши ҷомеа аз як зинаи тараққиёт ба зинаи дигар, ивазшавии арзишҳо, меъёрҳо рух медиҳад. Зеро на ҳамаи афрод метавонанд дар натиҷаи ивазшавии арзишҳо худро ба раванди ҷомеа мутобиқ гардонанд.

Соли 1878 бошад, доир ба масъалаи худкушӣ Конгресси умумиҷаҳонӣ гузаронида мешавад. Дар ин Конгресс муайян гардид, ки худкушӣ ба бемориҳои психологӣ алоқамандӣ надорад ва он ба як қатор омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ вобаста аст. Дар Ассамблеяи миллии Фаронса (соли 1870) низ қайд карда шудааст, ки бояд аз болои худкушӣ назорат бурда шавад.

Ҳамин тавр, худкушӣ амалест, ки дар натиҷаи мутобиқат накардани ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳолатҳои равонии шахс ба вазъи вазнин ва ногувори зиндагӣ сурат мегирад. Яъне рӯ ба рӯи инсон мушкиле пеш меояд, ки ӯ барои ҳалли он чорае намеёбад ва ноумед гашта, дар натиҷа ба худкушӣ даст мезанад. Аз ин мазмун бармеояд, ки ҷанбаи равонии худкушӣ, пеш аз ҳама маъюсӣ ва ноумедӣ ба ҳисоб мераванд.

Худкушӣ - ин қасди бошуурона, ба ҷони худ ҷабр кардан ё худкушӣ - ин ихтиёран нобуд кардани худ аст. Он мустақилона ва ихтиёрӣ сурат мегирад, ҳарчанд воситаҳои дигар имконпазир мебошанд. Масалан, худкушӣ бо ёрии шахси дигар, ҳангоми беморunion вазнин ё худкушии оммавии аъзои сектаи харобиовар, бемориҳои соматикӣ ва равонӣ, ҳолатҳои

шадид ва музмини осеби равонӣ, худро маломат кардан, зарурати ҳифзи номус, тарси маҳкумият, тақлид ва ғайра.

Ба худкушӣ даст задани одамон аз зуҳуроти номатлуби ҷомеаи муосир аст. Ба маълумоти коршиносони Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ танҳо дар соли 2019 дар ҷомеаи ҷаҳонӣ 700 000 ҳолатҳои ба худкушӣ даст задани одамон ба қайд гирифта шудааст. Асосан, дар кишварҳои Аврупо, Африқо, Амрико ва ғайра ашхосе, ки ба худкушӣ даст мезананд синну солашон аз 15 то 29 сола мебошад. Дар давлатҳои Осиёи Миёна бошад, синну соли ашхосе, ки ба худкушӣ даст мезананд аз 15 то 49 сола баробар аст.

Кишваре, ки аҳолии он бештар ба зуҳуроти худкушӣ даст мезанад Қазоқистон буда, баъд аз он ин ҳолат дар давлатҳои Венгерия, Япония, Финляндия ва ғайра нигаронкунанда аст. Кишварҳое, ки дар он ҷо зуҳуроти худкушӣ кам ба қайд гирифта шудааст, давлатҳои Шарқи Наздик мебошанд.

Мувофиқи маълумоти омории созмони мазкур, ки соли 2024 пешниҳод мекунад, дар таи даҳсолаи охир худкушӣ дар байни аҳолии муқимии давлатҳои Греландия, Канада, инуитҳо ва метисҳои Амрико бештар мебошад[11].

Ба маълумоти Созмони мазкур дар кишварҳои Осиёи Миёна фоизи зиёди худкушӣ ба кишвар Қаззоқистон рост омада, дар ҷойи дуюм Қирғизистон қарор мегирад. Ҳолати худкушӣ дар Тоҷикистон нисбат ба Қазоқистон панҷ маротиба пастар ва назар ба Ӯзбекистон ду маротиба кам аст[12].

Умуман, аз маълумоти оморӣ айён мегардад, ки дар кишварҳои тараққикарда нисбат ба занон теъдоди зиёди мардон ба худкушӣ даст задаанд, аммо акси ҳол дар кишварҳои рушднаёфта фоизи зиёди заноне, ки ба худкшӣ даст мезананд нисбат ба мардон рӯ ба афзоиш дорад.

Ҳамин тавр, ба ҳисоби Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ва Анҷумани байналмилалии пешгирӣ аз худкушӣ соле 700 ҳазор сокинони ҷомеаи ҷаҳонӣ даст ба худкушӣ мезанад ва 77 % ин ҳодисаҳо дар кишварҳое бо даромади миёнаву поин сабт мешаванд. Фаъолони анҷуман, ки барои боло бурдани сатҳи огаҳӣ аз ин мушкил 10-уми сентябри ҳар сол Рӯзи ҷаҳонии пешгирӣ аз худкуширо барпо мекунанд, мегӯянд, ин талошҳо ба хотири таъмини солимии фазои ҷомеа ва тарбияи солими кӯдакон хеле муҳиманд.

Ниҳоят, Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз зоҳиршавии ин амали номатлуби ҷомеа орӣ нест. Ҳамасола ин масъала мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати коҳиш додани сатҳи он дар байни аҳолӣ корҳои машваратӣ ва фаҳмондадиҳӣ баргузор карда мешавад. Зеро инсон, ҳаёт ва озодиҳои ӯ дар Тоҷикистон эътироф ва қадр карда мешаванд. Махсусан, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои 5 ва 18-и худ ҳаёти инсонро чун дигар ҳуқуқҳои фитрии ӯ дахлнопазир шуморида, муқаррар намудааст, ки ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад. Ҳамзамон, дар моддаи 63 Кодекси ҷиноятӣ барои шахси дигарро қасдан ё аз беэҳтиётӣ аз ҳаёт маҳрум намудан ҷазоҳои гуногун ва то ба ҳадди якумра маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ намудааст.

Ё худ тибқи моддаи 109-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон[4] ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ барои водор сохтан ба худкушӣ ҷазо пешбинӣ шудааст, ки аз ду банд иборат аст:

1) Бо роҳи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида ба худкушӣ ё сӯиқасди худкушӣ расонидани шахс, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор нисбати шахсе, ки аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар тобеи гунаҳгор мебошад ё ин ки дар ҳаққи ноболиғ содир шудааст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо дода мешавад.

Дар баробари Конститутсияи кишвар ва дигар қонунҳои амалкунанда дар Тоҷикистон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2004, №304-8 «Дар бораи тадбирҳои пешгирии худкушӣ ва сӯиқасд ба ҷони худ» ба тасвиб расида, то имрӯз амал мекунанд, ки дар асоси ин санад тамоми ниҳодҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, раисони кумитаҳои маҳал, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, имомхатибҳои масҷидҳо вазифадор карда шуданд, ки

ҷиҳати пешгирӣ аз ин зуҳурот ва коҳиш додани он дар байни аҳолии мамлакат тадбирҳо андешанд, робитаро бо оилаҳо мустааҳкам нигоҳ доранд ва дар баррасию ҳалли мунокишаҳои оилавӣ бетарафӣ накарда, машваратҳои судманд диҳанд.

Инчунин, бо мақсади тақвият бахшидани Қарори мазкур дар мувофиқа бо Вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаҳои телевизион ва радио, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Тоҷикистон, маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маркази исломии Тоҷикистон “Барнома дар бораи тадбирҳои пешгирии худкушӣ ва сӯиқасд ба ҷони худ барои солҳои 2019-2023” таҳия ва он бо имзои Прокурори генералӣ аз 19.07.2019 сол тасдиқ шуда, барои маълумот ва иҷро ба мақомотҳои номбаршуда, прокуророни поёнӣ фиристода шуда, зери назорат қарор дода шудааст.

Бо вуҷуди иҷрои ин корҳо ва тадбирҳои андешидашуда зуҳури ин падида дар Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ коҳиш наёфт, балки ҳамасола дар минтақаҳои гуногуни кишвар таҳти таъсири омилҳои гуногун ба ин амал даст задани ҷавонон ба қайд гирифта мешавад. Бинобар ин, то ба имрӯз худкушӣ дар Тоҷикистон як зуҳуроти нигаронкунанда маҳсуб меёбад ва бо усулҳои зерин анҷом дода мешавад: худовезӣ, заҳролудшавӣ, худсузӣ, дар об ғарқнамоӣ ва ғайра.

Дар соли 2020 ва 6 моҳи соли 2021 оид ба ҳодисаҳои ба худкушӣ расонидан ҷамъ 66 (42 ва 24) парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва тафтиш карда шуда, парвандаҳои ҷиноятӣ барои моҳиятан баррасӣ намудан ба судҳо фиристода шуда, гунаҳгорон маҳкум карда шуданд. Соли 2021 Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон 518 ҳодисаи худкушӣ ва қасди худкуширо сабт кардааст ва нисфи чунин афродро занон ташкил додаанд.

Давоми шаш моҳи соли 2023 дар Тоҷикистон 228 ҳолати худкушӣ ва сӯиқасд ба ҷони худ, аз ҷумла 109 ҳолат аз ҷониби занон ва 22 ҳолат аз ҷониби ноболиғдухтарон рух додааст. Махсусан, бо сабаби бемории рӯҳӣ – 53 ҳолат (8 то бештар), вазъияти душвори молиявӣ – 17 ҳолат (6 то бештар), бо сабабҳои дигар (сабабҳои зикрнашуда) – 42 ҳолат ва сабабҳои муайяннашуда – 112 ҳолати даст ба худкушӣ задани шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст. Вобаста ба ин Кумитаи занон дар шаш моҳ дар 39 ҳазор оила корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронидааст[13].

Дар маҷмуъ, гузариш аз синни ноболиғӣ ба давраи балоғат марҳилаи хеле душвор аст ва ҷавон ҳанӯз ба муҳити нави иҷтимоии воридшуда мутобиқ намебошад. Дар ин маврид барои ӯ ва ҳалли мушкилоти ҷойдоштааш дастгирии волидайн муҳим мебошад. Мувофиқи натҷаҳои таҳлили маълумотҳо дар минтақаҳое, ки алоқаҳои анъанавӣ миёни волидайн ва фарзандон мустаҳкам ҳастанд, шумораи худкушӣ камтар мушоҳида мешавад. Аммо дар ҷойҳое, ки муносибаҳои фарзандону волидайн мустаҳкам нест ва назорати онҳо заиф аст, дар он ҷойҳо зуҳуроти худкушӣ меафзояд.

Ниҳоят, дар кишварҳои Шарқи исломӣ, ба вижа Осиёи Миёна омилҳое, ки барои худкушии ҷавонон ва қишрҳои дигари аҳолӣ мусоидат мекунанд, якзайланд. Махсусан, аз маълумотҳои оморӣ ва маводи сомонаҳои мақомоти қудратӣ, Кумитаҳои ҷавонон ва занони назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи интишоркардаи олимони кишварҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон маълум менамоянд, ки таи солҳои охир сарчашмаҳое, ки барои ба худкушӣ даст задани ашхоси гуногун мусоидат намудаанд, инҳоянд:

- баҳсҳои беасос ва шадиди оилавӣ (муносибати волидайн бо фарзандон, муносибати байни зану шавҳар, хиёнати зан ё шавҳар нисбат ба ҳамдигар, дахолати хешовандон ба муносибатҳои оилавии фарзандон, аз ҷониби волидайн ва ё бародарон монеа эҷод кардан ба ҷавононе, ки бо хоҳиши худ тарҳи бунёди оиларо мекашанд, мунокишаҳои байни писарон ва духтарон, бародарон ба хотири тақсими мероси волидайн ва ғайра);
- ҷароҳати сахтӣ равонӣ ё фишорҳои психологӣ;
- нашъамандӣ, майзадагӣ ва бемориҳои тӯлонии табобатнашаванда;
- вазъи ногувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ: танҳоӣ, камбизоатӣ, бекорӣ, қарздорӣ ва ғайра;
- фавти волидайн ва ё шахсони наздик;

- тухмати ноҳақ ва ё таҳдидҳо, даъвоҳои ҷинсӣ;

- камтаҷрибагӣ ва сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ;

- дифои занон аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ: ба таҳсил, кор кардан, истироҳат намудан, ки ба ашхоси побанди шуури тақлидии динӣ буда, мақбул нест ва ғайра.

Ҳамин тавр, барои пешгирӣ ва коҳиш додани сатҳи ҳодисаи худкушӣ дар байни аҳолӣ зарур аст, ки:

- аз ҷониби коршиносон, равоншиносон, олимони улуми иҷтимоӣ-инсонгароӣ, олимони соҳаи тандурустӣ, раисони кумитаи маҳал, имомхатибони масҷидҳо, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ пайваста бо аҳолӣ оид ба роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти тамоили иҷтимоӣ-психологӣ дошта корҳои машваратӣ, мизҳои мудаввар, суҳбатҳо, нишастҳо баргузор карда шаванд;

- тавассути васоити ахбори умум барномаҳои алоҳидаи хусусияти тарбиявидошта ва пешгирикунанда аз даст задан ба амалҳои номатлуб таҳия карда шаванд;

- дар ҳар як ҷамоати шаҳрак ва ё деҳот, ё дар назди муассисаҳои таҳсилотии ҳар як деҳа ҷиҳати ҳалли низоъҳои оилавӣ, мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, пешгирии мардум аз даст задан ба амали худкушӣ ташкилоти «Ёрии аввалияи психологӣ» таъсис дода шавад;

- дар боғчаҳои бачагона ва синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилотӣ ба кӯдакон ва хонандагон барои расидан ба қадри ҳаёт ва мақсади зиндагӣ тавассути филмҳои тасвирӣ, афсонаҳо, асарҳои бадеӣ ва ғайра бо ҷалби мутахассисон дарсҳои омӯзишӣ ташкил карда шавад;

- барои баррасӣ ва ҳалли мушкилоти пайдошудаи тамоили иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангидошта робитаи се ниҳоди муҳим: оила, мактаб ва ҷомеа мустаҳкам карда шавад;

- дастгирӣ намудани табобати афроди ба бемориҳои рӯҳӣ гирифторшуда, пеш аз авҷи он, ки бештар ба худкушӣ даст мезананд;

• ба ашхоси ба амали худкушӣ дастзананда маҳдуд кардани дастрасӣ ба воситаҳои худкушӣ (масалан, пеститсидҳо, силоҳи оташфишон, доруҳои муайян) ва ғайра.

***Адабиёт***


1. Дюркгейм, Э. Самоубийство: Социологический этюд /пер. с фр. с сокр. под ред. В. А. Базарова. - М.: Мысль, 1994. – 399 с.
2. Ефремов, В. С. Самоубийство в художественном мире Достоевского /В. С. Ефремов. – М.: Диалект, 2008. -584с.
3. Змановская, Е.В. Суицидальное поведение //Змановская Е.В. Девиантология (психология отклоняющегося поведения): учеб. пособие /Е. В. Змановская. – М., 2003. – С. 142 – 259.
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 20.06.2024, №2050.
5. Моховиков А. Хрестоматия по суицидологии. – Киев, 1996. - 205 с.
6. Пурич-Пейакович, Й. Самоубийства подростков /Й. Пурич–Пейакович, Д. Й. Дуньич; пер. с серба. Е. Г. Дозорпевой; под ред. Н. В. Вострокнутова. – М.: Медицина, 2000. – 168 с.
7. Суицидология: учебное пособие / И. Л Шелехов, Т. В. Каштанова, А.Н. Корнетов, Е.С.Толстолес - Томск: Сибирский государственный медицинский университет, 2011. - 203с. - С.7.
8. https://levelvan.ru/pcontent/pifagoreizm-6/numbers (таърихи муроҷиат 18.11.2024)
9. https://ru.citaty.net/tsitaty/ (таърихи муроҷиат 27.12. 2024)
10. https://www.krasotaimedicina.ru/diseases/psychiatric/suicide (таърихи муроҷиат 25.11.2024)
11. https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%A1%D0%B0%D0%BC%D0%BE%D1%83%D0%B1%D0%B8%D0%B9%D1%81%D1%82%D0%B2%D0%BE (таърихи муроҷиат 08.12.2024)
12. https://kun.uz/ru/news/2019/02/06/samoubiys (таърихи муроҷиат 14.09.2024
13. https://your.tj/tj/hudkushii-zanon-dar-to-ikiston-afzudaast/ (таърихи муроҷиат 27.11.2024)


## ХУДКУШӢ – ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ: ОМИЛҲОИ ЗУҲУРЁБӢ ВА ПЕШГИРИИ ОН ДАР ҶОМЕА

Дар ин мақола дидгоҳҳои мухталиф дар бораи худкушӣ дар фарҳангҳои Юнону Руми бостон, Шарқи пеш аз ислом ва масеҳият баррасӣ шудааст.

Дар Юнону Рими қадим худкушӣ ҷиноят дониста шуда, сахт маҳкум мешуд. Дар қонунҳо муҷозот, аз қабили буридани дасти қурбонии худкуш ё сӯзонидани ҷасади ошкоро пешбинӣ шуда буд.

Дар ин масъала файласуфони Юнони кадим ақидаҳои гуногун баён кардаанд. Пифагор ҳаётро атои худоҳо медонист ва ҳуқуқи инсонро барои худкушӣ рад мекард. Арасту маргро як падидаи табиӣ медонист, вале худкуширо нишонаи тарсончакӣ ва заъф маҳкум кардааст. Аз тарафи дигар, Афлотун худкуширо дар шароити тоқатфарсои зиндагӣ ҷоиз медонист. Суқрот худкуширо як падидаи комилан манфӣ намедонист ва бовар дошт, ки марг метавонад раҳоӣ аз ранҷу азоб бошад. Эпикур ва пайравони ӯ худкуширо ҳамчун интихоби ихтиёрӣ, роҳи пешгирӣ аз ранҷу азоб медонистанд. Стоикҳо худкуширо як роҳи раҳоӣ аз душвориҳои зиндагӣ медонистанд, ки ин таҷриба дар Рими қадим паҳн шудааст.

Масалан, дар Шарқи пеш аз ислом, дар Хиндустони қадим шаклҳои динии худкушӣ, аз қабили худсӯзии зани бева вуҷуд доштанд. Дар масеҳият худкушӣ ҳамчун гуноҳ маҳкум карда мешавад, зеро ҳаёт атои Худо ҳисобида мешавад. Фома Аквинӣ ин маҳкумиятро бо се далел асоснок кардааст: вайрон кардани қонуни табиӣ, вайрон кардани қонуни ахлоқӣ ва вайрон кардани қонуни илоҳӣ. Дар Аврупои асримиёнагӣ чораҳои пешгирӣ, аз қабили намоиши оммавии ҷасади қурбониёни худкушӣ барои пешгирии худкушӣ истифода мешуданд.

Дар охир зикр мегардад, ки Ислом ба дониш, покии ахлоқӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқи дигарон даъват мекунад, ки арзиши зиндагии инсон ва маҳкумияти худкуширо дар назар дорад.

**Калидвожаҳо:** Таърихи фалсафа, ахлоқ, дин, худкушӣ, давраи қадим, асрҳои миёна, Юнон, Рим, Шарқ, насроният

## САМОУБИЙСТВО - СОЦИАЛЬНОЕ ЯВЛЕНИЕ: ФАКТОРЫ ПРОФИЛАКТИКИ И ПРЕДОТВРАЩЕНИЕ ЕГО В ОБЩЕСТВО

В статье рассматриваются различные взгляды на самоубийство в культурах Древней Греции и Рима, доисламского Востока и христианства. В Древней Греции и Риме самоубийство считалось преступлением и подвергалось суровому порицанию. Законы предусматривали наказания, такие как отсечение руки самоубийцы или публичное сожжение тела.

Философы Древней Греции высказывали различные точки зрения на эту проблему. Пифагор считал жизнь даром богов и отрицал право человека на самоубийство. Аристотель рассматривал смерть как естественное явление, но осуждал самоубийство как проявление трусости и слабости. Платон, напротив, допускал возможность самоубийства в случаях невыносимых жизненных обстоятельств. Сократ не считал самоубийство однозначно негативным явлением, полагая, что смерть может быть избавлением от страданий. Эпикур и его последователи рассматривали самоубийство как добровольный выбор, способ избежать страданий. Стоики видели в самоубийстве способ освобождения от жизненных тягот, что способствовало распространению этой практики в Древнем Риме.

На доисламском Востоке, например, в Древней Индии, существовали религиозные формы самоубийства, такие как самосожжение вдов (сати). В христианстве самоубийство осуждается как грех, поскольку жизнь считается даром Бога. Фома Аквинский обосновал это осуждение тремя аргументами: нарушение закона природы, нарушение моральных законов и нарушение божественного закона. В Средневековой Европе для предотвращения самоубийств применялись устрашающие меры, такие как публичное выставление тел самоубийц.

В заключение отмечается, что ислам призывает к познанию, нравственной чистоте и соблюдению прав других людей, что подразумевает ценность человеческой жизни и осуждение самоубийства.

**Ключевые слова:** история философии, этика, религия, самоубийство, античность, средневековье, Греция, Рим, Восток, христианство

## SUICIDE - A SOCIAL PHENOMENON: PREVENTION FACTORS AND ITS PREVENTION IN SOCIETY

The article examines various views on suicide in the cultures of Ancient Greece and Rome, pre-Islamic East, and Christianity. In Ancient Greece and Rome, suicide was considered a crime and was severely condemned. Laws provided for punishments such as cutting off the hand of a suicide victim or publicly burning the body.

Philosophers of Ancient Greece expressed different viewpoints on this problem. Pythagoras considered life a gift from the gods and denied man's right to suicide. Aristotle viewed death as a natural phenomenon but condemned suicide as a manifestation of cowardice and weakness. Plato, on the other hand, allowed for the possibility of suicide in cases of unbearable life circumstances. Socrates did not consider suicide an unequivocally negative phenomenon, believing that death could be a deliverance from suffering. Epicurus and his followers viewed suicide as a voluntary choice, a way to avoid suffering. The Stoics saw suicide as a way to escape life's hardships, which contributed to the spread of this practice in Ancient Rome.

In the pre-Islamic East, for example, in Ancient India, there were religious forms of suicide, such as the self-immolation of widows (sati). In Christianity, suicide is condemned as a sin, since life is considered a gift from God. Thomas Aquinas justified this condemnation with three arguments: violation of natural law, violation of moral laws, and violation of divine law. In Medieval Europe, deterrent measures were used to prevent suicides, such as the public display of the bodies of suicide victims.

In conclusion, it is noted that Islam calls for knowledge, moral purity, and respect for the rights of others, which implies the value of human life and the condemnation of suicide.

**Keywords:** history of philosophy, ethics, religion, suicide, antiquity, middle ages, Greece, Rome, East, Christianity

**Дар бораи муаллифон**
Самиев Бобо Ҷураевич,
доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири шуъбаи фалсафаи фарҳанг,
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуукуки ба номи А. Баховаддинов,
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

Холов Сафобахш Санакулович,
ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
Нишонӣ: 734003, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел: (+992)938070906,
E-mail: safobakhsh@mail.ru

**Об авторах**
Самиев Бобо Джураевич,
доктор философских наук, профессор, заведующий отделом философии культуры
Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова,
Национальная академия наук Таджикистана.
Тел.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

Холов Сафобахш Санакулович,
ассистент кафедры политологии,
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддин Айни.
Адрес: 734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121.
Тел.: (+992)938070906?
E-mail: safobakhsh@mail.ru

**About the authors**
Samiyev Bobo Djurayevich,
Doctor of Philosophy, Professor, Head of the Department of Philosophy of Culture.
Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov,
National Academy of Sciences of Tajikistan.
Tel.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

Kholov Safobakhsh Sanaqulovich,
Assistant of the Department of Political Science,
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini,
Address: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue 121.
Tel.: (+992)938070906,
E-mail: safobakhsh@mail.ru

ТДУ 113+929(Ибн Сина)+929(Аль-Бируни)

# ОФАРИНИШИ ОЛАМ ДАР ТАЪЛИМОТИ КОСМОГОНИИ ИБНИ СИНО ВА АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ

***Султонзода С.А., Ҷалилова С.И.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Шайх-ур-раис Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ ду мутафаккири нобиғаеанд, ки парвардаи дудмони нахустдавлати тоҷикон, давлати Сомониён мебошанд. Ҳарчанд танҳо қисмати ҷавонии ин ду мутафаккири ҷаҳонӣ дар охирҳои мавҷудияти ин давлат рост омада, қисмати асосии умри онҳо дар давраи салтанати туркнажодон дар Осиёи марказӣ рост меояд, вале мутафаккирони номбурда, кулминатсияи илму фарҳанги давлати сомониёнро ифода мекунанд. Ин ду мутафаккири энсиклопедист на ин ки муосири ҳамдигар буда, бо ҳам мукотаба доштанд, балки парвардаи як ҳавзаи забонию фарҳангӣ: Хуросони бузург ва ду вилояти ҳамҷавор - Бухоро ва Хоразм мебошанд. Хусусан мукотабаи онҳо ишора бар он мекунад, ки донишмандони номбурда дар атрофи масъалаҳои мухталиф баромад карда, бо раду бадал намудани андеша, дониши худ ва ҳамдигарро дар дарку фаҳми ҳодисаҳои олам мукаммал месохтанд. Ибни Сино намояндаи шаҳири мактаби машшоия буда, дар омӯзишу баррасии масоили фалсафӣ ва тиббӣ беназир аст. Берунӣ бошад дар омӯзиши мушкилоти коинот ва ҷирмҳои осмонӣ, сайёраву ситораҳо, ҳамчунин масоили таърихиву фарҳангӣ камназир аст. Вай худро намояндаи ягон мактаби фалсафии замонаш намешуморад. Вале аз тарзи баррасии масъалаҳо, шинохти табиат ва дарки олам онро метавон ба ҳамон мактаби фалсафие шомил сохт, ки онро Ибни Сино намояндагӣ мекард, яъне мактаби машшоия, ки реша дар мактаби перипатетикии Арасту дорад. Бинобар ин, мутафаккирони номбурда дар бисёр масъалаҳои марбут ба дарки олам ва ҳодисаҳои он назари умумӣ доранд, аз ҷумла дар дарку баррасии масъалаҳои космогонӣ.

Ба аҳли илму фалсафа маълум аст, ки космогония ҷузъе аз онтология ба шумор рафта, аз калимаи юнонии космос – олам, кайҳон ва гония – таваллуд баромада, ба вуҷуд омадан ва ё тавлид шудани оламро дар назар дорад. Донишмандони гузаштаву имрӯза ба олам ва асрори мавҷудияти он назар карда, бархе бар он боваранд, ки оламро Худо ё ягон қувваи фавқуттабиӣ офаридааст ва бархеи дигар иддао доранд, ки олам офарида нашудааст, балки азалию абадист, аммо мудом дар ҳоли ҳаракату тағйирёбӣ қарор дорад. Ҳамин тавр, дар асоси таълимоти космогонӣ таълимоти космологӣ рушд кардааст. Таълимоти космологии имрӯза аз маънои этимологиаш дида густурдатар аст ва на фақат пайдоиши олам, балки пайдоиши оламу кайҳонро бо тамоми ҷирмҳо ва ташаккулу такомулашон меомӯзад. Яъне дар чаҳорчӯбаи ин илм, асосан низоми офтобӣ, сайёраҳову ситораҳо, ҳамрадифони сайёраҳо, кометаҳову астероидҳо ва метеорҳо, галактикаҳо ва алоқамандии байниҳамдигарии онҳо мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Аз ин рӯ, дар илми имрӯза ба омӯзиши чунин масъалаҳо асосан фанни астрофизика сарукор дорад. Бо вуҷуди пешрафти илм дар ин самт, муаммои пайдоиши олам ба маънои васеи худ, олами мураккаб аз ҷирмҳои гуногун ҳанӯз ҳам яке аз мушкилоти баҳсталаби фалсафӣ ва умуман илмӣ боқӣ мемонад.

Космогония ҳамчун таълимот аз қаъри дунёи қадим, бахусус афкори динӣ-фалсафии Ҳинду Чини қадим, Эрони бостону Юнону Рими Атиқа сарчашма мегирад. Донишмандони ин кишварҳои бостонӣ, бахусус юнониён: Фалесу Анаксимену Гераклит, Левкиппу Демокрит, Афлотуну Арасту ва дигарон назару андешаҳои худро дар хусуси пайдоиши олам ҳаргуна баён намудаанд, ки таълимоташон дар ин хусус ба мактабҳои мутафаккирони минбаъдаи Шарқу Ғарб ҳамчун асос хидмат кардаанд.

Ба аҳли илм равшан аст, ки аз мактабҳои фалсафии олами исломи асримиёнагӣ мактабҳое мисли асҳоби ҳаюло ва машшоияи шарқӣ дар зери таъсири таълимоти фалсафии юнониёни қадим рушду такомул ёфтаанд, алалхусус мактаби машшоия. Намояндагони машҳури ин мактаб аз ал-Киндӣ сар карда, то Форобию Ибни Сино, Умари Хайёму

Насириддини Тӯсӣ ва чандин нафари дигар идома меёбад. Дар байни намояндагони мактаби машшоияи шарқӣ Ибни Сино бузургтарин намояндаи ин мактаб дар олами ислом ба шумор меравад. Файласуф ва шарқшиноси шаҳири фаронсавӣ А. Корбен, ки дар синошиносӣ таҳқиқоти густурда дорад, ба Ибни Сино баҳои баланд дода, чунин менависад, ки бо ин донишманд танҳо Ибни Рушди Андалусиро метавон дар як радиф монд [12, с. 344].

Азбаски Ибни Сино пайрави фалсафаи юнониёни қадим, хусусан Арасту буд, афкори космогониаш чун дигар андешаҳои фалсафиаш зери таъсири фалсафаи Юнони қадим, бахусус Арасту ташаккул ёфтаанд, вале бо вуҷуди ин, дар таълимоти Ибни Сино фарқиятҳои зиёде низ ба мушоҳида мерасанд, ки ин аз таъсири дигар мактабу таълимот ба назариёти вай шаҳодат медиҳад. Назару афкори Ибни Синоро олимони ватаниву хориҷӣ аз ҷанбаи онтологӣ, ки метавонад фарогири масъалаҳои космогонию космологӣ бошад, ба таври хеле муфассал пажӯҳиш кардаанд, аммо онҳоро дар алоҳидагӣ касе ба афкори Берунӣ муқоиса накардааст, ҳарчанд дар ин маврид пажӯҳишгарон баррасиҳои кутоҳу иҷмолӣ доранд.

Дар ҳар сурат, бояд таъкид кард, ки масъалаҳои марбут ба илми астрономия, хусусан комогония ва космология дар муҳимтарин асарҳои илмию фалсафии Ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ омӯхта шуда, қобили таҳлили муқоисавианд. Назару андешаҳои Ибни Синоро дар хусуси офариниши олам дар асараш «Мабдаъ ва маод» пайдо кардан мумкин аст. Дар ин асар, пеш аз он ки мутафаккир масъалаҳои офариниши кайҳон ва ҷирмҳои онро баррасӣ намояд, нахуст масъалаи Воҷибулвуҷудро омӯхта, кулли сифатҳо, қудрат ва имкониятҳои вайро пешкаш мегардонад, сипас ба масъалаҳои офариниши олам мегузарад. Аз он хотир ки омӯзиши Воҷибулвуҷуд мавзуи омӯзиши кори таҳқиқотии мо нест, баррасии ҳамаҷонибаи онро ба як сӯ гузошта, ба масъалаи асосӣ - космогония, яъне офариниши олам ва аҷроми самовӣ мегузарем.

Ибни Сино масъалаи офаринишро аз мавҷуди воҷибу вуҷуди имкон шуруъ мекунад. Ба ташреҳи мутафаккир тамоми мавҷуди имкон аз мавҷуди Воҷиб сарчашма мегирад ва сабабҳои хосаи худро дошта, сабабҳо бошанд ба василаи ҳаракат амалӣ мегарданд [2, с. 68]. Ба фикри Ибни Сино аз Воҷибулвуҷуд, ки руҳи поки ғайримоддист ба ҷуз ақли ғайримоддӣ чизи дигар содир шуда наметавонад. Бинобар ин, кайҳону аҷроми он натиҷаи бевоситаи офариниши Воҷибулвуҷуд буда наметавонанд. Барои он ки Воҷибулвуҷуд кайҳону аҷром ва аҷсомро офарад, ба вай лозим аст, ки як қатор ақлҳоро аз рӯйи тартиби муайян содир намояд. Тавре мутафаккир дар рисолаи худ «Мабдаъ ва маод» менависад: «Дар уқули муҷаррада ҷуз ба ин ваҷҳ, ки гуфта шуд, касрате нест ва аз ин пеш дониста шуд, ки уқули мафориқаро адад бисёр аст, пас, ногузир ҳамаи онҳо бо ҳам ва бевосита аз Аввал, таоло шаънаҳу, вуҷуд наёфта, балки нахустин мавҷуде, ки аз Аввал, таоло шаънаҳу, вуҷуд ёфта, олитарин уқул аст ва пас аз он ақле ва аз ин пас ақли дигар» [1, с. 356].

Аз чунин гуфтаи мутафаккир бармало мегардад, ки силсилаи ақлҳои аз Воҷибулвуҷуд содиршаванда бо тартибанд ва яке мунбаис ба судури дигар мегардад. Яъне Воҷибулвуҷуд силсилаақлҳоро бевосита намеофарад, балки танҳо ақли олитаринро аз зоти худ содир мекунад, пас аз он ақли олӣ, ақли дигареро ва он ақл дар навбати худ боз ақли дигареро аз дохили худ берун меоварад. Чизи дигаре, ки дар ин мисол боиси таваҷҷуҳ аст, ин аст, ки ақлҳои муҷаррад ё ба истилоҳи фалсафӣ абстракт ягонаанд ва қобили тақсим нестанд. Аз ин рӯ, олами кавну фасод, ки аз зарраҳои бениҳоят зиёд иборат аст аз Воҷибулвуҷуд ва ё ақли аввал содир нашуда, балки натиҷаи амали ақлҳои дигари минбаъда ва зинаҳои поёнии эманатсия мебошад.

Дар таълимоти Ибни Сино баъд аз ақли кулл дигар уқул бо тартиби муайян аз ақлҳои моқабли худ судур мешаванд, ки ҳар кадом дорои се мавҷуданд: фалак, модда ва сурат. Сурат ҳамон нафс аст. Дар ин хусус Ибни Сино чунин навиштааст: «Ва чун ҳар ақлеро фалаке бо модда ва сураташ, ки ҳамон нафс аст ва ҳам ақле поинтар, аз худ дар зер аст, пас, дар зери ҳар ақле се чиз вуҷуд дорад. Пас, аз ин рӯ, бояд, имкони вуҷуд ёфтани ин се чиз аз он ақли нахуст дар олами ибдоъ барои хотири вуҷуди се ҷиҳат бошад, ки дар ақли нахуст ҳаст» [1, с. 356]. Дар ин мисол чизи аҷибе ба назар мерасад. Олами мураккаб, ки аз фалаку модда ва нафс иборат аст, агарчанд ба воситаи ақлҳои минбаъда судур мегардад, вале

моҳияти вай дар ақли аввал нуҳуфтааст. Ин ба он маъно аст, ки Воҷибулвуҷуд ҳарчанд оламро бевосита наофарида, вай аз ақлҳои поёнӣ содир шуда бошад ҳам, вале моҳияти аслии олам бо тамоми зарроту сифот дар ақли аввал нуҳуфтааст. Бо назардошти он ки ақли аввал ё ақли олӣ нахустин судур аз Воҷибулвуҷуд аст, пас тамоми олами каву фасод дар зоти Воҷибулвуҷуд ба таври билқувва аз азал вуҷуд дорад. Яке аз далелҳои қидами олам дар таълимоти Ибни Сино маҳз ҳамин назар аст.

Ибни Сино ба воситаи ақли аввал, ки дар як вақт Худоро ва аз ҷониби дигар худро мешиносад, судури сурати фалак, яъне нафси фалакӣ ва минбаъд судури моддаро собит менамояд: «… пас, ақли нахуст аз он ҷиҳат, ки Аввал таоло шаънаҳуро тааққул мекунад, ӯро ақле дар зери худ лозим меафтад ва вуҷуд мейёбад ва аз ҷиҳати ин ки худро тааққул мекунад, сурати фалак, ки камол ва ҳамон нафси фалак аст, мавҷуд мегардад ва аз ин ҷиҳат, ки ба ҳабси зот имкон дорад, моддаи фалаки ақсо, ки амрест мушорик ба қувва ва ҳамон ҷирм аст, ба вуҷуд мерасад» [1, с. 356-357]. Ин нигориши мутафаккирро метавон чунин ташреҳ дод, ки ақли аввал бо шинохти Аввал таоло, яъне Худо имкон пайдо мекунад, ки дар зери худ ақли дигареро содир кунад ва бо шинохти худ боис ба судури сурат ва ё нафси фалак аст. Ғайр аз ин, имкони зотӣ, ки дар ҳамон ақл ҷой дорад, моддаи фалаки ақсо ё дурро вуҷуд мебахшад. Ба ибораи дигар иброз намоем, ба воситаи ақле, ки аз ақли аввал содир мешавад ду вуҷуд: сурат ва моддаи фалак судур мейёбанд.

Аз навиштаи Ибни Сино чунин тасаввурот ҳосил мегардад, ки ақле, ки аз ақли аввал содир мегардад боиси пайдоиши нахустин кура бо ҳар ду сифаташ: модда ва сурат мегардад. Ана ҳамин моддаю сурати кураи нахустин дар афкори космогонии Ибни Сино минбаъд асоси ҷисмҳои моддии заминӣ ва ҷавҳари ҷисмро таъмин менамоянд. Дар ин хусус мутафаккир менависад: «Пас, ба сабаби тааққулаш Аввал, таоло шаънаҳуро ақле аз ӯ лозим меояд ва сабаби он ду ҷиҳат, ки ба зоти худаш ихтисос дорад, нахустин кура ба ҳар ду ҷузъаш, яъне модда ва сурат, ки модда ба воситаи сурат аст, ҳастӣ мейёбад, чунонки «имкони вуҷуд» ба сабаби феъл аз қувва хориҷ ва ба феъл мерасад» [1, с. 357]. Дар ин нигориши мутафаккир роҷеъ ба моддаю сурат нозукие ба назар мерасад. Ибни Сино менависад, ки «модда ба воситаи сурат аст», яъне модда бе сурат буда наметавонад ва сурат ба модда афзалият дорад. Фаъол будани сурату ғайрифаъол будани модда ва ба сурат ниёз доштани модда дар таълимоти Ибни Сино зиёд ба назар мерасад. Аммо роҷеъ ба таносуби моддаю сурат дар таълимоти Ибни Сино файласуфону синошиносон назари мухталиф доранд. Бархе аз онҳо, ба монанди А.М. Баҳоваддинов, А.В. Сагадеев, Григорян С.Н. ва дигарон дар асоси асари Ибни Сино «Донишнома» бар он назаранд, ки сурат хосияти худи модда буда, модда аз сурат бартар аст. Ин масъала дар монографияи С. Султонзода «Проблемаи материя ва атрибутҳои он дар фалсафаи Ибни Сино» хеле муфассал баррасӣ шудааст [7, с. 89-90]. Аммо аз ин иқтибоси Ибни Сино маълум мегардад, ки сурат хосияти модда нест, балки ҷавҳарест, ки модда ба василаи он аз ҳолати билқувва ба ҳолати билфеъл мегузарад. Бо ин назардошт, андешаи олимони зикршударо дар хусуси афзалияти модда ба сурат дар таълимоти Ибни Сино хотима гузошта, таъкид менамоем, ки моддаю сурат дар таълимоти шайхурраис хосияти зотии ҳамдигар нестанд, балки ҳар кадом дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта, дар сурати ба ҳам омезиш ёфтан ҷисмро ба вуҷуд меоваранд.

Шайхурраис дар ин маврид асосан ба таълимоти космогонии Форобӣ пайравӣ карда, ҷонибдори андешаи судури даҳ ақл аз Воҷиб таоло аст ва ҳар яке аз ин ақлҳо бо худ ҷирмею кураеро ба вуҷуд меоваранд. Силсилаи судур ва ё файз дар ақли даҳум, ки Ақли фаъол ном дорад ба охир мерасад. Мутафаккир дар ин хусус чунин менависад: «Ҳол дар ҳар ақле ва фалаке бад-ин минвол аст, то ба ақли фаъол, ки тадбири нуфуси мо бо ӯст, навбат бирасад ва дар он ҷо поён ёбад. Ва воҷиб нест, ки ин равиш идома ёбад ва номутаноҳӣ пеш равад ба тавре ки аз ҳар ақле ақле фуруд ояд ва дар зери ҳар мафорикe мафорикe вуҷуд ёбад, чи агар вуҷуди касрате аз ноҳия укул лозим бошад, ногузир ба сабаби маонӣ ва ҷиҳоти касратӣ аст, ки дар укул ҳаст» [1, с. 357]. Тавре аз мисолҳо ва таҳлилҳои қаблӣ маълум мегардад, назари Ибни Сино бар он бовар мебарад, ки таълимоти космогонии вай нахуст дар пайравӣ ба таълимоти Форобӣ, Фулутин ва дигар мутафаккирони юнонӣ ташаккул ёфтааст. Аз ҷониби

дигар ба назар чунин мерасад, ки мутафаккир дар заминаи афкори астрономии худ низ ин назарияро рушду тақвият додааст. Вай бо назардошти ҷойгиршавии пайдарҳамии сайёраҳову ситораҳо ва дигар ҷирмҳои осмонӣ, назарияи судури худро пешкаш кардааст. Агар силсилаи судур ва ё эманатсияи Ибни Синоро тариқи нақша пешкаш намоем шакли зайлро мегирад:

| Воҷибулвуҷуд | Кураҳо ё афлоки нафсонӣ | Аҷроми самовӣ |
|---|---|---|
| Ақли аввал | 1. Кураи самои аввал | 1. Самои аввал ё фалаки муҳит |
| Ақли дувум | 2. Кураи кавокиби собита | 2. Кавокиби собита |
| Ақли севум | 3. Кураи Зуҳал | 3. Зуҳал |
| Ақли чорум | 4. Кураи Муштарӣ | 4. Муштарӣ |
| Ақли панҷум | 5. Кураи Миррих | 5. Миррих |
| Ақли шашум | 6. Кураи Хуршед | 6. Хуршед |
| Ақли ҳафтум | 7. Кураи Зуҳра | 7. Зуҳра |
| Ақли ҳаштум | 8. Кураи Иторуд | 8. Иторуд |
| Ақли нуҳум | 9. Кураи Моҳ | 9. Моҳ |
| Ақли фаъол | 10. Кураи таҳти Қамар (Замин) | 10. Замин |
| Нафсҳои инсонӣ | | |

Дар асоси нақшаи зикргардида, метавон қайд кард, ки дар таълимоти космогонии Ибни Сино аз Воҷибулвуҷуди мавҳуму (абстракт) ғайримоддӣ ақлҳое пайи ҳам содир мешаванд, ки онҳо низ мавҳуманд, аммо ҳар кадом муҷиби содир шудани ақли дигар ва фалаку аҷроми дигар мегарданд. Аз ин тарзи баррасии масъала низ ошкор мегардад, ки мутафаккир муътақид ба номумкинии бевоситаи офариниши олами моддӣ аз сӯйи Худованд аст. Воҷибулвуҷуд, ки худ мавҳум ва аз чизе ё заррае таркиб наёфтааст, олами моддиро аз ҳеҷ офарида наметавонад, аммо ақлро, ки мисли Худо мавҳум аст ва аз чизе таркиб наёфтааст, офарида метавонад. Ба ин хотир, мутафаккир барои исботи офариниши олами моддӣ аз силсила судури укул ва афлок истифода бурдааст. Набояд фаромӯш кард, ки олами моддӣ ва дигар аҷроми самовии Ибни Сино низ бевосита аз ҷониби ақлҳои ба онҳо мутааллиқ содир намешаванд, балки пеш аз ҳама аз ҳар ақл курае ё фалаке содир мешавад ва барои офариниши оламе имкон фароҳам меоварад. Дар ин хусус, метавон чунин хулоса кард, ки дар таълимоти космогонии Ибни Сино ҳастӣ иборат аз чор зина аст: 1) Воҷибулвуҷуд ё Худо. 2) Ақлҳои пайи ҳам содиршаванда. 3) Кураҳо ё афлок ва 4) Ҷирмҳои моддии осмонӣ ё самовӣ.

Дар заминаи баррасиҳо ва мисолҳои иқтибосшуда аз осори Ибни Сино маълум мегардад, ки офариниш аз назари мутафаккир, на дар доираи китобҳои динӣ, балки дар асоси мушоҳидаҳои астрономӣ бавуҷуд омадааст. Вай кураи Заминро охирин ҷирм ва олами таҳти Қамарро охирин кура шуморида, аввалини ин силсилаофариниш самои аввал мебошад. Яъне Ибни Сино аз самои аввал, кавокиби собита, ки аз Замин ниҳоят дур ҷойгиранд офариништро шуруъ менамояд ва дар пасманзари онҳо вуҷуди Воҷибулвуҷудро тасаввур мекунад. Бо ин мухтасар дар хусуси офариниши олам ва анфосу аҷром дар таълимоти Ибни Сино иктифо карда, мехоҳем масъалаи мазкурро дар таълимоти натурфалсафии Берунӣ низ дида бароем.

Берунӣ масъалаҳои космогониро на ҳамчун файласуф, балки ҳамчун астроном баррасӣ менамояд. Бинобар ин, тарзи баррасии масъала аз тарзи баррасии Ибни Сино хеле фарқ мекунад, бахусус дар мавриди офариниш, зеро назарияи судуре, ки Ибни Сино корбаст мекунад, дар таълимоти Берунӣ умуман аҳамият надорад. Аммо, баъдан вақте ки Берунӣ сайёраю ситораҳо ва дигар аҷроми коинотро баррасӣ менамояд, бо Ибни Сино умумиятҳои зиёде дорад. Дар масъалаи офариниши олам аз “ҳеҷ” Берунӣ дар фарқият бо Ибни Сино ба таълимоти динҳои иброҳимӣ мувофиқ аст. Вай мисли Ибни Сино ва дигар юнониёни қадим ҳамзистӣ ва ҳаммавҷудии азалию абадии оламу Худоро эътироф намекунад. Дар ин хусус муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, аз ҷумла С.Ҳ. Наср ва Маҷидов Д. андешаҳои ба ҳам мувофиқ пешниҳод кардаанд [6, с. 157]. Ба назари муҳаққиқони номбурда, Берунӣ дар масъалаи

офариниши олам ба таълимоти динӣ мувофиқ бошад ҳам, вале усули баррасӣ ва дарки масъала динӣ нест, балки илмӣ аст. Муҳаққиқи тоҷик С. Султонзода дар заминаи мутолеаи асарҳои Берунӣ ва муҳаққиқонаш, аз ҷумла олими фаронсавӣ Л. Гарде ба чунин хулоса меояд, ки олам ба назари Берунӣ азалию абадӣ нест [8, с. 11-17]. Модом, ки олам аз назари Берунӣ азалию абадӣ набошад, пас бояд муҳдас бошад. Ба назари Л. Гарде ин андеша қалби таълимоти Беруниро ташкил медиҳад. Дар ин маврид Берунӣ ба мутакаллимун наздик мешавад. Вай ба мисли онҳо аз мавқеи қуръонӣ баромад карда, бо ин тарзи андеша аз фалсафа ба таври назаррас ҷудо мешавад [13, с. 243-251].

Муҳаққиқи тоҷик Маҷидов Д. масъалаи офариниши оламро аз назари Берунӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, менависад, ки ба назари мутафаккири хоразмӣ Коинот дар паси худ қуввае ё мавҷуде дорад, ки онро офаридааст. Олам ба назари Берунӣ ибтидо дорад, ки аз Нухустсабаб оғоз меёбад [5, с. 87]. Дар ин маврид Берунӣ нисбат ба Ибни Сино бештар арастуист. Дигар муҳаққиқи тоҷик Ҷонбобоев С. дар таҳқиқоти худ ба ин маъно менависад, ки Берунӣ соҳиби фарҳанги фалсафии густурдае буд ва аз афкори юнонию ҳиндӣ ва эронии қадим фаровон истифода бурда, аз осори Афлотун, сарчашмаҳои монӣ, навафлотунӣ, зурвониён иқтибосҳо меоварад. Берунӣ бе истиҳола ақидаҳои Арасту ва Ибни Синоро қабул ё инкор мекард. Вай озодона масъалаҳои абадият ё офариниши оламро ба майдони баҳс кашида, масъалаи зиёд будани шумораи оламҳоро ба миён мегузошт. Берунӣ ба нахустсабаби мавҷудияти олам бовар дошт ва дар фалсафа мақоми деистиро ишғол мекард [4, с. 181]. Муҳаққиқи номбурда дар такя ба “Осор-ул-боқия” менависад, ки оламро Вуҷуди олӣ, яъне Худо офаридааст, вале на аз ҳеҷ, балки аз чизе ва он чизе об бояд бошад. Ҷонбобоев С. аз об донистани мабдаъи оламро дар таълимоти Берунӣ марбут ба таъсири фалсафаи ҳиндӣ ба вай медонад. Вале набояд фаромӯш кард, ки аз об бавуҷуд омадани оламро на фақат ҳиндиёни қадим, балки юнониёни қадим, аз ҷумла Фалес низ қоил буд ва Берунӣ бо фалсафаи Юнони қадим на камтар аз фалсафаи Ҳинди бостон ошноӣ дошт. Аз гуфтаҳои фавқ ба хубӣ маълум мегардад, ки Берунӣ дар саргаҳи ҳастӣ қувваи олиеро мебинад ва онро Нахустсабаб ва Нахустмуҳаррики олам мепиндорад. Вале муҳаққиқи ӯзбек Умарова Р.Ш. дар мақолаи худ менависад, ки табиат, ба ақидаи Берунӣ, мавҷудияти мустақил буда, тамоми равандҳои он ба тағйироти табиӣ ва рушди материя мутааллиқанд. Вай материяро асоси ҳама чиз мепиндошт - «Материя офаридгор аст» [11, с. 32-33]. Ин навиштаи муҳаққиқи ӯзбек ба он маъо аст, ки Берунӣ Худо ва ё ягон нахустсабаберо эътироф надошт ва материяро дар ибтидои ҳастӣ мегузошт. Чунин андешаи олими ӯзбек бар хилофи афкори муҳаққиқони қаблӣ ва ҳатто андешаҳои худи Берунӣ қарор мегирад. Набояд фаромӯш сохт, ки Берунӣ материя, қонунҳои рушд ва тағйирёбии табиатро дар madди аввал мегузошт, вале пас аз Нахустмуҳаррики олам.

Тавре қаблан ишора намудем, андешаҳои Берунӣ дар масъалаи офариниш ба андешаҳои Ибни Сино созгор нестанд, вале дар масъалаи кураҳо ва аҷроми самовӣ хеле мушобеҳанд. Аз ин бар меояд, ки Берунӣ бо Ибни Сино дар масоили фалсафӣ, хусусан метафизикӣ ихтилофи назар дорад, вале дар масоили физикию астрономӣ ҳамфикр аст, зеро мушоҳидаи бевоситаи ҷирмҳои осмонӣ онҳоро ба андеша ва хулосаи яксон мебарад.

Берунӣ дар боби “Ҳолҳои осмону Замин” дар “Китоб ут-тафҳим”-и худ масъаларо аз баррасии фалак оғоз мекунад ва менависад: “Фалак чист? Ҷисме аст чун гӯй гарданда андар ҷойи хеш. Ва андар миёни ӯ чизҳост, ки ҳаракати эшон ба сиришти хеш ба хилофи ҳаракати фалак аст ва мо андар миёни ӯйем” [3, с. 81]. Тавре мебинем, Берунӣ фазои фалакро як навъ ҷисми гирдгарданда мешуморад, ки дар дохилаш аҷроми ҳаракаткунанда, мисли ҷирмҳои осмонӣ, сайёраву ситораҳоро ҷой доранд. Флакро ҷисм шумоᴘидани Берунӣ маънои онро дорад, ки вай фазоро ҷисм мешуморад, ки ин тарзи андешаи мутафаккир ӯро ба Ибни Сино хеле наздик мегардонад. Ибни Сино низ дар якчанд маврид дар асарҳояш, ҳангоми баррасии масъалаи атрибутҳои материя фазоро ҷисм маънидод мекунад. Синошиноси тоҷик С. Султонзода дар таҳқиқоти худ ба ин масъала таваҷҷуҳ карда менависад, ки ба ақидаи Ибни Сино на танҳо олам, балки фазо ҳам як навъ ҷисм аст ва ҳар ҷисмро мунтаҳост, аз ин рӯ мебояд, ки тамоми олам мутаноҳӣ бошад [9, с. 44-50]. Барои тақвияти ин андеша С.

Султонзода мисолҳои зиёде оварда, онҳоро таҳлил мекунад ва аз ҷумла, менависад: “Оламе, ки аз модда ва сурат иборат аст, дар робита бо замон беохир, азалӣ ва абадист, аммо аз назари фазоӣ мутаноҳист, зеро фазое, ки тамоми ҷисмҳоро фаро мегирад, худ ҷисм маҳсуб мешавад ва ҳар як ҷисм интиҳо дорад. Ҷисми беинтиҳо вуҷуд надорад [7, с. 123]. Мисоли дигар ин аст, ки ба назари Ибни Сино ҳаракат тавассути аҷсом сурат мегирад ва бинобар ин, мутафаккир фазоро яке аз навъҳои ҷисм мешуморад [10, с. 104-110]. Дар баробари ин, С. Султонзода аз Ибни Сино боз мисолеро оварда таҳлил менамояд, ки хилофи ҷисм будани фазоро талаққӣ мекунад: “Аммо, агарчанде ки се ченак ба фазо хос аст, мутафаккир онро ҷисм намедонад, зеро ба ақидаи вай, агар фазо ҷисм мебуд, он гоҳ ҷисми дигареро дар бар гирифта наметавонист, зеро ду ҷисм ҳамзамон дар як ҷой ҷойгир шуда наметавонанд” [7, с. 178]. Аз ин гуфтаҳо метавон ба хулосае омад, ки фазо аз назари Ибни Сино на он ҷисмест, ки аз модда ва сурат иборат аст, балки ҷисмест хоса барои дар бар гирифтани дигар аҷсом. Аз ин рӯ Ибни Сино фазоро яке аз атрибутҳои мавҷудияти материя мешуморад.

Берунӣ бошад фалак, само ва осмонро муродифи ҳамдигар шуморида, фалакро на чун Ибни Сино аз даҳ кура, балки аз нуҳ қабат иборат медонад: “Фалакҳо ҳашт гӯянд як бар дигар печида, ҳамчун печидани тӯпҳои пиёз. Ва хурдтарини фалакҳо он аст, ки ба мо наздиктар аст ва Моҳ андар ӯ ҳамеравад ва ҳамебарояд ва фуруд ояд танҳо бе ҳанбоз” [3, с. 81]. Поёнтар Берунӣ менависад: “Гурӯҳе забари фалаки ҳаштум фалаке диданд нуҳум, орамида, беҳаракат ва ин он аст, ки ҳиндувон ӯро “бараҳмонд” хонданд. Зеро-к муҳаррики нахустин ҷунбанда нашояд... Ва гурӯҳе аз пешиниён з-он сӯй тиҳӣ бинҳоданд бекарона ва гурӯҳе ҷисме барниҳоданд орамида бекарона. Ва наздики Арастутолис берун аз олам на ҷисм аст ва на тиҳӣ” [3, с. 82].

Ҳамин тавр, баррасии андешаҳои Ибни Сино ва Берунӣ дар мавриди офариниши олам ва ҷирмҳои осмонӣ хонандаро ба ин хулоса мебаранд, ки назариёти онҳо дар баъзе ҳолат ҳамшабеҳ ва дар ҳолатҳои дигар хилофи ҳамдигаранд. Тавре мебинем, Берунӣ дар фарқ аз Ибни Сино, ки дар таълимоти эманатсионии вай даҳ ақл муҷиби даҳ кура ва даҳ ҷирми самовӣ шудаанд, нуҳ фалак дида мешавад ва фалаки нуҳум фалакест беҳаракат ва ибтидои дигар афлок, ки ҳама дар ҳаракатанд. Ҳамчунин тазаккур бояд дод, ки тарзи баррасии масъалаҳои космогонӣ дар таълимоти Ибни Сино аз таълимоти Берунӣ бо он фарқ мекунад, ки Берунӣ масъаларо аз мушоҳидаҳои бевоситаи кайҳон шуруъ мекунад, яъне аз фалак ва аҷроми он. Аммо Ибни Сино ба мушоҳидаҳои бевосита қаноат накарда, вай дар паси афлок ва аҷроми он дигар мавҷудотро ҷуста, ба масъала ранги метафизикӣ мебахшад ва ҳар кураю ҷирми осмониро ба ҳар ақли судурёбанда аз ақли дигар, то ба Воҷибулвуҷуд бурда мерасонад. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки космогонияи Ибни Сино нисбат ба космогонияи Берунӣ бештар дар либоси фалсафӣ ба намоиш гузошта шудааст, дар ҳоле ки космогонияи Берунӣ ғолибан ба мушоҳидаҳои бевосита такя карда, ҷанбаҳои илмӣ дар он афзалият доранд.

### ***Адабиёт***


1. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 477 с.
2. Абу Али Ибн Сина (Авиценна). Сочинения. Т. 4. – Душанбе: Дониш, 2008. -1002 с.
3. Абурайҳони Берунӣ. Китоб ут-тафҳим. – Душанбе: Дониш, 2022. – 605 с.
4. История таджикской философии. С древнейших времен до XV в. Том 2. – Душанбе: Дониш, 2012. – 788 с.
5. Маджидов Д. Натурфилософия Абу Рейхана Бируни. Диссертация на соискание ученой степени кандидата философских наук. – Душанбе, 2015. – 163 с.
6. Наср, Сайид Ҳусейн. Назари мутафаккирони исломӣ дар бораи табиат. – Теҳрон, 1342. – 276 с. (ба форсӣ).
7. Султонзода С. Проблема материи и её атрибутов в философии Ибн Сины. – Душанбе, 2019. – 315 с.
8. Султонзода С. Афкори фалсафӣ-табиатшиносии Берунӣ дар баҳои Луи Гарде // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ (Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ). № 1 (13). – Душанбе, 2024. С. 11-17.
9. Султонзода С. Проблема конечности и бесконечности материи и мира в философии Ибн Сины // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б.

Гафурова (Серия гуманитарно-общественных наук). -№2. Изд-во. ХГУ. – Худжанд, 2018. – С. 44-50.
10. Султонзода С. Учение Ибн Сины о движении как атрибуте материи // Вестник Таджикского национального Университета (Серия гуманитарных наук). -№ 1. - Душанбе, 2020. – С. 104-110.
11. Умарова Р.Ш. Бытие и философские взгляды Абу Райхана Беруни // Достижения науки и образования (серия философия, этика, религиоведение). №3 (44). - Ташкент, 2019. С. 32-33.
12. Corbin H. Histoire de la philosophie islamique. Gallimard, 1986. - 546 p.
13. Gardet L. Un homme de science: Abu l-Rayhan al-Biruni // Ch. Bouamrane, L. Gardet. Panorama de la pensée islamique. Deuxième édition. Paris, 1991. P. 243-251.

## ОФАРИНИШИ ОЛАМ ДАР ТАЪЛИМОТИ КОСМОГОНИИ ИБНИ СИНО ВА АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар хусуси андешаҳои Ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ роҷеъ ба офариниши олам ва ҷирмҳои осмон меравад. Ба назари муаллифони мақола, баррасии андешаҳои Ибни Сино ва Берунӣ дар мавриди офариниши олам ва ҷирмҳои осмонӣ хонандаро ба ин хулоса мебаранд, ки назариёти онҳо дар баъзе ҳолат ҳамшабеҳ ва дар ҳолатҳои дигар хилофи ҳамдигаранд. Берунӣ дар фарқ аз Ибни Сино, ки дар таълимоти эманатсионии вай даҳ ақл муҷиби даҳ кура ва даҳ ҷирми самовӣ шудаанд, нуҳ фалак дида мешавад ва фалаки нуҳум фалакест беҳаракат ва ибтидои дигар афлок, ки ҳама дар ҳаракатанд. Ҳамчунин муаллифон тазаккур медиҳанд, ки тарзи баррасии масъалаҳои космогонӣ дар таълимоти Ибни Сино аз таълимоти Берунӣ бо он фарқ мекунад, ки Берунӣ масъаларо аз мушоҳидаҳои бевоситаи кайҳон шуруъ мекунад, яъне аз фалак ва аҷроми он. Аммо Ибни Сино ба мушоҳидаҳои бевосита қаноат накарда, вай дар паси афлок ва аҷроми он дигар мавҷудотро ҷуста, ба масъала ранги метафизикӣ мебахшад ва ҳар кураю ҷирми осмониро ба ҳар ақли судурёбанда аз ақли дигар, то ба Воҷибулвуҷуд бурда мерасонад. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки космогонияи Ибни Сино нисбат ба космогонияи Берунӣ бештар дар либоси фалсафӣ ва метафизикӣ ба намоиш гузошта шудааст, дар ҳоле ки космогонияи Берунӣ ғолибан ба мушоҳидаҳои бевосита такя карда, ҷанбаҳои илмӣ дар он афзалият доранд.

**Калидвожаҳо:** олам, судур, офариниш, осмон, кайҳон, космогония, ақл, ҷирм, кура.

## СОТВОРЕНИЕ МИРА В КОСМОГОНИЧЕСКОМ УЧЕНИИ ИБН СИНЫ И АБУ РАЙХАНА АЛЬ-БИРУНИ

В данной статье речь идет о взглядах Ибн Сины и Абу Райхана аль-Бируни относительно сотворения мира и небесных светил. По мнению авторов статьи, обзор взглядов Ибн Сины и аль-Бируни на создание Вселенной и небесных светил приводит читателя к выводу, что их взгляды в одних случаях схожи, а в других противоречат друг другу. В отличие от Ибн Сины, который в своем эманационном учении связывает десять разумов с десятью сферами и десятью небесными телами, в учении аль-Бируни имеется девять небес, а девятое небо неподвижно и является началом других небес, все из которых являются в движении. Также авторы подчеркивают, что способ рассмотрения космологических вопросов в учении Ибн Сины отличается от подхода аль-Бируни тем, что аль-Бируни исходит из непосредственных наблюдений за космосом, то есть с неба и его тел. Однако Ибн Сина не удовлетворяется прямыми наблюдениями, и он ищет других существ за небесами и их телами, придает метафизическую окраску проблеме и приводит каждую небесную сферу и тело к каждому разуму, который порожден другим разумом, вплоть до Необходимосущего. Поэтому можно сказать, что космогония Ибн Сины по сравнению с космогонией аль-Бируни представлена больше в философско-метафизической сфере, тогда как космогония аль-Бируни основана на непосредственных наблюдениях и приоритет отдается научным аспектам.

**Ключевые слова**: мир, эманация, творение, небо, космос, космогония, разум, небесные тела, сфера.

# THE CREATION OF THE WORLD IN THE COSMOGONY TEACHINGS OF IBN SINA AND ABU RAYHAN AL-BIRUNI

This article discusses the views of Ibn Sina and Abu Rayhan al-Biruni regarding the creation of the world and the heavenly bodies. According to the authors of the article, a review of the views of Ibn Sina and al-Biruni on the creation of the Universe and the heavenly bodies leads the reader to the conclusion that their views are similar in some cases and contradict each other in others. Unlike Ibn Sina, who in his emanation teaching connects ten minds with ten spheres and ten heavenly bodies, al-Biruni's teaching has nine heavens, and the ninth heaven is motionless and is the beginning of the other heavens, all of which are in motion. The authors also emphasize that the way Ibn Sina's teaching considers cosmogony issues differs from al-Biruni's approach in that al-Biruni proceeds from direct observations of the cosmos, that is, from the sky and its bodies. However, Ibn Sina is not satisfied with direct observations, and he seeks other beings behind the heavens and their bodies, gives a metaphysical coloring to the problem and brings each heavenly sphere and body to each mind that is generated by another mind, up to the Necessary Being. Therefore, it can be said that Ibn Sina's cosmogony, compared to al-Biruni's cosmogony, is presented more in the philosophical-metaphysical sphere, while al-Biruni's cosmogony is based on direct observations and priority is given to scientific aspects.

**Keywords:** world, emanation, creation, sky, space, cosmogony, mind, celestial bodies, sphere.

**Дар бораи муаллифон:**
Султонзода Соқӣ Аслон,
доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ, мудири кафедраи забони франсавӣ,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
Тел.: (+992) 93 814 86 39. E-mail: sultonzoda83@mail.ru

Ҷалилова Сайрамбӣ Иззатуллоевна,
унвонҷӯйи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
Тел.: (+992)91 899 46 42.
E-mail: sairambi.jalilova@mail.ru.

**Сведение об авторах:**
Султонзода Соки Аслон,
доктор философских наук, профессор кафедры философии и культурологии, заведующий кафедрой французского языка,
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни.
Тел.: (+992) 93 814 86 39.
E-mail: sultonzoda83@mail.ru

Джалилова Сайрамби Иззатуллоевна,
соискатель кафедры философии и культурологии,
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни.
Тел.: (+992)91 899 46 42.
E-mail: sairambi.jalilova@mail.ru.

**About the authors:**
Sultonzoda Soqi Aslon,
doctor of philosophic sciences, professor of philosophy and cultural studies chair, head of French language chair,
Tajik State Pedagogical University by name S. Ayni.
Tel.: (+992) 93 814 86 39.
E-mail: sultonzoda83@mail.ru

Jalilova Sairambi Izzatulloevna,
graduate student of the Department of Philosophy and Cultural Studies,
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.
Tel.: (+992)91 899 46 42.
E-mail: sairambi.jalilova@mail.ru.

ТДУ 165.11'21:165.1"11/15"

# ТАЪСИРИ ТАЪЛИМОТИ МАНТИҚИИ АРАСТУ ВА ИБНИ СИНО БА ТАЪЛИМОТИ МАНТИҚИИ МУТАФАККИРОНИ АСРИМИЁНАГИИ ҒАРБ

***Худойдодзода Ф.Б.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
***Фозилов О.М.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Аз омӯзишу баррасии таълимоти мантиқии мутафаккирони асримиёнагии Ғарб маълум мегардад, ки таълимоти мантиқии Арасту ва Ибни Сино ба таълимоти мантиқии мутафаккирони асримиёнагии Ғарб таъсири зиёд расонидааст. Бахусус, масоил ва мавзуоти марбут ба силлогизм (қиёс), ки як қисми асосии таълимоти мантиқии Арасту ва Ибни Синоро ташкил медиҳад, дар осори мантиқии мутафаккирони асримиёнагии Ғарб ба таври назаррас мушоҳида карда мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки ғарбиҳо бо осору эҷоди Ибни Сино хеле барвақт шинос шуда буданд ва ин шиносоӣ бо осору эҷоди мутафаккирони асримиёнагии Ғарб бе таъсир намонд, зеро Ибни Сино дар ҳалу фасли масоили гуногун: фалсафа, мантиқ, тиб, дин ва ғ. аз нуқтаи назари ратсионалстӣ менигарист ва дар исботи онҳо бевосита ба факту далелҳои илмию мантиқӣ такя мекард, ки ин тарзи муносибат ба ҳалли масъала писанди аҳли илму маънӣ аст.

Қайд қардан ба маврид аст, ки таъсири таълимоти мантиқии Арасту ба таълимоти мантиқии Ибни Сино зиёд аст ва аз Ибни Сино бошад ба таълимоти мантиқии мутафаккирони асримиёнагии Ғарб, пас метавон гуфт, ки таъсири таълимоти мантиқии Арасту тавассути Ибни Сино ба таълимоти мутафаккирони Ғарб аз аҳамият холӣ нест.

Бояд гуфт, ки мероси илмии Ибни Сино дар Аврупои Ғарбӣ аз ҷониби тарҷумонҳои мактаби Толедо аз асри XVI инҷониб эътироф шуда, нуфузу эътибори Ибни Сино бошад дар миёни донишомӯзон, махсусан дар самти илмҳои табиатшиносӣ зиёд гашта, дар олами Ғарб шуҳратманд гашт.

Маврид ба зикр аст, ки ғарбиҳо бо яке аз асарҳои машҳури Ибни Сино, ки «Қонуни тиб» унвон дорад, ҳанӯз дар асри 12, вақте ки ин асар ба лотинӣ тарҷума шуд, ошно шуданд ва «...панҷ аср барои табибони Аврупои асримиёнагӣ ҳамчун китоби руйимизӣ буд ва ҳангоми ихтироъ шудани матба яке аз аввалинҳо шуда дар ҷаҳон соли 1483 ал-Қонун фӣ тиб дар Венетсия нашр шуд, дар асрҳои 15-17 он зиёда аз 30 маротиба бознашр шудааст»[11, с. 15].

Қайд кардан зурур аст, ки «ал-Қонун фӣ тиб» то асри XVII дар Ғарб ҳамчун асоси илми тиб ба ҳисоб мерафт ва маҳз ҳамин асар сабаб шуд, ки ғарбиҳо номи Ибни Синоро дар баробари номҳои Гален ва Гиппократ қарор диҳанд.

Ҳамчунин, дар нимаи дуюми асри XII «ал-Қонун фӣ тиб» ва бахшҳои алоҳидаи асари энсиклопедии ӯ «Шифо», ки дар он масоили марбут ба муқаддимаи мантиқ, бахшҳо оид ба метафизика, наботот, рӯҳ ва қисман физика мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ба забони лотинӣ тарҷума шуда, шуҳрату шаҳомоти Ибни Синоро дар олами Ғарб боз ҳам афзун кунад.

Маврид ба зикр аст, ки асарҳои дигари мутафаккир, масалан, «Наҷот» ва «Шеъри тиббӣ» баъдтар ба лотинӣ тарҷума шудаанд. Маҳз тарҷумаи осори Ибни Сино ба забонҳои аврупоӣ боис бар он шуд, ки Ибни Сино вориди ҳаёти интеллектуалии Ғарб гардад ва як ҷунбиши маъруф ба номи «Августинизми авесенизм» ба вуҷуд ояд.

Бояд гуфт, ки таъсири ақидаҳои мантиқии Арасту ва Ибни Сино дар эҷодиёти Вилям Оверн, Роҷер Бэкон, Алберт Магнус, Фома Аквин, Дунс Скот ва Вилям Окгамӣ ба таври возеҳ намоён аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз ҳамаи мутафаккирони асримиёнагии Ғарб дида, файласуфи маъруфи англис Роҷер Бэкон (тақрибан 1214–1294) аз ҳаёт ва фаъолияти Ибни

Сино бештар маълумот дошт. Ӯ дар бораи шахсияти Ибни Сино ва осори ӯ чунин навиштааст: «Дар ҳақиқат дониш дар таърихи башарият ду маротиба моли инсоният шудааст: бори аввал пурра аз Сулаймон-пайғамбари хирад ба забони ибрӣ, бори дуюм ба воситаи Арасту ба забони юнонӣ ва Ибни Сино ба арабӣ»[12, с. 72-73].

Аммо дар байни мутафаккирони Ғарб шахсоне низ ёфт мешуданд, ки бар хилофи дигарон, умуман дар пайи августикунонии фалсафаи Ибни Сино набуданд ва ақидаҳои прогрессивии илмии ӯ, аз ҷумла мантиқи ӯро пайваста инкишоф доданд. Чунин пайравони ғарбии Ибни Сино, масалан, Вилями Оккам ва Сигери Брабант мебошанд. Вилями Оккам бисёре аз принсипҳои мантиқии Ибни Синоро пазируфта, ҳамзамон инкишоф дод ва Сигер Брабант бошад, дар таҳияи масоили назарияи маърифат ба Ибни Сино такя кардааст. Аз ҷумла, қабл аз таҳаввули ғояи асосии маърифатии Сино ин дарк инъикоси вижагиҳои ашё дар эҳсосот ва ақли доно мебошад. Гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки Сигери Брабант ба ҳамон тамоюлҳои фалсафии Ибни Сино такя кардааст, ки ба пайдоиш ва инкишофи озодфикрии Аврупо мусоидат кардаанд [5, с. 15-20].

Қобили қайд аст, ки мантиқи юнонӣ на танҳо дар ҷаҳони ислом мухолифони худро дошт, балки дар худи Ғарб низ мунаққидони худро дошт, ки аз мантиқи юнонӣ нисбат ба мунаққидони мусалмон ба маротиб дертар оғоз шуд ва бешак аз интиқоди донишмандони шарқ ангеза гирифтаанд.

Имрӯз кам пажӯҳишгарони ғарбӣ ҳастанд, ки ҷуръати эътирофи як ҳақиқати оддиро доранд, ки аврупоиҳо дар гузашта ба шарофати илми ҷаҳони ислом ба рӯшноӣ расиданд ва шояд тамоми илми Ғарб аз донишмандони шарқ манша гирифта бошад.

Бертран Рассел, файласуф ва риёзидони маъруфи инглис, дар асари худ «Ҷаҳонбинии илмӣ» менависад: «Ғарб дар тӯли садсолаҳо дар торикии ҷоҳилият печида буд ва амалан мусулмононе буданд, ки илм ва суннати тамаддунро пеш мебурданд. Ҳар як маърифати илмӣ, ки Ғарб танҳо дар охири асрҳои миёна ба даст овардааст (бо мисоли Роҷер Бэкон) маҳз аз илми мусулмонӣ гирифта ё иқтибос оварда шудааст»[3, с. 7]. Дар мавриди силлогизми Арасту, Рассел бар ин назар аст, ки он нафароне, ки мехоҳанд мантиқи Арасту ва пайравони ӯ, бахусус, силлогистикаи онҳоро омӯзанд, ба иштибоҳи бузург роҳ дода, вақти гаронбаҳои худро беҳуда сарф мекунанд. Ба андешаи ӯ, таълимоти мантиқии Арасту танҳо қудрати барҷастаи ӯ ва рушди равонии тафаккури юнонро исбот мекунад. Ва тамоми шахсиятҳои рӯшанфикри ҷаҳон таълимоти мантиқии Арастуро дурусттарин донистанд ва ба ҷои кашфи паҳлӯҳои нави илм ва равишҳои нави омӯзиши табиату ҳастӣ дар тӯли садсолаҳо аз ӯ пайравӣ карданд. Гирифтан ва иқтибос овардани илми мусулмонӣ аз ҷониби мутафаккирони ғарбӣ ба дараҷае расид, ки онҳо ба таври оммавӣ барои таҳсил ба кишварҳои мусулмонӣ барои омӯхтани илм мерафтанд.

Муҳаммад Алӣ Фурӯғӣ дар китоби «Сайри ҳикмат дар Аврупо» менависад: «Дар асри X яке аз донишмандони Ғарб, ки шоёни зикр аст, олими фаронсавӣ Ҳерберт аст, ки дар охири умри худ коҳини калисо (Поп) шуд ва рутбаи баланд “Pop Sylesterdam”-ро гирифт. Ӯ яке аз аввалин донишмандонест, ки аз мусулмонон илм омӯхт. Ҳерберт ба Андалусия (Испания) рафт, он вақт он давлати исломӣ буд. Ӯ аввал забони арабиро омӯхта, баъдан солҳои тӯлонӣ шогирди донишмандони мусалмон буд ва аз онҳо илмҳои риёзӣ, геометрия, астрономия, тиб, биология ва дигар илмҳоро омӯхта, пас аз бозгашт ба ватанаш дар Фаронса ин илмҳоро ба забони фаронсавӣ тарҷума ва нашр кард. Пас аз ӯ гурӯҳе аз дӯстдорони илми ғарбӣ ба кишварҳои мусулмонӣ рафтанд ва пас аз омӯзиши забонҳои арабӣ ва форсӣ ба омӯзиши фалсафа, мантиқ, ҳуқуқ, биология, риёзӣ, тиб ва бисёре аз улуми дигари мо шурӯъ карданд». [14, с. 64].

Пер Руссо бошад дар китоби «Таърихи илм» менависад: «Се асри баъд аз даргузашти паёмбар, дар шаҳри Кордоба, ки як миллион нафар аҳолӣ дошт, ҳаштод мадрасаи умумӣ ва китобхонаи дорои шашсад ҳазор китоб фаъолият дошт ва он замон арабӣ забони илмии ҷаҳон ба шумор мерафт» [18, с. 118].

Дар Ғарб мутафаккири инглис Роҷер Бэконро яке аз пешсафон ва мухолифони мантиқи юнонӣ медонанд. Ба ин муносибат Бертран Рассел дар китоби худ «Таърихи фалсафаи Ғарб»

менависад: «Роҷер Бэкон мантиқро соҳаи бефоидаи тамоми фаъолияти инсонӣ медонист» [4, с. 863].

Роҷер Бэкон усули амалиро нисбат ба мантиқи Арасту маъқул донистааст ва дар ин замина бевосита таъсири баъзе аз уламои мусулмонро гирифтааст. Ӯ дар илми мусулмонӣ таълим гирифта буд ва инро пинҳон намедорад. Рассел дар бораи ӯ менависад: «Ба ғайр аз Ибни Сино ва Ибни Рушд дар бораи Фаробӣ, баъзан дар бораи Абумашари Балхӣ ва бисёр дигарон бисёр сухан меронад» [4, с. 864].

Роҷер Бэкон дар бораи ду марди донишманди ҷаҳони ислом чунин шеъри ситоишӣ менависад: "Кандӣ ва Ҳасан ибни Ҳисам дар қатори аввал бо Батлимус меистанд".

Маврид ба зикр аст, ки Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар китоби «Эҳёи афкори динӣ дар ислом» менависад: «Роҷер Бэкон илмҳоро аз куҷо омӯхтааст? Дар донишгоҳҳои исломии Андалусия. Фасли панҷуми китоби ӯ «Китоби бузург», ки дар бораи «баҳси илмӣ» баҳс мекунад, дар ҳақиқат нусхаи холис аз китоби Ибни Ҳишом «Ал-мунозира» аст. Ба ғайр аз ин, дар ҳамаи бобҳо осори таъсири Ибни Ҳизом ба муаллифи китоб пайдо мешавад. Аврупо дар дарки сарчашмаҳои усулҳои илмии исломӣ заъфи худро нишон дод. Бо вуҷуди ин, замоне фаро расид, ки дониши комил дар бораи ин ҳақиқат ба амал омад. Беҳтар аст, ки чанд иқтибос аз китоби Бриффо «Инсонӣ рафтор кардан», саҳифаи 202 оварда шавад, ки муаллиф дар он менависад: «Роҷер Бэкон дар Донишгоҳи Оксфорд илмҳои арабӣ ва забони арабиро омӯхтааст. Роҷер Бэкон ва ҳамноми ӯ Фрэнсис Бэкон ҳақ надоранд иддаъо кунанд, ки усулҳои амалиро дар илм ҷорӣ кардаанд, зеро ин ҳамаро аз донишмандони исломӣ нусхабардорӣ кардаанд. Роҷер Бэкон ҷуз таблиғгар ва фиристодаи ҷаҳони илми ислом дар Аврупои насронӣ касе нест ва ба унвони як донишманди ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ маънои ин изҳоротро инкор накардааст, ки омӯзиши забони арабӣ ва таълими улуми мусалмонӣ ягона роҳи расидан ба илми ҳақиқӣ ва дуруст барои ҳамасрони ӯ мебошад. Усули амалии арабҳо дар замони Бэкон дар тамоми Аврупо паҳн шуда буд» [11, с. 149-150].

Бояд гуфт, ки зиддияти Бэкон бо мантиқи Арасту маҳз аз робитаи зичи ӯ бо илм ва амалияи араб сарчашма мегирад.

Фрэнсис Бэкон ва мунаққидони исломии мантиқ. Маврид ба зикр аст, ки пас аз Роҷер Бэкон дар миёни аврупоиҳо донишманде пайдо шуд, ки асосгузори самти эмпирикӣ (таҷрибавӣ) дар фалсафа буда, яке аз мунаққидони мантиқи арастуӣ маҳсуб мешавад – ин мутафаккир Френсис Бэкон (1561-1626) файласуф ва сиёсатмадори англис мебошад. Вай дар асари машҳураш таҳти унвони «Органони нав» ба ҷои силлогистикаи Арасту, ки дар байни олимони гузашта бо номи «Органон» машҳур буд, усули нави таълими илмро пешниҳод кардааст [14, с. 82].

Пояи идеяи бунёдии фалсафии Фрэнсис Бэкон дар он аст, ки асоси дониш таҷрибаи истисноӣ мебошад. Ҳар қадар таҷриба (назариявӣ ва амалӣ) аз ҷониби инсоният ҷамъоварӣ карда шавад, мо ба дониши воқеӣ ҳамон қадар наздиктар мешавем. Дониши ҳақиқӣ, ба гуфтаи Фрэнсис Бэкон, наметавонад ҳадафи худ бошад. Вазифаҳои асосии дониш ва таҷриба аз он иборат аст, ки ба одам дар фаъолияти худ натиҷаҳои амалӣ ба даст оварад, ихтироoти навро пеш барад, иқтисодиётро тараққӣ диҳад ва одамро дар маҳал идора кунад. Ба ин муносибат Фрэнсис Бэкон як мақоли куҳнаеро зери номи «Дониш қудрат аст» пешниҳод кардааст, ки тафаккури фалсафии ӯро дуруст ифода мекард.

Бояд гуфт, ки Фрэнсис Бэкон як идеяи навоваронаеро ба миён гузошт, ки дар он индуксия бояд усули асосии идрок бошад. Тавассути индуксия файласуф умумикунонии маҷмуи ҳодисаҳо ва ҳосилшавии махсусро дар асоси умумикунонии хулосаҳои умумӣ мефаҳмад (масалан, агар бисёр металлҳои алоҳида гудохта шаванд, пас ҳамаи металлҳо хосиятҳои гудохташаванда доранд).

Усули индуксияи Бэкон ба усули мулоҳизаи Декарт мувофиқат мекунад, ки мувофиқи он дониши ҳақиқиро тавассути иттилооти боэътимод бо усулҳои равшани мантиқӣ ба даст овардан мумкин аст.

Бартарии индуксияи Фрэнсис Бэкон нисбат ба дедуксияи Рене Декарт фаъол кардани раванди маърифат аст. Камбудии индуксия хусусияти беэътимоднокӣ, эҳтимолияти он аст

(зеро агар баъзе ашё ё падидаҳо аломатҳои умумӣ дошта бошанд, ин маънои онро надорад, ки ин аломатҳо тамоми падидаҳои ин синфро доранд ва дар ҳар маврид зарурати санҷиши таҷрибавии тасдиқ ва индуксия пеш меояд).

Роҳи рафъи монеаи асосии индуксия (нопуррагӣ, эҳтимолият), ба ақидаи Фрэнсис Бэкон, ин аст, ки инсоният аз ҷамъоварии таҷриба дар ҳамаи соҳаҳои дониш ҳарчи бештар ба даст оварад. Файласуф усули асосии индуксияи донишро муайян намуда, роҳҳои мушаххаси фаъолияти маърифатиро муайян мекунад. Инҳо: «Роҳи тортанак», «Роҳи мурча», «Роҳи занбури асал» мебошанд.

«Роҳи тортанак» ба даст овардани дониши «ақли пок», яъне ба таври оқилона аст. Ба ҳамин тариқ, вай нақши фактҳои конкретӣ ва таҷрибаи амалиро сарфи назар мекунад ё хеле кам мекунад. Ақлгароён аз воқеият, догматика ҷудо шудаанд ва ба ибораи Бэкон, «торе аз ақли худ бофтаанд».

«Роҳи мурча» усули шинохтаест, ки дар ҳоле ки танҳо озмоиш ба инобат гирифта мешавад, яъне таҷрибаи догматикӣ (комилан мухолифи ратсионализм, аз ҳаёт ҷудо). Ин усул низ нопурра аст. Ду таҳқиқоти гузоришшуда ба таҷрибаи амалӣ, ҷамъоварии далелҳо ва далелҳои гуногун тамаркуз мекунанд. Ҳамин тавр, онҳо симои берунии донишро қабул карда, проблемаҳоро «аз берун» мебинанд, вале моҳияти ашёву ҳодисаҳои ботинии омухташавандаро дарк карда, масъаларо аз дарун дида наметавонанд.

«Роҳи занбури асал», ба гуфтаи Бэкон, роҳи беҳтарини маърифат аст. Файласуф бо истифода аз он тамоми бартариҳои «роҳи тортанак» ва «роҳи мурча»-ро ба души худ мегирад ва дар айни замон онро аз камбудиҳо холӣ намедонад. Бо «роҳи занбӯри асал» ҳамаи далелҳоро ҷамъ кардан, паҳн кардан ва бо истифода аз имкониятҳои ақл дар дохили масъала истифода бурдан ва моҳияти онро дарк кардан лозим аст.

Ҳамин тариқ, беҳтарин роҳи дониш, ба ақидаи Бэкон, эмпиризм дар асоси индуксия (ҷамъоварӣ ва умумӣ кардани далелҳо, андӯхтани таҷриба) бо истифода аз усулҳои оқилона барои фаҳмидани моҳияти ашё ва падидаҳои дохилӣ бо ақл мебошад.

Фрэнсис Бэкон на танҳо роҳҳоеро нишон медиҳад, ки бояд раванди маърифат тибқи он ба роҳ монда шавад, балки сабабҳоеро низ муайян мекунад, ки инсон аз гирифтани донишҳои воқеӣ маҳрум карда мешавад. Ин аст, ки файласуф истиорaро «арвоҳ» («бут») номида, чор навъи онро муайян мекунад: арвоҳи ҷинс, ғори арвоҳ, арвоҳи бозор ва арвоҳи театр.

Арвоҳҳои оилавӣ ва арвоҳҳои ғор хатоҳои инсонӣ мебошанд, ки табиати донишро бо табиати худ омехта мекунанд.

Дар ҳолати аввал (арвоҳҳои ҷинс) дар маҷмӯъ сухан дар бораи шикастани маърифат тавассути фарҳанги як шахс (ҷинс) меравад, яъне шахс маърифатро ҳангоми дар фарҳанги ҷаҳонӣ буданаш дарк мекунад, ки ин натиҷаи ниҳоиро ба таъхир андохта, дониши ҳақиқиро кам мекунад.

Дар мавриди дуюм (арвоҳи ғор) сухан дар бораи таъсири шахсияти субъекти мушаххас (субъекти дониш) ба раванди маърифат меравад. Дар натиҷа хислати шахс (таъсирҳо, хаёлҳо, «ғор») дар натиҷаи ниҳоии дониш инъикос меёбад.

Арвоҳҳои бозор ва арвоҳҳои театрӣ ин ба даст овардани хаёл мебошанд. Арвоҳи бозор – истифодаи нодурусти гуфтор, сохтори консептуалӣ: калимаҳо, таърифҳо, ифодаҳо мебошад.

Арвоҳҳои театр – таъсир ба раванди дониши фалсафаи мавҷуда мебошад. Аксар вақт бо дониш фалсафаи қадим моро аз нишон додани равиши нав, на ҳамеша ба самти дуруст равона кардани дониш халал мерасонад (масалан, таъсири схоластика ба донишҳои асримиёнагӣ).

Фрэнсис Бэкон бар асоси ин чаҳор монеаи асосӣ дар роҳи гирифтани дониш маслиҳат медиҳад, ки то ҳадди имкон бештар аз «арвоҳ» ва «донишҳои пок» маҳрум ва аз таъсири онҳо озод бояд буд.

Фрэнсис Бэкон ҳамчунин яке аз муаллифони таснифи илмҳо мебошад. Асоси таснифро моликияти зеҳни инсон: хотира, хаёлот, зеҳн ташкил медиҳад. Хотира ба илми таърих, хаёл

ба шеър, ақл ба фалсафа, ки дар саргаҳи тамоми илм қарор дорад, мувофиқат мекунад. Фрэнсис Бэкон фалсафаро ҳамчун илм дар бораи Худо, табиат ва инсон таъриф мекунад.

Албатта, ба таври умум эътироф карда мешавад, ки фалсафаи Фрэнсис Бэкон ба инкишофи фалсафаи муосир, аз ҷумла ба афкори фалсафии англис ва умуман ба инкишофи минбаъдаи фалсафа дар Ғарб таъсири бузург расонидааст. Ин аз он сабаб аст, ки ба шарофати фалсафаи ӯ эмпиризм ҳамчун дониши таҷрибавӣ дар фалсафа ба вуҷуд омад, гносеология ҳамчун назарияи дониш дар баробари онтология мақоми махсус пайдо кард ва ҳадафи нави фалсафа – кумак расонидан ба инсон муайян гардид.

Фрэнсис Бэкон чунин мешуморид, ки «мантиқи арастуӣ василаи ошкор ва дарки ҳақиқат нест ва моро маҷбур мекунад, ки ба натиҷаҳои худ таслим шавем, ягон кашфиёти навро ба ихтиёри худ нагузорем» [2, с. 109].

Вай таъкид мекунад, ки «мо бояд ҳар як ҷузъиётро ба инобат гирем ва таҳқиқ кунем ва хурдтарин маълумотро ба тартиб андозем ва аз онҳо хулосаҳои умумӣ бигирем ва вақте ки тавассути омӯзиши ин ҷузъиёт ба ҳақиқатҳои ниҳоӣ расида натавонистем, баҳсу тахминҳо ва далелҳои беасос фоида надоранд» [14, с. 84].

Бояд гуфт, ки Фрэнсис Бэкон тарзу усулҳои силлогизмро дар таълимоти Арасту эътироф накарда, дар ин бора менависад: «Силлогизм аз теорема ва теорема аз калима ва калима аз тафсири ахбор иборат аст». Силлогизми Арасту ба олами табиат ҳеҷ иртиботе надорад. Ин танҳо як далели расмӣ нест, ки аҳамияти интиқоли маълумотро аз муқаддимаҳо ба хулосаҳо, ҳатто агар онҳо ҳақ ё дурӯғ бошанд ба назар намегирад. Онҳо инчунин метавонанд тавассути амалия, ки муқаддимаи ҳақ номида мешаванд такмил дода шаванд.

Аммо Рене Декарт бидуни таҳия ва таҳқиқи далели риёзии худ ва бидуни муайян кардани усулҳо ва роҳҳои нави расидан ба ҳақиқат ҳангоми омӯзиши ягон падида танҳо бо ҳамин маҳдуд шудааст.

Тазаккур бояд дод, ки дар давраи Ренессанс омӯзиши мантиқи Арасту равияи нав гирифт ва мунаққидони нави Арасту пайдо шуданд. Яке аз намояндагони ин ҳаракат Б. Рамус буд. Ӯ таълимоти мантиқии Арастуро интиқод карда, худи мутафаккирро дар зиндагии худ як шахси безарар медонад ва мантиқи ӯ, самари ин шахсият бефоида буда, дар рушди илму шоирӣ ва ғайра саҳм намегузорад ва дар ҳеҷ роҳе муҳаққиқи таълимоти ӯро ба хирад намерасонад. Б. Рамус бо пажӯҳишҳои худ дар соҳаи арастушиносӣ кӯшиш мекунад, ки методологияи фалсафии муайянеро таҳқиқ кунад, вале бидуни комёбӣ танҳо бо интиқод аз мантиқи Арасту ва пайравонаш маҳдуд мешавад.

Дар асрҳои XVII-XVIII бо ба вуҷуд омадани физикаи нав танқиди силлогизми Арасту босуръат инкишоф меёбад. Дар байни ин мунаққидон Галилео Галилей ва Исак Нютон барин мутафаккирони бузургро мушоҳида кардан мумкин аст. Аз рӯи ақидаи онҳо, ҳар як пажӯҳиш ва ихтироъ ба силлогизми Арасту ниёз надорад, балки ба амалияи муосири амиқи илмӣ зарурат дорад. Онҳо барои ба вуҷуд овардан ва пайдо кардани роҳҳои нави инкишофи илм меъёрҳои ғайриарастуии таҳқиқотро пешниҳод карданд.

Ба андешаи мутафаккири дигари Ғарб Р. Карнап мантиқи Арасту барои азхуд кардани қонунҳои ҳастӣ нотавон мебошад. Дар ибтидо маънои мантиқи ӯ ҳамчун бозӣ ва ҷалби намудҳои гуногуни шаклҳо дар ин бозӣ қабул карда мешуд. Ин далели он аст, ки самараи таълимоти мантиқии ӯ тавассути истифодаи навъҳои гуногуни силлогизмҳо безарар ҳисобида мешавад.

Мутафаккири дигари ғарбӣ А.Тарски мутмаин аст, ки майдони маҳдуде, ки метавонад дар ин китоб ҷойгир карда шавад, анҷом шудааст. Китоб дар ин ҷо маънои мантиқи намоишии Арастуро дорад. Инро дар мантиқ ҷараёнҳои содда ва хурд ва гоҳе бозича меҳисобанд ва гузаронидани пажӯҳиш дар ин замина бефоида аст. Ба гуфтаи ӯ, ҳама мантиқшиносони муосир ба ин ақидаи ӯ мувофиқанд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки силлогистикаи Арасту мавриди интиқоди шадиди мантиқшиносони аврупоӣ қарор гирифтааст. Аксари онҳо якдилона бар ин назаранд, ки омӯзиши мантиқи Арастуӣ, дар маҷмӯъ, ва бахусус силлогистикаи ӯ як кори нодаркор ва бефоида аст. Муҳаққиқи муосири араб Абдулфаттоҳи Халилӣ дар натиҷаи омӯзиши осори

мунаққидони аврупоии Арасту ба хулосае меоянд, ки воқеан интиқоди мантиқи Арастуӣ дар миёни уламои ғарбӣ ҷой дорад. Аз рӯйи хулосаи худ, Арасту дар таълимоти мантиқии худ баъзе камбудиҳоеро ба роҳ мондааст, ки дар он замон ислоҳи онҳо ғайри имкон буд ва ин камбудиҳо сабаби танқиди ӯ шуданд. Ин камбудиҳо аз инҳо иборатанд:

1. Мантиқи ӯ бо мантиқи метафизикӣ, онтологӣ, забонӣ ва расмӣ омехта шудааст;

2. Дар қазияҳои куллӣ таваҷҷӯҳи нокифоя ба таври мушаххас мушоҳида мешавад;

3. Дар ибтидои силлогизм ба таърифи он эътибор дода намешавад;

4. Дар посуххои силлогистии худ аз ҳадди муҷоз берун рафтааст;

5. Чаҳорчубаи шакли сеюми силлогизм, ки ба шакли якум асос ёфтааст, ба назар гирифта нашудааст;

6. Қазияҳои куллӣ ба ҷойи қазияҳои ҷузъӣ оварда шуда, омехта шудаанд;

7. Мавзуҳои мантиқ пайваста ва мунтазам омӯхта нашудааст;

8. Ба қазияҳои шартӣ таваҷҷӯҳи кофӣ дода нашудааст ё мантиқ нисбат ба қазияҳо, бахусус қазияҳои шартии мунфасила беэътиноӣ нишон дода шудааст;

9. Барои содда кардани кор бисёр силлогизмҳои мантиқӣ бо аломатҳо қайд карда нашудаанд.

Ба назари мо, ин ҳама эродҳо ва интиқодҳои олимон қисман бамаврид ва қисман аз ҳад зиёд ноодилонаанд. Арасту дар замони худ дар тамоми соҳаҳои илм пешсаф буд. Вай тамоми кори аз дасташ меомадагиро мекард. Аз ӯ илме мукаммалтар ва зиёда аз он, ки ба тамоми талаботи имрузаи мо мувофиқ бошад, интизор шудан тамоман беақлӣ аст. Агар Арасту, ки бисёр паҳлӯҳои илм, бахусус мантиқро асосгузор ва кашф кардааст, намебуд, ба эҳтимоли зиёд он кашфиётҳое, ки Нютон, Лейбнитс ва бисёр дигарон кардаанд, ба вуҷуд намеомаданд, яъне Арасту воқеан рисолати таърихии худро иҷро кардааст.

Омили муҳимми иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар рушди минбаъдаи мантиқ ва тавсеъаи муҳтавои он дар асрҳои миёна саҳм гузоштааст, зуҳури ислом буд, ки сафарбарии сиёсии Эронро, ки решаҳои амиқи маънавӣ ва суннатӣ дорад, муайян кард.

Бояд гуфт, ки мантиқи арабии асримиёнагӣ, пеш аз ҳама, як таълимоти умумӣ аст, на ин, ки пажӯҳишҳои ҷузъию бенизом.

Маврид ба зикр аст, ки нақши мутафаккирони эронӣ, бахусус дар суннати шарқии он, ки ба шарофати фаъолияти донишмандони тоҷику эронӣ, дар ин бобат ҳалкунанда аст.

Дар мавриди таъсири файласуфон ва мутафаккирони арабизабони эронӣ дар рушди мантиқи схоластикии Аврупои Ғарбӣ ин ҳақиқат раднопазир аст, ҳарчанд мутаассифона, он то имрӯз ба таври амиқ омӯхта нашудааст. Агар дар бораи он ақидаҳои файласуфони араб-мусулмон сухан ронем, ки ба инкишофи мантиқи Аврупои Ғарбӣ бевосита таъсир расонданд, онҳо чунинанд:

- муайян намудани предмет ва сохтори мантиқ ҳамчун шохаи дониш ва усули тафаккури дуруст;
- фарқ кардани мақоми модалии қазияҳо ва робитаи он бо расмиёти исбот;
-механизмҳои истифодаи донишҳои мантиқӣ дар амалия;
- заминаи омӯзиши асосҳои ақлгароёна ва методологии дониши илмӣ; дар маҷмӯъ ақидаҳо дар бораи мавзӯъ ва мақсади илми ратсионалистӣ ҳамчун воситаи универсалии донишҳои ратсионалистӣ мебошанд, ки дар энсиклопедияи Абунасри Форобӣ дар фасли «Ҳисоби илм ва муайян намудани объектҳои онҳо» баён шудаанд.

Дар мавриди андешаҳои оқилона ва фалсафии мутафаккирони Бағдодӣ бошад, ба шарофати фаъолияти онҳо дар рушди мантиқи шаклӣ ҳам забони арабӣ дар маҷмӯъ ва ҳам забоншиносии арабӣ ривоҷ ёфт. Бешак, таълимоти мутафаккирони мактаби Бағдод ба таълимоти мантиқии мутафаккирони асримиёнагии Эрон, ба хусус дар назарияи маърифат, инчунин робитаи мантиқ ва наҳви таъсир гузоштааст.

Ҳамин тавр, ду анъанаи хоси ташаккулёфта дар мантиқ ҷойи ин илмро дар як система ва сохтори ягонаи донишҳои ақлонӣ дар маҷмӯъ муайян намуда, хусусиятҳои тафсири предмети таҳқиқи мантиқро низ муайян намуд.

Дар маҷмӯъ, метавон ба ин натиҷа расид, ки таъсири таълимоти мантиқии Арасту ва Ибни Сино дар рушди минбаъдаи ҳам афкори илмии мантиқӣ ва ҳам фалсафии Шарқу Ғарб хеле бузург ва мусбат буд. Гузашта аз ин, таълимоти онҳо дар ташаккул ва инкишофи озодандешии оптимистӣ ва устувор дар Аврупои Ғарбӣ ва сипас дар дигар минтақаҳои ҷаҳон мусоидат кард. Инчунин то асри XVIII амалияи тиб ва илми тиб дар Ғарб зери таъсири бевоситаи асари арзишманди Ибни Сино «ал-Қонун фи тиб» инкишоф ёфт. Фактҳое низ ҳастанд, ки таъсири ақидаҳои геологию минералогии ӯ ва назарияи эволютсияи харитаи заминро ба ақидаҳои олимони Аврупо, масалан, Николаус Стено (асри XVII) нишон медиҳанд.

Дар охири ин мақола мехоҳем аз академик Мӯсо Диноршоев як иқтибосе биорем, ки дар муқаддима ҷилди якумои "Осор"-и Ибни Сино ба табъ расидааст. «Асрҳо мегузаранд, садҳо наслҳои одамон дигар мешаванд. Дар рӯйи замин инсоният ба давраи тамоман нави иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва маданию тамаддун дохил мешавад. Аммо бузургӣ ва шуҳрати Ибни Сино, ки дар асри Х нури ақлу хирад афрухта, дар сайёраи мо тухми дониш кошта буд, ҳаргиз хомуш нахоҳад шуд» [1, с. 154].

### *Адабиёт*


1. Абу Али ибн Сина (Авиценна). Сочинения. Том 1. 1366ҳ.
2. Бэкон Френсис. Ал-мавсуат-ул-фалсафат-ул-мухтасара. Қоҳира, 1376ҳ.
3. Бертран Рассел. Ҷаҳонбинии илмӣ. Теҳрон, 1373.
4. Бертран Рассел. Таърихи фалсафаи Ғарб. Теҳрон, 1772ҳ. – С. 863.
5. Барои тафсилоти бештар дар бораи таъсири фалсафа, мантиқ ва тибби Ибни Сино дар Аврупои Ғарбӣ нигаред: Afnan S. M. Avicenna. His Life and Works. –London, 1958, ҳамчунин Лей Г. Очерк истории средневекового материализма. М.,1962 ва ғ.
6. Гард Г. Социальная логика. СПб. 1996
7. Гладкий А.В. Введение в современную логику. М., 2001
8. Горский Д. П. Обобщение и познание. -М., 1985
9. Дорошин И. И. Логика: учебное пособие. -М., 2008
10. Диноршоев М. Д. Матолиби фалсафаи Ибни Сино. - Д., 2011
11. Иқбол Муҳаммад. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. Теҳрон, 1373ҳ.
12. Казим Муҳаммадӣ. Баҳсҳои таърихӣ байни ақл ва ишқ. Теҳрон, 1376.
13. Маҳмуди Шаҳобӣ. Роҳбари хирад. Теҳрон. 1340.
14. Муҳаммад Алӣ Фуруғӣ. Сайри ҳикмат дар Аврупо. Теҳрон, 1374ҳ. Ҷ. 1.
15. Насриддини Тӯси. Асос-ул-иқтибос. Теҳрон. 1355
16. Пер Руссо. Таърихи улум. Теҳрон, 1375ҳ. –С. 118.
17. Саид Нуриддин Кавшӣ. Мантиқи арастуӣ. Кобул. 1383.
18. Тафтазонӣ Саъдаддин. Таҳзиб-ул-мантиқ. Лоҳур. 1371.


## ТАЪСИРИ ТАЪЛИМОТИ МАНТИҚИИ АРАСТУ ВА ИБНИ СИНО БА ТАЪЛИМОТИ МАНТИҚИИ МУТАФАККИРОНИ АСРИМИЁНАГИИ ҒАРБ


Дар мақола масъалаи таъсири таълимоти мантиқии Арасту ва Ибни Сино, бахусус таълимоти онҳо оид ба силлогизм (қиёс) ба таълимоти мутафаккирони Ғарб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола қайд карда шудааст, ки мероси илмии Ибни Сино дар Аврупои Ғарбӣ аз ҷониби тарҷумонҳои мактаби Толедо аз асри XVI эътироф гардида, нуфузи Ибни Сино дар байни донишомӯзон, махсусан дар самти илмҳои табиатшиносӣ хеле баланд буд.

Ҳамчунин, қайд гардидааст, ки аврупоиҳо бо яке аз асарҳои машҳуртарини ибни Сино «Қонуни тиб», ки масоили тиббиро фаро мегирад, ҳанӯз дар асри 12, вақте ки ин асар ба лотинӣ тарҷума шуд, ошно шуданд ва «...панҷ аср барои табибони Аврупои асримиёнагӣ ҳамчун китоби руйимизӣ буд ва ҳангоми ихтироъ шудани матбаа яке аз аввалинҳо шуда дар ҷаҳон соли 1483 ал-Қонун фӣ тиб дар Венетсия нашр шуд, дар асрҳои 15-17 он зиёда аз 30 маротиба бознашр шудааст». Қайд кардан зурур аст, ки «Қонуни тиб» то асри XVII дар Ғарб ҳамчун асоси илми тиб ба ҳисоб мерафт ва баъдан дар асрҳои миёна дар Шарқу Ғарб номи Ибни Сино дар баробари номҳои Гален ва Гиппократ низ ном бурда мешуд.

Сикхизм, ки дар ибтидои асрҳои XV-XVI ба вуҷуд омадааст, имрӯз яке аз динҳои Ҳиндустон ба ҳисоб меравад ва пайравони он тақрибан 2% аҳолии ин кишварро ташкил медиҳанд. Доктринаи сикхизм як навъ омезиши ислом ва ҳиндуизм аст. Худо дар сикхизм дар се ҷанбаи гуногун тасвир шудааст: Худо дар худ, Худо дар робита бо офариниш ва Худо дар робита бо инсон. Худи Худо як воқеияти ниҳоӣ, трансседенталӣ, Ниргуна (бе сифат), беохир, беканор, бешакл, абадӣ мавҷуд, тағирнопазир, бетаъсир, худкифоя ва ношинос дар тамоми комилияти худ аст. Ҷанбаҳои асосии Худо дар фалсафаи Ҳиндустон тавассути мафҳумҳо ифода карда мешаванҷниргуна ва сагуна. Сагуна дар байни ҷаҳони нисбият ва мутлақ ҷойгир аст. Гузашта аз Сагуна Ниргуна, Брахмани номуайян аст, ки берун аз сабаб, таъсир, фазо ва вақт аст. Ҷараёни сикх аксар вақт ин истилоҳҳоро барои тавсифи ҷанбаҳои трансседенталӣ ва имманентии Худо [6, с. 156] истифода мебурданд. Дар сикхизм идеяи занҷири беохири эҳёи шахс мувофиқи хизматҳо ё аъмоли ношоистаи ӯ дар ҳаёт вуҷуд дорад. Ин таълимот дар будоия ва ҳиндуия мавҷуд аст, ки онро "самсара" меноманд.

Дҳармаро тибқи таълимоти Буддоия Буддо офаридааст. Вай пайдокунандаи Дҳарма аст, на созандаи он. Илова бар марҳилаҳои маърифати Буддо, назарияи буддоӣ мегӯяд, ки фазо ва мавҷудот низ беохиранд. Фазо ҳеҷ сарҳад надорад. Махлуқоти оламро ҳисоб кардан мумкин нест. Маърифати Буддо маҳдудият надорад. Мушкилоти беохир дар буддизм ин аст: "Ҳар яки мо" дар тӯли муддати беохир дар раванди эҳё аст. Ҳамин тариқ, «ҳар яки мо» борҳо дар Буддоия бо Дҳарма дучор шудаем, яъне кӯшишҳои беохир барои расидан ба Нирвана. Буддоиён ба суннатҳои ниёгони ҳиндии худ пайравӣ намуда, коинотро дар вақт ва фазо беохир медонистанд ва аз ҷаҳонҳои бепоёни мисли ҷаҳони мо пур шудаанд. Дар болои ҷаҳони оддии мо ду салтанат вуҷуд дорад: салтанати шакл (рупа-дҳату) ва салтанати боз ҳам баландтари бешакл (арупа-дҳату). Поёнтар аз онҳо салтанати ҳавасҳо (кама-дҳату) ҷойгир аст, ки аз шаш доира (гати) иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо навъҳои мавҷудоти худро доранд. Ҳамаи гуфтаҳои боло, ҳатто олами шакл ва бешакл, дар самсара, ҳастии нокомил мебошанд ва аз ин рӯ, карма ва меваҳои он (випака) идора карда мешаванд. Ҷаҳон дар атрофи кӯҳи Меру паҳн шудааст. Дар болои қулла мулки майдонҳои (ё осмон) –и Будо аст. Дар нишебиҳои боло шумо худоёнро хоҳед ёфт. Титанҳо дар нишебиҳои поёнӣ зиндагӣ мекунанд. Дар даштхои атрофи кӯҳ ҳайвонот ва одамон зиндагӣ мекунанд. Арвоҳҳои гурусна дар рӯи замин ё танҳо дар поён зиндагӣ мекунанд. Ва ҷаҳаннам дар зери замин аст. Ҳамаи ин бо укёнуси бузург ихота карда шудааст.

Вақт дар космологияи буддоӣ бо калпаҳо чен карда мешавад. Дар аввал қалпа тахмин карда мешуд, ки 4,320,000 сол аст. Дар ин бора олимони буддоӣ бо як истиора тавсеа додаанд: дар сад сол як бор як мукааби километрии сангро бо порчаи абрешим молед, то санг фарсуда шавад ва ҳатто калпа нагузашта бошад. Дар давоми қалпа, ҷаҳон ба вуҷуд меояд, вуҷуд дорад, нобуд мешавад ва давраи холӣ оғоз меёбад. Он гоҳ ҳамааш аз нав оғоз мешавад [1, с. 358]

Яке аз мафҳумҳои калидӣ дар ҳиндуизм ва буддизм самсара мебошад. Самсара маънои мафҳуми таносухи рух, мавҷудияти даврӣ мебошад, ки дар он рух ё рухи фардии мо дар чархи беохири ҳаёт, марг ва эҳё пайдо мешавад. Йогҳо боварӣ доранд, ки рух, агар ба мокша ё озодӣ ноил нагардида бошад, дубора ба вуҷуд меояд. Консепсияи таносухи рух аз замонҳои қадим вуҷуд дошт ва як қисми эътиқодҳои буддизм, ҷайния ва сикҳия мебошад. Ин анъанаҳо

самсараро ҳамчун ҳолати даврии мавҷудият тавсиф мекунанд, ки тибқи он мо дигар илоҷе надорем, ки дард, ғамгинӣ ва ноумедиро эҳсос кунем. Бо вуҷуди ин, мо қобилияти интихоб карданро дорем, ки чӣ тавр ба таҷрибаҳои ҳаёти имрузаамон ҷавоб дода тавонен. Таносухи оянда дар ҳаёт аз кармаи дар ҳаёти ҳозира ва қаблӣ гирифташуда вобаста аст. Агар мо оқилона интихоб накунем, мо бештар кармаи бад ҷамъ меорем, ки моро дар ин давраи ранҷу азоб боз ҳам ба дом меандозад. Инҳо равишҳои комилан гуногун ба шинохти беохир ҳастанд, аммо моҳият як аст, монанди аксиомаи ғарбӣ нигилизм ва дар тафаккури ҳиндии позитивизм. Аз ин рӯ, тафовути роҳҳои пешгирифтаи риёзии Ҳинд ва дигар илмҳо аз роҳҳои ғарбӣ бо номи фарқ мекунад. Дар тафаккури ҳиндӣ торикӣ мафҳуми мусбат аст, набудани торикӣ нур аст, на баръакс;

***Адабиёт***


1. Гайденко П. П. Научная рациональность и философский разум / П. П. Гайденко. – М.: Прогресс-Традиция, 2003. 528с.
2. Захарьин, Б.А. Теории познания в джайнизме / Б.А. Захарьин // Вестник Московского университета. – 2014. – №4. – С. 96
3. Лысенко, В.Г., Терентьев А.А., Шохин В.К. Ранняя буддийская философия. Философия джайнизма / В.Г. Лысенко, , Терентьев А.А., Шохин В.К. М., 1994. С. -383
4. Лифшиц Мих. А. Античный мир, мифология, эстетическое воспитание / Мифология древняя и современная. – М.: Искусство, 1979. -582с.
5. Муҳаммад Рашод. Фалсафа аз оғози таърих (дар 7 ҷилд). Ҷилдиҳои 1ва 2. –Д.: Ирфон, 1990. -480с.
6. Павлюченко К.С. К вопросу о возникновении, идеологии и структуре сикхизма // Вестник Екатеринбургской духовной семинарии. – 2011. – Вып.1. – С. 284
7. М. Рой История Индийской Филасофии. Москва: Издательство иностранной литературы, 1958. - 548 с


## МАСЪАЛАИ БЕОХИРӢ ДАР ФАЛСАФАИ ҲИНДИ ҚАДИМ

Ин мақола мафҳуми “ананта”-ро дар ҳиндуизм, ки аз санскрит ҳамчун “беохирӣ”, “абадият” ва “беканор” тарҷума шудааст, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ҳиндустон бо мактабҳои фалсафии қадимии худ машҳур аст ва мафҳуми беохир дар риёзиёт ва фалсафаи Ҳиндустон ҷои муҳимро ишғол мекард. Баръакси фалсафаи ғарбӣ, ки дар он ҷо беохирӣ аксар вақт бо ниҳон муқоиса карда мешавад, дар ҳиндуизм, Ананта бо ғояҳои мифологӣ ва динӣ зич алоқаманд аст.

Ананта аз мафҳуми анади (беағоза) фарқ мекунад, гарчанде ки ҳарду беохирро дар назар доранд. "Анадӣ" чизеро тавсиф мекунад, ки ибтидо надорад, дар ҳоле ки "ананта" метавонад ибтидо дошта бошад, аммо интиҳо надорад. Ҳарду мафҳум бо Брахман ва Атман алоқаманд буда, табиати абадӣ ва мутлақи онҳоро нишон медиҳанд.

Калимаи "ананта" дар контекстҳои гуногун истифода мешавад: ҳамчун исм, сифат ва зарф. Он бо номҳои худоён ба монанди Брахма, Шива, Вишну, Кришна ва Баларама алоқаманд аст. Дар Вайшнавизм, Ананта бо Санкаршана, худое, ки дар олами зеризаминӣ зиндагӣ мекунад (Патала) шинохта шудааст.

Дар Махабхарата Ананта ҳамчун море тасвир шудааст, ки заминро дастгирӣ мекунад. Ӯ инчунин бо номи Адиса ё Ананта Шиша маъруф аст, мори ҳазор сардор дар укёнуси абадӣ шино мекунад, ки Вишну бар он такя мекунад. Пешниҳод мешавад, ки Ананта-Шеша метавонад номи қадимии Роҳи Каҳкашон бошад.

"Шеша" инчунин маънои "боқимонда", "бисёр" -ро дорад, ки табиати тағйирнаёбандаи Анантаро, ки қабл аз офариниши ҷаҳон ва баъд аз он вуҷуд дошт, нишон медиҳад. Ӯро дар рӯзи Ананта Чатурдашӣ ибодат мекунанд.

Ба таври рамзӣ, Ананта модияти тамоми офариниш, давраҳои беохири қудрат, дониш, хирад, дастгирӣ, вайроннашаванда, устуворӣ ва инерсияро (тамас) ифода мекунад. Дар мақола инчунин ба таври мухтасар аз Кундалинӣ, ки ба мафҳуми "Кендал" (давра) марбут аст, ҳамчун як ҷанбаи таълимоти қадимаи ҳиндӣ, ки барои бедор кардани қудрати ниҳон дар одамон нигаронида шудааст, зикр шудааст.

**Калидвожаҳо:** беохири, ҳиндуия, самасара, буддоия, мактаб, коинот фалсафа, ҷаҳонбинӣ, математика, илоҳиёт, ташаккулёбӣ.

## ПРОБЛЕМА БЕСКОНЕЧНОСТИ В ДРЕВНЕИНДИЙСКОЙ ФИЛОСОФИИ

В статье рассматривается понятие «Ананта» в индуизме, которое переводится с санскрита как «бесконечность», «вечность» и «безграничность». Индия известна своими древними философскими школами, и понятие бесконечности занимало важное место в индийской математике и философии. В отличие от западной философии, где бесконечность часто противопоставляется конечному, в индуизме «Ананта» тесно связана с мифологическими и религиозными представлениями.

«Ананта» отличается от понятия «анади» (безначальный), хотя оба они обозначают бесконечность. «Анади» описывает нечто, не имеющее начала, в то время как «Ананта» может иметь начало, но не имеет конца. Оба понятия связаны с Брахманом и Атманом, обозначая их вечную и абсолютную природу.

Слово «Ананта» используется в различных контекстах: как существительное, прилагательное и наречие. Оно связано с именами таких божеств, как Брахма, Шива, Вишну, Кришна и Баларама. В вайшнавизме «Ананта» отождествляется с Санкаршаной, божеством, обитающим в подземном мире (Патала).

В «Махабхарате» «Ананта» описывается как змей, поддерживающий Землю. Он также известен как Адишеша или Ананта-Шеша, тысячеголовый змей, плавающий в изначальном океане, на котором возлежит Вишну. Предполагается, что Ананта-Шеша может быть древним обозначением Млечного Пути.

«Шеша» также означает «остаток», «избыток», указывая на неизменную природу Ананты, существующего до и после сотворения мира. Его почитают в день Ананта Чатурдаши.

Символически «Ананта» олицетворяет материальность всего творения, бесконечные циклы силы, знание, мудрость, поддержку, нерушимость, стабильность и инерцию (тамас). Статья также кратко упоминает Кундалини, связанную с понятием «кундал» (круг), как аспект древних индийских учений, направленных на пробуждение скрытой в человеке силы.

**Ключевые слова:** бесконечность, индуизм, сансара, буддизм, школа, мир, философия, мировоззрение, математика, теология, формирование.

## THE PROBLEM OF INFINITY IN ANCIENT INDIAN PHILOSOPHY

The article discusses the concept of "Ananta" in Hinduism, which is translated from Sanskrit as "infinity", "eternity" and "boundlessness". India is known for its ancient philosophical schools, and the concept of infinity occupied an important place in Indian mathematics and philosophy. Unlike Western philosophy, where infinity is often contrasted with the finite, in Hinduism "Ananta" is closely associated with mythological and religious ideas.

"Ananta" is different from the concept of "anadi" (beginningless), although they both denote infinity. "Anadi" describes something that has no beginning, while "Ananta" may have a beginning but has no end. Both concepts are associated with Brahman and Atman, denoting their eternal and absolute nature.

The word "Ananta" is used in various contexts: as a noun, adjective and adverb. It is associated with the names of such deities as Brahma, Shiva, Vishnu, Krishna and Balarama. In Vaishnavism, Ananta is identified with Sankarshana, a deity who resides in the underworld (Patala).

In the Mahabharata, Ananta is described as the serpent that supports the Earth. He is also known as Adisesha or Ananta-Shesha, the thousand-headed serpent floating in the primordial ocean on which Vishnu reclines. It is suggested that Ananta-Shesha may be an ancient designation for the Milky Way.

Shesha also means "residue", "excess", indicating the unchanging nature of Ananta, who exists before and after the creation of the world. He is worshipped on the day of Ananta Chaturdashi.

Symbolicically, Ananta represents the materiality of all creation, the endless cycles of power, knowledge, wisdom, support, indestructibility, stability and inertia (tamas). The article also briefly mentions Kundalini, associated with the concept of "kundal" (circle), as an aspect of ancient Indian teachings aimed at awakening the hidden power in man.

**Keywords:** infinity, Hinduism, samsara, Buddhism, school, world, philosophy, worldview, mathematics, theology, formation.

**Дар бораи муаллиф**
Норбоев Юсуфҷон Мардонқулович,
номзади илмҳи фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, ш. Душанбе, х. Рудаки 121
Тел. (+992) 93 413 60 16.
E- mail: norboev.87@mail.ru

**Об авторе**
Норбоев Юсуфджон Мардонкулович,
кандидат философских наук, доцент кафедры философии и культурологии,
Таджикий государственный педагогический университет имени Садриддин Айни.
734003, г. Душанбе, пр. Душанбе. Рудаки 121
Тел. (+992) 93 413 60 16.
E- mail: norboev.87@mail.ru

**About the author**
Norboev Yusufdzhon Mardonkulovich,
Candidate of Philosophical Sciences, Associate professor of the department of philosophy and cultural studies,
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.
734003, Dushanbe. av. Rudaki 121
Ph.: (+992) 93 413 60 16.
E-mail: norboev.87@mail.ru

ТДУ 316.72:141.8:

# МЕТОДОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ХУСУСИЯТҲОИ МИЛЛӢ (таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ)

***Саидумаров С. С., Тураев Ф. Р.***
*Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ*

Пешрафти ҷомеа, сиёсати ғаразонаи абарқудратҳо, ҷангҳои байнидавлатӣ, рушди номутаносиби иқтисодию технологии ҷаҳон, хатарҳои терроризму ифротгароӣ, тағйирёбии иқлим дар замони муосир дурнамои кишварҳо ва инсониятро норушан карда истодааст. Ҳар лаҳза метавонад хатарҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ давлатҳои миллиро таҳдид кунад. Бинобар ин, давлатҳои миллӣ бояд ҳар лаҳза баҳри ҳифзи манфиатҳои хеш дар ҷутуҷӯи роҳҳо ва усулҳои нави мустаҳкамкунии сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ бошанд. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки "...раванди глобализатсия оҳиста – оҳиста мавқеашро ба раванди деглобализатсия дода истодааст, ки моро мебояд, ба он бо сари баланд ворид гардему давлат ва ҳувияти миллии хешро ҳифз намоем ва насли наврасро дар асоси унсурҳои миллӣ тарбия намуда, маҳаки асосии раванди деглобализатсия содироти молро нисбат ба воридот зиёд намоем" [9, с. 97]. Ба ҳамагон маълум аст, ки раванди муҳоҷират падидаи нав набуда, тамоми давлатҳои ҷаҳонро бо шаклу тарзҳои гуногун фаро гирифтааст ва Тоҷикистон низ аз он орӣ нест. Бо ин асос, таҳлили мавзуи муҳоҷират ва таъсири он ба миллатҳои куҳанбунёд ва дорои фарҳангу таърихи чандинҳазорсола басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Барои таҳлили амиқи масъалаи таъсири муҳоҷират ба хусусиятҳои этно – миллии тоҷикон мо бояд пеш аз ҳама усулҳои омӯзиши ин масъаларо матраҳ намоем, зеро масъалаи муҳоҷирати тоҷиконро муҳаққиқони мухталиф дар доираи илмҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Фалсафаи иҷтимоӣ барои таҳлили ин мавзуъ бо илмҳои гуногун, аз қабили сотсиология, психология, иқтисодиёт, демография ва ҳуқуқ ҳамкорӣ менамояд, то ин ки таҳқиқоти мавзуи мазкур ҳамаҷониба омӯхта шуда, тамоми унсурҳои онро фаро гирад. Барои тадқиқи мавзуи мазкур моро мебояд, ки назарияҳо ва консепсияҳои амалкунанда ва тадқиқкунандаи онро дида бароем.

Мавриди зикр аст, ки масъалаи таъсири муҳоҷират ба хусусиятҳои этно – миллиро аввалин маротиба аврупоиён ба миён гузоштаанд. Яке аз машҳуртарин назария ва консепсияи матраҳкунандаи масъалаи хусусиятҳои этно – миллии муҳоҷирон позитивизм ба ҳисоб меравад, ки рафтори муҳоҷиронро ба хусусиятҳои фардии онҳо нисбат медиҳад ва аз омилҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва экологӣ вобаста медонанд. Машҳуртарин муҳаққиқи ин соҳа М. Тодаро буда, мафҳуми «инсони иқтисодӣ» (homo economicuc) –ро ба миён гузоштааст [15, с. 374] ва рафтори муҳоҷир пеш аз ҳама баҳри баланд гардонидани даромади иқтисодиаш равона гардидааст. Дар ҳошияи назарияи позтивизм муҳаққиқон У. Томас ва Ф. Знанетско ҳаёти иҷтимоии фардҳоро раванди мутобиқшавӣ ном бурдаанд ва таъкид менамоянд, ки: «Рафтор мутобиқгардӣ ба муҳит буда, системаи асаб... мутобиқшавандаи инкишофёбанда ба ҳисоб меравад» [16, с. 741]. Дар асоси ҳуҷҷатҳои муҳоҷирон ба хулосае меоянд, ки инсони муҳоҷир бояд ба муҳит мутобиқ гардад ва таъсири ҷомеаи иҳотакардаашро маддӣ назар мекунанд.

Яке аз назария ва усули таҳқиқкунандаи хусусиятҳои этно – миллӣ назарияи экологии инсон, ки аз тарафи Р. Парк [7, с. 390] ва Р. Мак Кензи [17, с. 297] пешниҳод гардида буд, ба ҳисоб меравад ва онҳо се унсури асосии хусусиятҳои этно – миллии муҳоҷиронро ба эътибор мегирифтанд: популятсияҳо, ташкилотҳо, муҳити иҳотакарда ва технология [18, с. 440], ки дар таърихи илм умри дарозро надид ва аз тарафи муҳаққақони зиёд зери тозиёнаи танқид қарор гирифтааст.

Яке аз усулҳои машҳуртарини омӯзиши хусусиятҳои этно-миллии муҳоҷирон функсионализми сохторӣ ба ҳисоб меравад, ки намояндагони машҳураш Т. Парсонс, Э. Дюркгейм, Р. Мертон, М. Кастелс, М. Николинакос, Г. Косака, С. Кастл ва ғ. ба ҳисоб меравaнд. Ба андешаи онҳо муҳоҷиратро ҳамчун низоми ба ҳамоварандаи ҳама қисматҳои

олам медонанд [1, с. 79] ва ба муҳоҷирон нақши «нерӯи захиравии меҳнат» баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми аврупои ғарбӣ нисбат медиҳанд.

Назарияи махлутгардӣ (ассимилятсия) аз тарафи М. Гордон [19, с. 69] ва О. Хандлин [20, с. 109] пешниҳод гардидааст, ки мувофиқи он бояд фардҳои миллии ҷомеаҳои хурду қафомонда, бо ҷомеаҳои миллии пешрафтаю сернуфуз омехта гарданду ҳазм шаванд ва ин назарияро давлатҳои абарқудрат дар сиёсати амалии хеш васеъ истифода мебаранд.

Барои муҳаққиқони соҳаи муҳоҷират назарияи pull/push (ҷазбнамоӣ - теладиҳӣ) ҳамчун консепсияи калидӣ ба ҳисоб меравад, ки аз тарафи Г. Ҷер ва Е. Ли коркард шудааст [6; 8]. Мувофиқи он барои ҷалби қувваи кории арзон давлатҳои пешрафта усули хӯрок ва қамчинзаниро истифода мебаранд. Чунин усулро баъзе аз давлатҳои истифодабарандаи муҳоҷирони меҳнатии мо дар сиёсати хеш амалӣ намуда истодаанд.

Усули этносотсиологии омӯзиши муҳоҷирони меҳнатиро К. Девис, Ю Арутунян, Л. Дробижев кор карда баромадаанд, ки мувофиқи он ба рафтори муҳоҷирон на танҳо хусусиятҳои инфиродӣ таъсир мерасонанд, балки арзишҳои муҳити иҷтимоии ба воя расидаашон низ таъсиргузор мебошанд [2, с. 19].

Яке аз усулҳои маъмули омӯзиши хусусиятҳои этно-миллии муҳоҷирон ба эътибор гирифтани низоми робитаи муҳоҷирон ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он муҳоҷирон байни ҳамдигар низоми махсуси алоқаро ба вуҷуд меоранд. Ба андешаи Д. Массея шабакаҳои махсуси муттаҳид намудани муҳоҷирон ва ғайри муҳоҷирон вуҷуд дорад, ки тавассути онҳо табодули андеша ва таҷрибаи муҳоҷирони баландмартаба ба нафарони камтаҷриба сурат мегирад. Ин гуна шабакаҳои ғайрирасмӣ шумораи муҳоҷиронро аз ягон минтақа зиёд менамояду таъсири хатарҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии минтақаи муваққатан маскунашонро кам менамояд [21, с. 1290].

Илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир ҳангоми таҳлили хусусиятҳои этно-миллии муҳоҷирон бештар ба назарияи қувваҳои ҳаётӣ ва субъективияти фардию иҷтимоӣ такя менамоянд. Намояндагони ин назария бар онанд, ки баҳамтаъсиррасонии фазои иҷтимоӣ ва қувваҳои ҳаётӣ, боиси ба вуҷуд омадани талаботи нав мегарданд, ки субъективияти иҷтимоӣ ва фардиро фаъол гардонида, баҳри аз худ намудани фазои нави иҷтимоӣ ва амалӣ гардонидани қувваҳои ҳаётӣ равона менамояд.

Омӯзиши масъалаи хусусиятҳои этно-миллии муҳоҷирон рӯз ба рӯз печидатар гашта истодааст, зеро дар замони пурташаннуҷи ҷаҳоншумулӣ ба ҳаёт ва фаъолияти муҳоҷирон навовариҳои зиёд ворид гашта истодааст. Таъсири ин ангезандаҳо ба хусусиятҳои этно-миллии фард гуногун мебошанд, зеро барои таҳлили амиқи ин таъсирот моро мебояд, хусусиятҳои этно-миллии тоҷикони муҳоҷирро дар алоҳидагӣ тавассути методҳои гуногуни илмӣ таҳлили муқоисавӣ намоем, то ин ки бароямон маълум гардад, ки дар даврони гузариш ба кадом дастовардҳо ноил гаштаему ба кадом мушкилот дучор омадаем. Барои таҳлили мавзӯъ мо чунин саволҳоро матраҳ менамоем:

1. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба худшиносии миллии тоҷикон чӣ гуна таъсир расонидааст?
2. Таъсири муҳоҷират ба худшиносии миллии муҳоҷирони тоҷик?
3. Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба ганҷури равонии миллат?
4. Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба зеҳн ва зеҳнияти миллӣ?
5. Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба характери миллӣ?
6. Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба арзишҳои миллӣ?
7. Муҳоҷирати меҳнатӣ тоҷиконро ба сунатгароӣ ва ё инноватсионӣ майл кунонидааст ва ғайра.

Муҳоҷирати меҳнатӣ ба худшиносии миллии тоҷикон албатта, дар замони гузариш бетаъсир намондааст, бинобар ин мо ин масъаларо тавассути усулҳои фалсафаи иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем ва муайян менамоем, ки ин таъсирот кадом ҷанбаи мусбат ва ё манфиро ба бор овардааст. Пеш аз ҳама бояд таъкид намоем, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ба фарди миллӣ таъсири якхела надошта, аз хусусиятҳои психологии муҳоҷир вобаста аст, яъне вай дорои кадом мизоҷ буда, ҳиссиёт ва ҳолатҳои эмотсионалии худро нисбат ба миллату қавмҳои давлати муваққатан маскунгардидааш чӣ гуна идора менамояд, зеро аввалин унсури пайдогардида дар шуури ӯ суханҳои қолабигардидаи «бегона» пайдо мешавад. Ингуна баҳодиҳӣ аз тарафи муҳоҷир ҳам ҷанбаҳои мусбат (нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ) ва

манфӣ (баҳри мутобиқ гардидан ба макони нав монеа эҷод мекунад) – ро доро мебошад. Дар ин ҳолат масъалаи ба шахси маргиналӣ мубаддал гардидани муҳоҷир сурат мегирад, яъне фарди миллӣ ба гумроҳии равонӣ дучор мегардад, зеро то андозае мехоҳад арзишҳои миллии хешро нигоҳ дорад, вале зарурияти ба муҳити нав мутобиқ гардидан пеш омадааст. Ин гуна рафторро бо забони илмӣ таносуби ҳувияти «миллӣ» ва «шаҳрвандӣ» ном мебаранд. Зери мафҳуми ҳувияти миллӣ тафовути як миллат нисбат ба миллати дигар фаҳмида мешавад ва зери мафҳуми ҳувияти шаҳрвандӣ мутааллиқии фард ба ин ё он давлатро ифода мекунад [14, с. 160]. Албатта, ҳар як шахс тавассути хусусиятҳои равонии худ барои дар амал татбиқ намудани марому мақсади хеш раҳсипор аст, аммо баъзе аз он арзишҳое, ки ӯро ба воя расонида буданд, дар минтақаи нави фаъолияташ ҳамчун монеа баромад мекунанд. Дар ин ҳолат, инсон метавонад аз баъзе унсурҳои миллиаш даст кашад, ки дар бештар маврид ба ноустувории худшиносии миллӣ оварда мерасонад. Масалан, баъзе ҷавонони тоҷик дар Федератсияи Руссия барои худнишондиҳӣ аз баъзе унсурҳои миллии худ даст кашида, худро ҳамчун қафқозӣ муаррифӣ мекунанд ва баҳри боз ҳам асоснок намудани рафторашон ришҳои бемуйлаби баланд гузошта, «папаха»-ҳои доғистониро ба бар мекунанд, ки ин амал боиси тамасхури дигар миллатҳо мегардад. Гуфтан ҷоиз аст, ки чунин рафтори баъзе аз муҳоҷирони тоҷик ба назарияи постколониалӣ мувофиқат мекунад, яъне агар дар оянда мо сади роҳи чунин ашхосро нагирем, онҳо ба зомбии миллӣ табдил гашта, ба ҳувияти миллии тоҷикон доғ меоранд.

Дар адабиёти илмӣ ду намуди муҳоҷирон: ихтиёрӣ ва иҷбориро ҷудо мекунанд [4, 11, 12, 13], ки аз нигоҳи равоншиносӣ ҳолатҳои равонии онҳо фарқ кунад ҳам, аммо дар бисёр маврид монандиҳои зиёдро мушоҳида кардан мумкин аст. Ба раванди муҳоҷирати тоҷикон агар аҳаммият диҳем, маълум мегардад, ки дар даврони ҷанги таҳмилӣ муҳоҷирони мо иҷборӣ буданд, аммо дар солҳои охир онҳо аллакай ба ихтиёриён табдил ёфтаанд. Ба фикри ин ҷониб, насли дуюм ва ҳатто сеюми муҳоҷир дар Тоҷикистон ба вуҷуд омада истодааст ва дарояндаи наздик ин раванд идома хоҳад ёфт. Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки ҳолатҳои таъсиргузор ба хусусиятҳои этно-миллии тоҷиконро муайян намоем ва дар тарбияи насли навраси худшиносу худогоҳи дорои ҳувияти миллӣ саҳмгузор бошем.

Ҳар як муҳоҷир ба мушкилиҳои равонии зиёд гирифтор мегардад, ки албатта ба тамоми соҳаҳои фаъолияташ бетаъсир намемонад. Ҳангоме ки муҳоҷир ба руҳафтодагии дарозмуддат рӯ ба рӯ мегардад, дар вай раванди бегонашавӣ нисбат ба гурӯҳи иҷтимоии хеш сурат мегирад ва ин боиси тағйир ёфтани ҳувияти вай мегардад. Ин раванд хусусияти субъективӣ дошта, аз бисёр омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва равонӣ вобаста бошад ҳам, вале нақши ҳалкунандаро ҷараёни шаклгирӣ, вазъиятҳо ва хусусиятҳои худшиносии миллӣ ва ғ. дар даврони бавоярасӣ мебозанд [5, с. 11]. Барои миллати тоҷик метавон омилҳои дигарро низ ворид намуд, ки дар муҳити иҷтимоии онҳо (оила, мактаб, деҳа ва ё минтақа) кадом унсурҳо ҳангоми тарбия нақши калидӣ бозидаанд, яъне муҳит ҳангоми тарбияаш ба масоили миллӣ ва донишҳои илмӣ зиёд такя менамуданд ва ё ба хурофоту донишҳои динӣ? Таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксар оилаҳои муҳоҷири тоҷик хурофот ва донишҳои динӣ нисбат ба донишҳои илмию ғоявӣ ва идеалҳои миллии тоҷикон таъсиргузортаранд. Яъне аксарияти тоҷикон аввал худро мусулмон эълон мекунанд, сипас тоҷик. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаҳои эътиқодӣ аз масъалаҳои миллӣ болотар меистанд. Таассуфовар он аст, ки донишҳои динии аксарияти онҳо хусусияти хурофотӣ доранд, зеро дар худ ва фарзандонашон тафаккури интиқодӣ ва шаккокияи солимро тарбия ва ташаккул надодаанд.

Ба андешаи Ҷ. Келли ашхосе, ки ба муҳоҷират рӯй меоварад, иҷборан тамоми хусусиятҳои шахсии хешро баҳри мутобиқ гардидан ба муҳити нав бозбинӣ менамояд [3, с. 488]), ки албатта, дар ин радиф хусусиятҳои этно-миллиаш низ ворид мешаванд. Тағйир додани муҳити иҷтимоӣ барои ҳар як шахс ниҳоят мушкил аст ва дар ин ҳолат ҳар як нафар ботинан гунаҳкори асосиро барои ба ин кор даст заданаш меҷӯяд. То замони ба савол ҷавоб наёфтан инсон ба рӯҳафтодагӣ гирифтор мегардад, ки аз ҳама марҳилаи мушкил барои муҳоҷир ба ҳисоб меравад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти тоҷикон барои бори аввал ба муҳоҷират рафтан ягон хешу табор ва ё шиносашонро ҳамроҳ интихоб менамоянд, ки ҳам ҷанбаи мусбат ва манфӣ дорад. Ҷанбаи мусбаташ дар он аст, ки дар бисёр маврид ӯро роҳбаладӣ менамояд, хусусияти манфиаш дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти он роҳбаладон дониши казоии илмӣ надоранду ҷавонону наврасонро ба омӯзиши илму

инноватсия моил намекунанд. Пас “Моро мебояд, ки ҳар як анъанаи миллати хешро таҳлили амиқ намоем, то ин ки баҳри муттаҳидии миллат саҳмгузор бошанд ва ба дили ҳар як фарди баномуси ин миллат боварӣ ва эътиқод ба ояндаи некро кишт намоем”[10, с. 351].

Мавриди зикр аст, ки муҳоҷирони тоҷикро ба мавсимӣ ва муқимигашта дар муҳити «Онҳо» ҷудо намудан мумкин аст. Муҳоҷирони мавсимӣ одатан баъд аз чанд муддат ба ватан, назди хешу ақрабояшон бармегарданд ва то андозае дар миёни наздиконашон ранҷҳо ва фишорҳои равонии хешро таскин медиҳанд. Аммо муҳоҷирони маскунгардида ҷараёни фишорҳои равониро ба таври гуногун пушти сар менамоянд, аломвараш дар ин аст, ки аксарияти онҳоро тоҷикони дорои донишу малакаи замонавӣ ташкил медиҳанд. Аз як ҷониб, мо метавонем дар дигар минтақаҳои олам паҳн гардему бузург шавем, аз ҷониби дигар нигоҳ доштани хусусиятҳои этно-миллии онҳо ва фарзандонашон вазифаи тамоми тоҷику тоҷикистониён ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин ҳолат ба андешаи Ҷ. Келли такя намуда, метавон чунин хулоса кард, ки инсони муҳоҷир барои сохтани шахсияти хеш роҳҳо ва усулҳои навро бошуурона ҷустуҷӯ менамояд [3, с. 488]. Агар инсон дар даврони наврасӣ ё ҷавониаш ба муҳоҷират рӯй оварда бошад, раванди мутобиқшавиаш осонтар мегузарад. Аммо барои синну соли бузургтар ин раванд ниҳоят мушкил мегузарад ва ҳатто дар бисёр маврид боиси руҳафтодагӣ ва афсурдаҳолии муҳоҷир гашта, онро равондармонҳо раванди мутобиқнашавандагӣ ном бурдаанд. Ҳанӯз дар асри XVII табиби швейтсарӣ И. Хофер ин ҳолатро «пазмон шудан ба ватан» ном бурдааст [12, с. 281].

Барои паси сар намудани бемории «пазмон шудан ба ватан» мутахассисон усулҳои гуногунро истифода мебаранд, аммо дар ҳолати ба таври комил бартараф нагардидани он инсон метавонад ба мушкилиҳои равонӣ гирифтор шавад, ки онро К. Левин бо мафҳумҳои «ҷазбнамоӣ – телладиҳӣ» ифода намудааст. Мувофиқи андешаи ӯ инсон ба буҳрони ботинии равонӣ гирифтор гардида, дар як маврид муҳоҷири беморро метавонад як чиз, ҳам хушнуд намояд ва ҳам ғамгин (масалан, шунидани мусиқии ҳамзабонаш, пешравии ягон ҳамватанаш ва ғ.) [22, с. 205]. Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки давраи мутобиқшавӣ ва нигоҳ доштани хусусиятҳои этно – миллии муҳоҷир бо ҳамдигар тавъаманд, зеро муҳоҷират метавонад боиси ноустувории баъзе хусусиятҳои миллӣ гардад, зеро онҳо барои мутобиқ гардидан ба муҳити нав монеаҳо эҷод менамоянд. Бинобар ин моро мебояд “баҳри ташаккули дурусти ҳувияти миллӣ корро аз оила, боғча, кӯча ва маҳалла шурӯъ карда, дар мактаб, донишгоҳ, марказҳои динӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва умуман дар тамоми тоҷику тоҷикистонӣ дуруст ба роҳ монем” [8, с. 108].

Дар хотима ҳаминро метавон иброз намуд, ки муҳоҷирати меҳнатии тоҷикон дар солҳои минбаъда низ эҳтимоли давом ёфтанаш зиёд аст ва моро мебояд, ки барои паст намудани таъсири ин падида ба хусусиятҳои этно-миллии тоҷикон якчан нуқтаи муҳимро ба эътибор гирем:

1. Барои баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинӣ, дониши замонавии илмӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбияро дар оила, мактаб ва ҷомеа бознигарӣ намоем;
2. Агар хоҳем, ки кадрҳои миллӣ берун аз кишвар обрӯй пайдо намоянд, тафаккури танқидӣ ва ҷаҳонбинии скептикиро рушд додан лозим аст;
3. Барои рушди ҷаҳонбинии скептикӣ майли наврасонро ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ зиёд намудан лозим аст, ки соҳаҳои дахлдорро мебояд консепсия ва механизми таълими мактабҳои миёнаро бозбинӣ намоянд;
4. Марказҳои тоҷикони бурунмарзӣ робитаро бо сохторҳои давлатии Тоҷикистон ва марказҳои давлатҳои дигари тоҷикнишин зиёд намоянд;
5. Дар фазои виртуалӣ блогеронеро вориду дастгирӣ намоем, ки ҳувияти миллии баланд доранду суннатҳои ниёгонро хуб медонанд ва насли наврасро ба инноватсия таҳрик мекунанд;
6. Ҳангоми таъин ва интихоби роҳбари марказҳои тоҷикони бурунмарзӣ малакаи касбӣ, сатҳи эътиқодмандӣ (гароишаш ба кадом равияи исломӣ ва то кадом ҳад аст), донистани забони кишвари маскунбуда ва забони миллӣ ва ғайраро ба эътибор гирифтан муҳим аст.

***Адабиёт***

1. В движении добровольном и вынужденном: постсоветские миграции в Евразии. / Под ред. А.Р. Вяткина, Н.П. Космарской, С.А. Панарина. – М.: Наталис, 1999. – 319с.

2. Ионцев, В.А. Международная миграция населения: теория и история изучения / В.А. Ионцев. - М.: Диалог - МГУ, 1999. – 370с.
3. Клонингер, С. Теории личности : познание человека / С. Клонингер. — СПб. : Питер, 2003. — 720с.
4. Миграция // Демографический энциклопедический словарь. — М., 1985. – 606с.
5. Налчаджян, К. А. Этнопсихология / К. А. Налчад-жян. — Ереван : Зангак-97, 2003.
6. Немерюк Е. Е. Миграция как вид социальной мобильности в современном российском обществе (теоретико-методологический аспект): авто-реф. дисс. ... канд. социол. наук. - Саратов, 2000. – 161с.
7. Парк, Р. Экология человека // Теория общества. / Под ред. А.Ф. Филиппова. – М.: Канон-Пресс-Ц, Кучково поле, 1999. – 416с.
8. Саидумаров, С. С. Табиат, сохтор ва вазифаҳои ҳувияти миллии тоҷикон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) / С. С. Саидумаров // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2023. – No. 3(27). – P. 101-110. – EDN ZLSBVV.
9. Саидумаров, С. С. Фарҷоми глобализатсия ва оғози деглобализатсия: манфиат ва таҳдидҳои он / С. С. Саидумаров, А. Қ. Умаров // Вестник Педагогического университета. Серия: Философские науки. – 2024. – No. 1(13). – P. 92-99. – EDN EQQGMA.
10. Саидумаров, С. С. Традиция - основная опора самопознания / С. С. Саидумаров, Р. Ф. Шарифзода // Национальное самосознание в условиях глобализации : Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 03 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 348-353. – EDN LNGETF.
11. Солдатова, Г. У. Психология межэтнической напряженности / Г. У. Солдатова. — М. : Смысл, 1998. – 176 с.
12. Стефаненко, Т. Г. Этнопсихология / Т. Г. Стефа-ненко. — М. : Институт психологии РАН, Академический проект, 1999. — 320с.
13. Сусоколов, А. А. Методологические принципы этносоциологического изучения миграций / А. А. Сусоколов // Этносоциология / Ю. В. Арутюнян, Л. М. Дро-бижева, А. А. Сусоколов. — М. : Аспект Пресс, 1999. — С. 86-87.
14. Шынкаро В. В., Раманава С.В. Беларуски палітычны слоўнік / В. В. Шынкаро. - Минск : Адукацыя и выхаванне, 2011. - 576 с.
15. Todaro M. Internal migration in developing countries: a survey // Population and economic change in developing countries. / Ed. R. Easterlin. – Chicago: University of Chicago Press. – 1980. – P.361-402.
16. Thomas W., Znaniecki F. The Polish peasant in Europe and America. – New York, 1958. 741 p.
17. McKenzie R. The Ecological approach to the study of the human community // American Journal of Sociology. – 1924. – № 30. – P.287-301.
18. Smith D. The new urban sociology meets the old: re-reading some classical Human Ecology // Urban Affairs Review. – 1995. – № 30. – P.432-457.
19. Gordon M.M. Assimilation in America: the theory and reality// The ethnic factor in American politics.- Columbus, 1970/
20. Handlin O. Race and nationality in American life. - Englewood Gliffs, 1957. P. 246 -247.
21. Palloni A., Massey D. et al. Social capital and international migration: a test using information on family networks // The American Journal of Sociology. – Chicago. – Mart 2001. – № 106. – P.1262-1298.
22. Lewin, K. Resolving social conflicts : selected papers on group dynamics. Gertrude / K. Lewin, W Lewin (ed.). — N. Y. : Harper & Row, 1948. P. 205.

## МЕТОДОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ХУСУСИЯТҲОИ МИЛЛӢ (ТАҲЛИЛИ ИҶТИМОӢ – ФАЛСАФӢ)

Дар мақола муаллифон масоили муҳимми замони муосир таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба хусусиятҳои миллӣ ва таносуби ҳувияти миллию дигар унсурҳои ба он таъсиркунандаро таҳлилу баррасӣ кардаанд. Дар рафти таҳлил мубрамияти омӯзишӣ, усулҳои илмии асосноки илмӣ, ки ба таҳлили масъалаи таъсири муҳоҷират ба таносуби ҳувияти миллӣ фаро мегиранд аз нигоҳи равияҳои мухталифи илмию назари донишмандони гуногун муфассал нишон дода шудааст. Махсусан, ҳангоми таҳлили мавзӯъ унсурҳои миллии миллати тоҷик ба эътибор гирифта шудаанд. Дар фарҷоми мақола муаллифон роҳу усулҳои баланд бардоштани ҳувияти миллӣ ва кам намудани таъсири манфии раванди муҳоҷиратро ба хусусиятҳои этно – миллии тоҷиконро аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод намудаанд.

**Калидвожаҳо:** миллат, хусусиятҳои этно – миллӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ, ҳувияти динӣ, давлати миллӣ, шуур, шуури ҷамъиятӣ, шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, Тоҷикистон, тоҷик, ифтихори миллӣ, зеҳн, зеҳният, зеҳнияти миллӣ.

## МЕТОДОЛОГИЯ ИЗУЧЕНИЯ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА НАЦИОНАЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ (СОЦИАЛЬНО – ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ)

В статье авторы проанализировали важные вопросы современности: влияние трудовой миграции на национальные особенности и соотношение национальной идентичности и других элементов, влияющих на нее. В ходе анализа актуальность изучения научно обоснованных научных методов, охватывающих анализ вопроса о влиянии миграции на соотношение национальной идентичности, была подробно описана с точки зрения различных научных направлений и взглядов различных ученых. В частности, при анализе темы учитывались национальные элементы таджикской нации. В конце статьи авторы предложили способы и методы повышения национальной идентичности и уменьшения негативного влияния миграционного процесса на этно-национальные особенности таджиков с точки зрения социальной философии.

**Ключевые слова:** Национальность, этно-национальные особенности, самосознание, национальная идентичность, религиозная идентичность, национальное государство, сознание, общественное сознание, формы общественного сознания, Таджикистан, таджик, национальная гордость, менталитет, ментальность, национальный менталитет.

## METHODOLOGY OF STUDYING LABOR MIGRATION AND ITS IMPACT ON NATIONAL CHARACTERISTICS (SOCIO –PHILOSOPHICAL ANALYSIS)

In the article, the authors analyzed important issues of our time: the impact of labor migration on national characteristics and the ratio of national identity and other elements influencing it. During the analysis, the relevance of the study of scientifically based scientific methods covering the analysis of the issue of the impact of migration on the ratio of national identity was described in detail from the point of view of various scientific directions and views of various scientists. In particular, the analysis of the topic took into account the national elements of the Tajik nation. At the end of the article, the authors proposed ways and methods to enhance national identity and reduce the negative impact of the migration process on the ethno-national characteristics of Tajiks from the point of view of social philosophy.

**Keywords:** Nationality, ethno-national features, self-awareness, national identity, religious identity, national state, consciousness, public consciousness, forms of public consciousness, Tajikistan, tajik, national pride, mentality, national mentality.

**Дар бораи муаллифон:**

Саидумаров Саидвоҳид Саидбурҳонович,
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ,
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ.
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10
Тел.: (+992) 935 01 24 44
E-mail: svd-2010@mail.ru

Тураев Файзали Раҷабалиевич,
Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ,
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10. Тел.: (+992) 907 75 43 60
E-mail: Rajabalievich-83@mail.ru

**Об авторах:**

Саидумаров Саидвохид Саидбурхонович,
кандидат философских наук, доцент кафедры общественных наук.
Таджикский технический университет им ак. М. С. Осими.
734042 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект ак. Раджабовых, 10.
Тел.: (+992) 935 01 24 44
E-mail: svd-2010@mail.ru

Тураев Файзали Раджабалиевич
кандидат философских наук, доцент кафедры общественных наук.
Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими.
734042, Республика Таджикистанг. Душанбе, проспект академиков Раджабовых, 10.
Тел.: (+992) 907 75 43 60
E-mail: Rajabalievich-83@mail.ru

**About the authors:**

Saidumarov Saidvohid Saidburkhonovich,
candidate of philosophical sciences, docent of the Department of Social Sciences
Tajik Technical University named after ac. M. S. Osimi,
734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ak. Radjabov, 10.
Ph.: (+992) 935 01 24 44
E-mail: svd-2010@mail.ru.

Turaev Faizali Rajabalievich,
Candidate Of Philosophical Sciences, Docent of the Department of Social Sciences
Tajik Technical University named after ac. M. S. Osimi.
734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ak. Radjabov, 10
Ph.: (+992) 907 75 43 60
E-mail: Rajabalievich-83@mail.ru

ТДУ 94(597)

# ҒОЯҲОИ МАОРИФПАРВАРИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

***Файзуллоев Ғ.Ф.***
*Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон*
*ба номи Сотим Улуғзода*
***Сайфиддинова Р. С.***
*Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино*

Маорифпарварӣ яке аз ҷараёни иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангиест, ки бо усули таблиғ ва ташвиқи ғояҳои хайрияти умум, адолат, илму хирад нуқсонҳои сохти муайяни ҷамъиятиро рафъ кардану анъанаю тарзи ҳаёт ва сиёсати онро тағйир дондан мехост. Маорифпарварон маънавиётро омили асосӣ ва ҳалкунандаи рушду ривоҷи ҷамъият, бемаърифатии одамонро сабабгори иллату нуқсонҳои иҷтимоӣ медонистанд. Тарвиҷи маориф ва маърифатнок намудани мардумро муҳимтарин роҳи растагорӣ аз зулму истибдод меҳисобиданд.

Ғояҳои маорифпарварӣ дар байни халқҳои Шарқи Наздику Миёна, аз ҷумла халқи тоҷик низ инкишоф ёфтанд. қафомонии иқтисодию маданӣ, қашшоқию бенавоии омма, бесаводӣ, ҳукмронии мафкураи феодали ҳаёти маънавӣ, маҳрумияти сиёсӣ, истибдоди феодалӣ, истисмори мустамликадорӣ дар аморати Бухоро, ошноии зиёиёни пешқадами кишвар бо тамаддуни рус заминаҳое буданд, ки маорифпарваронро ба исён оварданд. Барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ дар байни нерӯи пешқадам, унсурони демократӣ ва маорифпарварон аз як ҷониб, қувваҳои феодалию динӣ аз ҷониби дигар, мубориза тезу тунд мерафт. Дар ин мубориза мутафаккирони маорифпарвари тоҷик-Аҳмади Дониш, Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Асирӣ ва Мирзосироҷи Ҳаким фаъолона ширкат намуданд [1, с. 46].

Мазамматн сохти феодалӣ аз тарафи мутафаккирони тоҷик сурату сирати маорифпарварона дошт. Онҳо ҳокимонро сабаби асосии бадбахтиҳо, бемаърифатии омма, беҳтарсозии сифати таълиму тарбияро омили асосии аз муносибатҳои феодалӣ наҷот ёфтани мардум медонистанд. Бинобар ин, ҷорӣ кардани маърифат, рафоқат, барҳам додани зулму истибдод мақсаду мароми ниҳоии онҳо буд. Аслан, ғояҳои тамаддунхоҳию ислоҳталабии онҳо, аз доираи мафкураи расмии ислом берун намебаромаданд. Вале афкори пешқадами маорифпарварони тоҷик, сарфи назар аз он ки на ҳама дар амал татбиқ гардиданд, аҳамияти бузурги иҷтимоӣ ва фарҳангӣ доштанд. Аз ин хотир метавон бартарияти онро бо чанд далел баён кард:

- маорифпарварӣ дар шароити тартиботи қафомондаи иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии асримиёнагӣ, афзудани нуфузи мафкураи феодалию динӣ ифодаи эътирози намояндагони пешқадами зиёӣ нисбат ба сохти мавҷуда буд;
- маорифпарварони тоҷик барои қатъиян тағйир додани низоми маориф, маҳдуд кардани доираи таъсири дин ва ҷорӣ кардани таълими илмҳои дунявӣ мубориза мебурданд;
- маорифпарварони тоҷик омӯзиши илм, тарзи ҳаёт, низоми маорифу тамаддуни дунявиро низ тақозо мекарданд. Бо ин иқдом маорифпарварон ба мавқеи таассуби динӣ, мафкураи феодалию динии табақаҳои ҳукмрон зарба зада, ба инкишофи озодандешӣ, худшиносии миллӣ, мустаҳкамшавии робита ва ҳамкории халқҳои Осиёи Миёнаю Россия шароит фароҳам оварданд. Ниҳоят, муборизае, ки онҳо бар зидди тартиботи феодалии аморат бурданд, барабас нарафт [2, с. 122].

Аз гуфтаҳои болозикр бармеояд, ки ҷараёни ҷадиди маорифпарварии тоҷик дар заминаи бӯҳрони шаддиди сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавию мадании аморати Бухоро аз як ҷониб ва аз ҷониби дигар, ошноии зиёиёни маърифатхоҳи тоҷик ба тамаддуни мутараққии аврупоӣ сурат гирифта будааст. Дар натиҷаи мушоҳидаву муоина ва таҷрибаандӯзии тамаддуни аврупоӣ ва дигар кишварҳои пешрафтаи Шарқ дар онҳо бедории фикрӣ ба вуҷуд омад ва дар муқоисаи тамаддуни мамлакатҳои зикршуда бефарҳангӣ ва бемаърифатии халқи худро мушаххасан дарк намуда, ба тафаккури эҳёи фарҳанги аҷдодии худ фурӯ рафтаанд ва дар асоси ин тафаккури амиқ як ҷараёни тамадунхоҳӣ ва ислоҳталабӣ ба амал омад.

Воқеан, нимаи дуюми асри XIX дар таърихи афкори иҷтимоӣ-сиёсии халқи тоҷик комилан марҳилаи сифатии гузариш ва сарнавиштсоз маҳсуб мешавад, ки ҳаёти моддию

маънавӣ ва фарҳангии он дар заминаи интиқол аз ҳавзаи асримиёнагӣ ба даврони навин чараён кардааст. Дигаргунӣ ва таҳаввулоти афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии халқи тоҷик дар заминаи ҳамин қонунияти замонию маконии таърих сурат гирифта, ҷараёни фарҳангии хоси ин давр такомул ёфтааст. [3, с. 78].

Чунин самти хоси фарҳанги давраи гузаришро дар осори Аҳмад Маҳдуми Дониш (1826-1897) ва пайравони ӯ сареҳан мушоҳида мекунем. Аҳмади Дониш ҳамчун саромади ҷараёни маорифпарварии тоҷик ва шаҳиртарин мутафаккири он, дар асарҳои пурарзиши худ - «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола ё худ мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития», «Меъёр-ут-тадайюн» ва ғайра дар зимни баёни масъалаҳои ҳикмати иҷтимоӣ-сиёсияш ба арзёбию масоили умумифалсафӣ, аз қабили пайдоиши олам, хилқат ё ҳудусияти олам, назарияи судур, қазову қадар, мақому манзалати инсон ва дигар паҳлӯҳои ҳикмати ҳастии инсонӣ низ рӯй овардааст. Асосан, дар шароити нимаи дуюми асри XIX мавзӯъ ва масъалаи асосӣ ва таҳқиқталаб барои мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла Аҳмад Махдуми Дониш на арзёбию ҳалли масъалаҳои ҳастии инсонию маърифатпазирии олам, балки баррасиву таҳлили ҳаводиси иҷтимоиву сиёсӣ, пажӯҳиши роҳу усулҳои наҷотёбӣ аз зулму истибдод, ҷаҳолату бемаърифатӣ ва растагорӣ аз тасарруфи асорати кишварҳои хориҷ равона шуда буд.

Аз ин рӯ, агар аз ҳамин меъёр ба тавсифи ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш назар кунем, натиҷагир мешавем, ки тамоми масоили фалсафии мавриди арзёбӣ қарордодаи ӯ дар атрофи як меҳвар - ташаккули камолоти инсонӣ ва ворастани мардум аз асорат, интиқоди шадиди зулму истибдод чарх мезанад, ки дар онҳо авомили асосӣ ахлоқ ва маънавиёт мебошанд. Барои намуна метавон ба яке аз масъалаҳои ҳастишиносӣ-«ҳудусият» (офарида будан) ва ё «қидамият» (адабият)-и олам дар осори Аҳмади Дониш нигарист. Ӯ ба ҳалли ин масъала, асосан аз мавқеи талаботи ахлоқию амалии низоми фалсафии худ нигариста, дар рисолаи «Меъёри тадайюн» шарти зеринро ҷиҳати муайян намудани масъалаи оё «ин олам қадим бошад ё ҳодис» пеш мегузорад. Ба ақидаи мутафаккир бояд дарк карда шавад, ки «исботи қадим чи истиҳола орад ва бар тақдири ҳудус чи нафъ диҳад.

Масъалаи мазкур дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и ӯ низ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Тавре аз гузориши масъала бармеояд, мутафаккир аз ақоиди файласуфони машҳури ҳинд, Чин ва Эрони қадим ба хубӣ огоҳ будааст. Бояд тазаккур дод, ки Аҳмади Дониш ақидаҳои ин файласуфонро дар бораи қадимияти олам инкор мекунад. Мутафаккир пас аз батафсил баён намудани нуқтаи назари онҳо дар мавриди даврӣ будани «мурури солҳои олам» мефармояд, ки «мабнои ин эътиқодот дар муддати таърихи олам ҳама вобаста ба қидами олам аст ва қиёс аз ҳозир ва ғоиб». Ва чун диданд, ки ҳаракати афлок даврӣ аст, гуфтаанд: Бояд, ки на ибтидо ва на интиҳо дар он бошад, аз он ки агар ҳаракат мустақим будӣ, мазаннои ибтидоию интиҳо дар ӯ мутасаввир шудӣ» [4, с. 277].

Дар танқиди назарияи қадим Аҳмади Дониш чунин мегӯяд: «Binoи ҳамаи ин қиёсот бар ваҳму гумон аст, лузуми вуқуи онро дар хориҷ ҳеҷ ифода намекунанд». Дар ин ҷо мутафаккир тибқи анъанаи як қатор мактабҳои фалсафии Шарқи исломӣ ҳудуди имконияти ақлро низ маҳдуд мекунад, ҳарчанд, ки дар дигар мавридҳо нақши ақлро дар маърифат инкор накардааст. Дар ҳар сурат ӯ дар мавриди маърифати ҳақиқат доир ба қидам ва ё ҳодис будани оламро тавассути ақли одамӣ ғайриимкон меҳисобад. «Масъалаи ҳудусу қидам ва илм ба аҳволу кайфияти олам на аз он ҷумла аст, ки ақли ноқиси башарӣ, ки мамзуҷ ба ғубори имкон аст, ҳақиқати онро дарёбад ва ибтидою интиҳои онро ташхис кунад, ки ақли маҳдуд ба қолиби унсурӣ ва дарёфтани басоити мураккаботи суфлия, камоҳия оҷиз аст, то ба интиҳои басоити муҷаррадоти улвия чӣ расад» [5, с. 215].

Аҳмади Дониш ба ҳамон таълимоти диние, ки дар китобҳои муқкадас доир ба пайдоиши олам омадааст ва аз он пайғамбарон хабар додаанд, мӯътақид аст, ки «…агар мухбири содиқ ба ҳақ он эълон диҳад ва китоби ваҳй ва илҳом бад-он нотиқ бувад, ба ҳамон тамассук ва эътиқод бояд кард ва мозодае аз онро пучу музахраф бояд ангошт». Мутафаккир барои он назарияи қидами оламро инкор мекунад, ки аз диди ӯ ин назария дар ҷомеа нақши созандагӣ ва маънавию ахлоқӣ бозида наметавонист. Ҳамчунин дар шароите, ки ӯ мезист тасаввури мабдаъ маншаи ахлоқии дигаре ба ҷуз дин имконнопазир буд. Ин аст, ки Дониш мегӯяд: «Оре, агар қидами олам собит шавад, ба аксари мизоҷҳо мулоим ва мувофиқ аст, хосса ба касоне, ки ғараз аз зиндагӣ хӯрду хоб ва ҷимоъ манзур доранд. Аз ин ҷиҳат бештари салотин ва ҳукком ин мазҳабро пазируфтанд».Ба ҳамин васила мутафаккир кӯшиш дорад, ки

султонҳо ва ҳокимонро ислоҳ созад ва онҳоро ба риояи адолати иҷтимоӣ даъват кунад [6, с. 178].

Дигар масъалаи муҳими фалсафӣ, ки Аҳмади Дониш мавриди баҳс қарор додааст, масъалаи қазову қадар аст. Баҳси ӯ дар ин мавзӯъ ихтилофнок аст. Аз ибтидои баҳси мутафаккир бармеоя, ӯ комилан ҷонибдори ҷабария мебошад. Мувофиқи сарсухани боби «Дар таҳқиқи ҷараёни қазову қадар…» ба қавли худаш вай аз ҷаҳду кӯшишҳои зиёде дар роҳи мувофиқ ба донишу фаҳмиши худ ба мартабае расидан, хаста шуда, аз саъйю тараддуд даст мебардорад ва тақдири худро ба қазову қадар ҳавола мекунад ва то ин ки «дигарбора нафси аммора маро ба саъйю кӯшиши бефоида дарнаёрад,- мегӯяд Дониш,- муққаддимае дар ҷараёни қазо ва рафтани ҳукми илоҳу дар бораи бандагон ба хотири таҳмид ниҳодам ва дар сатр кашидам…». Аз ин гуфта бармеояд, ки Дониш ин муқаддимаро барои таскини хотири ранҷидаи худ аз такопӯи бесамар ва ҳатто ҷилавгирӣ аз «саъйю кӯшишҳои бефоида» навиштааст. Агар амиқан назар карда шавад, Аҳмади Дониш дар оғоз назарияи маъмули замонаашро дар ин мавзӯъ баён кардааст. «…бандагонро пеши фармони қазою қадар чун ризо ва таслиму таваккал ва тафвиз (ваколатро вогузор кардан) чора набувад. Ва назди зуҳури ҳодиса ва вуқӯи балво ҳеҷ ҷазаъу фазаъ (тарсу ҳарос) суд надиҳад ва ончи шуданист ва буданӣ ба саъйю тадбир пешу пас наравад. Ва он чи набуданист ва нашуданӣ, ба макру ҳиял буд нашавад» [7, с. 102].

Баъдан, бархилофи ин назарияи маъмули ҷабарию каломӣ бо усули сӯҳбат назарияи хилофи онро матраҳ карда ва фаҳмиши худ, ки табиати ислоҳотхоҳӣ дорад, баён мекунад. Вай худ аз номи шахси дуюм ба ин тариқ масъала мегузорад: «Агар гӯйӣ : «Найли маром ва таҳсили ком мавқуфи талабу тараддуд аст ва ризқ аз осмон наборад, то деҳқон накорад ва набарорад ва луқма ба даҳон наёяд». Дар ҷавоби ин матлаб Аҳмади Дониш мегӯяд, ки маош бе «касбу тараддуд» ба даст намеояд ва барои ба даст овардани он саъйю таваҷҷӯҳ намудан аз бузургтарин ҳукми масолеҳи тамаддун ва таовун аст ва банни одамро муфид аст. Гузашта аз ин таъкид мекунад, ки агар касе дар ин роҳи «коҳилӣ ва эҳмол раво дорад» аз назари мурувват ва футувват мавриди муохиза ва дар забони омма мавриди накуҳиш ва сарзаниш бувад.

Ӯ дар мавриди зарурияти саъйю кӯшиш барои обу дон, либос ва масканро барои инсон таъкид намуда, зиёдахоҳӣ, пурхӯрӣ ва таҷаммулхоҳиро танқид мекунад. Масъалаи қазою қадар аз назари Аҳмади Дониш на он аст, ки инсон дар зиндагӣ даст аз фаъолият кашида пурра ба Худо таваккал кунад ва интизор дошта бошад, ки ҳама умури зиндагӣ тибқи сарнавишт ва тақдир худ аз худ амалӣ хоҳад гашт. Аз назари Дониш он касе, ки «нишаста нон мехоҳад ва хобида фароғат меҷӯяд, аблаҳу нодон ва коҳилу ҷоҳил бошад ва фалак бар фалокат ва накобати ӯ ҳукм кунад». Инсон аз назари Аҳмади Дониш чун «халифат-ул-лоҳ фи-л-арз муваззаф аст, ки «умр ба таътил нагузаронад ва ба яке аз умур, ки масолеҳи халқро муфид аст, қиём кунад. Дониш масъалаи касбу амалро танҳо бо мақсади манфиатҷӯии фаврӣ ба миён намегузорад, балки фаъолияти иҷтимоии инсонро яке аз зарурияиҳои тамаддун ва таовун медонад. [8, с. 122].

Масъалаи таносуби касбу тарадудди инсон бо қазову қадари илоҳиро Аҳмади Дониш ба амали кишту кори деҳқонӣ ба умеди самар ташбеҳ медиҳад. Яъне деҳқон сарфи назар аз он, ки шароити боду ҳаво чигуна хоҳад шуд, ба умеди самару ҳосил рӯёндан кишт мекунад ва ҳосил гирифтан ё нагирифтани ӯ аз шароити боду ҳаво вобастааст. Ҳамчунин инсон дар ҳар сурат бояд барои расидан ба ҳадафҳои олии инсонӣ ҳиммат гузорад ва саъйю кӯшиш кунад, ҳарчанд «расидани самар мавқуфи иродаи халқ аст». Ин назарияи Донишро метавон сарчашмаи назариёти ислоҳотии минбаъдаи ӯ дар масъалаҳои қазову қадар ҳисобид. Аҳмади Дониш инсонро дар интихоби касб соҳибихтиёр меҳисобад «ҳар кас медонад, ки ин роҳ ба нозу наим меравад ва ин роҳ ба қаҳри ҷаьим».

Аҳмади Дониш дар асарҳояш доир ба масъалаи инсон, сабаби хилқати он, мақому манзалат ва масъулияту ӯҳдадориҳои ӯ аз мавқеи ислом баромад кардааст. Вале дар таҳқиқи ин масъала тамоюли озодандешӣ ва ихтилофи назари ӯ бо илоҳиёти расмиву суннатӣ ба мушоҳида мерасад. Моҳиятан ихтилофи нуқтаи назари Аҳмади Дониш бо ҳикмати суннатии исломӣ пиромуни масъалаҳои иҷтимоӣ, асолат ва рисолати инсон ва нақши бунёдкориву созандагии он мебошад.

Ӯ монанди маънавиёти тақлидпешаву хурофотпарасти Бухоро дар мадди аввал масъалаи ибодат, зӯҳду тақво, тарки дунё ва дарвешпешагиро не, балки масоили адолати иҷтимоӣ, ташаккули инсони комил ва фаъолмандиву тавоноӣ, суботқадамию ибтикороти ӯро ба миён мегузорад. Мутафаккир дар иртиботи ҳамин масъала мегӯяд: «Бидон, ки зоти ақдаси воҷибулвуҷуд дар азал ба илми қадими хеш донист, ки манбаъ ва мазҳари камолот аст. Ва ин ҳама аҷоиб ва ғароиб, ки дар олами улвӣ ва сифлӣ ба тариқи кашф ва илм уқало ва ҳукаморо ҳосил шудааст ва ба баён ва изҳор расида ва ҳарчи баъд аз ин аз наводири саноеъ ва фароиди бадоеъ, ки дар ақли азкиё ва авлиё мерасад, хост то ин ҳамаро зоҳир гардонад. Тамҳиди муқаддамоти бисёр кард аз халқи нуфуси уқул ва афлоку анҷум. Ин арвоҳ ва аҷсоми басита ва нурониянд ва ба воситаи ин олами унсур ва мавлидро мавҷуд гардонид. Инҳо арвоҳу аҷсоми касифа ва зулмониянд. Аз руҳ ва ҷисми латиф ғайр аз чизе зоҳир нагардад ва аз руҳ ва ҷисми касиф ғайризулмат чизе изҳор нашавад. Пас кашфи нур ва зулмат боқӣ монд. Тақозо ҳуббӣ изҳор хост, ки ин ҳақиқати нур ва зулмат низ зоҳир гардад. Дар ин мулоҳизаҳои Аҳмади Дониш ҳамон фаҳмиши фалсафии асрҳои миёна баён шудааст. Тибқи он Оллоҳ, ки «воҷибулвуҷуд» аст, яъне «вуҷуди он воҷиб аст дар вуҷуди хеш» ифода мекунад, ки зуҳур кунад ва зуҳури вай бо осоре, ки аз вай содир шавад, муяссар бувад, чунон, ки сонеъ пайдо бувад ба маснӯъ.

Инсон дар фалсафаи Аҳмади Дониш чун маърази муборизаи нуру зулмат аст. Дар дигар осори динии ин давра чунин масъалагузорӣ ба мушоҳида намерасад. Дар ҳар сурат Дониш сабаби офаридани инсонро аз ҷониби Худо дар зарурияти зоҳир кардани ҳақиқати нур ва зулмат медонад [9, с. 93].

Бинобар ин мегӯяд: «Пас, лозим омад, вуҷуди шахсе, ки мураккаб бувад аз нуру зулмат. Ва он шахсе инсони комил аст, ҳувайдосозандаи ҳақоиқи нур ва зулмат аст. Инсони комил дар шарҳи Аҳмади Дониш як ваҳдати ду нерӯи бо ҳам зич мебошад» Ва зоти инсон мураккаб аст аз ақли шарифа ва нафси касифа ва куфр лозимоти зоти ӯст ва аз заруриёт ва адавоту олоти ӯ ва ҳар кадом дар вақте ғолиб ва дар маҳале мағлуб аст». Таваҷҷӯҳовар он аст, ки Дониш куфрро зарурияти ибтидоӣ барои таҳқиқи олами моддӣ медонад ва имон низ дар фалсафаи ӯ эътиқод ба Худост. Дар фалсафаи Аҳмади Дониш «тантанаи куфр бар имон», яъне рушди ҷанбаи куфр дар табиати инсон як навъ зуҳури қонунмандии ҷараёни ҷадиди маорифпарварӣ дониста шудааст. Аз ин рӯ, дар маърази тафаккури Аҳмади Дониш масъалаи тамоюли куфр ва нақши он мавқеи умда пайдо карда, ба сифати назариёти алоҳида ҳувайдо мешавад. Мутафаккир доир ба таназзули тамаддуни исломӣ ва тарвиҷи тамаддуни аврупоӣ амиқан таваҷҷӯҳ намуда, номураттабии тараққиёти тамаддуни инсониро дар маҷмӯъ иброз доштааст, аз як ҷониб, таназзули имон, яъне бӯҳрони маънавият ва аз дигар ҷониб, рушди куфр ба ҳадди ифрот расида буд. Ин ҳолат нуқтаи замони гардиш, табаддулоти иҷтимоӣ ва давраи фоҷиаи маънавии инсон аст.

Эътидоли куфру имон, ба ақидаи Аҳмади Дониш, мавқуф бар имони маҳз намебошд, зеро инсони комил зотан дар «тарки дунё» зоҳир мегардад ва «тарки дунё» ҳарчанд мадори наҷоти инсон аст, вале дар он ҳикмати тамаддуну муовинат барҳам хӯрад ва олам хароб гардад. Бинобар ин, эътидоли куфру имон дар куфри маҳмуд муясар гардад, зеро куфри маҳмуд ҳарчанд ба «ҳубби дунё» асос ёфтааст, вале ин амр ба хотири аён кардани имон сурат мегирад ва ҳикмати амалӣ ба он вобастааст. Пас, камоли маънавияти инсон, ба андешаи мутафаккир, метавонад дар майлу мароми табиӣ ва саъйу кӯшишҳои ҳаётии ӯ ҳувайдо гардад ва саодати воқеии вай дар ин замина ба вуқӯъ ояд.

Аҳмади Дониш ба тамаддуни аврупоӣ асосан аз мавқеи тамаддуни умумибашарӣ наздик шуда, унсурҳои фарҳангии суннатии аздастрафтаро дар ин тамаддун дарёфт кардааст. Бинобар ин, дар афкори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтани воқеияти халқҳои русу фаронсавӣ ба он хотир буд, ки дар назари мардумашон қудрати ақлу хирад ва тавоноии башарият возеҳан зоҳир мешавад ва ба худшиносии онҳо мусоидат менамояд.

Абдулқодирхоҷаи Савдо (1823-1873) ҳикояи маъруфаш -«Музҳика»-щоир-мутафаккири намоёни ҷараёни маорифпарварии тоҷик ба ҳисоб меравад. Осори адабии ба мерос мондаи ӯ порчаҳои манзум, қасоид, марсияву ғазал, маснавиву қитъа, рубиву ҳикоятҳо ва дигар жанрҳои шеърӣ мебошанд. Ба лирикаи ишқӣ ва ҳаҷву мутоиба ҷудо мешавад. Дар лирикаи давраи аввали Савдо таъсири Бедил ба назар мерасад. Вале мутафаккир дар

пайравии Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ ба зуди аз доираи ин таъсир баромада, соддабаёниро пеш мегирад ва ба таъсири мавзӯъҳои тозаи замони худ рӯй меорад. Баъзе абёти ҳаҷвӣ ва мутоибаомез Савдо ҳазлу зарофати зоҳиран беозордошта, баъзан таҳқиди сохти ҳукумронони замонро дар бар гирифтааст. Шоири мутафаккир дар мутоибаву ҳаҷвиёт ва бисёр шеърҳои дигараш «Бепул» тахаллус кардааст. Шикоятҳои ӯ низ як навъ эътироз бар зидди сохти иҷтимоии замон мебошад. Мутафаккир ба ҷои мазмуну ғояи адабиёти дарборӣ мавзӯъҳои ҳаётӣ ва ба халқ наздикро ворид намуд. Ӯ ,ки худ,аз ҷумлаи мардуми заҳматкаш буд, дар осораш орзуву ормони халқи оддӣ инъикос ёфтааст. Савдо ба таъсири масъалаҳои муҳими замон рӯ оварда, дар эҷодиёташ нуқсонҳои ҷамъияти феодалиро танқид кардааст. Мазмуни ҳаётии осори ба шоирон-муафаккирони минбаъдаи равияи маорифпарварии нимаи дуюми асари XIX таъсири зиёд расонд. [10, с. 13].

Шамсиддини Шоҳин (1857-1894) шоир-мутафаккири намоёни маорифпарвари тоҷик маҳсуб мешуд. Осори Шоҳин аз девони ашъор, маснавиҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Тӯҳфаи дӯстон», «Бадеъ-ус-саноеъ» иборат аст. Ӯ дар осораш аз носозгории рӯзгори худ ва ситами замона шикоятҳо карда, ҷаҳлу разолат ва фасоди ахлоқи ашроф ва табақаи ҳукмронро танқид намудааст. Шоҳин дар идораи давлатӣ ҷорӣ намудани тартиботи одилонаро тарғиб мекард, ривоҷи илму маърифат ва донишҳои дунявиро омили рушду равнақи ҷамъият медонист. Ҷаҳолату нодонии табақаи ҳукмрон ва таассубу хурофотпарастии уламои дин, тарзи кӯҳнаи таҳсили мактабу мадрасаро танқид мекард ва ҳамаи инро сабаби пасмондагӣ ва ғафлатзадагии мардум меҳисобид. Ин афкори пешқадамонаи Шоҳин дар «Тӯҳфаи дӯстон» ва «Бадоеъ-ус-саноеъи»-ӯ сареҳан ифода гардидаанд. Шоҳин дар ин асари худ афкори маорифпарваронаи Аҳмади Донишро ривоҷ додаст. Азбаски ин асари охирини мутафаккир аст, дар он рушду таҳаввули афкори ӯ ба назар мерасад. Худи Шоҳин онро чун як навъ шикоятнома аз рӯзгор ба қалам медиҳад. Дар ин тартиботи ҷамъиятӣ саркардагони давлат мазаммат шудаанд. [11, с. 89].

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат(1878-1902) ба таъбири Садриддин Айнӣ, ӯ аз камоли истеъдод ва ишқи адабиёт дар хурдсолӣ ба мартабаи устодӣ расида буд. Ғазалиёти Ҳайрат, умуман ашъори ишқии давраи камолоти эҷодии ӯ, аз беҳтарин намунаи назми он давра баҳисоб меравад. Ғазалиёти ӯ бо рӯҳи некбинона, хурсандӣ ва ҳазлҳои ҷавонӣ бо зиндадилӣ ва ҳаётдӯстии худ хеле муассиранд. Вале ин хушҳолию зиндадилии ӯро ғаму кулфати зиндагӣ, муҳити тираю тори он давр фурӯ нишонда буд. Мутафаккир дар мубориза ба муқобили разолати замонаш аҷзу нотавонии худро ҳис мекард. Бисёр шеърҳои охири умри Ҳайрат пур аз оҳу фиғон ва шикваҳои ҷонсӯз мебошанд. Вале ӯ танҳо бо шикояту эътироз маҳдуд нашуда, ба масъалаҳои иҷтимоии замон низ диққат медод ва ҷиҳатҳои қабеҳтарини аморати Бухороро зери тозиёнаи танқид мегирифт.

Тошхоҷаи Асирӣ(1864-1916) маълумоти ибтидоиро дар Хуҷанд гирифта, соли 1882 барои такмили дониш ба Хӯқанд меравад ва дар мадрасаи он ҷо таҳсили илмро идома медиҳад. Вай ҳангоми таҳсил дар мадрасаи Хӯқанд забони русиро омӯхта, аз матбуоти даврагии русию туркзабонии Осиёи Миёна ва Кавказ баҳравар гардидааст. Ошноӣ бо матбуоти русӣ ҷаҳонбинии Асириро хеле васеъ намуд ва ақидаҳои маорифпарварии ӯро таҳким бахшид. Акнун вай ба масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, ривоҷи илмҳои дунявӣ, тараққиёти техникӣ, таълиму маориф ҷиддитар диққат медодагӣ шуд. Ҳамаи ин дар осораш хеле возеҳ ифода ёфтааст. Мутафаккир рӯҳониёни иртиҷоиро, ки монеи пешрафти иҷтимоӣ буданд, беамон танқид мекард. Вай дар шеъри «Одамият чист?» онҳоро «ҷинси наҷосаттинат» ва душмани қаттоли мазлумон номида, ниқоб аз рӯяшон бардошта, чеҳраи ҳақиқиашонро ошкор сохтааст. Дар ин шеър ақидаҳои инсондӯстии Асирӣ, консепсияи башарпарварии ӯ мӯъҷаз ифода ёфтааст:

*Одамият чист?-худро дур аз шар доштан,*
*Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан*

Мутафаккир образи мардуми заҳматкашро ба сифати ормони нави зебоишиносии давр васф намудааст.

Мутафаккир «Дар баёни ҷӯи нави Бекобод» масъалаи обу обёрӣ-аз дарёи Аму ба Бухоро об оварданро ба миён гузошта буд. Асирӣ мӯътақид буд, ки барои ободдонии кишвар ва некуаҳволии мардум даштҳои лабташнаро обшор кардан зарур аст. Вай дар ҳамин асар доир ба дӯстии халқҳо сухан ронда, аз муҳандиси русе, ки ҷӯи Бекобод бо роҳбарии ӯ бунёд

шудааст, бо эҳтироми зиёде ёд кардааст: «Дар он санъат зи аввал то ба охир, муҳандис буд русе-марди фохир». Мутафаккир дар шароити ҳаёти феодалии сарзамини худ техника ва илму маданияти пешқадами халқи русро васф ва тарғиб намудааст.

Асирӣ яке аз ташвиққунандагони илмҳои дунявӣ буд. Вай дар ин масъала илму техникаи русро намуна оварда, барои аз худ намудани илмҳои дунявӣ омӯхтани забони русиро зарур шумурдааст. Мирзосироҷи Ҳакими Бухороӣ(1877-1914) таҳти таъсири афкори мутараққии Россия,Осиёи Миёна ва Кавказ пайрави фикрҳои маорифпарварӣ шуд. Азми сафар ба кишварҳои Россия, Аврупои Ғарбӣ ва Шарқи Миёна кард. Сафарҳои ӯ то соли 1909 давом ёфт. Мирзосироҷ Коллеҷи тиббии америкоиро хатм намуда, сипас дар Бухоро табобатхонаи навъи аврупоӣ кушода ба муолиҷаи беморон пардохтааст. Дар рӯзномаҳои «Бухорои Шариф», «Тӯрон» ва маҷаллаи «Ойина» доир ба тиб мақолаҳои илмӣ дарҷ кард. Аз осори адабӣ ва илмии Мирзосироҷ девони ашъор дар шакли дастнавис ва сафарномаи «Туҳафи аҳли Бухоро» ва якчанд мақола ба мерос мондааст. Осори ӯ дар мавзӯъҳои бедории фикрии халқи тоҷик ва ободии кишвар хидмати босазое доранд. «Туҳафи аҳли Бухоро» танҳо аз тафсили аҷоиботи сафарҳои мутафаккир иборат набуда, бисёр мулоҳизаҳои ҷиддии иҷтимоиро низ дар бар гирифтааст. Мирзосироҷ инкишофи санъату маданият ва иқтисодиёти кишварҳои сафаркардаашро дида, онҳоро бо Бухорои харобу нотавон қиёс намуда, роҳҳои аз ғафлату ноогоҳӣ наҷот додани мардуми азияткашидаи кишварашро ҷӯё шудааст. Мирзосироҷ дар ин осор пешрафти мамлакатро дар равнақи илму техника ва корхонаҳои саноатӣ дидааст. Дар «Туҳафи аҳли Бухоро» таъкид шудааст, ки сабаби бадбахтии халқи кишвар сохти иҷтимоии аморати Бухорост ва як роҳи аз варта наҷот ёфтан ҷунбиши озодихоҳист.

Сайид Ҷамолуддини Афғонӣ (1838-1897) аз намояндагони машҳури маорифпарварии Шарқ маҳсуб мешавад. Ин мутафаккир озодӣ ва донишро сарчашмаи кулли муваффақиятҳои инсонӣ медонад. Ҳамин аст, ки ӯ дар осори худ «Мухтасаре аз ҳоли Афғонистон», «Таълим ва тарбия», «Фавоиди фалсафа», «Дар ҷаҳолат ва нодонӣ», «Рисолаи қазо ва қадар», «Нановарӣ ва тақлид», «Ҳизбҳои сиёсии Шарқ», «Фалсафаи саноат», «Масъалаи Шарқ», «Инсон ва ҳақоиқи коинот», «Фалсафаи тарбия», «Тасввуф», «Ҳокимияти замона руҳӣ», «Таассуб», «Ислоҳоти динӣ», «Ваҳдати исломӣ», «Миллат ва дини ислом», «Мақоми зан дар ҷамъият», «Мубориза барои зиндагӣ», «Зебо ва қабеҳ», «Гуманизм, натсионализм ва демократия», «Ғарб ва Шарқ» ва ғайраҳо масоили марбут ба озодии инсон ва маърифати воқеиро мавриди баррасии васеи илмӣ қарор додаст.

Дар ҷаҳони сиёсат ва илм эътироф шудааст, ки Сайид Ҷамолуддини Афғонӣ бузургтарин ислоҳотчии дини ислом дар асри XIX мебошад. Наҳзати ӯ ҳам фикрӣ буд ва ҳам иҷтимоӣ. Мутафаккир мехост, таҳавуле ҳам дар андешаи мусалмонон ба вуҷуд биоварад ва ҳам дар зиндагии онҳо. Ӯ мӯҳимтарин ва қадимтарин дарди ҷомеаи исломиро истибдоди дохилӣ ва истеъмори хориҷӣ ташхис дод ва бо ин ду дард ба шиддат мубориза кард. Дар мубориза бо ин ду омили фалаҷкунанда, мутафаккир огоҳии сиёсӣ ва ширкати фаолонаи мусалмононро дар сиёсат воҷибу лозим шумурд ва барои ба даст овардани маҷду азаммати аз дастрафтаи мусулмонон ва ба даст овардани мақоме дар ҷаҳон, ки шоистаи он ҳастанд, бозгашт ба исломи нахустин ва дар ҳақиқат ҳулули муҷаддади рӯҳи исломи воқеиро дар колбади нимамурдаи мусалмонон бозгашт мешумурд ва иттиҳоди исломро таблиғ мекард. Сайид Ҷамолуддини Афғонӣ тавҳиди исломиро бо бурҳону далел, ки решасузи ҳамаи ақоиди ботила аст, тарғиб менамуд ва мӯътақид буд, ки агар ҷомеа асоситарин мӯътақидоташро ба нерӯи бурҳон ва яқин, на гумону тахмин, на эътиқоди хушк ва на тақлид ба даст оварад, басандааст, ки ба роҳи хурофоту гумроҳӣ наравад ва озоду осуда зиндагӣ намояд. Пас бояд мардумро ба тавҳиди бурҳонӣ даъват кард, то эҳтирому эътибори ақл аз назари динӣ барои онҳо мусаллам гардад. Ба ҳамин ҷиҳат Сайид Ҷамол барои фалсафаи илоҳии исломӣ арзиш қоил буд. Муҳаммад Иқбол (1877-1934) олим, мутафаккир ва донишманди соҳибзавқи фалсафа Машриқзамин дар асрҳои XIX-XX аст. Омӯзиши паҳлӯҳо мухталифи ҳаёту фаъолият ва ҷаҳонбинии аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дорои аҳамияти зиёде буда, илова бар ин барои тарсими дақиқтари пешрафти ақоиди фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии мардумони Шарқ дар охири асри XIX ва авали асри XX мусоидат хоҳад кард, чунки онҳо бар ақидаи таҷдиди афкори динӣ асос ёфтаанд. Таълимоти аслии худро Иқбол ба ислоҳи шуури динӣ ва бедории мардум равона карда, дар тамоми эҷодиёташ кӯшиши аз ҷаҳолат берун

овардани ҷомеаро ва ба зиндагии озодонаву бошуурона равона кардани онро намудааст. Фаъолияти пурҷанбаи Иқбол пайваст бар аҳкоми дини ислом буда, он ба сифати асоси иҷтимоъ ва василаи ҳалли масоили зиёди ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва ғайра шинохта шуда буд, ки тағйироти ҳаёт танҳо дар сурати таҷдиди назар кардани ақоиди динӣ ва ислоҳи он имконпазир мешавад [12, с. 147].

Дар фалсафаи Муҳаммад Иқбол масъалаи моҳият ва рисолати инсон хеле хуб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлили осори ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки мутафаккир тарҳрезии масъалаҳои марбут ба инсон ва ҷамъияти исломро яке аз масъалаҳои зарууртарину муҳимтарини замони худ медонистааст. Муҳаммад Иқбол ҳалли ин масъаларо зимни баррасии маданияти маънавӣ мавриди назар қарор додаст. Дар ашъори мутафаккир чунин кӯшиши дарёфти ҷавоб ба саволҳои инсон кист?, ӯ чӣ гунна қобилияту истеъдод дорад?, ситоиши ӯ аз чӣ чиз иборат аст?, оё ӯ сазовори лақаби ифтихории «тоҷи офаринишот» ҳаст ё не?, оё ӯ сазовори номи Ифтихории «халифаи Илоҳӣ» дар замин ҳаст ё не? ва ғ. ба таври ошкор эҳсос мешавад. Муҳаммад Иқбол ҳамеша даъват бар он дорад, ки инсон сараввал ба шинохти нафси худ ва ислоҳи нуқсу заъфи он майл намояд. Худшиносӣ дар таълимоти мутафаккир мавқеи намоён дорад ва ӯ ин маъниро бо истилоҳи «худӣ» баён месозад. Осори Муҳаммад Иқбол, ки бозгукунандаи таълимоти иҷтимоиву сиёсӣ ва фалсафиву ирфонии ӯянд, аз «Асрори худӣ», «Румузи бехудӣ», «Хизри роҳ», «Паёми машриқ», «Бонги дифоъ», «Забури Аҷам», «Ҷовиднома», «Боли Ҷабраил», «Зарби Калим», «Мусофир», «Пас чӣ бояд кард эй ақвоми Шарқ», «Амуғони Ҳиҷоз» ва дигар мақолаву рисолаҳои бедоркунандаву ба худшиносӣ ҳидояткунандаи ҷомеаи шарқӣ иборатанд.

***Адабиёт***


1. Асадуллоев, И. К. Новые категории философии и философия политики/ И. К. Асадуллоев. – Душанбе, 2006.-389с.
2. Додихудоев Х.Д. Культура и цивилизация: истины, пападоксы, традиции (кн.1;2.) / Х.Д. Додихудоев. – Душанбе: Российско-Таджикский (славянский) университет, 2007. -354с.
3. Донолд, Гилис. Фалсафаи илм дар қарни бистум. Тарҷимаи Ҳасани Миёндорӣ. -Қум / Гилис Донолд – Теҳрон, 1381.
4. Дуктур Алии Шариатмадорӣ. Фалсафа: Масоили фалсафӣ. Мактабҳои фалсафӣ. Мабонии улум / Алии, Дуктур. - Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1377.
5. Канке В.А. Философия. Исторический и систематический курс: Учебник для вузов / В.А. Канке. - М., 2002. -380с.
6. Аҳмад Маҳдуми Дониш. Наводир-ул-вақоеъ-, 1998.
7. Колин Рунон. Таърихи илми Кембриҷ. Тарҷимаи Ҳасани Афшор / Рунон Колин. - Теҳрон, 1366.
8. Комилов, Р. Фарҳанги мухтасари ҷаҳонбинӣ / Р. Комилов, М. Нуралиев. – Душанбе, Пайк, 2002.- 68с.
9. Наврӯзов, С. Инқилоби илмӣ-техникӣ ва оқибатҳои иҷтимоии он. / С. Наврӯзов, К. Ёқубов. - Душанбе: Ирфон, 1988.
10. Саидова Т.К. Философия культуры / Т. К. Саидова. – Душанбе: Российско-Таджикский (славянский) университет, 2007. -544с.
11. Турсунов Акбар. Инсон, атом, кайҳон (лавҳаҳои публитсистӣ) / Акбар Турсунов. – Душанбе: Ирфон, 1967.
12. Турсунов А. От мифа к науке/Эволюция космол. Картины / А. Турсунов. -Москва: Политиздат, 1973.


## ҒОЯҲОИ МАОРИФПАРВАРИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Дар мақола масъалаи ғояҳои маорифпарварии халқи тоҷик мавриди омӯзиш қарор гиритфааст. Дарвоқеъ, нимаи дуюми асри XIX дар таърихи афкори иҷтимоӣ-сиёсии халқи тоҷик комилан марҳилаи сифатии гузариш ва сарнавиштсоз маҳсуб мешавад, ки ҳаёти моддию маънавӣ ва фарҳангии он дар заминаи интиқол аз ҳавзаи асримиёнагӣ ба даврони навин ҷараён кардааст. Дигаргунӣ ва таҳаввулоти афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии халқи тоҷик дар заминаи ҳамин қонунияти замонию маконии таърих сурат гирифта, ҷараёни фарҳангии хоси ин давр такомул ёфтааст.

Яке аз барҷастатарин намояндаи ин ҷараён Аҳмади Дониш ном бурда мешавад. Агар ба тавсифи ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш назар кунем, натиҷагир мешавем, ки тамоми масоили фалсафии мавриди арзёбӣ қарордодаи ӯ дар атрофи як меҳвар ташаккули камолоти инсонӣ ва ворастани мардум аз асорат, интиқоди шадиди зулму истибдод чарх мезанад, ки дар онҳо авомили асосӣ ахлоқ ва маънавиёт мебошанд.
**Калидвожаҳо:** Ҷаҳонбинӣ, ахлоқ, маданият, илм, дин, шадид, асорат, фикр, мутафаккир, донишманд, аср, давр, ниёгон, рушанфикр ва адабиёт.

## ПРОСВЕТИТЕЛЬСКОЕ МЫШЛЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

Эта статья рассматривает тему просветительское мышлиения таджикского народа. На самом деле, вторая половина XIX века является качественным, переходным и судьбоносным этапом в истории социально-политических взглядов таджикского народа, когда их материальная, духовная и культурная жизнь была основана на переходе от средневековья к современности. Период трансформации и изменений философского и социально-политического мышления таджикского народа произошел в рамках этой исторической временно-пространственной структуры, и культурный процесс этого периода развивался.

Одним из самых выдающихся представителей этого течения является Ахмад Даниш. Если мы обратим внимание на описание мировоззрения Ахмада Даниша, то придем к выводу, что все философские вопросы, которые он рассматривал, вращаются вокруг одной оси: формирования человеческого совершенства и освобождения народа от рабства, резкой критики насилия и деспотизма, где главными факторами являются моральные и духовные ценности.
**Ключевые слова:** мировоззрение, мораль, культура, наука, религия, крайность, рабство, мысль, мыслитель, ученый, век, эпоха, предки, просвещение и литература.

## ENLIGHTENMENT THINKING OF THE TAJIK PEOPLE

This article examines the theme of enlightenment thinking of the Tajik people. Indeed, the second half of the 19th century represents a qualitative, transitional, and momentous stage in the history of the socio-political views of the Tajik people, when their material, spiritual, and cultural life was based on the transition from the Middle Ages to modernity. The period of transformation and change in the philosophical and socio-political thinking of the Tajik people occurred within this historical spatio-temporal framework, and the cultural process of this period developed accordingly.

One of the most prominent representatives of this movement is Ahmad Donish. If we pay attention to the description of Ahmad Donish's worldview, we come to the conclusion that all the philosophical questions he considered revolve around one axis: the formation of human perfection and the liberation of the people from slavery, sharp criticism of violence and despotism, where the main factors are moral and spiritual values
**Keywords:** worldview, morality, culture, science, religion, extreme, slavery, thought, thinker, scientist, century, epoch, ancestors, enlightenment and literature.

**Дар бораи муаллифон:**

Файзуллоев Ғайратулло Фатҳуллоевич,
номзади илмҳои фалсафа дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ,
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
Тел.: (+992) 55 444 83 15,
E-mail.: fath-83@mail.ru

Сайфуддинова Рухсора Садриддиновна,
ассисенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ,
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, хиёбони Сино 29-31.
Тел.: (+992) 93 366 93 03

**Об авторах**:
Файзуллоев Гайратулло Фатхуллоевич,
кандидат философских наук, доцент кафедры философии и политологии,
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода,
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе р. Сино, ул. Мохаммадиева, 17/6.
Тел: (+992) 55 444 83 15
E-mail.: fath-83@mail.ru

Сайфуддинова Рухсора Садриддиновна,
ассисент кафедры общественных дисциплины,
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино,
734003, Республика Таджикистан, ш. Душанбе,
н. Сино, проспект Сино, 29-31.
Тел.: (+992) 93 366 93 03

**About the authors:**
Faizulloev Gairatullo Fatkhulloevich,
Candidate of Philosophy, Associate Professor of the Department of Philosophy and Political Science,
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulugzoda,
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe r. Sino, st. Mokhammadieva, 17/6.
Tel: (+992) 55 444 83 15
E-mail: fat-83@mail.ru

Sayfuddinova Rukhsora Sadriddinovna,
Assistant at the Department of Social Sciences,
Tajik State Medical University named after Abuali ibni Sino,
734003, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe,
n. Sino, Sino Avenue, 29-31.
Tel.: (+992) 93 366 93 03

ТДУ 331.55:316.6

# МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА ГАНҶУРИ РАВОНИИ МИЛЛАТ:БУРДУ БОХТҲО ДАР МИСОЛИ МИЛЛАТИ ТОҶИК(таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ)

**_Саидумаров С. С._**
_Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ_

Ҷомеаи инсонӣ дар асри XXI бо вуҷуди мушкилиҳои зиёд ботадриҷ пеш рафта истода бошад ҳам, вобаста ба даврy замон мушкилиҳои нав ба сари инсоният омада истодаанд. Агар ба мухтавои мушкилиҳои ҷомеа назар андозем, пас маълумамон мегардад, ки ҳар як фард, авлод, қабила, гурӯҳ, миллат ва умуман давлатҳо онро ба таври ба худ хос бозбинӣ намуда, баҳри бартараф намуданаш аз усулҳои мухталифи илмӣ кор мегиранд. Масъалаи муҳоҷират низ яке аз онҳо ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи илми антропология инсон дар қитъаи Африқо ба вуҷуд омадаасту сипас тавассути муҳоҷират ба тамоми минтақаҳои олам паҳн гардидааст, яъне инсоният аз аввали пайдоишаш муҳоҷират намудаасту дар оянда низ ин падида идома меёбад.

Мувофиқи нишондодҳо дар соли 2010, 214 миллион инсон дар муҳоҷират ба сар мебурданд, ки 3,1% аҳолии тамоми дунёро ташкил медиҳанд [16]. Барои таҳлили амиқи масъала мо андешаҳои бархе аз муҳаққиқони соҳаро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Дар адабиётҳои илмӣ ду намуди муҳоҷирон: ихтиёриён ва иҷбориёнро фарқ мекунонанд [3, 8, 9, 10], ки аз нигоҳи равоншиносӣ ҳолатҳои равонии онҳо фарқ кунад ҳам, аммо дар бисёр маврид монандиҳои зиёдро мушоҳида кардан мумкин аст. Ба раванди муҳоҷирати тоҷикон агар аҳамият диҳем, маълум мегардад, ки дар даврони ҷанги таҳмилӣ муҳоҷирони мо иҷборан ба ин кор машғул буданд, аммо дар солҳои охир онҳо аллакай ба ихтиёриён табдил гаштаанд. Ба фикри банда насли дуюм ва ҳатто сеюми муҳоҷир дар Тоҷикистон ба вуҷуд омада истодааст ва дарояндаи наздик ин раванд идома хоҳад ёфт, бинобар ин моро зарур аст, ки ҳолатҳои таъсиргузор ба хусусиятҳои этно – миллии тоҷиконро муайян намоему дар тарбияи насли навраси дорои худшиносии миллии баланд саҳмгузор бошем.

Ҳар як муҳоҷир ба мушкилиҳои равонии зиёд гирифтор мегардад, ки албатта ба тамоми соҳаҳои фаъолияташ бетаъсир намемонад. Ҳангоме, ки муҳоҷир ба руҳафтодагии дарозмуддат рӯ ба рӯ мегардад, дар вай раванди бегонашавӣ нисбати гурӯҳи иҷтимоии хеш сурат мегирад ва ин боиси тағйир ёфтани ҳувияти вай мегардад. Ин раванд хусусияти субъективӣ дошта аз бисёр омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва равонӣ вобастагӣ дошта бошад, ҳам нақши ҳалкунандаро ҷараёни шаклгирӣ, вазъиятҳо ва хусусиятҳои худшиносии миллӣ ва ғ. дар даврони бавоярасиаш мебозанд [4, с. 8]. Барои миллати тоҷик метавон омилҳои дигарро низ ворид намуд, ки дар муҳити иҷтимоии онҳо (оила, мактаб, деҳа ва ё минтақа) кадом унсурҳо ҳангоми тарбия нақши калидӣ бозидаанд, яъне муҳит ҳангоми тарбияаш ба миллат ва донишҳои илмӣ зиёд такя менамуданд ва ё ба хурофоту донишҳои динӣ. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксар оилаҳои муҳоҷири тоҷик хурофот ва донишҳои динӣ таъсиргузортаранд, нисбат ба донишҳои илмию суханҳои қолабигардида (установка), ғоя ва идеалҳои миллии тоҷикон. Яъне аксарияти тоҷикон аввал худро мусулмон эълон мекунанду, сипас тоҷик. Таасуфовар дар он аст, ки донишҳои динии аксарияти онҳо хусусияти хурофотӣ доранд, зеро дар худ ва фарзандонашон тафаккури интиқодӣ ва шаккокияи солимро тарбия ва ташаккул надодаанд. Пас “Моро мебояд, ки ҳар як анъанаи миллати хешро таҳлили амиқ намоем, то ин ки баҳри муттаҳидии миллат саҳмгузор бошанд ва ба дили ҳар як фарди баномуси ин миллат боварӣ ва эътиқод баояндаи некро кишт намоем” [6, с. 351].

Ба андешаи Ҷ. Келлӣ ашхосе, ки ба муҳоҷират рӯй меоварад, иҷборан тамоми хусусиятҳои шахсии хешро баҳри мутобиқ гардидан ба муҳити нав бозбинӣ менамоянд [1, с. 488], ки албатта дар ин радиф хусусиятҳои этно – миллиаш низ ворид мешаванд. Тағйир додани муҳити иҷтимоӣ барои ҳар як шахс ниҳоят мушкил аст ва дар ин ҳолат ҳар як нафар ботинан гунаҳкори асосиро барои ба ин кор даст заданашро меҷӯяд. То замони ба савол ҷавоб наёфтан инсон ба рӯҳафтодагӣ гирифтор мегардад, ки аз ҳама марҳилаи мушкил барои муҳоҷир ба ҳисоб меравад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти тоҷикон барои бори аввал ба муҳоҷират рафтан ҳамроҳ ягон хешу табор ва ё шиносашонро интихоб менамоянд,

ки ҳам ҷанбаи мусбӣ ва манфӣ дорад. Мусбияташ дар он аст, ки дар бисёр мавриде ӯро роҳбаладӣ менамояд, хусусияти манфиаш дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти он роҳбаладон дониши қазоии илмӣ надоранду ба омӯзиши илм ва инноваторӣ ҷавонону наврасонро моил намекунонанд.

Ҳангоми бори аввал ба муҳоҷират рӯй овардани шахси дорои ҳувияти баланди миллӣ аввалин ҳиссиёти ӯро фарогиранда фироқи Ватан мебошад. Маҳз дар ҳамин давра худшиносии миллиаш ба калавидан шурӯъ мекунад ва ҷараёни ба шахси маргиналӣ табдил гаштанаш оғоз мегардад. Омили асосии ба вуҷуд омадани ин раванд дохил гардидан ба ҳарими фарҳангӣ ва муҳити барояш бегона мебошад, яъне вай дигар дар муҳити “Мо” – и худиҳои аксарият нею дар муҳити “Онҳо” – и аксарият қарор дорад. Баҳри дар муҳити “Онҳо” комёб гардидан фарди миллӣ иҷборан аз баъзе хусусиятҳои “Мо” –и миллаташ даст мекашад, ки онро “бегонашавии миллӣ” ном бурдан мумкин аст. Ҳар як рафтори муҳоҷир пеш аз ба сафар баромаданаш бо вуҷуди он, ки то кадом андоза шахсияти хешро дар муҳоҷират амалӣ карда метавонад, тарҳрезӣ карда мешаванд, маҳз дар ҳамин давра муҳоҷир нисбат ба ҳаммиллатонаш ва хусусиятҳои этно – миллиаш каме ҳам бошад, фаҳмиши духурагӣ пайдо мекунад. Яъне баъзе аз он унсурҳои миллие, ки то имрӯз онҳоро ҳамчун шиор дар зиндагӣ қабул карда буд, (суханҳои қолабигардида, идеалҳо, асотирҳо ва ғ.) мавқеашонро дар рисолати зиндагиаш аз даст медиҳанд. Субъекти миллӣ дар бисёр маврид рафтори хешро бошуурона ба танзим медарорад, аммо ҳолатҳое мешаванд, ки хусусиятҳои психологии равонии хешро иваз карда наметавонад. Манзурамон ганҷури равонии миллат, зеҳн ва зеҳнияти миллӣ мебошанд, ки барои тағйири онҳо якчанд насл лозим аст.

Барои ҷомаи фарҳангии дигарро қисман ба бар кардан ва барои мутобиқшавии муҳоҷир шароити якмароми ботадриҷ, албатта вақт лозим аст, ки ҳатман мушкилиҳои хешро дорад. Бинобар ин моро мебояд ҳар як муҳоҷири меҳнатиро пеш аз оне, ки ба сафари муҳоҷират мебарояд, огоҳ намоем. Ҳангоми ба муҳити “Онҳо” ворид шудан, метавон гуфт, ки ду намуди мутобиқшавӣ: берунӣ ва ботинӣ вуҷуд дорад. Мутобиқшавии берунӣ, одатан бо осонӣ ҳангоми машғул гардидан ба корҳои ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, илмӣ ва ғайраҳои муҳити нав амалӣ мегардад. Мутобиқшавии ботинии муҳоҷир раванди ниҳоят ҳассоси равонӣ ба ҳисоб меравад ва мумкин аст, ки инсон агар тамоми ҳаёт дар муҳоҷират бошад ҳам, ба пуррагӣ ба он мутобиқ намегардад ва як умр азоби равонӣ ӯро пайгир аст, зеро як амал нисбат ба фарҳангаш, эътиқодаш, миллаташ боиси ғамгинӣ ва гирифтор шудан ба фрустратсия мегардад. Дар ҳамин ҳолат марказҳои миллӣ метавонанд ба дарди онҳо то андазае малҳам гарданд. Яъне, бо баҳонаи маросимҳои фарҳангӣ, варзишӣ ва динӣ метавонанд бо ҳамдигар вохӯранду аз дарди дили якдигар огоҳ гарданд.

Боис ба зикр аст, ки муҳоҷирони тоҷикро ба мавсимӣ ва муқимигашта дар муҳити “Онҳо” ҷудо намудан мумкин аст. Муҳоҷирони мавсимӣ одатан баъд аз чанд мудат ба ватанашон назди хешу ақрабояшон бармегарданд ва то андозае ҳам бошад, дар байни наздиконашон ранҷҳо ва фишорҳои равонии хешро таскин медиҳанд. Аммо муҳоҷирони маскунгардида ҷараёни фишорҳои равониро ба таври гуногун пушти сар менамоянд, аламовараш дар ин аст, ки аксарияти онҳоро тоҷикони дорои донишу малакаи замонавӣ ташкил медиҳанд. Аз як тараф мо метавонем дар дигар минтақаҳои олам паҳн гардему бузург шавем, аз тарафи дигар нигоҳ доштани хусусиятҳои этно – миллии онҳо ва фарзандонашон вазифаи тамоми тоҷику тоҷикистониён ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин ҳолат ба андешаи Ҷ. Келли такя намуда, метавон чунин хулоса кард, ки инсони муҳоҷир барои сохтани шахсияти хеш роҳҳо ва усулҳои навро бошуурона ҷустуҷӯ менамояд [1, с. 488]. Агар инсон дар даврони наврасӣ ё ҷавониаш ба муҳоҷират рӯй оварда бошад, раванди мутобиқшавиаш осонтар мегузарад, аммо барои синну соли калонтар ин раванд ниҳоят мушкил пушти сар мегардад, зеро тағйир додани арзишҳои шахсӣ барои калонсолон ниҳоят мушкилиҳои зиёдро ба бор меоварад ва ҳатто дар бисёр маврид боиси руҳафтодагӣ ва афсурдаҳолии муҳоҷир мегардад, ки онро равондармонҳо раванди мутобиқнашавандагӣ ном бурдаанд ва ҳанӯз дар асри XVII табиби швейтсарӣ И. Хофер онро “пазмон шудан ба ватан” ном бурдааст [9, с. 281].

Барои пушти сар намудани бемории пазмон шудан ба Ватан мутахассисон усулҳои гуногунро истифода мебаранд, аммо дар ҳолати ба пуррагӣ бартараф нагардидани он инсон метавонад ба мушкилиҳои равонӣ гирифтор шавад, ки онро К. Левин бо мафҳумҳои

“ҷазбнамоӣ - телладиҳӣ” ифода намудааст, ки мувофиқи андешаи ӯ инсон ба буҳрони ботинии равонӣ гирифтор гардида, дар як маврид муҳоҷири беморро метавонад як чиз, ҳам хушнуд намояд ва ҳам ғамгин (масалан, шунидани мусиқии ҳамзабононаш, пешравии ягон ҳамватанаш ва ғ.) [14. с. 205]. Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки давраи мутобиқшавӣ ва нигоҳ доштани хусусиятҳои этно – миллии муҳоҷир бо ҳамдигар тавъаманд, зеро муҳоҷират метавонад боиси калавидани баъзе хусусиятҳои миллӣ гардад ва барои мутобиқ гардиданаш ба муҳити нав монеаҳо эҷод намояд.

Барои боз амиқтар таҳлил намудани масъалаи болозикр мо онро дар доираи принсипи талаботи инсон ба мутаалиқият ба ягон миллат дида мебароем. Ба андешаи банда пазмонии Ватан, хешу ақрабо ва умуман ҳамзабони хешро метавон ба яке аз “талаботҳои ба пеш телладиҳандаи инсон ба мисли гуруснагӣ, ташнагӣ, хоб ва ғ.” [2, с. 145], ворид намуд. Барои таҳлили амиқи қонеъ гардонидани талаботи пазмон шудан аз тарафи муҳоҷир ҷузъиётҳои нозукро ба эътибор гирифтан лозим. Масалан, дар минтақаи маскунашон об, нон, шир, ҷурғот ва умуман ҳамаи неъматҳои моддӣ вуҷуд доранд, аммо ҳамон таъми хӯрокҳои ватанашонро барои ӯ дода наметавонанд, зеро муҳоҷир дар Ватанаш худро озод ҳис намуда, давраҳои бачагиашро гузаронидааст. Агар ба хусусиятҳои ботинии шахс назар андозем, пас маълум мегардад, ки муҳоҷир бошуурона дарк менамояд, ки дар бисёр мавридҳо шароити минтақаи маскунаш аз Ватанаш беҳтар аст, аммо амалҳои таҳтушуурӣ ва бешууриаш ҳама вақт ба фаъолияти ӯ таъсиргузор буда, пазмонии Ватанро ба ӯ ёдовар шуда меистанд. Аз нигоҳи равоншиносӣ маҳз дар ҳамин ҳолат инсон метавонад ба буҳронҳои равонӣ дучор гардад. Бинобар ин моро зарур аст, ки бо ҳар роҳу восита муҳоҷирони мавсимӣ он тараф истад, муҳоҷирони дар дигар кишварҳо мақоми маскунияти доимӣ соҳибгаштаро ба Ватани аҷдодиашон даъват намоем, то ин ки ташнагии пазмониашонро шикананду фарзандонашонро дар руҳияи миллӣ тарбия намоянд.

Ҳар як фарди миллӣ ҳангоми қарор доштан дар муҳити ғайр ҳамаи унсурҳои фарҳангии онҳоро дар асоси зеҳни фардӣ, зеҳнияти миллӣ, ганҷури равонии миллат, характери миллӣ ва дигар унсурҳои миллӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад, зеро фард дар давоми ташаккулаш ба ҷамъияте такя намудаасту худро яке аз унсурҳои “Мо” – и миллӣ меҳисобад. Дар ин раванд муҳоҷир талаботи шахсии хешро нисбат ба мутаалиқият ба ягон миллатро қонеъ гардонида, дар раванди пешравӣ ва ё таназзули миллати хеш таъсиргузор буданашро дарк намуда, ҳангоми ба мушкилӣ дучор гардидан, барои ҳифзи хеш ба ин гурӯҳи иҷтимоӣ – этникӣ такя менамояд. Албатта инсон наметавонад ҳамаи талаботу хоҳишҳои худро ба пуррагӣ қонеъ гардонад ва раванди робита ва такя намудан ба миллати хеш низ аз он истисно нест. Маҳз дар ҳамин ҳолат ҳиссиёт ва эмотсияҳои муҳоҷир ба фазои нав ворид гардида, рафторашро тағйир дода, механизмҳои худмуҳофизатии равониро коркард менамояд. Худшиносии миллиаш ба ин раванд илова гашта, дарк менамояд, ки роҳи бозгашт ба нуқтаи аввала вуҷуд надорад, дар ин ҳолат раванди маргиналигардии худшиносии муҳоҷир шурӯъ мегардад.

Барои таҳлили дурусти илмӣ мо ба назарияи равоншиноси амрикоӣ Гарри Триандис рӯй меоварем. Триандис давраи мутобиқшавии муҳоҷирони кории Амрикоро таҳлил намуда, ба чунин хулоса меояд, ки он панҷ марҳиларо фаро мегирад, ки инҳоянд: 1. Моҳи асалӣ; 2. Ба куҷо ман афтидаам; 3. Чӣ корро бояд ба анҷом расонам; 4. Ҳолати ман он қадар бад нест; 5. Вазъияти ман хуб аст [15, с. 330]. Агар панҷ марҳилаи пешниҳоднамударо дар муҳоҷирони тоҷик дида бароем, зинаи аз ҳама душвор зинаи дуввум ва севум ба ҳисоб мераванд, зеро маҳз дар ҳамин марҳила баъзе аз муҳоҷирон ба гумроҳӣ мубтало мегарданд, ки барои ёрӣ намуданашон мо бояд механизмҳои самараноки илмиро коркард ва пешниҳод намоем. Ба фикри банда беҳтар мешуд, ки маҳз шахсони баруманд, онҳоро раҳнамоӣ менамуданд. Агар мо дар ҳамин давра онҳоро наҷот надиҳем, зери гирдоби ифротгароён ва ё террористон қарор мегиранд ва ин ҳам ба худашон зарар меорад ва ҳам ба миллат.

Яке аз масъалаҳои марказии антропологияи миллат – табиат, моҳият ва рисолати инсон ба ҳисоб меравад, ки муҳоҷири меҳнатии тоҷик низ аз он орӣ нест. Масъалаи меҳварии моҳият ва рисолати муҳоҷирро ҳолатҳои эмотсионалиаш ташкил медиҳанд, зеро ҳангоми дар амал татбиқ намудани марому мақсадҳояш таъсиргузоранд, бинобар ин таҳлили ҳолатҳои эмотсионалии муҳоҷири тоҷикро айни мудао мешуморем. Ҳанӯз муҳаққиқони соҳа Триандис ва Келли ба ин масъала аҳамият додаанд, ки ҳолатҳои эмотсионалии муҳоҷирон ба

самаранокии фаъолияти онҳо таъсиргузор мебошанд [1, с. 488]. Ба тадқиқотҳои онҳо такя намуда, ҳолатҳои эмотсионалии муҳоҷирони тоҷикро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Ҳолати эмотсоналии муҳоҷирро метавон ба ду марҳилаи асосӣ ҷудо намуд: то муҳоҷират ва давраи муҳоҷират. Дар давраи муҳоҷират ҳолатҳои эмотсионалии таҳдид, тарс, хатар, ташвиш, ноумедӣ ва ғайраҳоро пушти сар менамояд. Дар муҳоҷират инсон бо падидаҳои гуногуни иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мегардад, ки таҳаммул намудану пушти сар карданашон аз хусусиятҳои равониаш вобастагии зиёд дорад, аммо хоҳед нахоҳед дар психикаи инсон ҳатман изи худро мегузоранд. Дар ҳамин маврид Ҷ. Келли таъкид менамояд, ки инсон ба тарсу таҳдид дучор гардида, оҳиста – оҳиста ба номедӣ (фрустратсия) мубтало мегардад. Натиҷаи ноумедӣ муҳоҷирро ба ихтилофи “Ман” ва “Мо” тела медиҳад, аниқтараш шахс барои наҷоти хеш роҳҳои мухталифро ҷустуҷӯ менамояд, натиҷааш сарф гардидани энергияи фаъолияташон баҳри барқарор намудани мавқеи “Ман” мегардад [1, с. 488]. Вазъияти баамаломада фардро бо гурӯҳи иҷтимоии ҳамзабононаш дар ихтилоф гузошта, дар бисёр маврид ба ихроҷгардиаш оварда мерасонад. Дар ин ҳолат фарди миллӣ хусусияти дар мухолифат қарор доштанашро бо ҳаммилатонаш рӯи рост изҳор менамояд, яъне онҳоро зери тозиёнаи танқид қарор дода, баъзан вақт ҳатто аз ном гирифтани миллаташ дар байни дигар миллатҳо шарм медорад. Дар таърихи муҳоҷирати меҳнатии миллати тоҷик чунин мисолҳо зиёданд. Давлатҳои муҳоҷирпазир ин усулҳои илмиро хело хуб медонанд ва дар бисёр маврид баҳри паст намудану аз байн бурдани хусусиятҳои этно – миллии тоҷикони муҳоҷир ҳодисаҳои пасткунандаи обурӯи миллати моро ба таври субъективӣ ба роҳ мемонанд. Ва институтҳои махсусеро доро мебошанд, ки ҳодисаи баамаломадаро ба миллат рабт дода аз он ҳангома месозанд (дар ВАО ва фазои виртулӣ. Мисоли рушан ҳодисаи Крокус – ситӣ дар соли 2024).

Дар ин маврид ба буҳрон дучор гардидани ҳувияти миллӣ ва таъсири манфӣ расонидан ба хусусиятҳои этно – миллии тоҷиконро метавон ба яке аз хусусиятҳои ботинии инсон – ҷасорат ва тарс рабт дод. Бинобар ин зарур донистем, ки мавқеи таносуби тарс ва ҷасоратро ва мақоми онҳоро дар хусусиятҳои этно – миллии тоҷикон ва тағйирёбии онҳо дар раванди муҳоҷиратро таҳлил карда бароем. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ мафҳуми “Ҷасорат – 1. Ҷасурӣ, далерӣ, шуҷоат, 2. Далерӣ, густохона, густохӣ” [11, с. 776] омадааст. Ва мафҳуми тарс ба маъноҳои “хавф, бим, ваҳм” [11, с. 332] дарҷ гардидааст. Аз ин бармеояд, ки ҳамаи он чизе, ки эътимоду имконияти идораи вазъиятро аз байн мебарад, тарсро ба вуҷуд меорад. Масъалаи ҷасорат ва тарс яке аз унсурҳои асосии табиати инсон ба ҳисоб мераванд, зеро инсон тавассути ин хусусиятҳо робитаашро бо муҳит муайян менамояд ҷасорат фардро ба фаъолият водор намояд, тарс бошад, ӯро аз баъзе амалҳо бозмедорад. Таносуби ҷасорат ва тарс метавонанд моҳияти инсонро дар замони муосир тағйир диҳад, ки албатта ба хусусиятҳои этно – миллиаш низ бетаъсир намемонад. Ҳангоми таҳлили адабиётҳои илмӣ, ки омӯзиши масъалаи таносуби ҷасорат ва тарс машғул гардидаанд ба хулосае омадан мумкин аст, ки табиати инсон тавассути онҳо пурра гардида (ин адабиётҳоро метавон ба се қисмат ҷудо намуд: классикӣ, ғайриклассикӣ ва баъдиклассикӣ) ҳама вақт бо моҳияташ дар ихтилоф қарор доранд. Ҷасорат ва тарс ҳамчун падидаи сарҳадии ба ҳам таъсиррасонандаи инсон ба шароити зиндагиаш ба ҳисоб мераванд. Тавассути ин унсурҳо инсон ҷавҳари бунёдии хешро нигоҳ дошта, ҳам ду саволи асосиро ба миён мегузорад: инсон зери таъсири муҳити иҳотакарда боқӣ мемонад ва ё ҳамчун ҳайвони бошуур дар олами озод фаъолият мекунад.

Аз таҳлили масъалаи ҷасорат маълум мегардад, ки агар инсон дар ҷавониаш ҷасур бошад, ҳатто дар пиронсолиаш далер боқӣ мемонад [12, с. 262]. Аз таҳлили рафтори тоҷикон маълум мегардад, ки дар раванди таърих фарзандони тоҷик ҷасорату далерии хешро борҳо нишон додаанд. Дар замони муосир низ намояндагони миллати тоҷик шуҷоату далерии хешро борҳо собит намудаанд. Аммо таърих гувоҳ аст, ки миллати тоҷик дар рушди хеш ҳолатҳои аз тарс истифода бурдани аҷнабиёнро борҳо пушти сар намудааст. Пас маълум мегардад, ки дар зеҳну зеҳнияти мо тарс вуҷуд дорад, ки албатта аз як тараф боиси нокомии мо гардад, аз тарафи дигар мо бояд онро барои пешравиамон истифода барем. Ба ҳамин мазмун шиори софистҳои юнонӣ “Одаме метарсад аблаҳ аст ва одаме наметарсад ду маротиба аблаҳтар аст” мувофиқ меояд.

Боис ба зикр аст, ки “инсони комил” ҳама вақт дар ҷустуҷӯи роҳҳои ба мақсад расидан қарор дорад ва меъёрҳои ҷомеа иҳотакардаро дар тарозуи ақл санҷида сарҳади дуруст ё нодурустиашонро муайян кардани мешавад. Дар ин бобат К.Г. Юнг дуруст таъкид намудаанд: “Мушкилоти нафси инсони муосирро наметавон бе истисноӣ майл доштан ба оромӣ ва эътимод пайдо намудан ҳангоми ноумедӣ, тасвир намуд” [13, с. 281]. Аммо инсон мавҷудотест, ки ба пуррагӣ омӯхта нашудааст ва дар оянда, омӯхта шуданаш ба гумон аст, зеро ҳеҷ вақт ҷамъият ҳамаи талаботҳои инсонро қонеъ карда наметавонад ва бо мурури замон дар ҷомеа талаботҳои нав пайдо мегарданду инсон аз мавҷудияти хеш ба пуррагӣ қонеъ буда наметавонад.

Дар фарҷом метавон ҳаминро хулоса кард:

1. Тарбияи фарди миллӣ дар маддӣ аввал меистад, бинобар ин моро мебояд “баҳри ташаккули дурусти ҳувияти миллӣ корро аз оила, боғча, кӯча ва маҳалла шурӯъ карда, дар мактаб, донишгоҳ, марказҳои динӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва умуман дар тамоми тоҷику тоҷикистонӣ дуруст ба роҳ монем” [7, с. 108];
2. Барои нигоҳ доштани хусусиятҳои этно – миллии тоҷикони муҳоҷир ва ё бурунмарзӣ мо бояд дар олами маҷозӣ хело фаъол гардем ва тавассути мақола, барнома, ва роликҳо бузург будани хешро ба насли наврас расонда тавонем, то ин ки ифтихори миллӣ, ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ аз зеҳну зеҳнияти онҳо зудуда нашавад;
3. Барои паст гардонидани бегонашавии миллии тоҷикон механизмҳои нав ба нави илмиро коркард намудан лозим, то ин ки ба калавидани ҳувияти миллии баъзе аз ҳамиллатонамон роҳ надиҳем;
4. Барои дар таодул нигоҳ доштани ҳиссиёти тарс ва ҷасорат ҳамаи муҳоҷирони тоҷикро ба ратсионализми илмӣ равона намудан лозим аст, зеро ҷасорат ва тарси дар мувозинатбуда боиси пешравии фард мегардад.
5. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда бояд мо барои дар оянда кам намудани муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҳисоби шаҳрвандони Тоҷикистон саҳмгузор бошем, зеро “...раванди глобализатсия оҳиста – оҳиста мавқеашро ба раванди деглобализатсия додаистодааст, ки моро мебояд, ба он бо сари баланд ворид гардему давлат ва ҳувияти миллии хешро ҳифз намоем ва насли наврасро дар асоси унсурҳои миллӣ тарбия намуда, маҳаки асосии раванди деглобализатсия содироти молро нисбат ба воридот зиёд намоем” [5, с. 97].

**Адабиёт**


1. Клонингер, С. Теории личности : познание человека / С. Клонингер. — СПб. : Питер, 2003. — 720 с.
2. Маслоу, А. По направлению к психологии бытия / А. Маслоу. — М. : ЭКСМО - Пресс, 2002. - 272 с.
3. Миграция // Демографический энциклопедический словарь. — М., 1985. – 606 с.
4. Налчаджян, К. А. Этнопсихология / К. А. Налчад-жян. — Ереван : Зангак - 2003. – 97 с.
5. Саидумаров, С. С. Фарҷоми глобализатсия ва оғози деглобализатсия: манфиат ва таҳдидҳои он / С. С. Саидумаров, А. Қ. Умаров // Вестник Педагогического университета. Серия: Философские науки. – 2024. – No. 1(13). – P. 92-99. – EDN EQQGMA.
6. Саидумаров, С. С. Традиция - основная опора самопознания / С. С. Саидумаров, Р. Ф. Шарифзода // Национальное самосознание в условиях глобализации : Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 03 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 348-353. – EDN LNGETF.
7. Саидумаров, С. С. Табиат, сохтор ва вазифаҳои ҳувияти миллии тоҷикон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) / С. С. Саидумаров // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2023. – No. 3(27). – P. 101-110. – EDN ZLSBVV.
8. Солдатова Г. У. Психология межэтнической напряженности. — М. : Смысл, 1998. – 176с.
9. Стефаненко Т. Г. Этнопсихология / Т. Г. Стефа-ненко. — М. : Институт психологии РАН, Академический проект, 1999. — 320с.
10. Сусоколов А. А. Методологические принципы этносоциологического изучения миграций / А. А. Сусоколов // Этносоциология / Ю. В. Арутюнян, Л. М. Дро-бижева, А. А. Сусоколов. — М. : Аспект Пресс, 1999. — С. 86-87.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри 10 то ибтидои асри 20) иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2. Нашриёти “Советская энциклопедия” Москва 1969. – 946 с.
12. Щербатых Ю. В. Психология страха: популярная энциклопедия. М.: Эксмо, 2007. 512 с.

13. Юнг К. Г. Проблемы души нашего времени. М.: Академический Проект, 2007. – 336с.
14. Lewin K. Resolving social conflicts : selected papers on group dynamics. Gertrude / K. Lewin, W Lewin (ed.). — N. Y. : Harper & Row, 1948. – P. 205.
15. Triandis H. C. Culture and social behavior / H. C. Triandis. — N. Y. : McGraw-Hill,1994. – P . 330.
16. Маводи электронӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Миграция_населения.

## МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА ГАНҶУРИ РАВОНИИ МИЛЛАТ: БУРДУ БОХТҲО ДАР МИСОЛИ МИЛЛАТИ ТОҶИК (ТАҲЛИЛИ ИҶТИМОӢ – ФАЛСАФӢ)

Дар мақола муаллиф масоили муҳими замони муосир таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба ганҷури равонии миллат ва дигар хусусиятҳои этно – миллии тоҷикон таҳлилу баррасӣ кардаанд. Дар аввали мақола муаллиф тавонистааст, ки шаклҳои муҳоҷират, зинаҳои мутобиқшавии унсурҳои “Мо” –и муҳоҷир бо “Онҳо” – и муҳити нави маскунашон ва қисман ба бар намудани ҷомеаи фарҳангии “Онҳо” – ро муфассал матраҳ намудаанд. Дар идома унсурҳои асосии ганҷури равонии миллат ба мисли зеҳн, хусусиятҳои равонӣ, ҳиссиёт ва эмотсияҳои муҳоҷир дар давраи буду бошаш, дар кишвари дигар бо усулҳои асосноки илмӣ таҳлил гардида, роҳу равишҳои дар таодул нигоҳ доштани тарсу ҷасорат пешниҳод гардидаанд. Дар фарҷоми мақола муаллиф роҳу усулҳои баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, кам намудани таъсиротҳо ба ганҷури равонии миллат ва идора намудани ҷасорату тарсро дар муҳоҷирони меҳнатӣ пешниҳод намудаанд.

**Калидвожаҳо:** Ганҷури равонии миллат, миллат, хусусиятҳои этно – миллӣ, суханҳои қолабигардида, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ, давлати миллӣ, Тоҷикистон, тоҷик, ифтихори миллӣ, зеҳн, зеҳният, зеҳнияти миллӣ, далерӣ, шуҷоат, тарс, ҳаяҷон.

## ТРУДОВАЯ МИГРАЦИЯ И ПСИХИЧЕСКИЙ СКЛАД НАЦИИ: ПОБЕДЫ И ПОРАЖЕНИЯ НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКСКОЙ НАЦИИ (СОЦИАЛЬНО – ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ)

В статье автор проанализировал важные вопросы современности: влияние трудовой миграции на психический склад нации и другие этно-национальные особенности таджиков. В начале статьи автору удалось детализировать формы миграции, этапы адаптации “Мы” элементов мигранта к “Они” новой среды обитания и частичное воплощение “Они” культурной общности. В дальнейшем основные элементы психического склада нации, такие как интеллект, психологические характеристики, чувства и эмоции мигранта во время его пребывания в другой стране, были проанализированы с помощью научно обоснованных методов и предложены пути и подходы к сохранению страха и мужества в стране. В завершение статьи автор предложил пути и методы повышения национальной идентичности, уменьшения воздействия на психический склад нации и управления мужеством и страхом трудовых мигрантов.

**Ключевые слова:** Психический склад нации, национальность, этно-национальные характеристики, стереотипные слова, самосознание, национальная идентичность, национальное государство, Таджикистан, таджик, национальная гордость, менталитет, ментальность, национальный менталитет, отвага, страх, волнение.

## LABOR MIGRATION AND THE MENTAL MAKEUP OF THE NATION: VICTORIES AND DEFEATS ON THE EXAMPLE OF THE TAJIK NATION (SOCIO–PHILOSOPHICAL ANALYSIS)

In the article, the author analyzed important issues of our time: the impact of labor migration on the mental makeup of the nation and other ethnic and national characteristics of Tajiks. At the beginning of the article, the author managed to detail the forms of migration, the stages of adaptation of the “We” elements of the migrant to the “They” of the new habitat and the partial embodiment of the “They” cultural community. Subsequently, the main elements of the nation's mental makeup, such as intelligence, psychological characteristics, feelings and emotions of a migrant during his stay in another country, were analyzed using scientifically based methods and ways and approaches to preserving fear and courage in the country were proposed. At the end of the

article, the author proposed ways and methods to enhance national identity, reduce the impact on the mental makeup of the nation and manage the courage and fear of migrant workers.

**Keywords:** The mental makeup of the nation, nationality, ethno-national characteristics, stereotypical words, self-awareness, national identity, national state, Tajikistan, tajik, national pride, mentality, national mentality, courage, fear, excitement.

**Дар бораи муаллиф:**
Саидумаров Саидвоҳид Саидбурҳонович,
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ,
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ,
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10
Тел.: (+992) 935 01 24 44.
E-mail: svd-2010@mail.ru

**About the author:**
Saidumarov Saidvohid Saidburkhonovich,
Candidate Of Philosophical Sciences, Docent Department of Social Sciences,
Tajik Technical University named after ac. M. S. Osimi,
Republic of Tajikistan, 734042, Dushanbe, Ak. Radjabov, 10.
Phone: (+992) 935 01 24 44
E-mail: svd-2010@mail.ru

**Об авторе:**
Саидумаров Саидвохид Саидбурхонович,
кандидат философских наук, доцент кафедры общественных наук,
Таджикский технический университет им ак. М. С. Осими,
Республика Таджикистан, 734042, г. Душанбе, проспект ак. Раджабовых, 10.
Тел.: (+992) 935 01 24 44
E – mail: svd-2010@mail.ru.

ТДУ 316.72:37.018.1

# НАҚШИ ОИЛА ВА ТАРБИЯ ДАР ИҶТИМОИШАВИИ ҶАВОНОН

***Саидова Н. Н.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Оила як гурӯҳи иҷтимоӣ мебошад, ки дар доираи он робитаи муайян вуҷуд дорад. Ин метавонад хешутаборӣ, издивоҷ ё фарзандхонӣ бошад. Ҳамаи аъзоёни он буҷаи ягона, ҳаёти ҳаррӯза доранд ва барои якдигар масъуланд. Дар байни онҳо инчунин муносибатҳои иҷтимоӣ мавҷуданд, ки ба робитаҳои биологӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, масъулият ва ғайра оварда мерасонанд. Ба хусусият, суръат ва сифати татбиқи мутобиқсозии иҷтимоӣ, муайянсозӣ ва фардикунонии ҷавони муосир оила ва муҳити таълимӣ таъсири назаррас мерасонанд. Омилҳои иҷтимоикунонии оила (масъулияти волидон, муносибатҳои байни аъзои оила, сатҳи фарҳанги умумии волидон, тарбияи волидайн ва ғайра) ба андозаи зиёд аз шароити моддию маишӣ ва ахлоқӣ-психологии ҳаёти оила вобастаанд, ки ҷанбаҳои потенсиалии иҷтимоии оиларо, ки мо қайд кардем, ба ҳам мепайвандад. Охиринҳояшон ба шахсият таъсир мерасонанд, ки бо ҳамдигар пайваст шуда, пайвастагиҳои гуногунро ташкил медиҳанд. Ҳар яке аз омилҳои қайдшуда паҳлӯҳои муназзам ва табиӣ доранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявии танзими расму оинҳои динӣ, анъанаҳо ва расму оинҳо 24 майи соли 2007 махсус таъкид карда буданд, ки "вазифаи муқаддаси волидон, пеш аз ҳама тарбияи фарзанди тарбияёфта, ахлоқӣ ва ватандӯст аст". Бояд гуфт, ки дар оила мақом ва мавқеи модар хеле бузург аст, зеро маҳз модар кӯдакро ба дунё меорад ва ба ӯ навиштани аввалро меомӯзонад. Илова бар ин, Президенти мамлакати мо дар суханрониҳои худ дар бораи нақши модар дар тарбияи фарзанд ва саломатии оила борҳо гуфтааст, ки "дар оилае, ки модар дорои сатҳи баланди таҳсилот аст, вай фарзандони хубро тарбия мекунад. Аз ин рӯ, худи модарон бояд бомаърифат, фарҳангӣ ва бо ҷаҳонбинии васеъ бошанд, то тарбия ва нигоҳубин, камолоти рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ ва омодагии кӯдакон ба зиндагии мустақилона хуб эҳсос карда шаванд.

Маҳз дар оила, ки ба робитаҳои хешутаборӣ, муносибатҳои дохилии оилавӣ дохил мешавад, шахс наздик будани худро бо намояндагони миллат, гурӯҳи иҷтимоӣ динӣ ва ғайра эҳсос мекунад[1.,с.87]. Дар худшиносии оила нақши ахлоқ ва фалсафаи он хеле муҳим аст. Фалсафаи ахлоқ як бахши фалсафа аст, ки мавзӯи муҳокимаи он амалҳои хуб ё бад, дуруст ё нодуруст, амалҳое, ки бояд анҷом дода шаванд, инчунин тозаву равшан ё торик ва ғайра мебошанд. Фалсафаи ахлоқ як навъи ахлоқест, ки асосҳои раванд ва муносибати ахлоқ ва дилбастагиро баррасӣ мекунад. Мутафаккирони асримиёнагии форсӣ-тоҷикии Шарқ дар атрофи ин мавзӯи муҳим бисёр баҳс мекарданд ва бештар дар бораи ҳикмати амалӣ сухан мегуфтанд, ки мавзӯи муҳокимаи он худи инсон, одобу одатҳо ва амалҳои инсон ба ҳисоб мерафт.

Аз таҳлил ва баррасии таълимоти ахлоқии гурӯҳи олимону мутафаккирони тоҷику форс Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Ҳусейн Воизи Кошифӣ, Насируддини Тусӣ, Мавлоно Балхӣ, Имод Фақиҳ Кирмонӣ, Шамсуддин Муҳаммад Лаҳиҷӣ, Файзи Кошонӣ, Сайидои Насафӣ ва дигарон ба хулосае омадан мумкин аст, ки доштани ахлоқ ва худогоҳӣ яке аз муфидтаринҳост ва бузургии онро ба табъи шахс ва мавқеи онҳо дар рушди оила ва ҷомеа ишора мешавад. Аз ин рӯ, тарбия ва тарбияи фарзандон дар оила ҳам давраи масъулиятнок ва ҳам мусоиди таълим дар ҳаёти волидон мебошад. Зеро аз рӯзҳои аввали рушди тарбиявию ахлоқии ҳар як кӯдак масъулияти вазнин бар дӯши падару модараш аст. Ин масъулият пеш аз ҳама дар асоси он ташаккул меёбад, ки кӯдак байни худ ва волидон робитаи муҳиме ба вуҷуд меорад, ки тавассути он рушди ахлоқӣ ва рушди кӯдак рӯз ба рӯз, ҳар лаҳза ва соат дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёти ӯ оҳиста инкишоф меёбад. Тарбияи кӯдак бояд бо назардошти хислат, ҳолати рӯҳӣ ва муҳити зисташ сурат гирад.

Масъалаи издивоҷ ва оила решаҳои амиқи таърихӣ ва фалсафӣ дорад. Афлотун схемаҳои бунёди оила, меъёрҳои таъмини зиндагии онро таҳия мекард. Арасту дар оила

асоси давлат, ячейкаи ҷомеа, умумиятеро медид, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаррӯзаи инсон ба вуҷуд омадааст. Оила барои ӯ аввалин шакли ҳаёти муошрати одамон аст, ки баъдтар ба ҷамоатҳои калонтар (деҳаҳо, давлатҳо) табдил меёбад. Бо назардошти оила ҳамчун натиҷаи хоҳиши табиии одамон барои муошират ва зиндагии якҷоя, Аристотел дар рисолаи "Сиёсат" дар бораи он ҳамчун таҳсилоти табиӣ, ки дар ҳаёти инсон нақши калон дорад, хулоса мебарорад. "Азбаски ҳар як оила, - менависад ӯ, - як қисми давлатро ташкил медиҳад ва ҳамаи одамон аъзои оила мебошанд ва азбаски фазилатҳои қисмҳои алоҳида бояд ба фазилатҳои кулл мувофиқат кунанд, пас тарбияи фарзандон ва занон низ бояд ба низоми давлатӣ мувофиқ бошад; ва агар ин барои давлате, ки ба тартиботи шоиста майл дорад, бетафовут набошад, пас бояд фарзандони шоиста ва занони шоиста низ дошта бошанд. Ва ин бояд ба назар гирифта шавад, зеро занон нисфи тамоми аҳолии озодро ташкил медиҳанд ва аз кӯдакон иштирокчиёни ҳаёти сиёсӣ ба воя мерасанд, ки барои онҳо" муҳаббат ба ватан аз оила оғоз меёбад"[2,с.67-68].

Роҳи таърихии рушди шаклҳои муносибатҳои издивоҷ ва оила ҳамчун сохтор дар асарҳои И.Бахофен, Л. Морган, Д. Мак-Леннан, Ф. Энгелс, Э. Вестермарк, Ю. И. Семенов, Л.А. Файнберг рӯшан карда шудааст. Дар асарҳои онҳо роҳи таърихии рушди оила, ки ҳамчун як қисми раванди эволютсионии таърихи ҷаҳонӣ баррасӣ мешавад, амиқ ва пурра таҳия карда мешавад.

Таҳлили хусусиятҳои институтсионалии оила аз ҷониби П.Сорокин амалӣ карда шуд. Методологияи пешниҳодкардаи ӯ аз он иборат буд, ки оиларо ҳамчун гурӯҳи ибтидоӣ ва сифатан беназири иҷтимоӣ, воҳиди асосии сохтории ҷомеа баррасӣ кунад. Дар ин маъно, вазифаҳои институтсионалии оила хеле мушаххас, ғайримуқаррарӣ мебошанд ва онҳоро бо вазифаҳои шабеҳи дигар институтҳо иваз кардан мумкин нест. Дар асри ХХ, тағйиротҳо дар оила пеш аз ҳама аз ҷониби сотсиологҳо ва демографҳо тадқиқ карда шуданд. Муҳаққиқон С.Г. Громан, Л. Карсавин, П. Сорокин, С. Я. Волфсон, С. Я. Николский ва ғайраро номбар кардан мумкин аст ва он чизе, ки онҳоро муттаҳид мекунад, дар он аст, ки онҳо омилҳои вайроншавии суботи оиларо сабт мекунанд ва онҳоро пеш аз ҳама бо муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷомеа, мустақилияти воқеии иқтисодии аъзои оилаи корӣ шарҳ медиҳанд.

Маркс ҷомеаро ҳамчун омма тавсиф мекунад, ки" аз оилаҳои инфиродӣ иборат аст" [3, с. 45]. Вай қайд мекунад: "ҳамчун падидаи махсуси иҷтимоӣ, оила дар ягонагии диалектикӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми соҳаҳои ҷомеа қарор дорад"[3,с.34]. Таҷдиди наслҳои нав на танҳо идомаи табиии насл, балки тағироти иҷтимоии як насл ба насли дигар аст ва ҳар як насли минбаъда кори наслҳои пешинро тавассути тамосҳои мустақим ва тарзи ҳаёти оилавӣ идома медиҳад. "Волидон худро дар кӯдакон аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ахлоқӣ такрор мекунанд, яъне шахс муҳити оилавиро аз худ мекунад" [43 с. 42], ки манбаи асосии иҷтимоикунонии ӯ дар марҳилаи кӯдакону наврасони ҳаёт мебошад.

Маҳз дар оила тамоми қувваҳои ҷомеа бо ҳам пайванд мешаванд, арзишҳо ва манфиатҳои иҷтимоӣ тамаркуз мекунанд. Ва ин алалхусус дар давраи гузариш аз кӯдакӣ ба наврасӣ, вақте ки даъвои калонсолон, тамаркуз ба меъёрҳо ва арзишҳои дар ҷаҳони калонсолон қабулшуда (ё рад кардани онҳо), таҷрибаҳои мураккаб ва баҳсбарангезе, ки аз хоҳиши наврас барои шиносоӣ бо ин ҷаҳон ба вуҷуд омадаанд, равшан нишон дода мешавад.

Оилаи анъанавӣ ба воситаи раванди иҷтимоишавӣ вазифаи пайдарпаии наслҳо, ҳифзи арзишҳо ва муқаррароти ахлоқӣ, тарзи рӯзгор ва ҳатто афзалиятҳои касбии ниёгонро ҳал мекунад. Дар шароити намуди авторитарии муносибатҳои дохили оила, беэътиноӣ ба анъанаҳои оила маҳкум ва қатъиян маҳкум карда мешавад.

Аз рӯи мазмуни худ, раванди иҷтимоикунонии ҷавон дар оила ба азхудкунии нақшҳои иҷтимоӣ дар соҳаи оилавӣ, аз ҷумла хусусиятҳои миллии иҷрои ин нақшҳо равона шудааст. Дар оила асосҳои дониши фарҳанги миллӣ: забони миллӣ, фолклор ва дигар зуҳуроти эҷодиёти бадеии халқӣ гузошта мешаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми тарбияи фарзандон дар оила ба иштироки ҷавонон дар баргузории ҷашнҳои халқӣ ва расму оинҳои миллӣ диққати бештар дода мешавад. Одатан, анъанаҳои халқӣ аз як насл ба насли дигар бо иштироки аъзои хурди

оила дар иҷрои ҷашнҳо ва расму оинҳои гуногун интиқол дода мешаванд. Дар ин равандҳо, хурдсолон амалҳои ритуалӣ-аломатиро аз худ мекунанд, калонсолон ба онҳо мазмуну маънои амалҳои амалиро интиқол медиҳанд, ки дар натиҷа робитаҳои дохили оила мустаҳкам мешаванд.

Хусусиятҳои фарҳангӣ ва тамаддунӣ дар рушди ҷомеаи шаҳрвандии муосир нисбат ба мавҷудияти оила таъсири назаррасе мерасонанд. Вусъатёбии индивидуализм, вайроншавии оилаҳо, афзудани шумораи танҳоӣ, кӯдакони бепарастор ва ғайра мушкилоти умумиҷаҳонӣ мебошанд, ки ба давлати мо низ дахл доранд. Оилаи ҳастаии дар ҷомеаи саноатӣ паҳншуда, ки дар натиҷаи ҷудошавии ҳаёти меҳнатӣ аз ҳаёти оилавӣ ба вуҷуд омадааст, акнун воситаи наҷот аз индивидуализм нест, ки яке аз сабабҳои он суст шудани робитаҳои байни наслҳо мебошад.

Усули расмии ташкили ҳаёти оилавӣ, ки ба ҷомеаи пеш аз саноатӣ хос аст, дар давраи минбаъда хеле суст мешавад, қариб тамоман аз байн меравад ва бо импровизатсия дар ҷомеаи пас аз саноатӣ иваз карда мешавад. Футурология, ки ояндаро босуръат наздикшаванда ва ба маънои аслӣ ба ҳозира дохил мекунад, тасвири танҳоии наздик ва ногузири фарзандони моро бо нигоҳ доштани динамикаи таваллуди мавҷуда тасвир мекунад [5, с. 32].

Оила, тавре ки мо бояд боварӣ ҳосил кунем, на ҳамеша қодир аст, ки шахсияти ташаккулёфтаро назорат кунад. Дар бисёр соҳаҳо, ба монанди техника, санъат, муносибатҳои ахлоқӣ на волидон, на оила, балки омӯзгорон, намояндагони ин ё он сохторҳои ҷамъиятӣ ва ҳамсолон сабабҳои асосии дониш ва муносибатҳо, арзишҳо ва меъёрҳое мешаванд, ки ба дараҷаи фаъолияти ҷавон, равияи иҷтимоии ӯ таъсир мерасонанд.

Ҳангоми таҳлили нақши таълим дар иҷтимоикунонии ҷавонон, пеш аз ҳама, мундариҷаи худи мафҳуми таҳсилотро, ки хусусияти гуногун дорад, дақиқ кардан лозим аст. Дар адабиёти муосир муайян кардани таърифи қаноатбахши мафҳуми таълим душвор аст. Масалан, луғати энсиклопедии шӯравӣ чунин таърифро пешниҳод мекунад: Таълим раванд ва натиҷаи азхудкунии дониш, малака ва малакаҳои системавӣ; шарти зарурии омодасозии инсон ба ҳаёт ва меҳнат. Роҳи асосии гирифтани маълумот таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ мебошад, ки он бо тарбия зич алоқаманд аст [6, с. 9-10]. Албатта, ин таъриф ба муҳаққиқон ва мутахассисони муосир чандон мувофиқ набдуа, талабот ва интизориҳои муосири системаи маорифро инъикос намекунад.

Таърихи таълимро ҳамчун истеҳсолӣ аз мафҳуми образ тафсир мекунад. Дар ин робита, таҳсилот дар баъзе ҳолатҳо ташаккули симои фаъолият дар шахс, дар ҳолатҳои дигар симои инсон ё худ, сеюм симои ҷаҳон ё симои Худо, чорум симои фарҳанг ва ғайраро дар назар дорад. Ҳар яке аз ин маъноҳо ба хусусиятҳои зиёде, ки баъдтар дар модели фаъолияти таълимӣ гузошта мешаванд, ҷудо мешаванд. Ҳамин тавр, ҳадафи таълим ба монанди касбият, бо фаҳмиши аввал алоқаманд аст. Бо дуюм дохил кардани насли наврас ба ҳаёт, ба фарҳанги умумиинсонӣ пайваст кардани он, ки боиси рушди тафаккур мегардад

Системаи маориф соҳаи мушаххаси амалияи иҷтимоӣ мебошад: аз як тараф, дар ин ҷо такрористеҳсоли таҷрибаи дар гузашта ҷамъоваришуда ва донишу маълумоти қаблан гирифташуда амалӣ карда мешавад, аз тарафи дигар, таҳкурсӣ сохта мешавад ва контурҳои фаъолияти ҳаётии оянда кашида шуда, лоиҳаҳои оянда тасвир карда мешаванд. Маъно ва ҳадафи олии таҳсилоти инсон аз он иборат аст, ки инсонро ба арзишҳои фарҳангии илм, санъат, ахлоқ, ҳуқуқ, табдил додани одами табиӣ ба фарҳангӣ, таъмини рушди пешрафтаи инсон, тафаккур, фаъолият мебошад. Ҳар як фарди алоҳида, ки аз ҳастии табиии худ ба доираи рӯҳ боло меравад, ташаккул мeёбад, "дар як ганҷинаи фаъолияти меҳнатӣ, ки моҳияти онро Гегел дар офаридани чизҳо (ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ) мебинад, на дар истеъмоли онҳо"[7, с.61] .

“Таълим, дар маҷмӯъ, ин пайвастшавии субъективӣ ва объективӣ, ба даст овардани симои олам аз ҷониби шахс мебошад. Тасвири онтологӣ, пеш аз ҳама, ягонагии мавҷудият аст” [8, с. 21]. Тавре, ки Гегел дар "Пропедевтикаи фалсафӣ" навиштааст, касе, ки ба ҷузъиёт содиқ аст, бесавод аст: "одами бесавод аз мушоҳидаи бевосита дуртар намеравад" [9, с. 63].

Ҷамъияти давраи гузариш ба намуди нави муносибатҳо асос ёфтааст, ки дар асоси он принсипи фардияти озод ҷойгир аст. Манбаи асосии иҷтимоӣ дониш, иттилоот, зеҳн аст ва нақши муҳимтарини ҷомеаро ҳоло "истеҳсолкунандаи иттилоот" мебозад. Маориф на танҳо раванди ба даст овардани дониш, малака, балки роҳи инсон будан, омили муҳимтарини динамикаи иҷтимоӣ, механизми такрористеҳсолии ҷомеа дар шароити рақобати афзоянда дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон мегардад.

Ҷамъияти иттилоотӣ ҷаҳони тағйироти босуръат суръатбахш, иттилооти зуд афзоянда ва зуд кӯҳнашуда, технологияҳо ва ғояҳои мураккаб, малака ва донишҳои такмилёфта мебошад, ки дар он талош барои возеҳӣ, дақиқӣ ва дурустии хулосаҳое, ки бо қобилияти зуд қабул кардани қарорҳо бо назардошти андешаҳои дигарон мебошад. А.В. Тягло ва Т. С. Воропай ҷомеаи иттилоотиро ҳамчун "тағйироти бунёдии тарзи ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ" муайян мекунанд, ки дар он иттилоот нақши сифатан нав мебозад [10, с. 7.].

Боз як ҷанбаи муҳимтарини бунёдии таълим маънавиёт аст. Баланд бардоштани шуур ба сатҳи андозагирии рӯҳонӣ ташаккули ақидаеро дар бар мегирад, ки дар ҷаҳон арзишҳои баландтар ва муҳимтар аз арзишҳои моддӣ ва прагматикӣ мавҷуданд. Ба ин маъно, масалан, интихоби касбро на ҳамчун ба даст овардани имконияти фурӯши худ, балки ҳамчун хидмате, ки бо ғояҳои фоиданокӣ ба ҷомеа, Ватан, инсоният асос ёфтааст, фаҳмидан лозим аст.

Имрӯз, дар шароити модернизатсияи маориф, фаҳмиши он торафт меафзояд, ки ҳадафи ниҳоии таҳсилоти муосир на ҳадафи ояндаи комил, балки худи инсон аст. Дониш ва маориф воситаи мавҷудияти он дар ҷомеаи иттилоотӣ ва универсум мегардад, ки суботи он ҳамчун шарти муҳимтарини зинда мондани инсоният эътироф карда мешавад.

Ҷузъи башардӯстонаи таълим ҳадафи рушди қобилиятҳои гуногуни инсонро дорад. Инсондӯстии таҳсилоти муосир на дар эъломияи расмии абстрактии арзишҳо, балки дар фароҳам овардани шароити мушаххас барои тарзи инсонпарваронаи интиқоли дониш аз инсон ба инсон, аз муаллим ба донишҷӯ иборат аст. Далел ин аст, ки " дониш аз рӯи таърифи худ як чизи умумӣ аст, ки дар шаклҳои ғайришахсӣ ифода меёбад. Аммо дониши гуманитарӣ дар тамоюл ба дарки ибтидои шахсии инсон талош мекунад. Муносибати ниҳоят умумӣ ва танҳо инфиродӣ мухолифати асосии диалектикии илмҳои сотсиогуманитарӣ мебошад"[11, с. 293].

Ҳамин тариқ таҳсилотро ҳамчун як муассисаи иҷтимоӣ баррасӣ намуда, бояд аҳамияти бузургтарини онро барои раванди иҷтимоикунонии ҷавонон қайд кард. Дар робита ба ин, хусусиятҳои таълимро муайян кардан мумкин аст, ки шароити мусоиди татбиқи иҷтимоиро доранд. Онҳо баромад мекунанд:

- Қобилияти таъсиррасонӣ ба раванди ташаккули маънавии шахс (гуманизатсия ва гуманитаризатсияи таълим).
- Имконияти рушди сифатҳои шахсият, ки ба мутобиқ шудан ба вазъияти интихоби доимӣ ва қобилияти баромадан аз он бе стресс мусоидат мекунанд. Самти амали донишҷӯ ба интихоби оқилона, ки метавонад шахсияти шахсиро мустаҳкам кунад.
- Афзоиши дастрасӣ ба шаклҳои гуногуни иттилоот, инчунин такмили доимии донишҳои асосии техникаи муосир ҳангоми навсозии сатҳ, тасдиқи амалия.
- Оммавият, муттасилии таҳсилот дар соҳаи ба даст овардани касбу ихтисосҳои марбута, рушди таҳсилоти калонсолон (системаҳои бозомӯзии кадрҳо, такмили ихтисос, таҳсилоти иловагӣ ва ғайра).

### *Адабиёт*


1. Иштханян Е.Д. Особенности социальной идентичности: Гражданское общество: Теория, история, современность: Сб. РАН. - М., 1999. - С. 87.
2. Аристотель. Политика //Сочинения: В 4 т. Т. 4. - М., 1984. – 830с.
3. Маркс К., Энгельс Ф. Избранные сочинения: В 9-т. Т. 2. /К. Маркс, Ф. Энгельс. - М,, 1985. - 668с.
4. Касьянов Н.Р. Семья и социализация индивида //Семья и социальная структура социалистического общества: Сб. статей. - М., 1980. - С. 42.

5. Романенко И.Б. Семья как глобальная проблема //Философия человека и процессы глобализации: Сб. науч. ст. - СПб.: Изд-во РХГА, 2006. - С. 32.
6. Советский энциклопедический словарь. — Москва: Советская энциклопедия, 1987. — 1599 с.
7. Грякалов А.А., Романенко И.Б., Стрельченко В.И. Философия человека и антология образования: Монография /Науч. ред. О.П. Елисеев. - М.: АПК и ППРО, 2007. -212с.
8. Романенко И.Б. Образовательные парадигмы в истории античной и средневековой философии. — СПб.: Изд-во РХГИ, 2002. —304 с.
9. Гегель Г.В.Ф. Работы разных лет. В двух томах. Т.2. М.: Мысль, 1971. (Философское наследие)-630с.
10. Тягло А. В., Воропай Т. С. Критическое мышление: Проблема мирового образования XXI века. Харьков: Ун-т внутренних дел, 1999. – 285 с.
11. Романенко, И.Б. Образовательные парадигмы в истории античной и средневековой философии: монография / И.Б. Романенко. СПб.: РХГИ, 2002. -317 с

## НАҚШИ ОИЛА ВА ТАРБИЯ ДАР МУТОБИҚШАВИИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН

Ин тадқиқот нақши калидии оила ва муҳити тарбияро дар раванди мутобиқшавии иҷтимоии ҷавонон баррасӣ мекунад. Ин мақола бо таваҷҷуҳ ба ҳамкории мураккаби омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва равонӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна оила ҳамчун аввалин ва муҳимтарин ниҳоди иҷтимоӣ дар ташаккули шахсият, арзишҳо ва рафтори иҷтимоии ҷавонон таъсиргузор аст. Инчунин, нақши мактаб ҳамчун муассисаи таълимӣ дар анҷом додани ин раванд ва омода намудани ҷавонон ба ҷомеаи васеъ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Таҳқиқи муқоисавии андешаҳои файласуфон ва мутафаккирони тоҷику форс дар бораи аҳамияти ахлоқ ва тарбия дар оила нишон медиҳад, ки оила аз қадим ҳамчун минбари асосии ташаккули шахсият ва арзишҳои ахлоқӣ шинохта шудааст. Дар дастурамалҳои раҳбарони кишвар низ аҳамияти нақши оила дар тарбияи фарзанд ва таъсири он ба ҷомеа таъкид шудааст.

Илова бар ин, таҳқиқоти мазкур омилҳои иҷтимоие, ки ба мутобиқшавии иҷтимоии ҷавонон таъсир мерасонанд, аз ҷумла сохтори оила, шеваи тарбияи волидайн, сатҳи таҳсилоти волидайн ва сифати муносибатҳои оилавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, нақши мактаб дар интиқоли арзишҳо, малакаҳои иҷтимоӣ ва омодасозии ҷавонон ба ҳаёти мустақилона таҳлил карда мешавад.

Ниҳоят, ин мақола беҳбуди шароити зиндагӣ ва ояндаи насли наврас тавассути пешниҳоди пешниҳодҳо оид ба таҳкими нақши оила ва мактаб дар раванди мутобиқшавии иҷтимоии ҷавонон равона шудааст.
**Калидвожаҳо:** оила, маориф, мутобиқшавии иҷтимоӣ, ҷавонон, шахсият, арзишҳо, тарбия, ҷомеа.

## РОЛЬ СЕМЬИ И ВОСПИТАНИЯ В СОЦИАЛЬНОЙ АДАПТАЦИИ МОЛОДЕЖИ

Данное исследование посвящено изучению ключевой роли семьи и воспитания в процессе социальной адаптации молодых людей. Исследование фокусируется на сложных взаимосвязях между социальными, культурными и психологическими факторами, демонстрируя, как семья, будучи первым и наиболее значимым социальным институтом, формирует личность, ценности и социальное поведение молодежи. Также рассматривается роль школы как образовательного учреждения, дополняющего этот процесс и готовящего молодых людей к жизни в обществе.

Сравнительный анализ взглядов таджикских и персидских философов и мыслителей на важность нравственности и воспитания в семье показывает, что семья издавна считалась основным фундаментом формирования характера и нравственных ценностей человека. Руководство страны также подчеркивает важность роли семьи в воспитании детей и ее влияние на общество.

Кроме того, исследование изучает социальные факторы, влияющие на социальную адаптацию молодежи, включая структуру семьи, стили воспитания, уровень образования родителей и качество семейных отношений. Также анализируется роль школы в передаче ценностей, социальных навыков и подготовке молодых людей к самостоятельной жизни.

В заключение, цель исследования - улучшить жизнь и будущее молодого поколения путем выработки рекомендаций по укреплению роли семьи и школы в процессе социальной адаптации молодежи.

**Ключевые слова:** семья, образование, социальная адаптация, молодежь, личность, ценности, воспитание, общество.

## THE ROLE OF FAMILY AND UPBRINGING IN THE SOCIAL ADAPTATION OF YOUTH

This research is dedicated to studying the key role of family and upbringing in the process of social adaptation of young people. The study focuses on the complex interactions between social, cultural, and psychological factors, demonstrating how the family, as the primary and most significant social institution, shapes the personality, values, and social behavior of youth. The role of the school as an educational institution that complements this process and prepares young people for life in society is also considered.

A comparative analysis of the views of Tajik and Persian philosophers and thinkers on the importance of morality and upbringing in the family shows that the family has long been considered the primary foundation for the formation of character and moral values. The country's leadership also emphasizes the importance of the family's role in raising children and its impact on society.

In addition, the study examines social factors that influence the social adaptation of youth, including family structure, parenting styles, parental education levels, and the quality of family relationships. The role of the school in transmitting values, social skills, and preparing young people for independent life is also analyzed.

In conclusion, the goal of the study is to improve the lives and future of the younger generation by developing recommendations to strengthen the role of the family and school in the process of social adaptation of youth.

**Keywords:** family, education, social adaptation, youth, personality, values, upbringing, society.

**Дар бораи муаллиф:**
Саидова Нигора Неъматуллоевна,
унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 938 21 08 80

**About the outhor:**
Saidova Nigora Nematulloevna,
applicant of the Department of Philosophy,
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 938 21 08 80

**Об авторе:**
Саидова Нигора Неъматуллоевна,
соискатель кафедры философии.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 938 21 08 80

ТДУ 301:32

# ОМӮЗИШИ САТҲИ ВАТАНДӮСТ ИИ ҶАВОНОНИ ДОНИШҶӮ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ТОҶИКИСТОН (ДАР МИСОЛИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН)

***Ашуров И.Ҷ.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Ватандӯстӣ ва ҳамеша омода будан ба ҳифзи Ватан яке аз рисолатҳои муҳимму муқаддаси ҳар як ҷавони худшиносу боҳувияти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Маҳз ҷавонон ҳамчун неруи ояндасоз ҳар як кишваррро аз таҳдиду хатарҳои дохилию беруна муҳофизат намуда, дар ваҳдати миллӣ ва рушди ҷомеа саҳми назаррас мегузоранд. Дар шароити афзудани таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон масъалаи мубрами ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, дар Паёми имсолаи хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба масъалаи ҷавонон ва масъалаҳои ватандӯстии онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Роҳбари давлат эътимоди хешро ба ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон изҳор намуда, онҳоро қишри фаъоли ҷомеа номиданд: “Ҷавонон қишри фаъолтарини ҷомеа ва идомадиҳандаи кору пайкори насли калонсол мебошанд ва маҳз онҳо масъулияти фардои кишвари соҳибистиқлоли худро ба дӯш хоҳанд гирифт. Мо ифтихор дорем, ки ҷавононамон нисбат ба Ватан меҳру муҳаббати самимӣ доранд, Ватанро сидқан дӯст медоранд, ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ арҷ мегузоранд иродаи мустаҳкам доранд ва сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати мамлакатро бо ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ дастгирӣ мекунанд. Мо аз ҷавонони кишвар умеди бузург дорем, ташаббусҳои созандаашонро минбаъд низ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем ва аз фаъолияти онҳо ба хотири рушду таҳкими давлатдории миллиамон ҳамеша қадрдонӣ менамоем” [4].

Бо мақсади муқаррар намудани ҳадаф, принсипҳо ва самтҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии он, инчунин муайян намудани муносибатҳои вобаста ба ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолият дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон 23 феврали соли 2023 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” қабул карда шуд. Дар моддаи моддаи 1 Қонуни мазкур мафҳумҳои “Ватан”, “ватандӯстӣ”, “тарбияи ватандӯстӣ” чунин шарҳ дода шудаанд:

- **Ватан** – Тоҷикистон, кишвари азизу маҳбуб барои шахс, ҷомеаи иҷтимоӣ ё миллии одамон, ки онҳо мансубияташонро ба он ҳамчун шароити зарурии некуаҳволии худ медонанд;
- **Ватандӯстӣ** – муҳаббати шахс ба Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва ба манфиати онҳо содиқона хизмат кардан;
- **тарбияи ватандӯстӣ** – фаъолияти мураттаб ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ, оила ва шаҳрвандон, ки барои ташаккули дарки баланди ватандӯстӣ дар тафаккури шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳимояи манфиатҳои Ватан нигаронда шудааст [2].

Ватандӯстӣ арзиши муҳимми иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, Истиқлоли давлатӣ, ягонагии миллат, амнияту ваҳдат ва рушди ҷомеаро муайян менамояд. “Дар ҳақиқат ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ заминаи арзишноке мебошад, ки ҳамгироии ҷомеаро таъмин менамояд ва ҳамчун меҳвари ягонагӣ, субот ва пешрафтаи он ба шумор меравад. Дар баробари ин, ватандӯстӣ дар низоми арзишҳои умумиинсонӣ арзиши марказӣ мебошад. Он дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ва махсусан дар шароити дигаргуниҳои ҷамъиятӣ нақши ҳалкунанда мебозад” [6, с. 253].

Моҳияти мафҳуми “ватандӯстӣ” дар муносибати шаҳрвандон ба ватану миллати хеш, ҳисси ифтихори миллӣ ва саҳм гузоштан дар ҳифзи Ватан, таъмини амният ва якпорчагии давлат зоҳир мегардад. “Ватандӯстӣ дӯст доштан ва содиқ будан ба Ватан ва миллати худ, ғамхорӣ ба манфиатҳо ва тақдири таърихии кишвари худ, эҳтиром гузоштан ба гузашта ва арзишҳои милии Ватан, ифтихор доштан аз дастовардҳо ва муваффақиятҳо ҳамватанони худ мебошад. Дар ҳаёт ин эҳсосот дар шакли донишҳо арзишҳо рафтору муносибат ба Ватан зоҳир мешавад. Ватан маконест, ки шахс дар он ҷо ба мақсаду орзуҳои худ мерасад ва озоду озуда зиндагӣ мекунад. Ватан барои шахс амнияташро таъмин мекунад, ӯро ҳифз менамояд ва барои пешрафташ тамоми шароитҳоро муҳайё мегардонад” [3, с. 151-152].

Муҳаққиқи тоҷик Т.С. Азимзода дар мавриди моҳияти ватандӯстӣ чунин ибрози назар намудааст: “Мавриди зикр аст, ки мафҳуму моҳияти ватандӯстӣ ва ё патриотизм, пеш аз ҳама, мавқеи шахсии шаҳрвандиро шакл дода, иродаи ҳар як шахсро ботинан ба интихобу амал муайян менамояд. Ба назари камина, дар шаклгирии ватандӯстӣ ва ё ватандории ҳар як шахс имону виҷдон, инсофу ирода ва сабру таҳаммул нақшу ҷойгоҳи хос доранд. Дар натиҷаи ин руҳу ҷисми инсонҳо бо ҳувияти миллӣ мусаллаҳ гардида, садоқат, вафодорӣ, эҳтиром, ҳалолкорӣ, ҳалолхӯрӣ ва ғайраро пешаи худ қарор дода, дар фаъолияту амалия ба Ватан, Давлат ва Миллат пойбанд хоҳанд монд. Ин воқеият метавонад, ба тарбияи ватандӯстӣ ва ё патриотизми ҳар яки мо таъсири мусбат дошта бошад” [1, с. 70].

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳисси ватандӯстии баъзе аз ҷавонон дар сатҳи паст қарор дорад, онҳо ба тақдиру ояндаи кишвари худ бетарафу бетаваҷҷуҳиро пеша кардаанд, аз хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ саркашӣ менамоянд. Дар аксарияти оилаҳо ба тарбияи ватандӯстии фарзандони хеш диққати ҷиддӣ намедиҳанд. Яке аз сабабҳои асосии гаравиши баъзе аз ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ маҳз дар сатҳи паст қарор доштани ҳисси ватандӯстии онҳо ба ҳисоб меравад. Агар ҷавон ватани худро дӯст дорад ва нисбати тақдиру ояндаи кишвару сарзамини худ бетараф набошад, ҳеҷ гоҳ ба Ватан хиёнат намекунад.

Бо мақсади муайян намудани ҳолати сатҳи сифати таҳсилот ва сатҳи ҳисси ватандӯстии донишҷӯён моҳҳои апрел-майи соли 2024 бо ташаббуси Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд. Дар таҳқиқоти сотсиологӣ 5150 нафар донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок намуданд. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ аксарияти мусоҳибон зери мафҳуми “Ватан” маконеро фаҳмидаанд, ки дар он шахс таваллуд мешавад. Аз чор як ҳиссаи мусоҳибон ё 24,4% Ватан гуфта, кишвареро фаҳмидаанд, ки дар он зиндагӣ мекунанд. Танҳо 6,6%-и мусоҳибон Ватан гуфта, макони таваллудро номидаанд (нигаред ба диаграммаи 1) [5, с. 54].

Диаграммаи 1. Шумо зери мафҳуми “Ватан” чиро мефаҳмед? (n=5150, %)



Дар масъалаи ифодаёбии зуҳуроти ватандӯстӣ мусоҳибон ақидаҳои мухталифро баён намудаанд. Масалан, 73,7%-и мусоҳибон зери мафҳуми "ватандӯстӣ" дӯст доштани ватани худ ва ифтихор намудан аз онро фаҳмидаанд. Инчунин, 28,3%-и мусоҳибон зери ин мафҳум дӯст доштани миллати худ ва ифтихор намудан аз онро номидаанд. Аз чор як ҳиссаи мусоҳибон ё 24,5% саҳм гузоштан дар ободӣ ва пешрафти ватани худро нишоне аз ватандӯстии шахс шуморидаанд. Дар баробари ин, ҷавобҳои дигари мусоҳибон низ хеле ҷолиби диққатанд, аз ҷумла донистан ва эҳтиром намудани таърихи кишвари худ (7,8%), хизмат намудан дар сафи Артиши миллӣ (7,5%), ҳимоя намудани манфиатҳои миллии давлати худ (7,1%), ҳимояи Ватан аз танқиду тӯҳматҳои хоинони Ватан (бо сухан ва амал, 5,6%), донистани Суруди миллӣ ва эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти миллӣ (3,9%) ва ғайраҳо (нигаред ба диаграммаи 2).

Диаграммаи 2. Ба назари Шумо ватандӯстӣ чист? (n=5150, %)




Ватандӯстии ҷавонон, пеш аз ҳама, дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи Ватан бо сухан ва амал ифода меёбад. Аксарияти мусоҳибони ҷавон қайд кардаанд, ки ҳангоми дар сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо шудани видеороликҳо ва ё навиштаҳои зидди Тоҷикистон шарҳи худро навишта, аз кишвар ҳимоя мекунанд. Ин посухҳои мусоҳибон аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳисси ватандӯстии аксарияти донишҷӯён баланд аст ва дар тарбияи ватандӯстии ҷавонони донишҷӯ омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон саҳми калон доранд.

Вобаста ба натиҷаҳои аз таҳқиқоти сотсиологӣ бадастомада, таҳлили маводи адабиёти илмӣ ва мушоҳидаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои ташаккули ҳисси ватандӯстии ҷавонони донишҷӯ, умуман ҷавонони Тоҷикистон чунин тавсияҳоро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Шинос намудани ҷавонон ба таърих ва фарҳанги миллӣ тавассути баргузории дарсҳои лексионӣ, кураторӣ, ташкили конференсияҳо, семинарҳо, вохӯриҳо ва мизҳои мудаввар бо ширкати олимон, таърихнигорон ва шахсиятҳои маъруфи Тоҷикистон;
2. Доир ба мавзуъҳои ватандӯстӣ ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ, озмунҳо, ташкили сайёҳатҳо ба ба ҷойҳои таърихӣ ва осорхонаҳо, чорабиниҳои эҷодӣ, намоиши суруду рақсҳои миллӣ ва ҷашнгирии солгарди шахсиятҳо ва қаҳрамонҳои таърихӣ;
3. Ҷалби донишҷӯён ба корҳои ободонию созандагӣ, вохӯриҳо бо шахсиятҳои шинохтаи Тоҷикистон, мисли қаҳрамонони миллӣ, сарбозони шуҷоъ, омӯзгорони фаъол, донишмандони намоён, соҳибкорони муваффақ ва ташкили суҳбатҳо бо онҳо дар мавзуъҳои ватандӯстӣ;
4. Пешбурди ғояҳои ватандӯстӣ тавассути ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳавасмандгардонии донишҷӯён барои истифодаи оқилонаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҷиҳати пахши матлабҳо ва видеоҳои тарбиявӣ дар мавзуъҳои ватандӯстӣ, ташкили

гурӯҳҳо ва саҳифаҳои махсус дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ки дар он донишҷӯён таассуроту андешаи худро дар мавзуъҳои миллӣ мубодила мекунанд;

5. Ташкили озмунҳо (мақола, корҳои илмӣ) бо мавзуъҳои ватандӯстӣ, ба донишҷӯёни пешсаф ва фаъол барои корҳои ватандӯстӣ тақдим намудани мукофотҳои пулӣ, ифтихорномаҳо, сипосномаҳо ё ҷоизаҳои махсус;
6. Дар сатҳи баланд баргузор намудани идҳои миллӣ ва ҷалби ҷавонони донишҷӯ ба онҳо, тарғиби ҷашнҳои миллӣ тавассути навиштани мақолаҳои илмӣ, чопи асарҳо, ба навор гирифтани филмҳои ҳуҷҷатӣ ва ғайраҳо. Махсусан, дар бораи Қаҳрамонҳои миллии таърихӣ, мисли Шераки диловар, Муқаннаъ, Шоҳони Саффориён, Тоҳириён, Сомониён, Ғурриён ва Темурмалик ба навор гирифтани филмҳои бадеӣ;
7. Дар роҳҳо, нақлиёти ҷамъиятӣ, кӯчаю бозорҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ гузоштани лавҳаҳо ва овезаҳои хусусияти ватадустӣ дошта, тарғиби ҷавонон барои хизмат дар сафи Артиши миллӣ;
8. Ташвиқи оилаҳо ва падару модарон барои тарбияи ватандӯстии фарзандон, ташкили вохӯрию суҳбатҳои ҷавонони донишҷӯ бо иштирокчиёни ҶБВ, Афғонистон ва дигар ашхосе, ки барои ҳифзи Ватан корнамоиҳо кардаанд ва ғайраҳо.

Хулоса, ташаккул додани ҳисси ватандӯстии ҷавонони донишҷӯ омили асосии ҳифзи амнияти миллӣ, фарҳанги миллӣ, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои миллӣ мебошад, ки дар рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат менамояд, зеро ояндаи дурахшони ҳар як давлат ба фаъолияти ҷавонони соҳибмаълумот, ташаббускор, масъулиятшинос ва шаҳрвандони ватандӯсти он вобастагии калон дорад.

Мақолаи илмии худро бо иқтибос аз Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба анҷом мерасонам: «Дар қалби ҷавонон ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба забон, таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи онҳо дар ҷомеа аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми давлату Ҳукумат мебошад... Бовар дорам, ки ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо илму донишҳои замонавӣ, касбу ҳунарҳои муосир ва саъю талоши навҷӯёнаи худ барои рушди илму инноватсия ва боз ҳам таҳким ёфтани нуфузи кишварамон дар арсаи байналмилалӣ саҳми арзишманд мегузоранд» [4].

**Адабиёт**


1. Азимзода, Т.С. Тарбияи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ дар Тоҷикистон: вазъ ва дурнамо / Т.С. Азимзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2024. – № 1(85). – С. 69-78.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 23.02.2023, № 1920. https://mmk.tj/content.
3. Миров, Ф.С. Национальная культура, патриотизм и национальная идентичность молодежи Таджикистана в глобальных условиях / Ф.С. Миров // Национальное самосознание в условиях глобализации: Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 03 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 149-161.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, аз 28.12.2024 [манбаи электронӣ]. URL: https://prezident.tj/event/missives/49225 (санаи истифодабарӣ: 25.01.2025).
5. Таҳқиқи сатҳи сифати таҳсилот ва дигар масъалаҳои ба он алоқаманд дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе, 2023. – 66 с.
6. Ҳайдаров Р.Ҷ. Тарбияи ватандӯстӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷик ҳамчун унсури муҳимми татбиқи сиёсати ҳарбӣ - ватандӯстӣ / Р.Ҷ. Ҳайдаров, Ҷ. Ф. Гулямов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 1(60). – С. 252-257.
7. Шоисматуллоев, Ш. Хусусиятҳои хоси иҷтимоишавии ҷавонони донишҷӯ дар тағйирёбии ҷомеаи тоҷикистон / Ш. Шоисматуллоев, Ш.Г. Мирзоева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2024. – № 1. – С. 30-34.

## ОМӮЗИШИ САТҲИ ВАТАНДӮСТИИ ҶАВОНОНИ ДОНИШҶӮ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ТОҶИКИСТОН (ДАР МИСОЛИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН)

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи сатҳи ватандӯстии ҷавонони донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон (дар мисоли Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) бахшида шудааст. Муаллиф бо истинод ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳияти ватандӯстиро ҳамчун падидаи муҳими иҷтимоӣ ва унсури асосии тащкими ваҳдати миллӣ шарҳ медиҳад.

Муаллиф, дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ омилҳои иҷтимоии ташаккули сатҳи ватандӯстии ҷавонони донишҷӯйро мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин самт нақши муассисаҳои таълимӣ, ВАО ва шабакаҳои иҷтимоиро хеле муҳим арзёбӣ менамояд. Ба андешаи муаллиф, дар шароити муосир, ки таҳдиду хатарҳои амнияти миллӣ меафзоянд, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонони донишҷӯ ба рушди ҳамаҷонибаи ҷомеаи муосири Тоҷикистон мусоидат менамояд. Бинобар ин, татбиқи тавсияҳои пешниҳодгардида барои боз ҳам таҳким бахшидани ҳисси ватандӯстӣ ва боло бурдани ҳисси масъулияти шаҳрвандии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол аҳаммияти хоса дорад.

**Калидвожаҳо:** Ватан, ватандӯстӣ, ҷавонони донишҷӯ, тарбияи ватандӯстӣ, таҳқиқоти сотсиологӣ, арзишҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ, амнияти миллӣ, Артиши миллӣ, ҳувияти миллӣ.

## ВОСПИТАНИЕ УРОВНЯ ПАТРИОТИЗМА СТУДЕНЧЕСКОЙ МОЛОДЁЖИ В ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ ТАДЖИКИСТАНА (НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА)

Статья посвящена исследованию уровня патриотизма студенческой молодежи высших профессиональных учебных заведений Таджикистана (на примере Таджикского национального университета). Автор, ссылаясь на Закон Республики Таджикистан «О воспитании патриотизма граждан» и Послание Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, разъясняет: сущность патриотизма как важного общественного явления и главного элемента укрепления национального единства.

На основе анализа научной литературы и результатов социологических исследований автор рассматривает социальные факторы, формирующие уровень патриотизма учащейся молодежи, и считает весьма важной в этом роль образовательных учреждений, средств массовой информации и социальных сетей. внимание. По мнению автора, в современных условиях, когда возрастают угрозы и опасности национальной безопасности, повышение чувства патриотизма у учащейся молодежи способствует всестороннему развитию современного таджикского общества. Поэтому, реализация предлагаемых рекомендаций имеет особое значение для дальнейшего укрепления чувства патриотизма и повышения гражданской ответственности молодежи независимого Таджикистана.

**Ключевые слова:** родина, патриотизм, студенческая молодежь, патриотическое воспитание, социологические исследования, национальные ценности, национальная культура, национальная безопасность, национальная армия, национальная идентичность.

## TRAINING OF THE LEVEL OF PATRIOTICISM OF YOUNG STUDENTS IN HIGHER VOCATIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF TAJIKISTAN (ON THE EXAMPLE OF THE NATIONAL UNIVERSITY OF TAJIKISTAN)

This article is devoted to the study of the level of patriotism of young students in higher professional educational institutions of Tajikistan (on the example of the Tajik National University).

Referring to the Law of the Republic of Tajikistan “On the Education of Patriotism of Citizens” and the Message of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon, the author explains the essence of patriotism as an important social phenomenon and the main element of strengthening national unity.

Based on the analysis of scientific literature and the results of sociological research, the author considers the social factors of the formation of the level of patriotism of young students, and assesses the role of educational institutions, the media and social networks in this direction as very important. In the author’s opinion, in modern conditions, when threats and dangers to national security are increasing, increasing the sense of patriotism of young students contributes to the comprehensive development of modern Tajik society. Therefore, the implementation of the proposed recommendations is of particular importance for further strengthening the sense of patriotism and raising the sense of civic responsibility of the youth of independent Tajikistan.

**Keywords:** Homeland, patriotism, student youth, patriotic education, sociological research, national values, national culture, national security, National Army, national identity.

**Дар бораи муаллиф:**
Ашуров Илҳомиддин Ҷафарович,
унвонҷӯйи кафедраи сотсиологияи факултети фалсафа.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33;
E-mail: ilhom-ashurov@list.ru.
Тел.: (+992) 988 19 30 00.
**Об автора:**
Ашуров Илхомиддин Джафарович.
соискатель кафедры социологии философского факультета.
Таджикский национальный университет.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33;
E-mail: ilhom-ashurov@list.ru.
Тел.: (+992) 988 19 30 00.

**About the author:**
Ashurov Ilhomiddin Jafarovich,
candidate of the Department of Sociology, Faculty of Philosophy,
Tajik National University.
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 33;
E-mail: ilhom-ashurov@list.ru.
Phone: (+992) 988 19 30 00.

ТДУ 323.15(437)"1991-" + 342.9(437)

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ТАРҒИБГАРИ АРЗИШҲОИ ҲУҚУҚИИВУ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

***Сангинзод Д. Ш.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ - бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ворид гардид. Пас аз эълон гардидани истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон ба арсаи ҷаҳон чун давлати мустақилу соҳибихтиёр ворид гардид. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар, бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Сабаб дар он мебошад, ки рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ вобаста аст.

Сиёсати ҳуқуқӣ шакли махсуси ифодаёбии сиёсати давлатӣ, воситаи барасмиятдарории ҳуқуқӣ, таҳким ва татбиқи роҳи сиёсии кишвар мебошад. Сиёсати ҳуқуқӣ бошуурона ва воҳид буда, пеш аз ҳама дар конститутсия, қонунҳо, кодексҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баҳри ҳифзи низоми иҷтимоӣ, рушди равобити ҷамъиятӣ дар самти дуруст ифода гардидааст. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот бо самтҳои асосии сиёсати давлат амалӣ гардида, заминаи ҳуқуқии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва самтҳои дигари сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо роҳандозӣ мешавад. Хусусиятҳои асосии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ ташкил медиҳанд.

Саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳварӣ аст. Дар ин замина барҳақ аст андешаи профессор Љ.С. Муртазоқулов оид ба он ки: «зери роҳбарии Пешвои миллат Эмомолӣ Раҳмон як раванди бисёр муҳим ва мураккаби таърихӣ, яъне ислоҳоти амиқи конститутсионӣ ва миллишавии низоми ҳуқуқии кишвар комилан анљом ёфт. Бо ин хидмати бузурги таърихии худ Эмомалӣ Раҳмон бо давлатдории миллии мо моҳият ва ҳастии ҳуқуқӣ бахшида, шакли ҳуқуқии Тољикистони соҳибистиқлолро ҳамчун кишвари аз назари ҳуқуқӣ мустақил бавуљуд овард»[4, с. 5-10], комилан дуруст аст.

Бо назардошти саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъриии ҳуқуқии қабулшуда дар даврони Истиқлоли давлатӣ метавон сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба се давра ҷудо намуд: Давраи аввал – солҳои 1992-2010; давраи дуюм – 2011-2017; давраи сеюм – аз соли 2018 инҷониб.

Беҳтарин ва муҳимтарин амал баҳри рушду устувор намудани истиқлоли кишвар 16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанди бостонӣ баргузор гардидани Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) мебошад. Ин иҷлосия ва асноди ҳуқуқии он дар ҳифзи давлатдории миллӣ ва инкишофи ниҳодҳои демократӣ дар Тоҷикистон нақши муайянкунанда бозид. Ба сифати раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти қонунгузории давраи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳз дар ҳамин иҷлосия ибтидо гузоштанд. Таҳти раёсати Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов ҳанӯз дар Иҷлосияи 16-ум 74 санадҳои ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки онҳо ба фаъол намудан ва таҳким додани сохтори ҳокимияти давлатӣ асос гузоштанд.

Ба рушди сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 заминаи устувор гузошт ва марҳилаи навро дар даврони истиқолол оғоз бахшид. Дар моддаи 1 Конститутсияи кишвар дарҷ шуд, ки: "Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд" [1].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми шодбошии худ ба муносибати Рӯзи Конститутсия санаи 6-уми ноябри соли 2020 аз ҷумлаи дастовардҳои бисёр арзишманди даврони соҳибистиқлолии мамлакат таъкид намуда, аҳммияти онро бахри рушди кишвар чунин баён карданд: "Дар асоси Конститутсия таъмин намудани соҳибихтиёрӣ, истиқлолу озодӣ ва тамомияти арзии кишвар вазифаи асосии давлат буда, тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоии давлат ҳамчун меъёрҳои пойдору устувори он эътироф гардидаанд. Дар ин санади бунёдии давлат мақсаду вазифаҳо, асосҳои сохтори давлатдорӣ, рамзҳои давлатӣ, ҳудуди кишвар, муносибат ба моликият, самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври возеҳу равшан инъикос шудаанд. Яъне, Конститутсияи даврони истиқлоли мо ҷавобгӯ ба талаботи замони нав ва ҷомеаи муосири кишвар буда, то имрӯз барои рушду тараққиёти давлатдории миллӣ, таҳкими пояҳои он ва зиндагии осудаву озоди мардуми тоҷик нақши калидӣ мебозад. Қобили зикр аст, ки дар кишвари мо маҳз ба шарофати Конститутсия ва дар заминаи амалӣ гардидани меъёрҳои он фазои орому осуда, волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ барқарор ва барои рушди бонизоми иқтисодиву иҷтимоии давлат шароити мусоид муҳайё гардид. Мо бо роҳи гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ то имрӯз дар самтҳои ҳифзи истиқлоли давлатӣ, демократикунонии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳуқуқиву фарҳангӣ, таҳкиму тақвияти низоми давлатдории миллӣ ва аркони бунёдии он ба дастовардҳои басо арзишманди таърихӣ ноил гардидем. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мо узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон эълон гардида, имрӯз тавассути ташаббусҳои созандаи худ дар ҳалли масъалаву мушкилоти глобалии сайёра нақши арзанда мегузорад" [6].

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 водор намуд, ки вобаста ба сохти иҷтимоӣ ва низоми давлатдорӣ санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба меъёрҳои конститутсионӣ дар таҳрири нав қабул гардида, муратабсозӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо таъмин карда шаванд. Баъд аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалӣ намудани моҳияти демократии давлати Тоҷикистон қадамҳои устувор гузошта шудаанд.

Санади дигари меъёриву ҳуқуқии ифодакунандаи махсусияти сиёсати ҳуқуқии кишвар дар давраи аввал Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2007, № 272 "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад. Мақсади ин қонун аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, иборат аст. Ин қонун ҳамчунин барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва тартиботи ҷамъиятӣ равона карда шудааст[2].

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ба муносибати 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» санаи 11-уми июли соли 2017 ҷойгоҳи Қонуни мазкурро дар низоми ҳуқуқии кишвар чунин ифода намуда буданд: "Қонунгузории муосири кишвар бо қабули чунин як қонуни аз лиҳози мазмун миллӣ ва аз нигоҳи моҳият демокративу дунявӣ дар ҷодаи ташаккули низоми ҳуқуқии кишвар, инчунин, дар самти таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ раванди тоза пайдо кард. Яке аз сабабҳои қабули қонуни мазкур аз он иборат буд, ки бо пайдо шудани равияҳои мазҳабии дорои хусусияти ифротӣ ва вусъат гирифтани тарғиботи зарарнок тавассути баъзе шабакаҳои интернет дар кишвар зуҳуроти бегонапарастиву тақлид ва хатар ба забону фарҳанг, бахусус, расму ойинҳои миллӣ ва ҳатто тарзи либоспӯшии мардуми мо, аз ҷумла занон торафт қувват

гирифта, таассубу зиёдаравӣ ҳангоми баргузории як қатор маросиму маъракаҳо ба ҳукми анъана даромада буд. Бо таъсири чунин раванд дар минтақаҳои гуногуни кишвар маъракаҳои сохтаву бофтаи ба фарҳангу мазҳаби мо бегона зиндагии табақаҳои камбизоатро, ки бе ин ҳам мушкилиҳои зиёд доштанд, вазнинтар гардониданд. Чунин вазъ моро водор сохт, ки аз ташаббуси қонунгузории худ истифода намуда қонунеро, ки ба беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар мусоидат намояд, таҳия ва пешниҳод кунем. Имрӯз бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки қабули қонун ҳамчун яке аз иқдомоти муҳимтарин дар самти ҳифзи анъанаҳои мардумӣ боиси ҳалли бисёр мушкилоти ҳаётан муҳимми аҳли ҷомеа гардида, ҷашну маъракаҳо ва расму ойинҳоро дар кишвар ба низом даровард” [7].

Ислоҳот дар соҳаи меъёрэҷодкунӣ дар давраи аввал оғоз ёфта буд, аммо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа номуратаб инкишоф ёфта истода буд. Агар ин ислоҳот дар самтҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ, мудофиа, амният ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, суд ва адолати судӣ, мақомоти қудратӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбатан пеш рафта бошад, дар самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ, молия ва қарз, низоми андоз, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳимояи иҷтимоӣ, соҳаҳои муҳими рушди иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи энергетика, саноат, сохтмон, нақлиёт, алоқа ва комплекси агросаноатӣ проблемаҳои зиёде мавҷ буданд, ки танзими ҳуқуқии ҳалли масъалаҳоро талаб мекарданд. Ҳамзамон, чунин тамоюлҳои манфии сиёсати ҳуқуқии кишвар дар ин давра, ки зарурати бартарафсозии онҳо дар ҷараёни такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд, ба мушоҳида мерасиданд: баҳисобгирии нопурраи дараҷаи батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии дахлдор ҳангоми қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав; шумораи зиёди меъёрҳои истинодовардашуда; таҳрифи меъёрҳои қонунҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи сатҳи пасттар; пешгӯии нокифояи оқибатҳои қабули баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи онҳо, ки боиси дар як муддати кӯтоҳ ворид намудани тағйиру иловаҳо ё бекор кардани ин санадҳо баъд аз қабули онҳо мегарданд; дар баъзе мавридҳо ба манфиатҳои соҳавии (идоравии) субъектони ҳуқуқэҷодкунанда додани афзалият ҳангоми таҳия ва пешниҳоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; дар баъзе ҳолатҳо ворид намудани тағйиру иловаҳои зиёд ба санадҳои кунашуда, ки ба батанзимдарории самараноки зарурии ҳуқуқӣ мусоидат намекунанд; дастрасӣ ва дарки нокифояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби тамоми табақаҳои аҳолӣ.

Оғози марҳилаи дуюм аз Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, №1021 “Дар бораи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” манша мегирад. Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои муҳимми низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани самтҳои асосӣ ва тарзу усулҳои такмили қонунгузорӣ тибқи принсипҳои давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ таҳия карда шуд. Самтҳои афзалиятноки Консепсия баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва татбиқи самарабахши онҳо дар ҳаёти ҷомеа буда, ба чунин мақсадҳо равона шуда буд; ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти давлат, манфиатҳои миллӣ ва амният; якпорчагии давлат, барқарор ва инкишофи сулҳ, муносибатҳои дӯстона ва некӣ бо ҳамаи давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ; таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ; такмили ислоҳоти ҳуқуқӣ бо дарназардошти рушди ҷомеа, баланд бардоштани дониши касбӣ ва маърифати ҳуқуқӣ; рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, аз ҷумла гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ, озодии эътиқод ва изҳори ақида, сухан ва такмили дигар унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ; пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, аз ҷумла коррупсия, терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии моводи мухаддир, хариду фурӯши одамон ва ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ; ҳалли ҷиддии масъалаи таъмини ҳамоҳангиву мувофиқати тамоми қонунҳо ва мутобиқати онҳо бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; аз байн бурдани ихтилофоти санадҳои қонунгузорӣ ва таъмини ҳамоҳангӣ ва фазои ягонаи қонунгузорӣ дар Тоҷикистон; бо дарназардошти талаботи рӯзафзуни ҷомеа, ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, пешрафти ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ такмили қонунҳои амалкунанда, таҳия ва қабули қонунҳои нав; ҷиҳати баланд бардоштани сифатнокии қонунҳо ҳангоми такмил додани қонунҳои амалкунанда ва таҳияи лоиҳаи

қонунҳои нав гузаронидани экспертизаи илмию ҳуқуқӣ, зиддикоррупсионӣ, гендерӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Амалигардонии консепсия ба низоми мӯътадилии қонунгузорӣ мусоидат намуд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии мухталифро таҳти танзим қарор дода, рушду такомули минбаъдаи чунин муносибатҳоро фароҳам оварад [8].

Рушду такомул ва сифатнок намудани қонунгузорӣ дар доираи Консепсия чунин зинаҳоро тай намуд: гузаронидани таҳқиқоти илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузорӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили он; таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин иштирок дар таҳияи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; таҳияи пешниҳодот оид ба мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; гузаронидани экспертизаи лоиҳаи қонунҳое, ки ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд; баҳодиҳии вазъи муосири қонунгузорӣ, ошкор намудани масъалаҳои ҳалталаби асосӣ ва мухолифатҳо дар он, муайян намудани дигар масъалаҳои такмили қонунгузорӣ; муайян намудани самтҳои аввалиндараҷа, ҷорӣ, асосӣ ва дурнамои такмили қонунгузорӣ ва татбиқи он.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, № 762 "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" санади дигари ифодакунандаи махсусияти сиёсати ҳуқуқии кишвар дар давраи дуюм мебошад. Мақсади Қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад[3].

Дар паёми табрикӣ ба муносибати иди саиди Фитр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 29-уми августи соли 2011 зарурати қабули Қонуни мазкурро чунин иброз намуда буданд: “Маҳз ба шарофати истиқлолият расму оин ва анъанаҳои неку писандидаи тӯли ҳазорсолаҳо ташаккулёфтаи аҷдодамон имрӯз ба як ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги миллии мо табдил ёфтаанд. Қонунияти бунёди давлати миллии муосир тақозо дорад, ки ҳам арзишҳои исломӣ ва ҳам расму оини аҷдодӣ бояд дар хизмати мардуми Тоҷикистон қарор дошта бошанд. Бо ҳамин мақсад тайи солҳои охир дар мамлакати мо ба хотири танзими масоили иҷтимоиву фарҳангӣ ва ахлоқӣ, аз ҷумла дар мавриди дин ва расму оинҳо як қатор тадбирҳои муҳим андешида шуда, қонуну санадҳои ҳаётан муҳим ба тасвиб расидаанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз ҷумлаи онҳост. Қонуни мазкур мутобиқи талаботи ҷомеаи озод баъд аз муҳокимаи умумихалқии тӯлонӣ ба тасвиб расида, дар таҳияи он ниҳодҳои гуногун, аз ҷумла аҳли уламо бо пешниҳодҳои мушаххас саҳм гирифтанд. Ин аст, ки беҳтарин аҳкоми тарбиявии Қуръони азимушшаън ва аҳодиси набавӣ, аз қабили номи нек гузоштан ба фарзанд, илм омӯхтан, пешгирӣ намудани фарзандон аз амалҳои ғайришаръӣ, пешгирӣ аз иштироки ноболиғон дар марказҳои дилхушӣ ва амсоли инҳо дар қонуни мазкур ҷой дода шудаанд” [5].

Дар давраи дуюм Тоҷикистон бо мақсади гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқии мусоидаткунанда ба рушди низоми нави ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ба марҳилаи сифатан нав, ба монанди банақшагирии таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, гузаронидани таҳқиқоти илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузорӣ, гузаронидани экспертизаҳои ҳуқуқӣ ва зиддикоррупсионии лоиҳаҳои қонунҳоро ворид намуд. Дар баробари қабул гардидани шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар кишвар ва эътироф гардидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин дар ин давра як яқатор консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия ва қабул карда шуданд, ки ба ташаккул ва рушди минбаъдаи муносибатҳои нави иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон мусоидат намуд. Дар натиҷа корҳо оид ба таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои муайян, аз ҷумла қонунгузории конститутсионӣ, гражданӣ,

соҳибкорӣ, молиявӣ, бонкӣ, гумрук, андоз, ҷиноятӣ, маъмурӣ, мурофиавии гражданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи судии иқтисодӣ, истеҳсолоти иҷро ва ғайра густариш пайдо намуданд.

Ҳамзамон, дар ин давра дар асоси Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои давлатӣ оид ба татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самту соҳаҳои гуногун барои солҳои 2012-2015 таҳия ва тасдиқ шуданд. Дар давоми ин давра рукнҳои давлатдории муосири Тоҷикистон хеле таҳкиму такмил ёфта, барои торафт мустаҳкам гардидани истиқлоли воқеии кишвар мунтазам мусоидат менамоянд. Бинобар ин, ислоҳоти гузаронидашуда ба такмили минбаъдаи демократикунонии институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ мусоидат намуд.

Давраи сеюм аз соли 2018 оғоз мегардад, ки заминаи он қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 "Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028" мебошад[9]. Бояд тазаккур дод, ки дигаргуниҳои бунёдии дар раванди ҷаҳонишавӣ ва буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ бавуҷудомада, инчунин вусъат ёфтани ҳамкориҳои судманди Тоҷикистон бо дигар давлатҳо, иштироки фаъолонаи он дар созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, таъсиси субъектҳои муштараки хоҷагидорӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ зарурати барқарор намудани иқтисодиёт пас аз таъсири буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, такмили фаъолияти давлатро дар самти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ баҳри мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба талаботи нави рушду пешрафти ҷаҳони имрӯза тақозо намуд.

Зарурати қабули Консепсия аз талабот ва омилҳои зерин бармеояд:

-танзими самаранокии низоми устувори сиёсии демократӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мамлакат;

- таъмини ҳуқуқии ҷараёни рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ;

-ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон;

-баланд бардоштани шуурнокӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла шахсони мансабдор;

-саъю кӯшиш ба натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва устувории он.

Меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои қабулгашта на ҳама вақт самаранок амал менамоянд. Дар натиҷа ҳадафҳои дар назди онҳо ҳангоми қабул гузошташуда иҷро намегарданд, ки боиси ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид намудани тағйиру иловаҳои зиёд ё дар таҳрири нав қабул кардани онҳо мешаванд. Аз ин ҷо дар оянда зарурати таъмини натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва устувории он ба миён меояд; пешгирӣ ва бартараф намудани ихтилофот, номутобиқатӣ, нуқсонҳо, такроршавӣ дар қонунҳо ва хориҷ кардани меъёрҳои ҳуқуқии моҳияташонро гумкарда. Азбаски таркиби қонунгузорӣ мураккаб ва гуногунҷабҳа мебошад, дар он мухолифат, номутобиқатӣ ва камбудӣ ҷой дошта метавонанд. Аз ин ҷост, ки мушкилоти муҳимми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ин бартараф намудани ихтилофу номутобиқатӣ байни қонунҳо, инчунин қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Чунин ҳолат метавонад боиси вайрон гардидани танзими банизомдарории ҳуқуқ гардида, фаъолияти муътадили кори низоми ҳуқуқро халалдор сохта, инчунин ба танзими самараноки ҳуқуқӣ, вазъи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таъсир расонад;

Мутобиқгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муҳим мебошад. Дар баробари воридшавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ таносуб ва бо ҳам мутобиқ намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ҳалли дурусти онҳо бо таваҷҷуҳ ба робитаҳои воқеии байниҳамдигарии ҷараёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ муайян мегардад. Ҳаёт водор месозад, ки оид ба баъзе хусусиятҳои асосӣ ва принсипҳои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ, континенталӣ, мусулмонӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки аз ҳамдигар фарқ мекунанд, дар фаъолияти қонунэҷодкунии кишвар эътибор дода шавад. Зеро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми ҳуқуқии миллӣ дар алоқамандӣ ва зери таъсири дигар низомҳои ҳуқуқӣ қарор дорад. Чунин раванд

зарурати баҳамназдикшавии онҳо, аз ҷумла ҳамоҳангсозӣ, якҷояшавӣ ва воридшавии меъёрҳои як низоми ҳуқуқиро ба меъёрҳои низомҳои ҳуқуқии дигар тақозо менамояд; самтҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятии моҳиятан ҳаммонанд, ки бо қонунҳо танзим меёбанд, бояд дар оянда ботадриҷ кодификатсия карда шаванд. Зеро дар шароити аз ҳад зиёд шудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар баъзе соҳаҳо кодификатсия хеле муҳим мебошад. Ба чунин кодификатсия ва васеъкунӣ аз ҳоло бояд шуруъ кард ва онро бо роҳи ботадриҷ аз нав кардани қонунгузории амалкунанда анҷом додан лозим аст. Мақсади кодификатсия кардани онҳо бартараф намудани номутобиқатӣ ва кам кардани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳаммонанд мебошанд;

Мавриди зикр аст, ки дар баъзе ҳолатҳо дар қонунгузории амалкунанда истилоҳот бо забони тоҷикӣ номуайян, гуногунмаъно ва тарзе истифода шудаанд, ки мазмуни меъёрии онро коста менамоянд. Забони қонун яке аз пояҳои асосии баланд бардоштани сифат ва мазмуни он мебошад. Аз ин рӯ, яке аз самтҳои афзалиятноки такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ масъалаи эҷод ва истифодаи калимаю истилоҳоти дурусти ҳуқуқии тоҷикӣ дар қонунгузорӣ мебошад. Ҳангоми истифодаи ин ё он истилоҳот дар қонунгузории амалкунанда на танҳо ба сода ва равону фаҳмо будани он, балки ба доираи фарогирии мазмуну мафҳуми муайян эътибор додан зарур аст, то ки шарҳи гуногуни меъёрҳо истисно гардида, татбиқи якхелаи онҳо таъмин карда шавад. Аз ин рӯ, зарурате ба миён меояд, ки дар оянда фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқии Тоҷикистон таҳия гардад;

Самаранокии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз амалисозӣ ва татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар амал вобастагӣ дорад. Татбиқи ҳуқуқ яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқии кишвар буда, бо мақсади такмили фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда, ҳамчунин таъмини сифати мазмуни санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва механизми амалӣ гардидани онҳо анҷом дода мешавад. Самаранокии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ аз ҳисси масъулият, омодагии касбӣ, ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, сатҳи баланди шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти татбиқи ҳуқуқ вобастагӣ дорад.

Бо вуҷуди пешравиҳо дар самти сохтори конститутсионии кишвар, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ташаккул ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар шароити имрӯза низоми конститутсионии кишвар ба такмил ниёз дорад, ки инҳоро пешбинӣ менамояд: татбиқи бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ; таҳкими асосҳои сохтори конститутсионии кишвар; инкишофи кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; такмили идоракунии давлатӣ бо таваҷҷуҳ ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ.

Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш санаи 1 сентябри соли 2024 дар бораи қонунҳои миллӣ ифроз намуданд, ки: “Мо бояд бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, радикализм ва хурофоту таассуби динӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин, ифротишавии ҷомеа мубориза барем. Маҳз ба ҳамин хотир мо се қонуни миллӣ – “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Љумҳурии Тољикистон", “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва “Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон”-ро қабул кардем, ки мардумамонро аз хавфу хатарҳои замони муосир эмин нигоҳ дорем, то онҳо дигарбора ба доми фиреби хоинони Ватану миллат гирифтор нашаванд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки қонунҳои зикршуда на фақат ҷанбаи иҷтимоиву иқтисодӣ, балки аҳаммияти сиёсиву амниятӣ низ доранд. Зеро онҳо, пеш аз ҳама, ба ҳимояи манфиатҳои мардум равона гардида, василаи муҳимми таъмин намудани амнияти давлат ва оромии ҷомеа мебошанд”.

Дарвоқеъ, қабули Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 8 июни соли 2007, №272, “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” аз 2 августа соли 2011, № 762 ва “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” аз 24 декабри соли 2022, № 1920 бо тақозои рушди ҷомеа буда, анъана ва ҷашну маросимро танзим намуда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ барои баланд бардоштани сатҳи

иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд, ҳадаф, принсипҳо ва самтҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии онро муқаррар намуда, ба муносибатҳои вобаста ба ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолият дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон равона гардидаанд.

Бо назардошти ба нафъи ҷомеа мутобиқ намудани меъёрҳои қонун, бартараф намудани нуқсонҳои ҷойдошта ва устувор намудани масъулияти субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ ду қонуни миллӣ дар таҳрири нав қабул карда шуд. Аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 19 июни соли 2024, № 499 ва “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” аз 20 июни соли 2024, № 2049.

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд иборат буда, онҳо барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва тартиботи ҷамъиятӣ равона карда шудаанд. Қонуни мазкур аз 6 боб ва 22 модда иборат буда, фарогири муқаррароти умумӣ, салоҳият ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба танзими ҷашну маросим, танзими ҷашну маросим, тартиби хизматрасонӣ дар ҷашну маросим, уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ҷалби аҳли ҷомеа ҳангоми гузарондани ҷашну маросим ва муқаррароти хотимавӣ мебошад. Қонуни мазкур нисбат ба мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият, ҳамчунин ба шахсони воқеӣ, новобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо татбиқ мегардад. Намояндагони миллату халқият ва дину мазҳабҳои дигар ҷашну маросими худро дар асоси расму оинҳои худ метавонанд гузаронанд. Онҳо ҷашну маросими дар Қонун пешбинишударо бо риояи муқаррароти Қонун мегузаронанд. Дар моддаи 1 Қонуни 2 мафҳумҳое истифода мешавад, ки дарки онҳо дониши ҳуқуқии љомеаро боло мебарад, амсоли маросим — маҷмуи амалҳои рамзӣ ва анъанавӣ, ки муносибати шахс ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба падидаҳои муҳимми ҳаёти фарҳангии ҷомеа ифода менамояд; ҷашн — таҷлили рӯйдодҳо ва ё санаҳои таърихию фарҳангӣ, ҷамъиятӣ, касбӣ ва оилавӣ. Дар боби 3 Қонун муқаррароти махсус оид ба баргузор намудани ҷашнҳои расмӣ, зодрӯз, хатнасур ва маросими дигари вобаста ба таваллуди кӯдак, тӯйи домодию арӯсӣ, маросими ҳаҷ ва умра, маросими дафну азодорӣ дарҷ карда шудаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо сокинони деҳоти Ворухи шаҳри Исфара санаи 9 апрели соли 2021 оид ба риояи қатъии қонун зикр намуда буданд, ки: “Мувофиқи изҳороти созмонҳои байналмилалӣ, аллакай, аҳолии бист кишвари сайёра аз болоравии нархҳо ва камчинии маводи ғизоӣ ба гуруснагӣ ва фақру қашшоқӣ гирифтор шудаанд. Дар чунин шароит мо бояд аз тамоми имкониятҳо, аз ҷумла аз заминҳои наздиҳавлигӣ ва президентӣ самаранок истифода бурда, ҳарчи бештар маҳсулот истеҳсол кунем, дар ҳар як оила захираи озуқавориро таъмин намоем ва нагузорем, ки халқамон аз лиҳози таъминот бо маводи ғизоӣ танқисиву муҳтоҷӣ кашад. Бо дарназардошти вазъи зикршуда тамоми мардуми кишвар ва ҳар як оила бояд талаботи Қонуни миллӣ “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”–ро қатъӣ риоя намоянд ва ҳангоми баргузории маъракаву тӯйҳо ба зоҳирпарастиву зиёдаравӣ ва исрофкорӣ, махсусан, исрофи маводи ғизоӣ роҳ надиҳанд”.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20 июни соли 2024, № 2049 муносибатҳоро оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ танзим намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст. Қонуни мазкур аз 7 боб ва 25 модда иборат буда, дарбаргирандаи муқаррароти умумӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, салоҳият ва ваколати онҳо дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, ҳуқуқ ва

уҳдадориҳои падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда дар таълиму тарбияи кӯдак, ҳуқуқу уҳдадориҳои муассисаи таълимӣ ва омӯзгор, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак, муқарраротӣ хотимавӣ мебошад. Дар моддаи 1 Қонун 7 мафҳумҳо истифода мешаванд, ба монанди вақти шабона — аз 1 апрел то 30 сентябр — аз соати 22:00 то соати 06:00 ва аз 1 октябр то 31 март — аз соати 20:00 то соати 06:00; кӯдак — шахсе, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст; марказҳои дилхушӣ — клубҳои шабона, дискоклубҳо, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок; масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак — уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар раванди таълиму тарбияи кӯдак; тарбия — раванди ҳадафмандонаи ба воя расондани кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ; таълим — фаъолияти муштараки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи кӯдак, донишомӯзӣ, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии ӯ; шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд — васӣ, парастор, шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд, намояндагони дигари қонунии онҳо, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигаре, ки кӯдак воқеан таҳти таълиму тарбияи онҳо қарор дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми шодбошӣ ба муносибати Рӯзи модар санаи 7 марти соли 2024 нақши модарону занонро дар иҷрои қонун афзал дониста, такид намуда буданд, ки: “Иҷрои талаботи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», дар рӯҳияи илму донишомӯзӣ, азхудкунии касбу ҳунар, ахлоқу одоби ҳамида ва эҳтироми калонсолон тарбия кардани фарзандон, инчунин, ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо низ асосан ба зиммаи модарону занон қарор дорад. Албатта, дар ин масъалаҳо мардон, яъне падарон низ масъулияти зиёд доранд. Лекин дили фарзанд ва нияту нақшаи ӯро аз ҳама беҳтар модари мушфиқу меҳрубон мефаҳмад ва ҳис мекунад”.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” аз 16 декабри соли 2022, № 332 ҳадаф, принсипҳо ва самтҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии онро муқаррар карда, муносибатҳои вобаста ба ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон муайян менамояд. Қонуни мазкур аз 5 боб ва 21 модда иборат буда, фарогири муқарраротӣ умумӣ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, таъмини фаъолият дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ва муқарраротӣ хотимавӣ мебошад. Дар моддаи 1 Қонун 11 мафҳумҳо истифода мешаванд: Ватан - Тоҷикистон, кишвари азизу маҳбуб барои шахс, ҷомеаи иҷтимоӣ ё миллии одамон, ки онҳо мансубияташонро ба он ҳамчун шароити зарурии некуаҳволии худ медонанд; ватандӯстӣ - муҳаббати шахс ба Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва ба манфиати онҳо содиқона хизмат кардан; дастгирии давлатии субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ - маҷмуи чораҳои ташкилии таълимӣ, иттилоотӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва чораҳои дигари аз тарафи мақомоти давлатӣ қабул ва амалишаванда, ки ба муҳайё намудани шароити мусоид барои кори ватандӯстӣ нигаронда шудаанд; мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон - мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон амалӣ менамояд; низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон – маҷмуи субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ, заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маънавӣ-ахлоқии фаъолияти таълимӣ ва оммавию тарбиявӣ, инчунин маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати ташаккули тафаккур ва ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон; тарбия - падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ, ки ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани ӯ ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона гашта, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷомеа хизмат менамояд; тарбияи ватандӯстӣ - фаъолияти мураттаб ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ, оила ва шаҳрвандон, ки барои ташаккули дарки баланди ватандӯстӣ дар тафаккури шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳимояи манфиатҳои Ватан нигаронда шудааст; тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ - маҷмуи тадбирҳое, ки барои аз ҷониби шахс дарк намудани арзишҳои олӣ, ормонҳо, ҳадафҳо, раванд ва падидаҳои муҳими иҷтимоӣ дар ҳаёти воқеӣ, қобилияти ба

роҳбарӣ гирифтани онҳо ҳамчун принсипҳои муайянкунанда ва мавқеъ дар фаъолияти амалию рафтор, ки ба хизмати сазовор ба Ватан равон карда шудааст; тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ - маҷмуи тадбирҳое, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон тарбия намудани дарки зарурати бошууронаи хизмати фидокоронаю беғаразона ба Ватан зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳаббат ба кишвари маҳбуб, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, риояи қонун, ахлоқи ҳамида, фарҳанги умумӣ, мавқеи амиқи шаҳрвандӣ, омодагии доимӣ барои адои қарзи конститутсионӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ, ифтихор аз дастовард ва анъанаҳои ниёгон равон карда шудааст; тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ - маҷмуи тадбирҳо, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ифтихор аз мансубият ба халқи худ, дастовардҳои он ва Қувваҳои мусаллаҳи кишвар, эҳтиром ба таърихи меҳан, хизмати ҳарбӣ, либоси низомӣ, ташаккули ҳисси ҳифзу ғанигардонии анъанаҳои пуршарафи ҳарбии ниёгон, абадигардонии хотираи муборизони дар роҳи ҳифзи Ватан ҳалокшуда нигаронда шудааст; ҳисси шаҳрвандӣ - ҷонибдории шахс аз манфиати давлат ва ҷомеа, низоми муносибат, рафтор ва фаъолияти ба он мувофиқ дар шароити давлат.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар санаи 9 марти соли 2024 нақши муҳими қонунҳои миллиро дар ҳимояи ҳуқуқҳои инсон иброз намуда, такид намуда буданд, ки: “Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ муносибат намуда, барои амалӣ гардонидани онҳо усулу воситаҳои заруриро дар сохтори давлатӣ ташаккул дод. Таъсиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим дар назди Ҳукумат, Муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти мамлакат, Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», бақайдгирии 4 ҳазор иттиҳодияи динӣ, яъне масҷидҳо ва ташкили сафари дастҷамъонаи шаҳрвандон ба ҳаҷ ва умра аз ҷумлаи иқдомоти дар ин самт амалигардида мебошанд”.

Баъд аз таҳлил бояд иброз намуд, ки қонунҳои миллӣ дастовардҳои беназири замони истиқлол мебошанд ва ҳар як шаҳрванди кишвар бояд дар заминаи муқаррароти онҳо фаъолияти худро ба роҳ монад. Дар соли 2024 - Соли маърифати ҳуқуқӣ вазифаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аст, ки бо муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” пурра шинос шавад ва онҳоро дар зиндагии ҳаррӯза ҳамчун талаботи меъёрию ҳуқуқӣ риоя намояд.

Дар марҳилаи нави бунёди давлати ҷавони Тоҷикистон тақдири баланди миллати куҳандиёри тоҷик дар симои шахсияти беназири таърихӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон олитарин сифатҳои адолати инсонӣ, бузургдилию шуҷоат, раҳму шафқат ва қобилияти нотакрори ваҳдатофариро ато кард ва маҳз ҳамин ҳамоҳангӣ ҷомеаро ба сатҳи баланди хештаншиносӣ расонид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки ҳамчун асосгузори қонунгузории миллӣ эътироф шудааст. Маҳз бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон аз хатари порокандавшавӣ эмин монда, истиқлолияти давлатии худро таҳким бахшид ва миллати тоҷик баъд аз ҳазор сол дар роҳи эҳёи давлатдории миллӣ ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардид ва имрӯз ба сӯи ояндаи нек устуворона қадам мегузорад. Дар давоми 33 сол дар кишвар беш аз 400 қонун, 23 кодекс ва 17 ҳазор санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул шуд. Имрӯз Тоҷикистон узви комилҳуқуқи 57 созмони минтақавию байналмилалӣ буда, ҳамроҳ бо дигар кишварҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти ҳуқуқӣ, сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳон нақш мегузорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беш аз 250 санади байналмилалӣ ба мисли Конвенсияҳо, Хартияҳо ва Эъломияҳои байналмилалӣ аъзо шуда, уҳдадориҳои худро дар мавриди расидан ба ҳадафҳои ҷаҳонӣ, аз қабили рушди иҷтимоӣ, беҳбуди вазъи иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва амсоли он иҷро менамояд.

*Адабиёт*

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе: Ганч, 2016. – 136 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 8 июни соли 2007, № 272// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.10.2021).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, № 762 "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 03.10.2021).
4. Муртазоқулов Ҷ.С. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори низоми ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. №4(04), 2016. - С.5-10.
5. Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди саиди Фитр аз 29.08.2011 сол// http://www.prezident.tj/node/255(санаи муроҷиат: 03.10.2021).
6. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсия аз 06.11.2020 сол// http://prezident.tj/node/24523 (санаи муроҷиат: 18.10.2021).
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот ба муносибати 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11.07.2017 сол// http://prezident.tj/node/15749 (санаи муроҷиат: 18.10.2021).
8. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, №1021 “Дар бораи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” //Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.10.2021).
9. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 "Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.10.2021).


## ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ТАРҒИБГАРИ АРЗИШҲОИ ҲУҚУҚИИВУ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ


Мақолаи мазкур ба Пешвои миллат тарғибгари арзишҳои ҳуқуқииву демократии тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудааст. Муаллиф такид менамоядл, ки дар марҳилаи нави бунёди давлати ҷавони Тоҷикистон тақдири баланди миллати куҳандиёри тоҷик дар симои шахсияти беназири таърихӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон олитарин сифатҳои адолати инсонӣ, бузургдилию шуҷоат, раҳму шафқат ва қобилияти нотакрори ваҳдатофариро ато кард ва маҳз ҳамин ҳамоҳангӣ ҷомеаро ба сатҳи баланди хештаншиносӣ расонид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки ҳамчун асосгузори қонунгузории миллӣ эътироф шудааст.



**Калидвожаҳо**: Пешвои миллат, арзишҳои ҳуқуқӣ, арзишҳои демократӣ, Тоҷикистон, соҳибистиқлолӣ, Конститутсия, маърифати ҳуқуқӣ, соли маърифати ҳуқуқӣ, инсон, давлат, озодӣ, моликият, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ.


## ЛИДЕР НАЦИИ – ПРОПАГАНДИСТ ПРАВОВЫХ И ДЕМОКРАТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ НЕЗАВИСИМОГО ТАДЖИКИСТАНА


Данная статья посвящена лидеру нации, пропагандисту правовых и демократических ценностей независимого Таджикистана. Автор подчеркивает, что на новом этапе строительства молодого государства Таджикистан высокая судьба древнего таджикского народа в лице уникального исторического деятеля Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона удостоила высшие качества человеческой справедливости, великодушия, мужества, сострадания и уникальной способности объединяться, и именно эта гармония вывела общество на высокий уровень самосознания. Основатель национального

мира и единства, Лидер нации выдающийся исторический деятель нации, признан основоположником национального законодательства.

***Ключевые слова:*** Лидер нации, правовые ценности, демократические ценности, Таджикистан, независимость, Конституция, правовоая культура, год правовой культуры, человек, государство, свобода, собственность, экономические, нормативно-правовые акты.

## LEADER OF THE NATION – PROPAGANDIST OF LEGAL AND DEMOCRATIC VALUES OF INDEPENDENT TAJIKISTAN

This article is dedicated to the leader of the nation, propagandist of legal and democratic values of independent Tajikistan. The author emphasizes that at the new stage of construction of the young state of Tajikistan, the high destiny of the ancient Tajik people in the person of the unique historical figure of the President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon, honored the highest qualities of human justice, generosity, courage, compassion and unique ability to unite, and it was this harmony that brought society to a high level of self-awareness. The founder of national peace and unity, the Leader of the Nation, an outstanding historical figure of the nation, is recognized as the founder of national legislation.

***Keywords:*** Leader of the nation, legal values, democratic values, Tajikistan, independence, Constitution, legal culture, year of legal culture, person, state, freedom, property, economic, regulatory and legal acts.

**Дар бораи муаллиф:**
Сангинзод Дониёр Шомаҳмад,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. профессори кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ,
734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Почтаи doniyor_sanginov@mail.ru

**Об авторе:**
Сангинзод Дониёр Шомахмад,
доктор юридических наук, профессор кафедры права факультета истории и права.
Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни,
734003, ш. Душанбе, проспект Рудаки 121. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

**About the author:**
Sanginzod Doniyor Shomakhmad,
Doctor of Law, Professor of the Department of Law, Faculty of History and Law.
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni,
Address: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue 121.
E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

ТДУ 347.6

# ИНКИШОФИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲОИ АҚДИ НИКОҲ

**_Файзова М. Р._**
_Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ_

Тибқи қонунгузории амалкунандаи оила, занон ва мардон пас аз расидан ба синни никоҳ, яъне ҳаждаҳсолагӣ метавонанд дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ никоҳ банданд. Аммо имкони паст кардани синни никоҳ вуҷуд дорад, ки ин ба тарафҳо ақди никоҳ таъсири муайян мерасонад [1, с. 145]. Асосҳо метавонанд сабабҳои узрнок, аз ҷумла ҳомиладорӣ ё таваллуди кӯдак, инчунин эмансипатсияи ашхоси ба синни никоҳӣ нарасида бошанд. Бо қисми аввали сабабҳо ҳама чиз равшан аст, вале масъалаи эмансипатсияи наврасон, ақди никоҳ бастан ва имзои шартномаи никоҳ аз ҷониби наврасон саволҳои зиёдеро ба миён меорад.

Дар хусуси мақоми ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқӣ баъзе гуногунандешӣ ҷой дорад. Мавқеи мо ин аст, ки дар робита ба мавзуи таҳқиқоти мо категорияҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ»-ро метавон ҳамчун мафҳумҳои якхела танҳо ба маънои васеъ ҳисобид. Мо чунин мешуморем, ки зану шавҳар субъектҳои махсуси ҳуқуқ буда, хусусияти онҳо танҳо дар вақте зоҳир мегардад, ки онҳо иштирокчиёни якҷояи ин ё он муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Ва дар чунин ҳолатҳо категорияи «мақоми ҳуқуқӣ» нисбат ба зану шавҳар ҳамчун субъекти ҳуқуқ татбиқ мегардад.

Дар асоси андешаҳои Н.В. Витрук метавон хулоса кард, ки аз рӯи вазъи ҳуқуқӣ ба маънои васеъ ӯ қобилияти иштирокчии ин ё он муносибатҳои иҷтимоӣ буданро дарк мекунад. Муаллиф мақоми ҳуқуқиро ҳамчун «ҳудуди рафтори имконпазир ва зарурии шахс, бо нишон додани ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва манфиатҳои қонунӣ дар тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода намудааст, ки ҳаҷми истифодаи неъматҳои мушаххаси моддӣ ва маънавиро муайян мекунад»[2, с. 116]. Умуман, Н.В. Витрук хулосаи ниҳоии худро бароварда, пешниҳод мекунад, ки мафҳуми аввалро соф истилоҳот ҳамчун «вазъи ҳуқуқӣ» ва дуюмро ҳамчун «мақоми ҳуқуқӣ» муайян карда шавад [3, с. 11]. Е.А. Лукашев низ ин мавқеъро дастгирӣ кардааст[4, с. 30].

Мақоми ҳуқуқии зану шавҳар ҳамчун маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои зану шавҳар, ки аз ҷониби давлат кафолат дода шудаанд, инчунин вазифаю уҳдадориҳо дар оила муайян карда мешаванд. Вазъи ҳуқуқии зану шавҳар қобилияти иштирокчии муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, пеш аз ҳама муносибатҳои ақди никоҳ танзим мешаванд, ба ҳисоб меравад [5, с. 75]. Ҳамин тариқ, ба мард ва зан аз лаҳзаи бақайдгирии ақди никоҳ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ақди никоҳ дода мешаванд, яъне аз ҳамин лаҳза онҳо субъектҳои ҳуқуқу уҳдадориҳои аз тарафи давлат ба онҳо додашуда мегарданд. Бинобар ин, аз ин лаҳза онҳо мақоми ҳуқуқии зану шавҳарро пайдо мекунанд. Нисбати онҳо дигар меъёрҳои ҳуқуқи оила, ки муносибатҳои онҳоро ҳамчун муносибатҳои байни зану мард танзим мекунанд, паҳн мегардад.

Дар айни замон ин муносибатҳо, сарфи назар аз намудашон, хусусиятҳои умумӣ доранд. Якум, ин таркиби субъективӣ: танҳо зану шавҳар субъектҳо шуда метавонанд, дуюм, баробарии ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар дар оила. Ин хусусият ҳамчун принсипи асосии ҳуқуқи оила эълон карда шудааст. Принсипи баробарии ҳуқуқи зану шавҳар ва мутаносибан вазъи ҳуқуқии онҳо ба мо имкон медиҳад, ки дигар хусусиятҳои хоси муносибатҳои зану шавҳарро нишон диҳхем.

Бар хилофи дигар субъектҳои муносибатҳои оилавӣ асоси пайдоиши муносибатҳои марду зан никоҳ мебошад. Асоси пайдоиши дигар муносибатҳои оилавӣ метавонад хешутаборӣ ё шакли ҷойгиркунии кӯдак дар оила барои тарбия бошад. Инчунин бояд гуфт, ки қонунгузор муносибатҳои байни падару модар ва фарзандонро пурратар ошкор мекунад, оид ба масъалаи ҳамсарон бошад қонунгузор бо хусусиятҳои умумӣ маҳдуд мешавад. Муносибатҳое, ки байни зану шавҳар ба вуҷуд меоянд, асосан дар асоси хусусиятҳои шахсии ҳарду сохта мешаванд, ки наметавонанд таҳти таъсири ҳуқуқӣ қарор гиранд [6, с. 76]. Муносибатҳои марду занро наметавон бар пояи қудрат ва итоат бунёд кард. Албатта, муносибатҳои воқеӣ дар дохили оила наметавонанд дар асоси қудрат ва тобеияти дигар

аъзои оила бунёд шаванд, зеро қонунгузор имкони ҳалли баҳсҳои дохили оиларо бо мувофиқаи тарафайн пешбинӣ мекунад. Аммо, амалан иродаи падару модар ҳамеша бар иродаи кӯдак ва баъзан на танҳо бар ноболиғ бартарӣ дорад. Байни зану шавҳар ҳама чиз гуногун аст, ки ин аз ҷумла бо меъёрҳои қонунгузории оилавӣ тасдиқ карда мешавад, ки дар ҳуқуқҳо баробар будани зану шавҳар; ба моликияти муштарак ҳуқуқӣ баробар доранд; ҳуқуқи доштан ва истифодабарӣ ва ғайра.

Бояд тазаккур дод, ки вазъи махсуси ҳуқуқии зану шавҳар бевосита аз муносибатҳои шахсии онҳо вобаста аст ва аз ин рӯ, қонунгузор онҳоро ҳамчун як воҳиди том, ҳамчун оилаи ягона, ҳамчун субъекти ягонаи ҳуқуқ мешуморад. Муносибатҳое, ки байни зану шавҳар ба вуҷуд меоянд, новобаста аз он ки онҳоро кадом меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мекунанд (оилавӣ, маданӣ, маъмурӣ ва ғайра) наметавонанд ҳамеша мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гиранд, зеро дар аксари маврид ба онҳо меъёрҳои ахлоқӣ таъсир мерасонанд, ки дар навбати худ аз тарбия, анъанаҳои оилавӣ, урфу одат ва ғайра иборатанд [7, с. 39]. Вазъи ҳуқуқии зану шавҳар бо ҳуқуқу ухдадориҳои субъективии онҳо муайян карда мешавад ва аз рӯи хусусияташ онро байнисоҳавӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Моҳияти байнисоҳавии муносибатҳое, ки зану шавҳар ба он ворид мешаванд, аз он иборат аст, ки меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ лаҳзаи додани мақоми зану шавҳар - ин рӯзи бақайдгирии давлатии ақди никоҳи онҳоро муайян мекунанд; ва танҳо дар он сурат вобаста ба кадом муносибатҳои ҷамъиятии зану шавҳар қоидаҳои ин ё он соҳаи ҳуқуқ амал мекунанд. Ҳамин тавр, новобаста аз он ки зану шавҳар ба кадом муносибате ворид мешаванд, меъёрҳои ҳуқуқи оила афзалиятнок хоҳанд буд, ки муносибатҳои иҷтимоиро, ки зану шавҳар ба он дохил мешаванд, танзим менамояд. Ҳамин тариқ, мо чунин мешуморем, ки мафҳуми мақоми ҳуқуқии зану шавҳар мафҳуми байнисоҳавӣ мебошад. Бо ин назардошт, наметавон гуфт, ки мақоми ҳуқуқии тарафҳои никоҳро қонунгузории оилавӣ пурра муқаррар ва танзим намудааст. Зеро баъзе аз паҳлуҳои масъалаи мавриди назар тибқи қонунгузории дигар соҳаҳо ба танзим дароварда мешаванд. Бинобар ин, таҳия ва қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи мақоми ҳуқуқии зану шавҳар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба мақсад мувофиқ мебошад.

Хусусияти вазъи ҳуқуқии зану шавҳар дар танзими муносибатҳои амволӣ низ ба назар мерасад, бинобар ин, мувофиқи қонунгузории оилавӣ агар зану шавҳар шартномаи ақди никоҳ набаста бошанд, пас молу мулки муштарак ба даст овардашуда таҳти низоми моликияти муштарак қарор дорад, ки бар хилофи дигар намудҳои моликияти умумӣ бе саҳомӣ мебошад ва чунин тахмин карда мешавад, ки моликият, истифода ва ихтиёрдории он бо розигии тарафайн ба амал бароварда мешавад.

Муносибатҳои шартномавии байни зану шавҳар, бар хилофи дигар аъзоёни оила, инчунин хусусиятҳои хоси худро доранд: шартномаи никоҳ ё созишномаи тақсимоти молу мулки умумии муштаракро танҳо зану шавҳар баста метавонанд. Он хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии зану шавҳар, ки мо мавриди баррасӣ қарор додем, ба мо имкон медиҳад, ки ба категорияҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ» назари дигар андозем. Ба зану шавҳар вобаста ба он, ки муносибатҳои онҳоро кадом соҳаҳои ҳуқуқ танзим мекунанд, метавонанд ҳуқуқ ва ухдадориҳои гуногун дошта бошанд. Аммо ин онҳоро водор намекунад, ки мақоми ҳамсари худро аз даст диҳанд. Бо ин назардошт, гуфтан мумкин аст, ки мафҳумҳои "мақоми ҳуқуқӣ" ва "вазъи ҳуқуқӣ" аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Зеро мақоми ҳуқуқӣ васеъ буда, вазъи ҳуқуқӣ мушаххасан дар ҳар як самт ба вуҷуд омаданаш мумкин аст.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад ин масъалаи тарафҳои ақди никоҳ ва субъектони тарикби он мебошад. Масъалаи муайян кардани тарафҳои ақди никоҳро дар замони муосир никоҳҳои нави ғайрианъанавӣ мураккаб намудааст. Дар ҳоли ҳозир никоҳи воқеии зану мард ё маъмулан "никоҳи шаҳрвандӣ" ё "ҳамзистии муштарак" низ маъруфияти зиёд пайдо мекунад. Чунин зиндагии муштарак, ки аз замони ҳуқуқи римӣ маълум буд, «конкубинат» номида мешуд. И.А. Покровский дар экскурсияи мухтасари худ қайд мекунад, ки конкубинат як навъ ивазкунандаи ақди никоҳ мешумориданд ва онҳо мегуфтанд, ки «concubina ab uxore solo dilectu separatur» («конкубинат аз зани худ танҳо бо ихтиёри худ фарқ мекунад», гарчанде ки ин аз он дур аст)[8, с. 156]. Дар паҳлӯи ақди никоҳ ба маънои аслии калима, ҳамзистии никоҳӣ, баибораи дигар, дараҷаи поёнтар – баъзе "inaequale conjugium" («никоҳи нобаробар») ба вуҷуд омадааст. Ҳамин тариқ, мо метавонем бигӯем, ки ақди никоҳ факти ҳуқуқӣ мебошад, ки

муносибатҳои муайяни ҳуқуқии маданиро ба вуҷуд меорад ва шартномаи ақди никоҳ «уҳдадории» зану шавҳар мебошад.

Таркиби субъективии шартномаи никоҳ ба хусусияте дахл дорад, ки имкон медиҳад дар бораи мавҷудияти хусусиятҳои мушаххаси сохтори шартномавӣ сухан ронем. Қонунгузории оилавӣ ду гурӯҳи шахсон - субъектҳои шартномаи никоҳро нишон медиҳад: 1) шахсони дар ақди никоҳ қарордошта ва 2) шахсоне, ки ақди никоҳ мебананд. Ва агар шахсияти ҳуқуқии гурӯҳи якуми шахсон ҳамчун субъекти шартномаи никоҳ бешубҳа бошад, он гоҳ шахсони ба гурӯҳи дуюм дохилшаванда мавқеи номуайян доранд. Аз ҷумла, саволе ба миён меояд, ки дар кадом лаҳза шахсони дар ақди никоҳ қарорнадошта метавонанд мавқеи субъекти шартномаи ақди никоҳро пайдо кунанд, яъне, аз кадом лаҳза метавон шартнома банданд? Масъалаи зикршуда аз ҷумлаи масъалаҳои баҳснок маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, як қатор олимон бар ин назаранд, ки ба гурӯҳи шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда танҳо онҳое дохил мешаванд, ки дар оянда ният доранд бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аризаи дахлдор пешниҳод кунанд[9, с. 28-31]. Дар чаҳорчӯби ин бархӯрд пешниҳод шудааст, ки шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда зан ва марде ҳисобида шаванд, ки нияти ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ворид шудан доранд, на танҳо онҳое, ки бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти дахлдор ариза пешниҳод кардаанд[10, с. 215]. Гурӯҳ дигар мегӯянд, ки афроде, ки ба ақди никоҳ ворид мешаванд, танҳо онҳое буда метавонанд, ки бо пешниҳоди ариза ба идораи САҲШ чунин хоҳишро изҳор кардаанд[11, с. 27-32].

Бар хилофи охирин шаҳрвандоне, ки танҳо нияти ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ворид шуданро доранд, вале дар ин бора бо тартиби муқарраршуда изҳор накардаанд (шахсоне, ки дар шакли муқарраршуда хоҳиши худро баён накардаанд ё ба синни никоҳ нарасидаанд), қонунгузор чунин шахсонро ҳамчун шахсоне, ки хоҳиши бастани ақди никоҳ доранд, муайян мекунад [12, с. 12]. Ин мавқеъро аксарияти олимон ҷонибдорӣ мекунанд, дар ҳоле ки дар адабиёти махсус ба беаҳамиятии чунин муомила маҳз аз он сабаб таваҷҷӯҳи хоса дода мешавад, ки шаҳрвандон, гарчанде ки хоҳиши бастани ақди никоҳ доранд, бо пешниҳоди аризаи дахлдор хоҳиши худро баён накардаанд[13, с. 87]. Ин маънои онро дорад, ки шартномаи ақди никоҳ аз ҷониби шахсоне баста мешавад, ки танҳо хоҳиши бастани муносибатҳои ақди никоҳро доранд, вале онро бо тартиби муқарраршуда баён накардаанд, ба аломатҳои муомилоти беэътиборе, ки дар таркиби субъективӣ нуқсон доранд, меафтад, ки боиси оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад. Ҳамин тариқ, ақди никоҳ ба қайд гирифта намешавад ва шартномаи никоҳи басташуда эътибори қонунӣ нахоҳад дошт.

Ба фикри мо, хоҳиши ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ дохил шудан танҳо дар ҳолатҳои амалҳои ҳуқуқие, ки боиси оқибатҳои муайян мегарданд, характери ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Аз чумла, шахсоне, ки хоҳиши ақди никоҳ доранд бояд мувофиқи тартиби муқарраршуда ба мақомоти САҲШ ариза пешниҳод кунанд. Аз ин рӯ, ба ғайр аз шахсони дар ақди никоҳ қарордошта, шахсоне, ки ният ва хоҳиши ақди никоҳ доранд, низ метавонанд шартномаи ақди никоҳ банданд, вале танҳо аз лаҳзаи додани аризаи дахлдор.

Коллективи муаллифон А.В. Бегичев ва Е.Е. Фролов қайд мекунад, ки субъекти ҳуқуқ дар навбати худ ба маҷмӯи ҳуқуқҳо дода мешавад ва нотариус бошад, аз рӯи табиати худ ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муомилоти маданӣ нигаронида шудааст[14, с. 3]. Нотариус дар тасдиқи шартномаи ақди никоҳ ҳанӯз нақши муҳим мебозад, вале ҳангоми муайян кардани талаботи иловагӣ, ба монанди пешниҳоди розигии падару модар барои тасдиқи шартномаи ақди никоҳ нотариус ба таври илова ба сифати як навъ кафили ҳуқуқҳои ноболиғони эманспатсияшуда баромад мекунад[15, с. 146]. Ҳамин тавр, қайд кардан зарур аст, ки аксари олимон ба вуҷуд омадани институти ақди никоҳ марҳилаи мантиқии инкишофи ҳуқуқ ва муносибатҳои шартномавиро медонанд. Аз рӯи моҳияти ҳуқуқиаш шартномаи ақди никоҳи дорои хусусиятҳои ба худ хос як намуди шартномаи ҳуқуқии маданӣ мебошад. Қонунгузории муосир муқаррароти зарурии ин намуди шартномаро ба таври кофӣ тавсиф намекунад.

Ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, мо қайд мекунем, ки шартномаи ақди никоҳ як амалиёти ҳуқуқи маданӣ мебошад, зеро имкони бастани шартномаи ақди никоҳ ҳам дар Кодекси маданӣ ва ҳам Кодекси оила пешбинӣ шудааст. Илова бар ин, тағйирот ва тартиби қатъ кардани чунин шартномаҳо бо меъёрҳои

қонунгузории маданӣ танзим карда мешаванд, дар ҳоле ки Кодекси оила тартиби махсуси бастан ва қатъи шартномаи никоҳро дар бар намегирад. Масъалаи таркиби предмети шартномаи никоҳ номуайян боқӣ мемонад, зеро дар айни замон ба категорияи субъектҳо шахсони расман никоҳ доранд, инчунин шахсоне, ки нияти бастани ақди никоҳи қонунӣ доранд, ноболиғони эмансипатсияшуда ва шахсонеро дар бар мегиранд, ки то бақайдгирӣ ақди никоҳ зану шавҳари воқеӣ мебошанд. Ҳар як категорияи субъектон тавзеҳоти алоҳидаро талаб мекунад. Эҳтимол аст, ки бо пайдо шудани моддаҳои иловагӣ дар Кодекси оила ба танзими шартномаҳои ақди никоҳ, бахусус таркиби субъективӣ, маъруфияти ин гуна созишномаҳо афзоиш ёфта, шумораи даъвоҳои марбут ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ кам шавад.

Як қатор баҳсҳо дар байни ҳуқуқшиносон дар бораи фаҳмиши “шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд” ба миён меоянд. Кодекси оила дар моддаи 11 ибораи “шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд”-ро истифода намуда, дар моддаи 12 ибораи “марду зани никоҳшаванда”-ро муқаррар кардааст. Дар байни ҳуқуқшиносон чунин ақида паҳн шудааст, ки “шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд” бояд танҳо шахсоне фаҳмида шаванд, ки ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ариза додаанд[16, с. 35]. Аммо, чунон ки Б.М. Гонгало дуруст қайд мекунад, ин нуқтаи назар нодуруст мебошад, зеро дар қонунгузории оила чунин талабот мавҷуд нест, ки пеш аз бастани шартномаи ақди никоҳ бояд ариза дар бораи бақайдгирии ақди никоҳ пешниҳод карда шавад[17 с. 63-67].

Ба категорияи субъектҳои “шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд” таваққуф кардан зарур аст, зеро шахсони воқеӣ - зану шавҳари дар никоҳ қарордошта дар байни коршиносони маданӣ ба мисли категорияи якум баҳси зиёдро ба вуҷуд намеоранд. Пас, кӣ ва дар кадом лаҳза ҳамчун “шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд” ба ҳисоб меравад? Чунин ақидае ба миён меояд, ки шахсони дар боло зикршуда аз лаҳзаи ба идораи САҲШ муроҷиат карданашон шахсони воқеӣ мебошанд. Мутобиқи меъёрҳои қонунгузории оилавӣ никоҳ дар мақомоти САҲШ як моҳ пас аз пешниҳоди аризаи мутақобилаи зану шавҳар дар бораи нияти ақди никоҳ, вале на дертар аз дувоздаҳ моҳ аз рӯзи додани чунин ариза сурат мегирад[18, с. 146]. Дар ин сурат, агар ба нуқтаи назари аввала такя намоем, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки шахсон пас аз пешниҳоди ариза дар бораи хоҳиши бастани ақди никоҳ метавонанд бо нотариус шартҳои шартномаи ақди никоҳро, ки танҳо эътибори қонунӣ пайдо мекунанд, баъди ба қайд гирифтани ақди никоҳ созиш ва тасдиқ кунанд, вале дар айни замон ин шартнома дар давоми дувоздаҳ моҳ аз рӯзи додани аризаи зану шавҳари оянда муҳим мебошад.

Як гурӯҳи муҳаққиқон (М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, Ю.А. Королев ва И.М. Кузнетсова) қайд мекунанд, ки шартномаи никоҳ як навъи шартномаи ҳуқуқи маданӣ буда, вале хусусиятҳои муайян дорад. Дар байни хусусиятҳои он таркиби махсуси субъективӣ, мазмун ва предмети шартнома дохил мешаванд. Фикри болоро баён карда, Е.А. Чефранова махсусан хусусияти боваринок доштани муносибатҳои тарафҳо, инчунин номуайян будани мавзуи шартномаро қайд мекунад. Аз ин рӯ, вай ба хулосае меояд, ки шартномаи ақди никоҳ муносибатҳои ҳуқуқии оилавиро тавассути воситаҳои ҳуқуқии маданӣ танзим мекунад[19, с. 63-67]. Б.М. Гонгало ва П.В. Крашенинников чунин мешуморанд, ки шартномаи ақди никоҳ яке аз навъҳои шартномаҳои ҳуқуқии маданӣ мебошад, ки далели ин изҳорот дар он аст, ки тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи ақди никоҳ дар асос ва тартиби муқаррарнамудаи меъёрҳои Кодекси маданӣ сурат мегирад[20, с. 208]. Аммо як нуқтаи муҳим он аст, ки қариб ҳама шартномаҳои маданӣ ҳам шахсан ва ҳам дар асоси ваколатномаи нотариалӣ ё оддии хаттӣ баста мешаванд, дар ҳоле ки шартномаи ақди никоҳ танҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ шахсан баста мешавад. Чунин нуқтаи назар аз ҳама боварибахш ба назар мерасад, зеро субъектҳои он танҳо шахсоне мебошанд, ки ақди никоҳ мебанданд ва ё ҳамсароне, ки ҳуқуқу ухдадориҳои онҳо аз рӯи шартнома баъди бастани ақди никоҳ ба миён меоянд. Ҳамин тариқ, ин шартнома бо чунин факти мушаххаси ҳуқуқии ҳуқуқи оилавӣ, ба монанди ақди никоҳ алоқаманд аст.

Тарафҳои шартномаи ақди никоҳ ҳам зану шавҳаре, ки дар ақди никоҳи бақайдгирифташуда қарор доранд ва шахсоне, ки хоҳиши никоҳ кардан доранд, метавонанд бошанд. Ҳамин тариқ, субъектҳои шартномаи ақди никоҳ инҳо буда метавонанд: 1) шахсони дар ақди никоҳ қарор доранд; 2) шахсоне, ки ақди никоҳ бастан мехоҳанд, бо шарти

пешниҳоди ариза ба мақомоти САҲШ. Дар мавриди якум аз лаҳзаи тасдиқи нотариалӣ ва дар сурати дуюм аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифтани ақди никоҳ, шартномаи никоҳ басташуда ҳисобида мешавад. То ин лаҳза, шартномаи мавриди назар аз сабаби норасогии таркиби субъективӣ беэътибор дониста мешавад.

Агар ба масъалаи субъектони никоҳ таваҷҷуҳ намоем, он гоҳ саволе ба миён меояд, ки ҳар ду категорияи шахсони зикргардида метавонанд ба сифати субъектони ақди никоҳ баромад кунанд? Савол ҳарчанд содда ба назар расад ҳам, вале баъзе душвориҳоро доро мебошад. Масалан, агар никоҳ аз лаҳзаи бақайди давлатӣ гирифтани он ҳамчун никоҳи расмӣ эътироф шавад, пас шахсонеро, ки хоҳиши бастани никоҳ доранд ҳамчун субъекти никоҳ ҳисобидан нодуруст мебошад, зеро онҳо ҳануз ба муносибатҳои никоҳӣ ворид нашудаанд ва байни онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳо ба миён наомадааст. Аммо, ба масъалаи мазкур аз ҷониби дигар низ таваҷҷуҳ кардан мумкин аст. Масалан, тибқи қонунгузории оилавӣ ҳар як марду зани ба синни никоҳӣ расида ва дорои шартҳои муқарраршуда алакай метавонад барои бастани никоҳ муроҷиат намоянд. Зеро дар ин маврид онҳо алакай барои бастани никоҳ соҳибҳуқуқ мебошанд. Бо ин назардошт, гуфтан мумкн аст, ки шахсони ба сини никоҳӣ расида алакай субъекти муносибатҳои никоҳӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар адабиёт қайд карда мешавад, ки «танҳо шахсони дар ақди никоҳи ба қайд гирифташуда метавонанд субъекти шартномаи ақди никоҳ ба ҳисоб раванд, зеро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аз шартнома бароянда, ба зану шавҳар танҳо пас аз ба амал омадани факти ҳуқуқӣ, яъне баъди ба қайди давлатӣ гирифтани никоҳ вогузор мешаванд»[21, с. 42]. Инчунин дар саҳифаҳои адабиёти тахассусӣ нокомии ибораи «шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда» қайд карда мешавад, зеро чунин истилоҳот «... имкон медиҳад тахмин кунем, ки тарафҳо бояд дар ояндаи наздик пас аз бастани шартномаи никоҳ бояд ба ақди никоҳ ворид шаванд» [22, с. 32]. Бархе аз донишмандон бар ин назаранд, ки ба ҷои “шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда” бояд дар бораи “шахсони дорои нияти бастани ақди никоҳ” сухан ронем[23, с. 94]. Чунин равиш аз ҳама мувофиқ ба назар мерасад ва ба мо имкон медиҳад, ки дар оянда аз мушкилии ҳалнашаванда дар амал канорагирӣ кунем. Илова бар ин, дар бораи имкони «пайваст кардани категорияи «шахсони никоҳшаванда» бо далели пешниҳоди ариза барои қайди ақди никоҳ ба мақомоти САҲШ» ақида вуҷуд дорад [24, с. 164].

Ба андешаи А.Н. Головистикова, агар шартномаи ақди никоҳ то ба қайд гирифта шудани ақди никоҳ баста шуда бошад, чунин шартномаи ақди никоҳ муомилоти шартӣ бо шарти боздоштан ба ҳисоб меравад, яъне танҳо аз лаҳзаи бастани ақди никоҳ эътибор пайдо мекунад. Э.А. Чефранова чунин мешуморад, ки ҳуқуқи бастани шартномаи никоҳ пеш аз никоҳ бояд барои шахсоне эътироф карда шавад, ки ҷиҳати қайди давлатии ақди никоҳ ба мақомоти САҲШ ариза пешниҳод кардаанд. Аз ин рӯ, барои равшан кардани муқарраротии қонунгузорӣ мафҳуми шахсоне, ки хоҳиши никоҳ бастан доранд, дақиқ карда шавад[25, с. 65]. Ба андешаи мазкур розӣ шудан мумкин аст. Зеро тамоми субъектони никоҳ дар умум ҳамчун тарафҳои ақди никоҳ ҳисобида мешаванд ва ибораи шахсоне, ки хоҳиши никоҳ бастан доранд муайян кардани мафҳум ва ҳайати тарафҳои ақди никоҳро душвор месозад. Қонунгузории оилавӣ дар баробари ин, дигар мафҳумҳои норавшанро низ истифода мебарад, ки ба дақиқсозӣ ниёз доранд. Аз ҷумла, мафҳумҳои ҳамсарон, зан ё шавҳар, никоҳшавандагон ва монанди инҳо. Масалан, Кодекси оила дар 16 зимни муайян кардани аосҳои қатъи никоҳ дар қисми якум мафҳуми “ҳамсарон” ва дар қисми дуюм мафҳуми “зан ё шавҳар” истифода бурдааст. Саволе ба миён меояд, ки магар ин ду мафҳумҳо аз ҳамдигар фарқ мекуннад? Оё мафҳуми ҳамсарон ҳамон зану мард аст? Фикр мекунам, ки истифодаи дақиқи мафҳуми “марду зан” ва ё “мард ё зан” дуруст мебошад. Зеро мафҳуми ҳамсаронро имрӯзҳо ба маънои қаблии худ маънидод намудан душвор аст. Ин ба он хотир аст, ки дар кишварҳои гуногун намудҳои мухталифи никоҳҳо ба миён омада истодааст. Масалан, никоҳи байни ҳамҷинсҳо, байни одаму ҳайвон ва ғайра. Мафҳуми ҳамсарон васеъ буда, чунин никоҳҳои ғайрианъанавиро фаро гирифтанаш мумкин аст. Бинобар ин, беҳтар аст, ки дар қонунгузорӣ мафҳумҳо дақиқ ва якхела карда шаванд. Ҳамзамон, дар қонунгузорӣ бояд дақиқ муқаррар карда шавад, ки ба ҳайси тарафҳои ақди никоҳ киҳо баромад мекунанд.

Масъалаи муайян кардани тарафҳои ақди никоҳ ба масъалаи субъектони никоҳ робитаи зич дорад. Зеро таркиби асосии тарафҳо ин субъектони ақди никоҳ мебошанд. Ба андешаи Ю.В. Константинова, субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии никоҳӣ шахсоне мебошанд, ки бо

ҳамдигар вобаста ба татбиқи ҳуқуқҳои оилавӣ ва иҷрои ухдадориҳои оилавӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ ва (ё) воқеӣ ба вуҷуд меоранд. Қонунгузории оила ба онҳо талаботҳои муайян мегузорад[26, с. 56]. С.А. Муратова ба сифати субъектҳои муносибатҳои никоҳ инҳоро дохил кардааст: зану шавҳар[27, с. 31]. Маълум мегардад, ки ба ҳайси тарафҳои ақди никоҳ танҳо марду зан баромад карда метавонанд. Бояд гуфт, ки нисбат ба шахсоне, ки хоҳиши зану шавҳар шуданро доранд, талаботи зерин гузошта мешавад:

– онҳо бояд аз ҷинсҳои гуногун (мард ва зан) бошанд;

– онҳо бояд ба камолоти никоҳӣ (синну сол) расида бошанд;

– дар ягон никоҳи дигари бақайдгирифташуда бояд қарор надошта бошанд;

– онҳо хешовандони наздик, фарзандхондагон ва фарзандхондашудагон, шахсони ғайри қобили амал ё дорои қобилияти маҳдуд буда наметавонанд;

– аз муоинаи ҳатмии тиббӣ гузашта бошанд ва монанди инҳо.

Шахсоне, ки алакай дар ақди никоҳи бақайдгирифташуда қарор доранд, онҳо ҳамчун тарафҳои ақди никоҳ дорои ҳуқуқу ухдадориҳои муайян мебошанд. Зану шавҳар аз лаҳзаи дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта шудани ақди никоҳ ҳолати никоҳӣ пайдо мекунанд. Зану шавҳар марду зане мебошанд, ки ба синни никоҳ расидаанд, ки бо хоҳиши худ ва ризоияти тарафайн ба иттиҳоди ақди никоҳ, ки аз ҷониби мақомоти САҲШ ба қайд гирифта шудаанд, дохил шуда, ҳуқуқу ухдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории оиларо доро мебошанд.

Ҳуқуқ ва ухдадориҳои зану шавҳар дар навбати аввал дар фасли 3 Кодекси оила пешбинӣ шудаанд. Ба онҳо чунин ҳуқуқу вазифаҳо дохил мешаванд:

– ҳар як зану шавҳар дар интихоби касб, кор, ҷои истиқомат ва ҷои зист озоданд;

– масъалаҳои модар, падар, тарбия, таълими фарзандон ва дигар масъалаҳои хаёти оилавиро зану шавҳар дар асоси принсипи баробарии зану шавҳар якҷоя ҳал мекунанд;

– зану шавҳар вазифадоранд муносибатҳои худро дар оила дар асоси эҳтиром ва ёрии ҳамдигарӣ ба роҳ монанд, ба беҳбудӣ ва мустаҳкам гардидани оила мусоидат намоянд, дар бораи некуаҳволӣ ва инкишофи фарзандони худ ғамхорӣ кунанд;

– зану шавҳар бо салоҳдиди худ ҳангоми ақди никоҳ насаби яке аз онҳоро ҳамчун насаби умуми интихоб мекунанд ё ҳар кадоме аз зану шавҳар насаби пеш аз никоҳи худро нигоҳ медорад ё агар дар қонунгузорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ба насабашон насаби ҳамсари дигарро илова мекунанд;

– тағйир додани насаб аз ҷониби яке аз шавҳарон боиси тағйир додани насаби ҳамсари дигар намегардад;

– дар сурати бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар ҳуқуқ доранд насаби умумии худро нигоҳ доранд ё насаби пеш аз никоҳашонро барқарор намоянд.

Ҳамин тавр, дар муносибатҳои никоҳӣ нақши тарафҳо хеле баланд мебошад. Маҳз бо созиши тарафҳо никоҳ баста шуда, ҳамзамон боз бо созиши онҳо барҳам дода мешавад. Агар яке аз тарафҳо дар бастани ақди никоҳ розӣ набошад он гоҳ никоҳ баста намешавад. Ҳамзамон, агар дар бекор кардани ақди никоҳ яке аз тарафҳо розӣ набошад он гоҳ никоҳ ихтиёран бекор карда намешавад, балки аз ҷониби суд ҳал карда мешавад. Андешаҳои мазкур гувоҳи он аст, ки асоси бунёд ва пойдории никоҳ аз тарафҳо вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, қонунгузорӣ бояд маҷмӯи қоидаҳоеро дар бар гирад, ки вазъи ҳуқуқии зану шавҳарро дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ муайян мекунанд (аз ҷумла, мо тахмин мекунем, ки он бояд рӯйхати мукаммали ҳуқуқ ва ухдадориҳои шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда, зану шавҳар ва зану шавҳари собиқро дар бар гирад).

Чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст, ки ба зану шавҳар аз рӯзи бақайдгирии давлатии ақди никоҳ мақоми махсуси ҳуқуқӣ дода мешавад. Зану шавҳар дар бисёр муносибатҳои ҳуқуқӣ ба сифати субъекти ҳуқуқ зери унвони "тарафҳо" ва ё "зан ё шавҳар" баромад мекунанд. Мақоми зану шавҳар аз рӯи моҳияти худ характери байнисоҳавӣ дорад, ки дар танзими муносибатҳое, ки зану шавҳар ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ дохил мешаванд, зоҳир мегардад. Аммо он хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии зану шавҳар, ки дар меъёрҳои соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ мавҷуданд, бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ пешакӣ муайян карда мешаванд.

Пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи мақоми ҳуқуқии зану шавҳар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад, ки он бояд меъёрҳои ягонаи танзимкунандаи мақоми зану шавҳарро дар бар гирад.

**Адабиёт**


1. Абрамова, М.С. К вопросу о теоретических основах брачного договора [Текст] / М.С. Абрамова // Приволжский научный вестник. – 2012. – № 4 (8). – С. 63 - 67.
2. Бакаева, И.В. Договорный режим имущества супругов: брачный договор [Текст] / И.В. Бакаева // Законы России: опыт, анализ, практика. – 2019. – №1. – С.12-18.
3. Бегичев, А.В. Актуальные проблемы нотариата как эффективного правозащитного механизма [Текст] / А.В. Бегичев // Правозащитник. – 2016. – № 6. – С. 3.
4. Брачный договор: субъектный состав и особенности заключения в РФ [Текст] // Аграрное и земельное право. – 2020. – № 6. – С. 145-148.
5. Ветошева, Е.Р. Особенности субъектного состава брачного договора [Текст] / Е.Р. Ветошева // Молодой ученый. – 2018. – № 42 (228). – С. 94.
6. Витрук, Н.В. Общая теория правового положения личности. – С. 11. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: Юридическая литература ЮРИСТЛИБ – URL: http://www.juristlib.ru/book_3442.html (дата обрашение: 25.10.2024).
7. Витрук, Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе [Текст] / Н.В. Витрук. – М.: Издательство «Наука», 1979. – 229 с.
8. Константинова, Ю.В. Субъекты семейных правоотношений [Текст] / Ю.В. Константинова // Российское правосудие. – 2010. – № 1 (45). – С. 56-60.
9. Левушкин, А.Н. Брачный договор в Российской Федерации, других государствах - участниках Содружества Независимых Государств и Балтии [Текст] / А.Н. Левушкин: Учебно-практическое пособие. – М.: «Юстицинформ», 2016. – 208 с.
10. Логвина, С. Брачный договор [Текст] / С. Логвина // Административное право. – 2020. – № 3. – С. 27-32.
11. Максимович, Л.Б. Брачный договор в российском праве [Текст] / Л.Б. Максимович. – М., 2003. – С. 32.
12. Микрюков, В.А. Аналогия закона и аналогия права в практике разрешения семейно-правовых споров [Текст] / В.А. Микрюков. – М.: Статут, 2021. – 164 с.
13. Муратова, С.А. Семейное право [Текст] / С.А. Муратова: Учебное пособие. – М.: Юриспруденция, 2001. – С. 31.
14. Общая теория прав человека [Текст] / Карташкин И.А., Колесова Н.С., Ларин А.М., Ледях И.А., и др. Отв. ред.: Лукашева Е.А. – М.: Норма, 1996. – 520 с.
15. Покровский, И.А. История римского права [Текст] / И.А. Покровский // Вступит, статья, переводы с лат., научн. ред. и коммент. А.Д. Рудокваса. – СПб., 1998. – 560 с.
16. Савостьянова, О.Н. Брачный договор: актуальные вопросы и пути их решения [Текст] / О.Н. Савостьянова // Гражданин и право. – 2014. – № 1. – С. 35-41.
17. Селецкая, С.Б., Яковлева, Е.А. О некоторых особенностях правового статуса супругов и его межотраслевой природе [Текст] / С.Б. Селецкая, Е.А. Яковлева // Вестник Казанского юридического института МВД России. – 2016. – № 3(25). – С. 37-40.
18. Семейное право: учебник [Текст] / Б.М. Гонгало, П.В. Крашенинников, Л.Ю. Михеева и др.; под ред. П. В. Крашенинникова. – М.: Статут, 2019. – 318 с.
19. Толстикова, О.М. Правовая природа брачного договора в российском праве [Текст]: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – 224 с.
20. Трофимова, Г.А. Институт брачного договора: теоретические аспекты [Текст] / Г.А. Трофимова // Нотариальный вестник. – 2019. – №7. – С. 42.
21. Швец, А.В., Чубукина, А.Е. Правовая природа брачного договора [Текст] / А.В. Швец, А.Е. Чубукина // Нотариус. – 2022. – №1. – С. 28-31.
22. Яковлева, Е.А. К вопросу о правовом статусе супругов как субъектов личных неимущественных прав в семье [Текст] / Е.А. Яковлева // Пробелы в российском законодательстве. – 2015. – №5. – С. 74-78.


## ИНКИШОФИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲОИ АҚДИ НИКОҲ


Дар мақола масъалаи инкишофи вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон, зимни таҳқиқот андешаҳои олимони ватанию хориҷиро таҳлил намуда, вазъи ҳуқуқии тарафҳои ақди никоҳро баррасӣ намудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқот хулосабарорӣ гардидааст, ки дар муносибатҳои никоҳӣ нақши тарафҳо

хеле баланд мебошад. Маҳз бо созиши тарафҳо никоҳ баста шуда, ҳамзамон боз бо созиши онҳо барҳам дода мешавад. Агар яке аз тарафҳо дар бастани аҳди никоҳ розӣ набошад он гоҳ никоҳ баста намешавад. Ҳамзамон, агар дар бекор кардани аҳди никоҳ яке аз тарафҳо розӣ набошад он гоҳ никоҳ ихтиёран бекор карда намешавад, балки аз ҷониби суд ҳал карда мешавад. Андешаҳои мазкур гувоҳи он аст, ки асоси бунёд ва пойдории никоҳ аз тарафҳо вобаста мебошад.

**Калидвожаҳо:** инкишоф, вазъи ҳуқуқӣ, мақоми ҳуқуқӣ, тарафҳо, аҳди никоҳ, никоҳшавандагон, марду зан, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон.

## РАЗВИТИЕ ПРАВОВОГО ПОЛОЖЕНИЯ СТОРОН БРАКА

В статье анализируется и обсуждается вопрос развития правового положения сторон брака. В ходе исследования авторы проанализировали мнения отечественных и зарубежных ученых и обсудили правовой статус сторон брака. В результате исследования был сделан вывод, что роль сторон в супружеских отношениях очень высока. Брак заключается по соглашению сторон и одновременно расторгается по их соглашению. Если одна из сторон не согласна на брак, то брак не может быть заключен. При этом, если одна из сторон не согласна на расторжение брака, то брак не будет расторгнут добровольно, а будет решаться по решению суда. Эти мнения указывают на то, что основания для заключения и сохранения брака зависят от сторон.

**Ключевые слова:** развитие, правовое положение, правовое статус, стороны, брак, супруги, муж и жена, права и обязанности супругов.

## DEVELOPMENT OF THE LEGAL STATUS OF THE PARTIES TO MARRIAGE

The article analyzes and discusses the issue of development of the legal status of the parties to marriage. During the study, the authors analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and discussed the legal status of the parties to marriage. As a result of the study, it was concluded that the role of the parties in marital relations is very high. Marriage is concluded by agreement of the parties and at the same time dissolved by their agreement. If one of the parties does not agree to the marriage, then the marriage cannot be concluded. At the same time, if one of the parties does not agree to the dissolution of the marriage, then the marriage will not be dissolved voluntarily, but will be decided by a court decision. These opinions indicate that the grounds for concluding and maintaining a marriage depend on the parties.

**Key words:** development, legal status, legal status, parties, marriage, spouses, husband and wife, rights and obligations of spouses.

**Дар бораи муаллиф:**
Файзова Моҳинав Раҷабовна,
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносӣ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

**Об авторе:**
Файзова Мохинав Раджабовна,
соискатель кафедры прав человека и юриспруденции сравнительный юридический факультет.
Таджикский национальный университет
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

**About the author:**
Fayzova Mokhinav Radzhabovna,
Applicant for the Department of Human Rights and Jurisprudence Comparative Law Faculty.
Tajik National University
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 343.352+343.13+343.9

# ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ДОДАНИ ПОРА ВА ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ АЛОМАТҲОИ ОН

***Раҳмонов Ш.***

*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Ҳамчун мукофоти ғайриқонунӣ пора аз ҷониби порадиҳанда ба шахси мансабдор барои иҷрои амалҳои хоҳиши порадиҳанда ё худдорӣ кардан аз амалҳои номатлуби ба порадиҳанда бо гузашти тартиби муқаррарнамудаи қонун пардохта мешавад. Яъне, кирдор аксаран дар шакли ҳаракати додани пора содир мегардад. Аммо, агар субъекти порадиҳанда низ шахси мансабдор бошад, он гоҳ кирдор метавонад дар шакли беҳаракатӣ низ содир гардад. Ба андешаи Т.В. Болшакова, додани пора амалест, ки аз ҷониби порадиҳанда шахсан ё бо истифодаи шахсони дигар (миёнаравон) ба шахси мансабдор додани дороиҳои моддӣ, хизматрасонӣ ё неъматҳои амволӣ барои анҷом додани амалҳои муайян ба манфиати худ ё барои худдорӣ аз иҷрои амалҳои қонуние, ки барои ӯ фоидаовар нест, анҷом дода мешавад[3, с. 52]. Аз андешаи мазкур бармеояд, ки предмети додани пора аксаран чизҳои моддӣ ё молумулкӣ шуда метавонанд.

Дар моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ)додани пора ҳамчун кирдори ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, ки мувофиқи он додани пора дорои чунин ҷиҳатҳо мебошад: 1) шахсан додани пора; 2) ба шахси мансабдор додани пора; 3) ба шахси мансабдори давлати хориҷӣ додани пора; 4) ба шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ додани пора; 5) тавассути миёнарав додани пора. Қисми дуюми моддаи мазкур иловатан ду ҷиҳати навро муқаррар кардааст: 6) дидаю дониста анҷом додани ҳаракати (беҳаракатии) ғайриқонунӣ аз ҷониби шахси мансабдор; 7) такроран додани пора.

Тавре аз ҷиҳатиҳои моддаи мазкур бармеояд дар он аломатҳои тарафи объективӣ (ҳаракат ё беҳаракатӣ) танҳо барои шахси мансабдор нишон дода шудааст. Аломатҳои тарафи объективии кирдори шахси диҳандаи пора ошкоро ифода нагардидааст. Бинобар ин, тарафи объективии додани пора омӯзиши алоҳидаро талаб мекунад.

Атрофи масъалаи тарафи объективии додани пора дар дабаиёти ватанию хориҷӣ андешаҳо гуногун мебошанд. Аз ҷумла, аз тафсири КҶ ҶТ бармеояд, ки тарафи объективӣ дар шакли ҳаракати додани пора ба шахси мансабдор (шахсан ё тариқи миёнарав) арзишҳои моддӣ ё илмӣ иҷроиши амали бепул ва пайдо кардани дигар шароити характери моддӣ дошта асос меёбад[7, с. 907]. Ф.Ш. Алиев дар ин хусус қайд намудааст, ки аломати зарурии тарафи объективии ҷиноят ин мавҷудияти алоқа байни сӯистифода шудани ваколатҳои мансабӣ аз ҷониби шахси мансабдор хилофи манфиатҳои хизматӣ ва моҳиятан халалдор гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилотҳо ва созмону идораҳо мебошад[1, с. 109].

Барои бандубасти дурусти ҳуқуқии ҷиноятии кирдор аниқ муайян намудани сарҳади тарафи объективии намуди муайяни ҷиноят (ба ибораи дигар, доираи тарафи объективии ҷиноят) аҳаммияти калон дорад. Ин пеш аз ҳама ба татбиқи муқаррароти чунин институтҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ба монанди ҷиноятҳои анҷомшуда ва нотамом, шарикӣ дар ҷиноят дахл дорад[11, с. 191]. Маҳз дар доираи тарафи объективии ҷиноят ба истилоҳ иҷрои ҷиноят нишон дода мешавад: зуҳури пурраи он дар амали воқеӣ мавҷудияти аломатҳои ҷинояти анҷомшударо нишон медиҳад, оғози иҷрои он имкон медиҳад, ки ба кирдор ҳангоми қатъ гардидани он ҳамчун суиқасд баҳо дода шавад ва шахсе, ки кирдори ба чунин чорчуба дохилгардидаро (ақаллан қисман) содир кардааст, иҷрокунанда (ё шарики) ҷиноят эътироф карда мешавад. Ҳалли ин масъалаҳо вобаста ба таркиби гирифтан ва додани пора душвориҳои маълумро ба бор меорад.

Оид ба тарафи объективии додани пора бояд қайд намуд, ки ин масъала баҳснок мебошад, ки дар таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун тарафи объективӣ додани подошпулии моддӣ барои иҷрои амалҳое, ки ба салоҳияти расмии намояндаи мақомоти

давлатӣ дохил мешаванд, пешбинӣ шудааст; ё беҳаракатӣ дар натиҷаи гирифтани пора, дар айни замон пора шахсан ё ба воситаи миёнарав дода мешавад[13, с. 93]. Дар навбати худ, додани пора боварии порадиҳандаро ба он меорад, ки ҳар гуна манфиат, қарор ё амали шахси мансабдорро ба манфиати худ харидан мумкин аст ва боварии порагирро дар он хусус, ки ӯ метавонад барои иҷрои амалу кирдораш, қабули қарорҳое, ки ӯ аз рӯйи қонун вазифадор аст бе музд иҷро кунад ё музд қабул кунад. Моддаҳои 319 ва 320-и КҶ ҶТ ҳамчун гирифтани хотимашуда ва додани пора, албатта, амалиёти анҷомдодашуда (ҳадди ақал қисман) ба шахси мансабдор додани предмети пораро пешбинӣ мекунанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки худи ифодаи иродаи анҷом додани муомилот аз доираи тарафи объективии ин ҷиноятҳо берун аст. Яъне, пешниҳоди пора ба шахс мансабдор ҳануз додани пора ба ҳисоб намеравад. Шахси мансабдор дар ин хусус бояд иродаи худро нишон диҳад.

Ҷинояти додани пора дар шакли ҳаракати шахси порадиҳанда ва порагиранда содир карда мешавад. Яъне, барои ба вуҷуд омадани таркиби ҷиноят бояд порадиҳанда ва порагиранда ягон ҳаракати ҷиноятӣ иҷро намоянд. Дар хусуси ҳаракати ҷиноятӣ олимони ватанӣ қайд намудаанд, ки ҳаракати ҷиноятӣ ин ҳаракати бошуурона аст. Аз ин рӯ, баданҷунбонии инстинктӣ (бешуурона, беихтиёрона) рефлекторӣ ва импулсивӣ, азбаски тавассути шуур назорат карда намешавад ва ба иродаи инсон сурат намегирад, ҳаракатро дар маънои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ташкил намедиҳанд[12, с. 146]. Амио, дар гирифтани пора, ҳангоми созиш омадан ва ё баёни иродаи худ порадиҳанда ва порагиранда метавонанд аз муошировати ғайришифоҳӣ (мимика, ишора) истифода баранд.

Тарафи объективии ҷиноят инъикоси раванди берунии таҷовуз ба объекти ҷиноят аст, ки он ба таври мушаххас дорои аломатҳои ҳатмӣ ва факултативӣ мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври анъанавӣ ба масъалаҳои марбут ба тарафи объективии ҷиноят таваҷҷуҳ ва алоқамандии зиёд нишон дода мешавад[6, с.91]. Тарафи объективии ҷиноят, ки дар қисми 1 моддаи 320 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, аз додани пора ба шахси мансабдор шахсан ё ба воситаи миёнарав ва тарафи объективии ҷинояти пешбининамудаи қисми 2 моддаи 320 КҶ ҶТ ҳангоми додани пора ба шахси мансабдор барои содир намудани ҳаракат (беҳаракатии) баръало ғайриқонунӣ иборат мебошад.

С.М. Фоминих бо назардошти мафҳуми ҳуқуқии пора қайд мекунад, ки ибораи қонунгузор: «агар ҳаракат (беҳаракатии) зикршуда дар доираи салоҳияти расмии шахси мансабдор бошад» нодуруст аст, зеро аз тафсири аслии қонун бармеояд, ки беҳаракатӣ дар доираи салоҳияти расмии шахси мансабдор мебошад. Равшан аст, ки ин тавр шуда наметавонад ва сухан дар бораи аз ҷониби шахси мансабдор иҷро кардан ё иҷро накардани ваколатҳои мансабии худ меравад[10, с.27]. Дар ин хусус дигар муҳаққиқон қайд мекунанд, ки аз мафҳуми ваколатҳои мансабӣ ҳаракат (беҳаракатии) ҳуқуқӣ ва қонунӣ фаҳмида мешавад, ки иҷрои онҳо (бепарвоӣ аз иҷрои онҳо) тибқи қонун ба шахси мансабдор вобаста ба мансабаш вогузор шудааст[13, с. 94]. Дар баробари ин, байни мафҳуми салоҳияти мансабӣ ва истифодаи мақоми хизматӣ фарқ кардан лозим аст. Агар истифодаи ваколатҳои мансабӣ содир намудани ҳаракатеро (беҳаракатии), ки шахси мансабдор метавонист анҷом диҳад (амали намудани ҳуқуқҳои дар хизмат додашуда) ё мебоист анҷом диҳад (иҷрои уҳдадориҳои ба зиммааш гузоштешуда) бошад, пас истифодаи мақоми хизматӣ низ салоҳияти вазифаи ишғолкарда, робитаҳои расмӣ ва ғайраро дар бар мегирад[5, с.57-60]. Ҳамин тариқ, ваколатҳои мансабӣ истифодаи шахси мансабдорро ифода намуда, истифодаи шуҳрат ва ваколати мансаби ишғолкардаи шахс ё таъсир расонидан ба қабули қарори мушаххасро аз ҷониби дигар кормандони давлатӣ дар бар намегирад.

Дар адабиёт қайд мегардад, ки тарафи объективии ҷиноят бо ғайриқонунӣ додани пора ба шахси мансабдор ё ба воситаи миёнарав дар шакли пул, коғазҳои қиматнок, молу мулк, манфиатҳои молумулкӣ ё дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ барои ҳаракат (беҳаракатии) ӯ тавсиф карда мешавад[8, с.720]. Чунин андеша мазмуни меъёри ҳуқуқии моддаи 320 КҶ ҶТ-ро ифода мекунад. Пас, маълум мегардад, ки қонунгузорӣ ҳаракату беҳаракатии шахси диҳандаи пораро нишон надода, ҳаракату беҳаракатии шахси порагирандаро ба манфиати порадиҳанда муқаррар кардааст. Аммо, новобаста аз ин, додани пора, пешниҳоди молу мулк

ба шахси мансабдор худ ҳаракати ҷиноятиро ифода мекунад. Зеро шахс барои додани молу мулк ирода намуда, ҳаракати муайянро анҷом медиҳад. Тавре олимони ватанӣ қайд мекунанд, ки ҳаракати ҷиноятӣ ҳаракати иродавист. Шахс ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ буда, зери маҷбурияти касе қарор намегирад[12. С. 146]. Ҳамин тавр, дар навбати худ, тарафи объективии ҷиноят шахсан ё ба воситаи миёнарав додани пора мебошад ва бояд қайд намуд, ки қонунгузори миллӣ муқаррар менамояд, ки предмети пора хусусияти моддии дақиқ муайяншуда дорад. Яъне, ҳаракати ҷиноятии додани пораро шахс метавонад шахс ва ё тавассути миёнарав иҷро намояд. Дар адабиёт қайд мегардад, ки тарафи объективии додани пора тавассути миёнарав иборат аст аз: ба миёнарав додани предмети пора; додани предмети пора аз ҷониби миёнарав ва қабули он аз ҷониби шахси мансабдор.

Тарафи объективии додани пора дар худ кирдори додани пораро ба шахси мансабдор, шахси мансабдори хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти ҷамъиятии байналмилалӣ мебошад, ки шахсан ё тавассути миёнарав (аз ҷумла ҳангоми додани пора бо супориши шахси мансабдор ба дигар шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ) фаро мегирад. Миёнарав метавонад дилхоҳ шахс (шиносҳо, хешовандон, тобеон ва ғ.) бошанд[3, с.53]. Ба андешаи И.А.Алтухова, тарафи объективии додани пора танҳо ба шахси мансабдор ё ба воситаи миёнарав ифода меёбад. Шахсони сеюм ба сифати миёнарав баромад мекунанд (хешовандон, шиносони ҳам порахӯр ва ҳам порагир, тобеони гунаҳкор, кормандони онҳо ва ғайра). Миёнарав ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар ӯ дар додани пора (дар шакли шарикӣ, яъне ба ҷиноят бо маслиҳат, дастур, додани маълумот, восита ё олоти ҷиноят ё бартараф намудани монеаҳо, дар шакли иғво, яъне барои водор кардани порадиҳанда ба содир намудани кирдори ҷиноятӣ бо роҳи бовар кунонӣ, порагирӣ, таҳдид ё дигар воситаҳо) мусоидат карда бошад[2, с.20]. Миёнарав аксаран дар ҷиноятҳои коррупсионӣ нақши калон мебозад. Бинобар ин, вай низ дар кирдори ҷиноятии хавфнок саҳм дошта, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Агар миёнарав предмети пораро гирифта ба шахси мансабдор насупорад ва ба порадиҳанда гӯяд, ки дар раванди додан қарор дорад ва ё баъдан медиҳад, он гоҳ ӯ барои фиреб ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахс мувофиқи моддаи 320 КҶ ҶТ як ҷузъи зарурӣ гирифтани пора аз ҷониби шахси мансабдор мебошад. Маҳз аз лаҳзаи гирифтани пора ҷинояти дар м. 320-и КҶ ҶТ анҷомшуда ҳисобида мешавад. Дар хусуси масъалаи мазкур баъзе баҳсу мунозираҳо ҷой дорад. Аз ҷумла, бояд ба назар гирифт, ки асоси ҷинояти моддаи 320 додани пора мебошад ва масъалаи гирифтани пора ба моддаи 319 дахл дорад. Пас, чи гуна метавон гуфт, ки ҷиноят пас аз гирифтани пора аз ҷониби шахси мансабдор хотимаёфта ҳисоб мешавад? Бояд гуфт, ки аломатҳои додани пора на танҳо дар м. 320-и КҶ ҶТ зикр шудаанд, ки шахсан ё ба воситаи миёнарав додани пораро ба шахси мансабдор ифода мекунад, инчунин дар м. 319-и КҶ ҶТ, ки предмети ин ҷиноятро тавсиф намуда, аломатҳои қонунгузории ҳаракат (беҳаракатии) шахси мансабдорро, ки ба ӯ пора дода мешавад, дар бар мегирад.

Тавре муҳаққиқон қайд мекунанд мувофиқи ҷинояти додани пора як ҷузъи асосии ба ҷавобгарӣ кашидани шахс гирифтани пора аз ҷониби шахси мансабдор мебошад. Маҳз аз лаҳзаи гирифтани пора ҷиноят анҷомшуда ҳисобида мешавад[3, с.54]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ зикр шудааст, ки таркиби ҷинояти додани пора расмӣ мебошад. Ин ҷиноят дар лаҳзаи гирифтани пора, вақте ки ақаллан як қисми онро шахси мансабдор қабул мекунад, ба охир мерасад. Ба таври воқеӣ содир кардани ҳаракат (беҳаракатии), ки ба хотири он пора дода мешавад, талаб карда намешавад. Агар интиқоли ашёи қиматбаҳо бо сабабҳои аз ҷониби порадиҳанда новобаста аз иродаи ӯ ба амал наомада бошад (масалан, шахси мансабдор аз гирифтани предмет саркашӣ кардааст), кирдори ӯ суиқасди додани пора мебошад[8, с.636]. Дар тафсири КҶ ҶТ ишора шудааст, ки дар бисёр ҳолатҳо байни порагиранда ва порадиҳанда оиди пора маслиҳати пешакӣ мавҷуд аст, ки бевосита пеш аз додани пора ҷой дорад. Дар ҳолате ки чунин маслиҳати пешакӣ мавҷуд аст ва ин ташаббус аз тарафи порадиҳанда пайдо мешавад ба охиррасидани ҷинояти додани пора аз лаҳзаи гирифтани пора аз ҷониби шахси

мансабдор ба ҳисоб меравад[7, с.907]. Андешаҳои мазкур бори дигар ифода мекунанд, ки таркиби ҷинояти додани пора расмӣ буда, аз лаҳзаи додани пора нею, балки аз лаҳзаи грифтани он аз ҷониби шахси мансабдор хотимаёфта ҳисобида мешавад. Пас, мавҷуд будан ё набудани созиши пешакии порадиҳанда ва порагиранда он қадар аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад. Яъне, ҷиноят метавонад бо созиши пешакӣ ё бе созиши пешакӣ содир карда шавад.

Аз мазмуни моддаи 320-и КҶ ҶТ маълум аст, ки тарафи объективии ин ҷиноят аз инҳо иборат аст: 1) ваъда; 2) пешниҳод; 3) додани бартарии ғайриқонунӣ ба шахси мансабдор. Дар сатҳи қонунгузорӣ ин мафҳумҳо муайян карда мешаванд (аз рӯйи моҳияти қонун додани пора ба ваъда додан ё пешниҳод кардани он баробар аст), аммо агар мафҳумҳои «додан» ва «пешниҳод кардан» ҳаммаъно бошанд, ваъда ё пешниҳод наметавонанд, ба чаҳорчӯби мафҳуми дар боло зикршуда мувофиқат кунад. Агар порадиҳанда ваъда дода пошад, вале пораро ҳануз пешниҳод накунад, яъне интиқол сурат нагирифта бошад, пас суиқасд ба ҷинояти додани пора ба миён меояд. Баъзе муҳаққиқон дар ин хусус қайд мекунанд, ки тарафи объективии таркиби ҷиноят аз ду унсур иборат аст: 1) ифодаи иродаи тарафҳо оид ба додан ё гирифтани (қабули) пора (бастани шартнома, пешниҳод ва қабули он); 2) ба таври воқеӣ интиқол ва қабули предмети пора (иҷрои муомила). Ин унсурҳо метавонанд дар як амали ягонаи рафтор якҷоя шаванд, аммо онҳо инчунин метавонанд бо мурури замон ҷудо карда шаванд. Аз ин лиҳоз, тамоми асосҳо вуҷуд доранд, ки пешниҳоди пора ва инчунин қабули чунин пешниҳодро мутаносибан суиқасди гирифтан ё додани пора баррасӣ кунем[7, с.194]. Аммо, масъалаи мавҷудияти ваъдаи додан ё гирифтан, бастани созиш ё шартнома ҳануз баъзе нофаҳмиҳо боқӣ мемонад. Зеро қонунгузории ҷиноятӣ чунин ҳолатро муқаррар накардааст.

Ба андешаи Н.Г. Григорян, бо дарназардошти он, ки ин ҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ таркиби расмӣ доранд, аломатҳои тарафи объективӣ (талаб, ваъдаи гирифтан ё қабули пешниҳод, инчунин ваъда ё пешниҳоди пора) имкон намедиҳад, ки кирдор ҳамчун суиқасди додани пора бандубаст шавад[4, с.38]. Дар дигар адабиёт қайд мегардад, ки додани пора аз лаҳзаи ба шахси мансабдор додани ҳадди ақал як қисми мукофоти ғайриқонунӣ ҷинояти анҷомшуда ҳисобида мешавад. Агар порахӯр тамоми кирдореро, ки ба додани пора нигаронида шудааст, содир карда бошад, вале пул, сарватҳои моддӣ ё неъматҳои молу мулкие, ки предмети пора мебошанд, бинобар ҳолатҳои муайян аз ҷониби шахси мансабдор қабул нагардида бошад, ин кирдор бояд суиқасд ба додани пора эътироф карда шавад[8, с.721].

Баъзе муҳаққиқон қайд мекунанд, ки хавфи ҷамъиятии порахӯрӣ на оқибати кирдори содиркарда, балки рафтори шахси мансабдор ба ҳисоб меравад. Ин чунин маъно дорад, ки агар дар бораи додани пора «созиш ба даст оварда шуда бошад», далели нагирифтани пора ба шахси мансабдор набояд ба бандубасти ҷиноят ҳамчун хотимаёфта таъсир расонад[4, с.37]. Ба андешаи мазкур розӣ шудан душвор мебошад. Зеро ба созиш омадану ҳануз предмети пора иҷро нагардидан ҳануз такриби ҷиноятро пурра намегардонад. Чунки шахси мансабдор ҳануз ҳаракат ва ё беҳаракатии худро нишон надодааст. Аммо ба масъала аз тарафи дигар назар кардан мумкин аст. Бо додани пора гунаҳкор мақсадҳои хеле мушаххасро пеш гирифта, ба умеди он ки порагир аз ваколатҳои мансабӣ ва хизматии худ бар хилофи манфиати хадамот истифода бурда, ба манфиати порадиҳанда амал ё беамалии муайян содир менамояд. Бинобар ин, қабули пора аз ҷониби шахси мансабдор таркиби ҷиноятро пурра мегардонад.

Агар шахси мансабдор аз гирифтани пора саркашӣ кунад, порадиҳанда ё шахсе, ки предмети пораро интиқол медиҳад, тибқи моддаи 320 КҶ ҶТ барои сӯиқасд ба ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Дар тафсири КҶ ҶТ низ қайд гардидааст, ки кӯшиши нобарори додани пора дар ҳолате, ки шахси мансабдор аз гирифтани пора худдорӣ мекунад он гоҳ кирдор ҳамчун сӯиқасд ба додани пора баҳо дода мешавад[7, с.908]. Дигар муҳаққиқон низ қайд мекунанд, ки агар порадиҳанда ва порагир ба созиш расида, барои додани пора розӣ шаванд, вале додани предмети пора бо ягон сабабе берун аз иродаи порадиҳанда сурат нагирад, содир намудани ҷиноят дар марҳилаи суиқасди порадиҳӣ хотима меёбад[3, с.54]. Аз

андешаҳои мазкур бармеояд, дар кирдори моддаи 320 КҶ ҶТ ҳаракати на танҳо порадиҳанда, балки порагиранда низ муҳим мебошад. Тайёри барои додани пора мумкин аст аз лаҳзаи ба амал овардани гуфтушунид бо шахси мансабдор оиди андозаи пора, шакли пора, характери ҳаракате, ки бояд шахси мансабдор онро ба ивази пора иҷро намояд, ҷамъоварии пул барои пора, тайёри барои хизмати характери моддӣ дошта, (мисол, гирифтани путёвкаи берунмарзии саёҳатӣ) асос меёбад.

Ҳангоми баҳодиҳии хусусияти бандубастшаванда ду ҳолатро дар назар бояд дошт. Аввалан, шахсе, ки пора медиҳад, бояд аниқ донад, ки пораро махсус барои ваёрон кардани қонун аз ҷониби шахси мансабдор додааст. Агар гунаҳгор барои ҳалли ин ё он масъала пора диҳад, вале надонад, ки ҳаракат (беҳаракатии) бо ин мақсад анҷомёфта қонунист ё не, кирдори содиркардаи ӯ бояд дар қисми 1 моддаи 320 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад. Сониян, дар сурати воқеан содир намудани ҳаракат (беҳаракатии) ғайриқонунии шахси мансабдор ба манфиати порадиҳанда ё шахсони намояндаи ӯ, баҳодиҳии ҳуқуқии дукаратаи ба коре, ки порадиҳанда содир кардааст, имконпазир мегардад, ки аз хусусияти кирдори ҳуқуқвайронкунии содирнамудаи порагиранда вобаста мебошад. Агар охирин барои гирифтани пора ягон ҷиноят содир кунад, амали порадиҳанда пурра тибқи қисми 2 моддаи 320 КҶ ҶТ фаро гирифта мешавад. Агар порагир ҷиноят содир кунад, амали порадиҳӣ маҷмуи бандубастшавандаи порадиҳӣ ва ташвиқ ба ҷинояти мушаххаси содиркардаи шахси мансабдор ба ҳисоб меравад.

Қонун ду намуди додани пораро бо ҳолатҳои вазнинкунанда нишон медиҳад:

а) додани пора ба шахси мансабдор барои дидаву дониста иҷро кардани ҳаракат (беҳаракатӣ)-и ғайриқонунӣ;

б) такроран додани пора[7, с.908].

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки додани пора дар кишварҳои хориҷӣ ба таври мухталиф муқаррар шуда, аз таркибу намудҳои зиёдтар иборат мебошад. Аз ҷумла, КҶ Турманистон додани пораро чун қонунгузории ҷиноятии ҶТ муқаррар кардааст, вале иловатан дар хусуси андозаи пора ишора намудааст, ки дар қонунгузории ҷиноятии кишвари мо дида намешавад ва баъзе саволҳоро ба миён меоварад, ки молу мулк бо кадом андозаи арзишнокӣ ҳамчун предмети пора ба ҳисоб меравад? КҶ Узбекистон мазмунан меъёри КҶ ҶТ-ро ифода мекунад, вале нисбатан васеъ буда, шакли предмети порарро нишон додааст ва вобаста ба андозаи пора ҳолатҳои вазнинии содиршавии додани пораро муқаррар кардааст. КҶ Қазоқистон низ додани пораро мазмунан монанд муқаррар кардааст. Вале доираи шахси мансабдорро васеъ нишон дода, вобаста ба андозаи пора дигар намудҳои вазнини додани пораро пешбинӣ кардааст. КҶ ФР мазмунан ба меъёри моддаи 320 КҶ ҶТ додани пораро муқаррар карда, иловатан ибораи "(аз ҷумла ҳангоми додани пора бо супориши шахси мансабдор ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ)" пешбинӣ кардааст. Чун дигар қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ вобаста ба андозаи пора қисмҳои алоҳидаро фаро мегирад. Аммо, м. 320 КҶ ҶТ танҳо аз ду қисм иборат буда, вобаста ба андозаи пора ва оқибтҳои вазнинкунандаи ҷазоро нишон надодааст. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки ба м. 320 қисмҳои нав ворид карда шаванд. Аз ҷумла, андозаи муқарраарии пора, андозаи вазнин ва андозаи махсусан вазнин бояд се қисми алоҳидаи моддаро ташкил диҳад. Ҳамзамон, тақдири масъалаи додани пора аз ҷониби шахси мансабдор ба шахси мансабдор норавшан боқӣ мондааст. Дар яке аз қисмҳои моддаи зикршуда бояд масъалаи мазкур илова карда шавад.

Барои ҷамъбасти маводи дар боло зикршуда бояд қайд кард, ки фаҳмиши дақиқи аломату хусусиятҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии додани пора шарти ҳатмӣ барои тафтиши пурра, ҳамаҷониба ва объективии ҷинояти барои ҷамъият хавфнок ва инчунин барои самаранокии қонуни ҷиноятӣ зарур мебошад. Ҳангоми додани пора шахс ҳаракати муайян анҷом дода, пеш аз ҳама, ба амалҳои худ, ки ӯ пул, дигар молу мулк медиҳад ва ё ба шахси мансабдор хизматрасониҳои амволӣ мерасонад, онро ҳамчун ба сифати пора, яъне ҳамчун мукофот баҳо медиҳад. Порадиҳанда бояд аниқ донад, ки бо рафтори ҷиноятқоронаи худ ба кадом объект қасд менамояд. Порадиҳанда мефаҳмад, ки пора медиҳад: махсусан ба шахси мансабдор; аз

ҷонибиҳанда бояд аниқ донад, ки бо рафтори ҷинояткоронаи худ ба кадом объект қасд менамояд. Порадиҳанда мефаҳмад, ки пора медиҳад: махсусан ба шахси мансабдор; аз и амволӣ мерасонад, онро ҳамчутӣ)-и зикршуда, ки қонун ё санадҳои қонунгузорӣ муқаррар кардааст, содир шуда бошад ё ғайриқонунӣ бошад.

Мавҷудияти худи таркиби ҷиноят танҳо дар ду ҳолат имконпазир аст:

– агар порадиҳанда бовар дошта бошад, ки шахси мансабдор ҳуқуқи гирифтани фоидаи амволӣ ё хизматрасонии ройгонро дорад;

– агар додани амвол бо мақсади вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби шахси мансабдор пешниҳод шуда бошад.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҳамин қисми моддаи додани пора чунин аломатҳои тарафи объективӣ, ба монанди ваъдаи додан ё пешниҳод, инчунин ваъда ва пешниҳоди пора, ба доктринаи қонуни ҷиноятӣ мухолиф буда, амалияи татбиқи қонунро ноустувор мегардонад. Мушкилот системавӣ аст ва сухан дар бораи моддаҳои алоҳида нест, балки дар бораи муқаррароте меравад, ки ҷавобгарӣ барои порадиҳии фаъол ва ғайрифаъол, дуруст татбиқ намудани ҷинояти нотамом, ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят, таъмини принсипи мутаносибии ҷазо, бандубасти дурусти иғвои пора ва ғайра пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон, онҳо бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ тавре инъикос шаванд, ки аз як тараф ба муқаррароти конвенсияҳои байналмилалӣ ва тавсияҳои зидди ҳуқуқвайронкуниҳо мувофиқат кунанд ва аз тарафи дигар асосҳои қонунгузории миллии ҷиноятиро вайрон насозанд.

### *Адабиёт:*


1. Алиев Ф.Ш. Таҳлили ҷиноятӣ - ҳуқуқии таркиби ҷинояти сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ / Ф.Ш. Алиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2018. – № 1(22). – С. 106-109.
2. Алтухова И.А. Уголовно-правовая характеристика дачи взятки / И.А. Алтухова, М.В. Потупина // Уголовное право в эволюционирующем обществе: проблемы и перспективы: Сборник научных статей в рамках проведенного симпозиума с международным участием, Курск, 27–28 мая 2021 года / Редколлегия: А.А. Горохов (отв. ред.). – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2021. – С. 18-23.
3. Большакова Т.В. Уголовно-правовая характеристика дачи взятки / Т.В. Большакова // Современный взгляд на развитие общества, науки и образования: сборник статей Международной научно-практической конференции, Пенза, 27 марта 2023 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2023. – С. 52-54.
4. Григорян Н.Г. О признаках объективной стороны составов получения и дачи взятки в уголовном законодательстве Республики Армения в свете реализации международных антикоррупционных стандартов / Н.Г. Григорян // Вестник Волгоградской академии МВД России. – 2020. – № 4 (55). – С. 35-43.
5. Карягина О.В. Уголовно - правовая характеристика объективных признаков получения взятки // Вестник Таганрогского университета управления и экономики. – 2022. – № 2. – С. 57-60.
6. Одиназода Н.С. Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 191.
7. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе, 2005.
8. Уголовное право России. Особенная часть: Учебник / Под ред. Ф.Р. Сундурова, М.В. Талан. – М.: Статут, 2012. – 943 с.
9. Уголовное право. Особенная часть: Учебник. Издание второе исправленное и дополненное / Под ред. доктора юридических наук, профессора Л.В. Иногамовой-Хегай, доктора юридических наук, профессора А.И. Рарога, доктора юридических наук, профессора А.И. Чучаева. – М.: Юридическая фирма «КОНТРАКТ»: ИНФРА-М., 2008. – 800 с.
10. Фоминых С.М. Уголовная ответственность за получение взятки муниципальным служащим: дис. ...канд. юрид. наук / С.М. Фоминых. – М.: ВНИИ МВД России, 2008. – 207 с.
11. Хабаров А.В. Рамки объективной стороны составов получения и дачи взятки // Вестник Тюменского государственного университета. – 2010. – №2. – С. 191-198.

12.Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Раҷабзода М.Н., Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.И. Сафарзода, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: "Ашӯриён", 2024. – 496 с.
13.Шугулёва В.И. Объективные признаки дачи взятки // Актуальные проблемы правотворчества и правоприменения: сборник статей международной научно-практической конференции (1 апреля 2023 г., г. Тюмень). – Уфа: Аэтерна, 2023. – С. 92-95.

## ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ДОДАНИ ПОРА ВА ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ АЛОМАТҲОИ ОН

Дар мақолаи мазкур аломатҳои тарафи объективии додани пора мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимони ватанию хориҷиро ба инобат гирифта, муҳимтарин масъалаҳои тарафи объективии додани порарро таҳқиқ намудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқоти худ муаллифон хулоса кардаанд, ки КҶ ҶТ дар м. 320 додани пораро муқаррар кардааст. Аз мазмуни меъёри моддаи мазкур бармеояд, ки додани пора дорои чунин ҷиҳатҳо мебошад: 1) шахсан додани пора; 2) ба шахси мансабдор додани пора; 3) ба шахси мансабдори давлати хориҷӣ додани пора; 4) ба шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ додани пора; 5) тавассути миёнарав додани пора. Қисми дуюми моддаи мазкур иловатан ду ҷиҳати навро муқаррар кардааст: 6) дидаю дониста анҷом додани ҳаракати (беҳаракатии) ғайриқонунӣ аз ҷониби шахси мансабдор; 7) такроран додани пора.

Муаллиф, дар натиҷаи таҳқиқоти худ муайян кардаанд, ки м. 320 КҶ ҶТ танҳо аз ду қисм иборат буда, вобаста ба андозаи пора ва оқибтҳои вазнинкунандаи ҷазоро нишон надодааст. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки ба м. 320 қисмҳои нав ворид карда шаванд. Аз ҷумла, андозаи муқаррарии пора, андозаи вазнин ва андозаи махсусан вазнин бояд се қисми алоҳидаи моддаро ташкил диҳад. Ҳамзамон, тақдири масъалаи додани пора аз ҷониби шахси мансабдор ба шахси мансабдор норавшан боқӣ мондааст. Дар яке аз қисмҳои моддаи зикршуда бояд масъалаи мазкур илова карда шавад.

**Калидвожаҳо:** аломатҳо, хусусиятҳо, тарафи объективӣ, ҷиноят, таркиби ҷиноят, предмети пора, кирдори хавфноки ҷамъиятӣ, ҳаракат ва беҳаракатӣ, додани пора, миёнарав, шахси мансабдор, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории ҷиноятӣ.

## ОБЪЕКТИВНАЯ СТОРОНА ДАЧА ВЗЯТКИ И ТООРЕТИКО-ПРАВОВОЙ АНАИЗ ЕЕ СОСТАВА

В данной статье рассмотрены признаки объективной стороны дачи взятки. Автор при исследовании данного вопроса учли мнение отечественных и зарубежных ученых и исследовали важнейшие вопросы объективной стороны взяточничества. В результате своих исследований авторы пришли к выводу, что ст. 320 УК РТ установили дачу взятки. Из содержания нормы настоящей статьи следует, что дача взятки имеет следующие аспекты: 1) дача взятки лично; 2) дача взятки должностному лицу; 3) дача взятки должностному лицу иностранного государства; 4) дача взятки должностному лицу международной организации; 5) дача взятки через посредника. Часть вторая настоящей статьи дополнительно устанавливает два новых аспекта: 6) умышленное незаконное действие (бездействие) должностного лица; 7) неоднократное взяточничество.

Автор в результате своих исследований установили, что ст. 320 УК РТ состоит всего из двух частей и не указывает на строгость наказания в зависимости от размера взятки. Поэтому было бы лучше дополнить ст. 320 новыми частями. В частности, размер простого взятка, размер тяжелого взятка и размер особо тяжелого взятка должны образовывать три отдельные части статью. При этом судьба дача взятки должностным лицом к должностному лицу остается неясной. Этот вопрос следует включить в одну из частей упомянутой статьи.

**Ключевые слова:** признаки, характеристика, объективная сторона, преступление, состав преступления, предмет взяточничества, опасное публичное действие, действие и бездействие, дача взятки, посредник, должностное лицо, сравнительно-правовой анализ, уголовное законодательство.

## OBJECTIVE SIDE OF GIVING A BRIBE AND THEORETICAL-LEGAL ANALYSIS OF ITS COMPOSITION

This article examines the signs of the objective side of giving a bribe. When studying this issue, the authors took into account the opinion of domestic and foreign scientists and examined the

most important issues of the objective side of bribery. As a result of their research, the authors came to the conclusion that Art. 320 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan established the giving of a bribe. It follows from the content of the norm of this article that giving a bribe has the following aspects: 1) giving a bribe personally; 2) giving a bribe to an official; 3) giving a bribe to an official of a foreign state; 4) giving a bribe to an official of an international organization; 5) giving a bribe through an intermediary. Part two of this article additionally establishes two new aspects: 6) intentional illegal action (inaction) of an official; 7) repeated bribery.

As a result of their research, the authors established that Art. 320 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan consists of only two parts and does not indicate the severity of punishment depending on the amount of the bribe. Therefore, it would be better to supplement Art. 320 new parts. In particular, the size of a simple bribe, the size of a heavy bribe and the size of an especially heavy bribe should form three separate parts of the article. At the same time, the fate of giving a bribe by an official to an official remains unclear. This issue should be included in one of the parts of the said article.

**Keywords:** signs, characteristics, objective side, crime, elements of crime, subject of bribery, dangerous public action, action and inaction, giving a bribe, intermediary, official, comparative legal analysis, criminal legislation.

**Дар бораи муаллиф:**
Раҳмонов Шоҳрух Саидович,
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,
Тел.: (992) 887981717
E-mail: shohrukh.rahmonov.1998@mail.ru

**About the author:**
Rakhmonov Shokhrukh Saidovich,
researcher at the department of criminal law and counteraction to corruption,
Tajik National University.
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17,
Tel: (+992)887981717
E-mail: shokhrukh.rahmonov.95@mail.ru

**Об авторе:**
Рахмонов Шохрух Саидович,
соискатель кафедры уголовного права и противодействии коррупции,
Таджикский национальный университет
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17,
Тел.: (+992)887981717
E-mail.: shokhrukh.rakhmonov.95@mail.ru

ТДУ 341.231.14/ 347.63

# ҲУҚУҚ ВА МАҚОМИ ЗАН ДАР МЕРОСИ ТОИСЛОМӢ ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР “ШОҲНОМАИ”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

***Майнусов Д. Ф.***
*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

*Ҳар он кас, ки “Шоҳнома”-хонӣ кунад,*
*Агар зан бувад қаҳрамонӣ кунад.*

Ин байти машҳур далели он аст, ки "Шоҳнома"-и безаволи шоири бузург ва ҳакими фарзонаи форсу тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ (934-1020) ганҷинаи басо пуразиш дар шиносоии маънавии миллати фарзонаи мо маҳсуб меёбад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фармони махсус аз 30 декабри соли 2023, № 668 соли 2024-умро “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намуда, дар рушду такомули донишҳои маърифатию ҳуқуқӣ аҳамияти бузурги мероси пурғановати моро низ борҳо таъкид кардаанд.

Агар ба назар гирифта шавад, ки соли 2024 боз ду рӯйдоди бузурги маънавию ҳуқуқӣ - 30-солагии қабули Конститутсияи (Сарқонун) Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун кафолатдиҳандаи ҳуқуқу вазифа ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ, ва 30-юмин солгарди ташкилёбии Ҳизби Халқии демократии Тоҷикистон, чун ҳизби созанда, бунёдкор ва пешбарандаи афкори маърифатию ҳуқуқӣ — ба таври назаррас таҷлил хоҳанд шуд, пас зарурати сайқал додан ва ривоҷ кардани масъалаҳои маърифати ҳуқуқӣ дар ин сол боз ҳам возеҳтар ва рӯзмарратар аён хоҳанд гардид.

Дар суханрониҳои хеш бо намояндагони дин ва фаъолони ҷамъиятии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ муносибат намуда, барои амалӣ гардидани онҳо усулу воситаҳои заруриро дар сохтори давлатӣ ташаккул доданд. Таъсиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим дар назди ҳукумат, Муассисаи давлатии Маркази исломишиносӣ дар назди Президенти мамлакат, Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим", "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ", "Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", бақайдгирии 4 ҳазор иттиҳодияи динӣ, яъне масҷидҳо, ва ташкили сафари дастҷамъонаи шаҳрвандон ба ҳаҷ ва умра аз ҷумлаи иқдомоти амалигардида дар ин самт мебошанд [1].

Дар тавзеҳоте, ки ба Фармони Президент “Дар бораи “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намудани соли 2024” дода шудааст, аз ҷумла, гуфта мешавад: “Мақсад аз қабули фармони мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад” (Нигаред: Тавзеҳот ба Фармоиш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи” “Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намудани соли 2024” аз 30 декабр соли 2023” [20, с. 11].

Мақсад аз ин иқтибосот ва суханҳои муқаддимотӣ ҳамин аст, ки вобаста ба “Соли маърифати ҳуқуқӣ” ва дар заминаи муҳтавою мундариҷаи Конститутсияи Тоҷикистон ҳар яки моро зарур аст, то ҳуқуқу вазифа ва уҳдадориҳои шаҳрвандии хешро хуб бидонем ва дар асоси онҳо кору фаъолият ва зиндагонии рӯзмарраи хешро дурусту бошуурона, мақсаднок ва

манфиатбахш ба роҳ монда, дар бунёду ташаккул ва такомули ҷомеаи ҳақиқати озод, демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва дунявии Тоҷикистон саҳми сазовор гузорем.

Дар роҳи расидан ба ин мақсадҳои наҷиб моро мероси пурғанoвати ниёгон кӯмак хоҳад кард, ки моро бузург расонида метавонад. Яке аз чунин сарчашмаҳои муътамад, ки на танҳо барои мо, балки барои тамоми аҳли башар дар шеносоии такомули маърифати ҳуқуқӣ хизмати азиме карда метавонад, "Шоҳнома"-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ мебошад.

Фирдавсишиноси тоҷик, номзади илмҳои филологӣ Ҷамолиддин Саидзода барҳақ мегӯяд: "Шоҳнома"-и безаволи Фирдавсӣ гимни мардумони эронинажод, оинаи тамомнамои эронӣ ва баёнгари рӯҳи бузурги эронӣ, китоби хештаншиносӣ ва ватанпарварӣ, далели ҷовидонагии ақвоми ориёӣ аст [17, с. 11-13].

Бесабаб нест, ки моҳияти бузурги "Шоҳнома"-ро дар раванди хештаншиносӣ ва худогоҳии миллии тоҷикон ба инобат гирифта, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониаш ба Симпозиуми байналмилалии “Бобоҷон Ғафуров — бузуртарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик”, ки ба муносибати гиромидошти 115 - солагии академик Б. Ғафуров дар шаҳри Душанбе санаи 5 - уми декабри соли 2023 баргузор гардид, эълон намуданд, ки китоби "Шоҳнома" бояд аз ҳисоби фонди захиравии Президент чоп шуда, ба ҳар як хонадони тоҷик аз номи Президент ҳадя карда шавад.

"Шоҳнома" бузургтарин ҳамосаи миллии мардумони ориёинажод аст. Дар ин асар муҳимтарин афкору андешаҳои ахлоқию фалсафӣ, таърихию иҷтимоӣ, таърихию сиёсӣ фароҳам оварда шудаанд.

Мардумони эронинажод ва эронитабор аз замонҳои бостон то ба ин ҷониб ба усулҳои воростаи ахлоқӣ пероста будаву бино ба дастуру нишондоди паёмбари ростини хеш Зардушт ва китоби муқаддаси "Авесто" аз андешаи неку гуфтори неку кирдори нек бархурдор буданд ва ҳатто ба қавлу халқиятҳои ғайриэронӣ рафтори одилонаю некбинона доштанд. Додгарӣ, озодандешӣ, меҳрубонӣ, ҷавонмардӣ ва бахшандагиро бузургтарин фазилатҳои инсонӣ мешумориданд. Ин меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ, хушбахтона, имрӯз низ дар сиришти инсонӣ ва ғаризаи (1. одати ирсӣ) зоти мардумони ориёинажод, аз ҷумла, тоҷикону эрониён, побарҷо ва устувор аст.

Махсусан, муносибат бо занон ва эҳтироми ҳуқуқҳои инсонии онҳо яке аз падидаҳои неки ахлоқии ниёгон буд. Ба занон аз рӯи адлу инсоф рафтор мекарданд, ҳуқуқ ва мақому марабати онҳоро чӣ дар миёни афроди хонавода ва чӣ дар сазовори шахсияти инсониву фазилатҳои ахлоқию маънавии мардон гиромӣ ва муҳтарам медоштанд.

Чунин меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ то андозае дар кишварҳои Шарқ, аз ҷумла, мамолики мусулмонӣ, имрӯз низ ба назар мерасанд, вале заминаҳои таърихии онҳоро бар иллати ноогоҳӣ, мутаассифона, аксарияти мардум намедонанд.

Бо мақсади равшан сохтани заминаҳои таърихии эҳтироми ҳуқуқу мақоми занон, бояд ба давраи зан дар кишварҳои мансуби аҷдодони ориёӣ назар андозем, ки нисбат ба мард дар ҷамъияти инсонӣ мақоми бартар дошт. Идора намудани кору фаъолияти қавлу қабила дар он давра ба зиммаи зан вогузор шуда буд ва аз ин ҷиҳат зан ба мақоми рӯҳоният расида буд. Ному насаби силсилавии авлоду қабиларо ба номи зан мансуб медонистанд, зеро зан ноқили хуни қабила ба холистарин шакли худ дониста мешуд.

Боиси таваҷҷӯҳ аст, ки занон дар давраи модаршоҳӣ дар фаъолияти кишоварзӣ ва иқтисодӣ саҳми бештаре доштанд. Мардон занонро мазҳари неъмату фаровонӣ медонистанд. Аз ин рӯ, занону мардон роҳбар ё раиси қабиларо аз рӯи ҳақи баробар интихоб мекарданд ва дар бораи ҷангу сулҳ қарорҳои худро мебароварданд. Маҳз дар давраи модаршоҳӣ занони қабилаи ориёинажодро аз сирру асрори деҳқонӣ огоҳ будаву гандум мекашиданду медаравиданд, хона месохтанду корҳои дастиву саноатии ибтидоиро ба сомон мерасониданд.

Баробарҳуқуқии зану мард дар даврони нахустин қабилаҳои ориёӣ аз эътиқоди он буд, ки зану мардро Аҳурамаздо озоду яксон ва муҳтарам офарид. Мутобиқи он эътиқоди ҳар ду дар як нутфа таквин ёфтаву бо ҳар сар аз замин бардоштаву такомул ҷуставу яксон ба сурати одамӣ даромадаанд ва Аҳурамаздо бо онҳо ба як забон сухан гуфтаву қонуну дастури

яксонро зарур дониста ва ба онҳо гуфта буд: “Шумо падару модари мардумони ҷаҳонед. Ман шуморо поку расо офаридам. Бо порсоию дод ба кор бандед. Некандеш, некгуфтору неккирдор бошед” [6, ояти 122].

Дар ин гуфтор ду ҷанбаи қавии ахлоқию ҳуқуқӣ нуҳуфтааст: Ҷанбаи аввал аз рӯҳи порсоӣ, яъне покию росткорӣ ва адлу дод амал кардан, ки аз шартҳои муҳими ахлоқ ва ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд, ва ҷанбаи дигар — ҳамон се меъёри бузурги ахлоқии ниёгон: Пиндори нек, Гуфтори нек ва Рафтори нек, ки имрӯз ҷаҳониёнро ба ваҷҳ овардаанд.

Назар ба пиндори кулли муҳаққиқони ойини Аҳурамаздо ва “Авесто”-и Зардушт, нахустин чиз аз нахустин андешаи зан ва мард ин буд, ки ҳар як аз мо бояд хушнудию дӯстии дигареро фароҳам оварем. Ин ақида ҷанбаи бузурги ахлоқию ҳуқуқии гуманистии андешарони ниёгони моро нишон медиҳад.

Агар ба мухтавои "Авесто" назари амиқ афканем, маълум мешавад, ки мақоми зан дар дини бостонии мо баробари мард будаву ҳама ҷо ҳам номи зан ва ҳам номи мард дар як радиф зикр шуда, синни балоғат барои ҳар ду яксон мебошад, то ҳар ду дар адои фарзҳои диниву иҷтимоӣ дар як марҳилаи воҳиди синнӣ эҳсоси масъулият дошта бошанд. Ин тарзи андешаронии ниёгони мо ҷанбаи қавии ҳуқуқӣ дошта, бояд мавриди ибрат қарор гирад. Дар Авасто занону мардони порсо бо ҳам баробар ёд шуда, дар аъмоли мазҳабӣ низ баробар шумурда шудаанд.

Зардушт эҳтироми занро аз воҷибот шумурда, таҳқир ё тавҳини ӯро, яъне заифӣ ва сустии занро бар хилофи ақл донистааст. Вай дар таълимоташ ба муҳтарам ва муқаддас шуморидани мақоми зан таъкид намуда, бовар дошт, ки зан ва мард бояд якдигарро бо эҳтиром ва масъулият қабул кунанд. Мақоми зан дар ойини Зардушт на танҳо дар оила, балки дар ҷомеа ва ҳатто дар масоили сиёсӣ ва мазҳабӣ низ баробар бо мард дар назар гирифта шуда буд. Зардушт ба занон ҳуқуқи иштирок дар аъмоли мазҳабӣ ва ҷамъиятӣ, ҳамчунин вазифаҳои роҳбарӣ ва ҳукмрониро дода буд.

Аз таърихи башар маълум аст, ки дар оғози даврони зиндагии иҷтимоӣ зан нисбат ба мард дар саросари ҷаҳон ба таври умумитар ва дар миёни мардумони ориёӣ ба таври хос дорои мақоми бартар ва эҳтироми фавқулода будааст. Ин аст, ки зан махсусан дар даврони модаршоҳӣ то асри оҳан дар ҳаллу фасли масъалаҳои қавлию фароҳам овардани осоишу фаровонӣ чун пайвандгари қавму қабила таҷассум гардидааст.

Назар ба ақидаи Б. Ғафуров: “Дар охири палеолити миёна ва боло ташкилоти қабилавии ҷамъият — коммунаҳои ибтидоӣ бо тартиби қавлию насабӣ пайдо мешавад. Ин сохти қавлии модоӣ буд, ки зан дар он мавқеи хеле баландро ишғол мекард” [3, с. 33].

Шарқшинос Андре Гиршман (André Gérard Ghirshman), менависад: “Мардуми Эрон дар муқобили таърих барои тавзеҳи фикри кунҷкови худ дар муқобили ин пурсиш, ки холиқи аввалин инсон чӣ касеву чӣ гуна буда, занро, ки илова бар доштани иштироки масоии (ниҳояти кӯшиш-Д.М.) бо мард дар тамоми умур (корҳо) дорои имтиёзи зиндагӣ аст ва нахустин занро, ки модари тамоми зиндагон аст, ба сурати Худо таҷассум мекунанду тасаввури худро аз ӯ ба василаи бут мутаҷаллӣ месозанд. Муҷассамаҳое, ки ба фаровонӣ аз роҳи ҳафриёти бостоншиносон аз навоҳии моқабли таърихӣ ба даст омада, занро ба сурати илоҳиҳои гуногун нишон медиҳад, гувоҳи ин ҳақиқат аст” [13, с. 136].

Ҳафриётҳои Шуша ва таҳқиқоте, ки аз рӯи асноду сангҳои даврони Эломиён ба амал омадаанд, маълум гардид, ки зан дар он аҳд ба сурати пайвандгари муҷассам мавриди ситоиш қарор мегирифт ва аз лиҳози иҷтимоӣ ҳам мақоми арҷманд доштааст. Тасвирҳои занон дар сангҳои бостоншиносӣ ва муҷассамаҳои Эломиён як қатор рамзҳои эътиқодӣ ва иҷтимоии муҳимеро намоиш медиҳанд, ки нишона дар фарҳанги Элон, зан на танҳо як вазифаи хонаводагӣ дошт, балки мавқеи фалсафӣ ва динӣ низ баробар бо мард дар назар гирифта шуда буд.

Ин рамзҳои илоҳӣ, ки ба шакли занон ва ташаккули илоҳӣ ё арҷгузорӣ дар шакли пайвандгарони муҷассам тасвир ёфтаанд, шоҳиди фарҳанг ва идоракунандаи иҷтимоии онҳо мебошанд. Ба илова, баъзе таҳқиқот нишон медиҳанд, ки мардуми Эломиён, ба хусус дар муқоиса бо дигар фарҳангҳои ҳамзамонашон, дар мавқеи равшан ва мустақили занон қарор

доштанд. Онҳо занонро на танҳо ҳамчун модарон ва ҳамсарон, балки ҳамчун муҳофизаткунандагони арзишҳои иҷтимоӣ, арзишҳои маънавӣ ва илоҳӣ медонистанд.

Назар ба ақидаи муаррихон, дар ҳазораҳои сеюму дуюми то милод нақши занон дар бисёр кишварҳои қадима, аз он ҷумла, ҷомеаи куҳани Элам, нисбат ба мард бартар буда ва хати расидан ба подшоҳӣ аз тариқи модар интиқол меёфтааст.

Чунин ҳуқуқ, ки зану модар дар он даврон доштанд, инъикоси васеъи худро дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ низ ёфтааст. Чунончи, дар "Авасто" ва "Шоҳнома" ишоратҳое дар ин бора дида мешавад, монанди падид омадани Манучеҳр аз духтари ҳамсари Эраҷ, ки минбаъд қасоси бобояшро аз Салму Тӯр мегирад.

Панҷсад сол то милод, ки кишвари Эломиён ба марҳилаи тамаддуни шаҳрнишинӣ расида буданд, мақоми зан аз лиҳози маънавӣ дар ҳамон мартабаи даврони гузашта боқӣ монда буд ва ин мулк дар он даврон қудрати басо аҷиб доштааст. Ҳамин гуна ҳуқуқи баланди иҷтимоии зан дар даврони ҳукумронии шоҳони Мод ё Мидия (Озорбайҷон) низ дар он давра ба чашм мерасад. Дар ин хусус андешаҳои таърихшинос И.М. Дяконов қобили таваҷҷӯҳанд. Ӯ менависад: “Он даврае, ки шаҳрҳо ва дижҳо бо ҳисорҳои сангӣ ба вуҷуд омаданд ва маротиби мансабҳо маъмур гардид, поёни даврони мақобили таърих (то милод-Д.М.) ва марҳилаи интиқол ба давраи ваҳдати завҷ бо завҷа (иттифоқу баробарии зану шавҳар-Д.М.) шинохта шудааст. Дар натиҷа оғози як давраи ҷадид аз тавҳили таърихӣ ба вуҷуд омад ва ба қудрати давраи зан ва мард поён дод. Ин марҳилае буд, байни давраи подшоҳӣ ва оғози давраи падаршоҳӣ, ки пас аз он батадриҷ маълум мегардад. Аз ин пас ҳам дар давлатҳои Модӣ мақоми хонаводагӣ ва ҳатто мақоми иҷтимоии зан ҳамчунон маҳфуз монду фақат то ҳадде аз ҳуқуқу ихтиёроти дерини ӯ коста шуд” [6, с. 233].

Дар он даврон занон ҳеҷ пӯшидагии сарворӣ ва ҳиҷоб, ки нишонаи маҳрумият аз фаъолияти иҷтимоиву иқтисодӣ аст, надоштанд ва дар тамоми корҳои зиндагӣ бо мард ҳамкориву ҳампуштӣ мекарданд. Дар маҷлиси умумӣ ширкат мекарданд.

Дар давраи Ҳахоманишҳо, агарчи мақому мавқеияти иҷтимоии зан ба пояи гузашта мерасид ва ҳамчунин ҳуқуқ ва имконияти ӯ дар хориҷ аз хонаву иҷтимоъ аз баъзе ҷиҳатҳо бо мард наметавонист қобили муқоиса бошад, вале он чи ба ҳақиқат дониста шуда, то ҳадди зиёди инсонӣ ва одилона буда, ба тавре ки заминаи иҷтимоии он то давраи Ашкониён ва охири давраи Сосониён (то замони истилои араб - Д.М.) ва ҳатто дар матни иҷтимоии давраҳои баъд аз он ҳам боқӣ монд.

Занон дар давраи Ҳахоманишинҳо монанди давраи пеш аз зуҳури Зардушт бо рӯи кушода ҳама ҷо рафту омад мекарданд ва шоҳбону ҳамчун подшоҳ тоҷ бар сар мениҳоду бар тахти шоҳӣ такя мезад ва ба таври куллӣ занон дар умури сиёсӣ мудохила мекарданд. Олими Юнон Плуторак (Плутарх) менависад: “Иродаи шоҳу малика дар замони Ҳахоманишиҳо дар радифи ҳам буда ва занони дарбор дорои нуфузи фаровон буданду подшоҳон аз эшон ҳарфшунавӣ доштанд.” [15, с. 3].

Мақоми зан ва соҳиби ҳуқуқи баробар доштанашон бо мардон аз назари Куруши Кабир, ки аввалин Эъломияи ҳуқуқи башарро навишта буд, бар он поя муҳтарам ва олӣ буд, ки ба писарони худ васият мекрданд, то дар анҷоми ҳар кор аз модари худ фармонбардорӣ кунанд. Дориюши Кабир бошад, ҳамеша аз ҳамсари худ кӯмакҳои муассир мегирифт, чӣ дар оғози кору ҷангҳои аввали салтанат, чӣ дар солҳои созандагӣ, малика Отусо (Атосса-ҳамсари Дориюш - Д.М.) ба тахти салтанат расид. Баробарии ҳуқуқи занон ва мардон дар замони Куруши Кабир як ҷузъи муҳим ва фарқкунандаи замони худ ва тафсири баробарии инсонҳо дар сиёсат ва ҳуқуқҳои башар буд. Эъломияи ӯ на танҳо ҳуқуқҳои занонро дар ҷанбаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон баробар муаррифӣ мекард, балки барои таърихи ҳуқуқи башар дар таъриф ва қабул кардани ҳуқуқи инсон таҳаввулоти муҳимро ба вуҷуд овард.

Дар давраи Ҳахоманишиён, ҳафтод дарсади занон дар корҳои тавлидӣ ва коргарӣ дӯш ба дӯши мардон фаъолият мекарданд ва музди тақрибӣ ба андозаи ҳар як аз онҳо дарёфт медоштанд, яъне баробари мардон музд мегирифтанд. Дар умури ашкаркашӣ ва дар саҳнаҳои пайкор зоҳир мешуданд ва бо душман меҷангиданд. Мардон наметавонистанд иродаи худро

ба онҳо таҳмил кунанд. Дар ин давра занон мақоми баланд ва ҳуқуқҳои баробар бо мардон доштанд. Онҳо на танҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, балки дар ҳаёти сиёсӣ ва динӣ низ саҳм мегузоштанд. Маликаҳо ва занон дар дарбор нуфузи зиёде доштанд ва ҳатто дар таҳаввулоти сиёсӣ ва дипломатӣ бо мардон баробар амал мекарданд. Таҳқиқот ва манбаъҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки баробарии ҷинсӣ ва эҳтиром ба зан дар давраи Ҳахоманишӣ яке аз хосиятҳои муҳими фарҳанги он замон буд.

Дар китоби “Эрони бостонӣ” аз забони олими Юнонӣ Диодор ҳикояти басо ҷолибе нақл карда мешавад: “Дар қарни чоруми то милод Хашиёри III (Ардашери сеюми Ҳахоманишӣ, писари Доро - Д.М.) шоҳ буд. Дар он кишваре, ки ӯ ҳукмронӣ мекард, қавму миллатҳои зиёде мезистанд ва ҳар кадом салтанате доштанд. Хашиёри III ба ҷуз гирифтани базе аз онҳо ба корҳои дохилӣ ва урфу одаташон моҳият намекард. Дар ҳамон давре мулке бо номи Кориё дар ҳудуди Осиёи Хурд тобеи Ҳахоманишиён буд, вале бо урфу расми худ салтанат дошт. Аз ҷумла, одати эшон чунин буд, ки агар фарзанди писар пас аз марги падари шоҳ ба тахти салтанат нишастан мехост, бояд хоҳари худро ба занӣ мегирифт. Ин як расми маъмул барои онҳо буд. Иттифоқо шоҳи Кориё вафот кард ва ба ҷояш бояд писараш, ки Мавзолей ном дошт, ба тахт нишаст. Мавзолей бо номи Артемиз (Артемида - Д.М.) хоҳари доно ва зирак дошт ва ӯро ба ҳамсарӣ гирифт ва шоҳ шуд. Баъд аз муддате Мавзолей вафот кард ва Артемиз хост, ки ӯро ба таври махсус дар пайкари худ дафн кунад. Аз ин рӯ, ҷасади шоҳро сӯзонда, хокистарашро бо гулоб омехта карда, муддати 2 сол он омехтаи ғаму ҳузнро кам-кам хӯрда, дар худ ҷой дод. Ба хотири шавҳараш чунон як мақбараи зебое сохт, ки он яке аз 7 мӯъҷизаи қадимаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад ва ба номи Қасри Артемида дар пойтахти ӯ Ҳоликорнос имрӯз низ воқеъ гардидааст. Артемиз он қасрро ба хотири шавҳараш Мавзолей номида буд ва вожаи Мавзолей чун мақбараи пурзиноат аз ҳаминҷо пайдо шудааст” [7, с. 2-3].

Хашиёршоҳи III ба ин абзи рӯҳ монеъ нашуд ва Артемиз дар амали худ соҳиби ихтиёр буд ва ҳуқуқи худро, ки пас аз марги ҳамсараш ба тахти шоҳӣ расида буд, хуб риоя мекард.

Мақому ҳуқуқи зан дар давраи Ашкониён ба పояи давраи Модиҳо ва Ҳахоманишиҳо намерасид. Онҷӣ таърихшиносон дар бораи маҳдудияти ҳуқуқи зан дар давраи Ашкониён навиштаанд, ғолибан дар бораи табақаҳои болоии он аҳд аст, вале ин маҳдудият ба табақаҳои поёнии ҷамъият таъсире надошт.

Дар ин давра низ заноне чун Анаҳито, ки дар ҷамъият нуфузе доштанд, мавриди эҳтиром ва мақоми воло буданд.

Назарҳои малика Дотамин дар салтанати малика Музо дар замони шоҳигарии Фарҳоди чорум ва Фарҳоди панҷум далели побарҷоии ҳуқуқи зан дар идораи аъмоли давлатию сиёсӣ шуда метавонанд. Фарҳоди панҷуми Ашконӣ ҳатто сурати малика Музоро дар тангаҳои сикка мезад.

Дар замони Сосониён ҳам нақши Анаҳиторо дар канори нақши Аҳурамаздо барои фархундагӣ дар маҷлисҳои тоҷгузории шоҳон бар рӯи нақши сангҳои тоқи Бӯстон ва нақши Рустам мебинем, ки ин худ эътибори суннати деринаи эҳтиром ба занро дар вуҷуди ин зани дар сурат фаришта мутаҷаллӣ месозад, хусусан, ки Сосониён аз баракати хидмат дар маъбади Онаҳито (**Анаҳито - Ноҳид - Д.М.) ба шоҳаншоҳи расидаанд. Дар ин маврид қиссаи фаришта Ардавӣ Сура Анаҳито, ки дар "Авесто" оварда шудааст, хеле ҷолиб аст. Аноҳито дар маъно поку бенуқсону нуру олам аст, ӯ фариштаи нигаҳдорандаи обҳои пок мебошад. Дар боби "Ясно"-и китоби "Авасто" оварда мешавад:

“Аз нахустин Урдабиҳишташ даррасад,

Ардавӣ Сура Аноҳито даррасад. Ӯ биёяд покиза аз осмон, Ҳам савори гардуна ба посбон. Бардуна ба чор аспи сап-сафед, Мебаранд ӯро замин чун нури шед. Ардавӣ Сура Аноҳито ба чеҳр, Ҳаст зебо дӯшида, амсоли меҳр. Дидагоне бас дилорою қашанг, Рӯй зебо гавҳаре пуробуранг. Рӯйисина ҳаст овезон чу нур, Нимтоҷ аз нилудор ҳамчун булур. Ҳам Сушиёнис ояд он замон, Ардавӣ Сура Аноҳита пасон. Киштизоре сабзу хуррам густарад, Хонаҳо з-он киштаҳо роҳат барад” [7, с. 41-47].

Дар даврони Ҳахоманишиён то Сосониён дар хонавода одате ҳукмфармо буд, ки кӯдаки навзодро то 5-солагӣ пурра занону модарон ба тарбияи худ мегирифтанд. Ин одат имрӯз низ дар бисёр оилаҳо побарҷо аст. Ба асли насаби фарзанд аз тарафи модар аҳамият медоданд. Касе наметавонист занонро худсарона танбеҳ кунад. Духтаронро он қадар азизу гиромӣ медоштанд, ки ӯро ба ғайри ориёӣ ба ҳамсарӣ намедоданд. Зан ба мақоми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мазҳабӣ дар ҷомеа дошта то ба ҳадди султон мерасид ва дар ҷанг ширкат меҷусту метавонист, чун Гурдуия (хоҳари Баҳроми Чӯбина) сипоҳсолории артиширо ба зиммаи худ гирад. Ҳатто заноне монанди Динак, Пурондӯхт, Озаршидухт ба мақоми подшоҳӣ ноил шудаанд ва мудате дар Эрон салтанат кардаанд.

А. Кристенсин дар бораи он даврон менависад: "Рафтори мардон нисбат ба занон қадре аз рӯи эҳтиром ва мабадӣ бар одоб буда, ки инсонро ба ёди даврони назокати қарни ҳаждаҳум меандозад. Дӯшизагон на танҳо бо вазифаи хонаводагӣ ошно мешуданд, балки усулу ахлоқӣ ва қонуни мазҳаби "Авасто"-ро низ фаро мегирифтанд. Онон чӣ дар зиндагии хусусии хонаводагӣ ва чӣ дар иҷтимоъ (ҷамъият - Д.М.) аз озодии амал бархурдор буданд" [5, с. 121].

Дар бораи ҳуқуқу мақоми зан дар давраи Сосониён дар китоби "Мотикони ҳазор достон" омада, ки зан дар ин давра аз эҳтиром ва мақоми басо арҷманд бархурдор ва тақрибан бо мард баробар буда, чунон ки ба умури қазоват мепардохта ва бузургтарин ҳуқуқдоронро дар мубоҳиса муҷоб (ҷавобгардон - Д.М.) мекардааст.

Дар давраи Сосониён падари хонавода наметавонист, ки духтрашро бе розигии ӯ маҷбуран ба шавҳар диҳад. Духтар бошад, метавонист бе иҷозати падар ва ҳатто бар хилофи майли ӯ шавҳар кунад. Падар маҷбур буд, ки агар духтар даромаде надошта бошад, ҳазинаи ӯро бипардозад (яъне харҷи ӯро адо кунад).

Саҳми зану духтар аз дорои хонавода аз тороҷшавӣ ҳифз карда шуда, зан ҳақи эътироф дошт ва метавонист дер ба муҳокима ҳозир шавад ва аз туҳмат ё даъвое, ки зидди ӯст, худро дифоъ кунад. Зан метавонист, ки дар муҳокима қавли раиси хонавода ё шавҳарро қабул накунад. Ӯ метавонист муомила кунад. Зан ҳаққи моликият дошт ва метавонист дороии худро идора кунад. Зан метавонист аз рӯи қонун аз тарафи шавҳари худ дохили муҳокимот шавад ва ба номи шавҳар корҳои шахсиро идора кунад. Зан ҳатто метавонист дар баъзе ҳолатҳо ба ҷои мӯбадон (муллоёни зардуштӣ - Д.М.) маросими диниро ба ҷой оварад.

Ориёиён ва аҷдодони бостонии тоисломии мо барои издивоҷ аҳамияти фавқулодда медоданд. Онҳо эътиқод доштанд, ки ҷомеа бар хонавода ва издивоҷ бунёд меёбад ва чунончи асоси зиндагии заношӯӣ барқарор дорад ва усули шаръии муҳокимаву устувории мубтанӣ (асосёфта - Д.М.) бошад, дар натиҷа робитаи саҳеҳ ва хирадмандонае дар хонавода ба вуҷуд меояд ва падару модар дар тарбияти фарзанд муваффақу комёб мегарданд ва афроди солиму боарзише таҳвили ҷомеа хоҳанд дод (ба ҷамъият ҳавола хоҳанд кард - Д.М). Издивоҷ дар дини бостонии мо амри муқаддас ва фавқулодда муҳим шумурда мешуд. Издивоҷ дар даврони Ориёиён ва аҷдодони бостонии тоисломӣ мантиқан ба дурустии иҷтимоӣ, ҳуқуқи инсон, ва эътибори оилавӣ барои ҳифзи қонун ва ахлоқи ҷамъиятии даврони он аҳамияти афзуда дошт. Дар ҳудудҳои Ориёиён, издивоҷ на танҳо як пайванд байни ду шахс, балки як ҷузъи муҳими рушд ва ҳокимияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва динӣ дар ҷомеаҳо буд.

Мутобиқи дини Зардушт пайванди заношӯӣ на танҳо дар чашм, балки дар равонии зану шавҳар ҳам баста мешуд. Ин маънои онро дорад, ки дар ойини Зардушт, издивоҷ як пайванд ва ягонагии маънавӣ мебошад, ки бар асоси эҳтиром, муҳаббат ва эҳтиёҷоти рӯҳонӣ сурат мегирад. Зардушт таълим медиҳад, ки зану шавҳар на танҳо дар ҷисм, балки дар рӯҳ ва хислатҳо низ бояд ба якдигар пайванданд, ва дар асл, издивоҷ як акси ҷаҳонвудии мутавозӣ ва баробарии ду ҷониб аст.

Маълумотҳои сершумор ва таҳқиқотҳои пурарзиш нишон медиҳад, ки дар осори зиндагӣ, муносибати иҷтимоӣ ва вазъи ҳуқуқии мардуми як-як кишварҳои давраи бостон ба амал омада маълум шудааст, ки усулу зиндагии иҷтимоии ориёинажодон — ниёгони бузурги мо аз ҷиҳати додгарӣ ва эҳтиром ба ҳиссиёти инсон пояи чунон арҷманде дошта, ки

сармашқи дигар миллатҳои ҷаҳон қарор гирифтааст. Эҳтиром ба шахсияти зан, ки аз хусусиятҳои озодманишӣ ва фазилатҳои ахлоқиву шарафмандӣ саршор аст, аз давраи бостон то ин замон дар миёни мардуми ин марзу бум идома ёфта омадааст. Ҳамон тавре, ки ба падару бародар ва писари худ эҳтиром мегузоштанд ва ҳуқуқи ононро риоят мекарданд, барои модару хоҳар ва духтари худ низ арзу ҳуқуқро қоил буданд.

Ин ҳама гуфтаҳо аз он далолат мекунанд, ки дар масъалаи ҳуқуқ ва мақоми иҷтимоии зан, ки дар "Шоҳнома"-и безаволи Фирдавсӣ инъикос ёфтаанд, масъалаҳои ахлоқ ва ҳуқуқи тоисломи ниёгони мо нақши боризе доштанд. Ин масъала дар мақолаи дигар ба таври мукаммал баррасӣ хоҳад шуд.

### *Адабиёт*


1. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 9 марти соли 2024. ш. Душанбе (Манбаи электронӣ). – Низоми дастрасӣ: https://president.tj/ (санаи муроҷиат: 06.08.2024).
2. Авазова, Г. Мақоми зан дар фарҳанги тоисломии тоҷикон. Душанбе: Академияи илмҳои Тоҷикистон, 2023.– 212 с.
3. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 776 с.
4. Кристенсен, А. Iran under the Sassanids. Лондон: Cambridge University Press, 1936. – 359 с.
5. Кристенсен, А. Эрон дар замони Сосониён. (тарҷ. Ғ. Р. Ясамӣ). Теҳрон: Нашриёти Нигоҳ, 2015. – 544 с.
6. Қуръони Карим. (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе: ЭР-Граф, 2011. – 1260 с.
7. Дяконов, И. М. История Мидии: От древнейших времён до конца IV века до н. э. М-Л: Академия Наук СССР, 1956. – 376 с.
8. Диодор Сицилийский. Bibliotheca Historica. Ҷилд 2. Женева: Loeb Classical Library, 1940. – 520 с.
9. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома (Матни интиқодӣ, иборат аз 9 ҷилд). Ҷилди 1. Душанбе: Адиб, 2022. – 678 с.
10. Зардушт. Авесто. (Тарҷума ва тавзеҳоти Н. Аминзода). Душанбе: Ирфон, 2000. – 440 с.
11. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Таҳияи матн бо пешгуфтор, тавзеҳот ва феҳристи А. Нуров. Ҷилди 1. Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
12. Мухтарии Р.К. Таърихи меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар Эрон. Теҳрон: Нашриёти Суруш,1378 ҳ.ш.-320 с.
13. Элиаде, М. Асотирҳо ва рамзҳо. Теҳрон: Нашриёти Тарғиб, 2006. – 312 с.
14. Гиршман, А. Les Religions de l'Iran ancien. Париж: PUF, 1955. – 298 с.
15. Плутарх. Lives of the Noble Greeks and Romans. (Жизанамаи шоҳон). Ҷилди 3. Ню-Йорк: Modern Library, 1941. – 732 с.
16. Табарӣ, А. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1. Лубнон: Нашриёти Ғарб, 1985. – 592 с.
17. Пурдавуд, М. Ардавирафнома. Теҳрон: Нашриёти Сохтмон, 1971. – 216 с.
18. Саидзода, Ҷ. Фирдавсӣ — шоир паёмрасон. Душанбе: Адиб, 2022. – 248 с.
19. Рашид, Ҳ. Эҳтироми ҳуқуқи зан дар фарҳанги ориёӣ. Душанбе: Ирфон, 2021. – 184 с.
20. Ҳафтаномаи “Омӯзгор”, №1 аз 4 январи соли 2024.


## ҲУҚУҚ ВА МАҚОМИ ЗАН ДАР МЕРОСИ ТОИСЛОМӢ ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР “ШОҲНОМАИ”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ


Мақола ба таҳлили мақоми зан дар мероси фарҳангӣ ва ҳуқуқии ориёинажодон, бахусус дар осори тоисломӣ, тамаркуз мекунад. Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла "Авесто", осори Ҳахоманишиён, Ашкониён, Сосониён ва "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, ҳуқуқу озодиҳои занонро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ баррасӣ менамояд.

Таъкид мешавад, ки дар даврони тоисломӣ занон ҳуқуқи моликият, иштироки фаъолона дар ҷомеа ва баробарӣ бо мардонро доро буданд. Ҳамчунин, нақши занон дар сохтори модаршоҳӣ, қонунҳои оилавии "Авесто" ва сиёсати замони Ҳахоманишиён таҳлил мегардад. Дар "Шоҳнома" низ мақоми баланди иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон равшан инъикос ёфтааст.

Мақола нишон медиҳад, ки мероси таърихӣ ва фарҳангии ниёгон барои таҳқиқи ҳуқуқи инсон ва таҳкими маърифати ҳуқуқӣ дар замони муосир арзиши бузург дорад.
**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи зан, "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, адабиёти тоисломӣ, Ҳахоманишиён, Сосониён, "Авесто", ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ

## ПРАВА И СТАТУС ЖЕНЩИН В ДОИСЛАМСКОМ НАСЛЕДИИ И ИХ ОТРАЖЕНИЕ В «ШАХНАМЕ» АБУЛКАСИМА ФИРДОУСИ

Статья посвящена анализу положения женщин в культурном и правовом наследии арийских народов, особенно в доисламской литературе. Автор, используя исторические источники, такие как "Авеста", произведения эпохи Ахеменидов, Аршакидов, Сасанидов и "Шахнаме" Фирдоуси, рассматривает права и свободы женщин в социальной, политической и экономической сферах.

Отмечается, что в доисламский период женщины обладали правом собственности, активным участием в общественной жизни и равенством с мужчинами. Также анализируется роль женщин в матриархальной структуре, семейных законах "Авесты" и политике Ахеменидов. В "Шахнаме" также ярко отражено высокое социальное и правовое положение женщин.

Статья подчеркивает, что историческое и культурное наследие предков имеет важное значение для изучения прав человека и укрепления правовой культуры в современном обществе.
**Ключевые слова:** права женщин, "Шахнаме" Фирдоуси, доисламская литература, Ахемениды, Сасаниды, "Авеста", права человека, гендерное равенство.

## THE RIGHTS AND STATUS OF WOMEN IN PRE-ISLAMIC HERITAGE AND THEIR REFLECTION IN FERDOWSI'S SHAHNAMEH

The article focuses on analyzing the status of women in the cultural and legal heritage of the Aryan peoples, particularly in pre-Islamic literature. Using historical sources such as the Avesta, the works of the Achaemenid, Arsacid, and Sassanid eras, and Ferdowsi's Shahnameh, the author examines women's rights and freedoms in social, political, and economic spheres.

It is highlighted that in the pre-Islamic period, women enjoyed property rights, active participation in public life, and equality with men. The role of women in matriarchal structures, family laws of the Avesta, and the policies of the Achaemenids are also analyzed. The Shahnameh vividly reflects the high social and legal status of women.

The article emphasizes that the historical and cultural heritage of the ancestors holds significant importance for studying human rights and strengthening legal awareness in modern society.
**Keywords:** women's rights, Ferdowsi's Shahnameh, pre-Islamic literature, Achaemenids, Sassanids, Avesta, human rights, gender equality.

**Дар бораи муаллиф:**
Майнусов Дониш Фазлиддинович,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
E-mail: Donish-1987@mail.ru.
Тел.: 93-444-44-71

**Об авторе:**
Майнусов Дониш Фазлиддинович,
кандидат филологических наук, доцент, докторант кафедры теории и истории государства и права.
Таджикский государственный университет права, бизнеса, и политики.
E-mail: Donish-1987@mail.ru
Тел.: 93-444-44-71

**About the author:**
Mainusov Donish Fazliddinovich,
Candidate of philological sciences, associate professor, doctoral student of the department of theory and history of State and law.
Tajik state university of law, business and politics
E-mail: Donish-1987@mail.ru
Tel.: 93-444-44-71

ТДУ 347.6+334+338.2:

# РУШДИ СОҲИБКОРИИ ОИЛАВӢ ДАР СОҲАИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ОН

***Рофиева А.Ҳ.***
*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

Комплекси агросаноатӣ яке аз калонтарин комплексҳои байнисоҳавӣ мебошад, ки якчанд соҳаҳои иқтисодиётро муттаҳид мекунад, ки ба истеҳсол ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, инчунин истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои истеъмоли ниҳоӣ нигаронида шудааст. Аҳамияти он на танҳо ба талаботи аҳолӣ ба озукаворӣ, балки ба кори бо кор таъмин намудани аҳолӣ ва самараи тамоми истеҳсолоти миллӣ ҳам таъсири калон мерасонад. Соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ як шакли фаъолияти кишоварзист, ки маҷмӯи намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории марбут ба кишоварзӣ ва комплекси агросаноатиро дар бар мегирад. Ин намуди фаъолият ба динамикаи мусбати нишондодҳои сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ барои таъмини боэътимоди озуқаворӣ дар асоси ташаккули истеҳсолоти устувор ва мутавозин ва рақобатпазири кишоварзӣ нигаронида шудааст, ки дар он ба рушди соҳаи кишоварзӣ диққати махсус дода мешавад.

Тоҷикистон пеш аз ҳама давлати аграрӣ мебошад ва рушди соҳаи кишоварзии мамлакат, яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза сиёсати давлатӣ оид ба таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ, на танҳо дар шакли ашё, балки то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, ки бевосита ба истеъмолкунанда мерасад, равона шудааст. Ин содироти маҳсулоти кишоварзӣ, суръат бахшидан ба рушди боғдорӣ, чорводорӣ, занбӯрпарварӣ, моҳипарварӣ, ҳамчунин баланд бардоштани истеҳсоли пахта ва ғайра мебошад. Чунин талабот на танҳо ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, балки ба коркарди саноатии он низ дахл дорад. Хусусияти муҳими давраи тараққиёти замони муосир дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи агросаноатӣ зарурати суръат бахшидан ба рушди илмию техникии истеҳсолот мебошад, зеро дар асоси он равандҳои инноватсионие қарор доранд, ки барои дар заминаи дастовардҳои илму техника мунтазам таҷдиду такмил додани истеҳсолот имконият медиҳад. Дар соли 2012 соҳаи кишоварзӣ соҳаи муҳими иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, саҳми он дар ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилӣ 23,3 фоизро ташкил дод. Соли 2012 соҳаи кишоварзӣ 75976 хоҷагии калон, миёна ва хурд, аз онҳо 350 хоҷагии давлатӣ, 119 ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ, 690-хоҷагии деҳқонии коллективӣ, 6 агрофирма, 15 ҷамъияти саҳомӣ, 499 хоҷагии ёрирасони корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва 73806 хоҷагии деҳқониро муттаҳид намуд. Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагӣ 16477,5 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2011 10,4 фоиз, аз ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 11836,3 млн. сомонӣ ё ки 10,6 фоиз ва чорводорӣ 4641,2 млн. сомонӣ ё 9,7 фоиз зиёд мебошад[12].

Дар давраи муосири рушди иқтисодиёт масоили рақобатпазирии КАС дар сиёсати иқтисодии давлат мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ташаккули бартариятҳои рақобатпазирӣ дар назди рақибони берунӣ ва рақобати солим дар дохили давлат, яке аз самтҳои стратегии фаъолияти давлат дар доираи барномаҳои таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ меистад. Дар баробари ин баландбардории рақобатпазирӣ ба ҳамаи сатҳҳои ҷамъият зарурият дорад, аз ҷумла рақобатпазирии молу маҳсулот ва хизматрасонӣ, корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва муассисаҳо, аммо рақобатпазирии корхонаҳои истеҳсолӣ чун субъекти асосии иқтисодӣ муҳимияти бениҳоят зиёд дорад. Баландбардории самаранокии комплекси агросаноатӣ ба сифати ҳаёти аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақа таъсири бевосита расонида, яке аз шартҳои ҷалби сармояҳо ва устувории иҷтимоӣ мебошад. Афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти аграрӣ самти афзалиятноки ташкили рушди устувори КАС, таъмини бехатарии (хӯрокворӣ) озуқаворӣ ва васеънамоии иқтидори содиротии ҷумҳурӣ ва минтақа мебошад[5, с. 4].

Кластери агросаноатӣ дар худ навъи гуногуни кластерҳои соҳавиро алоқаманд менамояд, ки ҳар яке аз онҳо ба истеҳсоли намуди муайяни маҳсулоти хоҷагии қишлоқ

равона шудаанд. Маълум аст, ки кластери агросаноатӣ маҷмӯи муносибатҳои махсуси иқтисодӣ дар намуди ҳамгироии минтақавии соҳавӣ байни истеҳсолкунандагону (хоҷагиҳои деҳқонӣ, хонаводагӣ ва ғ.) корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва муассисаҳои илмие, ки дар асоси барномаҳои рушди интенсивии истеҳсолоти агросаноатӣ бо мақсади баландбардории ҳосилнокии истеҳсолоти агросаноатӣ, рақобатпазирии аъзоёни кластер ва таъмини умумии бехатарии озуқавории минтақавӣ алоқамандбуда мебошад. Ҳамгироии байни сохторҳои гуногуни истеҳсолоти агросаноатӣ ба воситаи ташаккули алоқамандии устувор истифодаи техникаю технологияи муосир ва принсипҳои ҳамкории давлат имконият медиҳад, ки истеҳсолоти агросаноатии ҷумҳурӣ ба дараҷаи баланди рақобатпазирӣ ва рушд ноил гардад[29].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди иқтисодӣ дар баробари дигар соҳаҳо, инчунин инкишофи соҳаи аграриро пеш гирифтааст, чунки иқтидори иқтисодии мамлакат аз соҳаи кишоварзӣ вобастагии зиёд дошта, аҳолиро бо маводи ғизоӣ ва корхонаҳоро бо ашёи хом таъмин мекунад. Бинобар он Тоҷикистон, ки пеш аз ҳама давлатӣ аграрӣ мебошад, инкишофу вусъат додани соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ ва гузаронидани ислоҳот дар соҳаи агросаноатӣ таҳлил ва такмили қонунгузориро дар ин соҳа талаб мекунад. Аз ин сабаб зарур аст, ки қонунгузории амалкунандаи соҳаи аграрӣ бо пуррагӣ аз таҳлил гузаронида, роҳҳои такмили он бо дарназардошти муносибатҳои навин дар ин соҳа муайян карда шавад. Қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист яке аз соҳаҳои рушдёбанда дар замони ҳозира ба ҳисоб меравад. Такмили қонунгузорӣ дар ин самт бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда, қабули қонунҳои нав, мураттабсозии санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва дигар фаъолиятҳо амалӣ мегардад. Яке аз самтҳои дигари такмили қонунгузории аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист аз байн бурдани мухолифатҳое мебошад, ки дар қонунгузории ин соҳа ба назар мерасад. Аз ҷумла: аз байн бурдани мухолифатҳо байни меъёрҳои як санади қонунгузорӣ; аз байн бурдани мухолифатҳо байни санадҳои қонунгузории як соҳа; аз байн бурдани мухолифатҳо байни санадҳои қонунгузории соҳаҳои гуногун; мутобиқгардонии қонунгузории аграрӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст; мутобиқгардонии санадҳои зерқонунӣ бо санадҳои қонунгузории аграрӣ; мураттабсозии санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба соҳа; мутобиқгардонии қонунгузории амалкунанда ба шароити иқтисодию иҷтимоии муосир. Самти дигари такмили қонунгузории аграрӣ ин аз байн бурдани номувофиқатҳо байни матнҳои тоҷикӣ ва русии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад[2].

Саноат дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа нақши муайянкунандаро мебозад ва дараҷаи пешравии он инъикосгари сатҳи камолоти системаи иҷтимоию иҷтисодии дар кишвар ташаккулёфта мебошад. Аз нигоҳи иқтисодӣ кишвари бе саноат ё дорои сатҳи пасти рушди саноат манбаи ашёи хоми кишварҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда хоҳад буд. Аз нигоҳи иҷтимоҳ бошад кишвари бе саноат ё дорои сатҳи пасти рушди саноат кишварест, ки дар он камбизоатӣ дар байни аҳолӣ, сатҳи пасти инкишофи шахсият, ақибмондагии тамоми соҳаҳои бахши иҷтимоӣ - маориф, тандурустӣ, фарҳанг, хоҷагии манзилӣ, дермонӣ ва ғайра бештар ҷой дорад. Чунин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки саноат дар ташаккули даромадҳои буҷети давлатӣ нақши муайянкунанда дорад. Ҳоло ҳиссаи бахши ғайридавлатӣ дар шумори умумии корхонаҳо 63.5%, дар ҳаҷми умумии истеҳсолот - 21.0%, дар миқдори умумии кормандон15,9%-ро ташкил медиҳад. Мутобиқан, вазни қиёсии ҷамъиятҳои саҳомҳ 16,7. 11.0 ва 40,2%-ро ташкил медиҳад. Вале рушди босуръати шаклҳои ғайридавлатии корхонаҳо ҳанӯз ба майлони самаранокӣ тағйирот ворид накардааст. Гарчанде дар кишвар фазои мусоид барои бахши хусусӣ фароҳам оварда шуда бошад ҳам, вале баъзе монеаҳои ҷиддии зерин дар роҳи рушди ин бахш дар корхонаҳои бузург вуҷуд доранд: захираҳои нокифояи молиявии соҳибкории миллӣ, набудани ҳавасмандии зарурии хориҷиён ба сармоягузорӣ дар Тоҷикистон, ба қадри кофӣ набудани талабот ба маҳсулоти корхонаҳои калон дар дохили кишвар ва хориҷ аз он, хароҷоти бузурги эҳтимолӣ барои тағйир додани самти истеҳсолии

онҳо ва ғайра. Шубҳае нест, ки чунин корхонаҳои саноатӣ қудрати ба шароити пешинаи фаъолият баргаштанро надоранд. Ояндаи онҳо, асосан, аз қобилияти ҷойи худро пайдо карда тавонистан дар сохтори саноати миллӣ, ки дар асоси принсипҳои комилан дигар фаъолият менамоянд, вобастагӣ дорад. Ба чунин корхонаҳо лозим меояд, ки аз марҳалаи мураккаби таҷдид ва тағйирдиҳии соҳаи истеҳсолот, мутобиқгардонӣ ба истеъмолгари маҳсулот ва бозорҳои фурӯш гузаранд. Дар ин миён ҳодисаҳои барҳамдиҳии корхонаҳои алоҳида, бинобар қодир набудан ба мутобиқшавӣ дар шароити нави иқтисодҳ, амалан метавонанд рух диҳанд[16].

Мутобиқи нишондодҳои овардашудаи соли 2017 ҳамаи нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук нисбат ба соли 2016 тамоюли болоравӣ дошта, суръати афзоиши онҳо таъмин карда шудааст. Маҳсулоти асосии соҳаи саноати сабук нахи пахта ба ҳисоб рафта, коркарди пурра ва то ба истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ расонидани он самаранокии иқтисодии бештар дорад. Чунин омил ба фоиданокӣ ва афзоиши даромади хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои саноати коркард мусоидат менамояд. Мувофиқи маълумоти расмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон майдони кишти пахта дар кишвар: дар соли 2012 199254 га, дар соли 2013 190925 га, дар соли 2014 177637 га, дар соли 2015 159642 га, дар соли 2016 162558 га ва дар соли 2017 173979 га-ро ташкил медиҳад. Мутаносибан ҳосили пахта дар соли 2012 417978 (ҳосилнокӣ 21 сентнер/га), соли 2013 392812 (ҳосилнокӣ 20,6 сентнер/га), соли 2014 372656 (ҳосилнокӣ 21 сентнер/га), соли 2015 276068 (ҳосилнокӣ 17,3 сентнер/га), соли 2016 284708 (ҳосилнокӣ 17,6 сентнер/га) ва соли 2017 389649 (ҳосилнокӣ 22,4 сентнер/га) тоннаро ташкил медиҳад. Раванди истеҳсолот нишон медиҳад, ки дар дохили мамлакат пурра коркард ва ба маҳсулоти тайёр табдил додани ашёи хом нисбат ба содироти ашёи хом самараи иқтисодии бештар дорад. Барои мисол, коркарди 1000 тонна нахи пахта дар корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, чунин натиҷа бароварда шудааст. Аз 1000 тонна нахи пахта 900 тонна риштаи пахтагин истеҳсол мешавад, ки он барои коркарди минбаъда дар чунин самтҳо: барои истеҳсоли матои дурушт 502 тонна, барои корхонаҳои ҷуроббофӣ–8 тонна ва барои содироти он 390 тонна истифода мешавад. Аз ин миқдор (502 тонна) истеҳсоли маҳсулот дар шакли аслии матоъҳои пахтагин 3,36 млн метр, ҷӯроббофӣ 0,2 млн ҷуфт ва дӯзандагӣ (шартан) 0,1 млн маҷмӯи рахти хобро ташкил медиҳад. Дар корхонаҳои соҳа таҷҳизоти муосир ҷиҳати коркарди ашёи хоми маҳаллӣ–нахи пахта насб гашта, дар заминаи онҳо барои афзун намудани истеҳсоли маҳсулот имкониятҳои истеҳсолӣ мавҷуд аст[3].

Дар паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 21-уми декабри соли 2021 такид намуданд, ки: “Бояд гуфт, ки имрӯзҳо зиёда аз 90 фоизи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба бахши хусусӣ рост меояд. Ин нишондиҳанда аз саҳми бузурги кишоварзони мамлакат дар раванди расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ – ҳифзи амнияти озуқавории кишвар, махсусан, дар шароити ду соли охир пайиҳам омадани хушксоливу камобӣ гувоҳӣ медиҳад. Маҳз ба шарофати заҳмати онҳо фаровонии бозори истеъмолӣ таъмин гардид ва мардуми мо аз ҷиҳати таъминот бо маводи озуқа танқисӣ накашиданд. Ҳукумати мамлакат дар солҳои соҳибистиқлолӣ, дар баробари амалисозии ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, ҷиҳати дастгириву пешрафти бахшҳои мухталифи соҳа як қатор барномаҳоро қабул ва амалӣ намуд. Барои рушди соҳа дар ин давра аз ҳамаи манбаъҳои маблағгузории давлатӣ беш аз 18 миллиард сомонӣ, аз ҷумла дар доираи татбиқи 29 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ 9,4 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Илова бар ин, барои соҳа имтиёзҳои зиёди андозиву гумрукӣ муқаррар карда шуданд ва дар натиҷа ҳама бахшҳои соҳа ба пешравиҳои назаррас ноил гардиданд. Масалан, дар давоми 20 сол шумораи корхонаҳои парандапарварӣ аз 21 ба 200 расонида шуда, истеҳсоли гӯшти паранда 9 баробар зиёд гардид. Воридоти гӯшти паранда аз 65 ҳазор тонна ба маблағи 50 миллион доллар дар соли 2014 то 3 ҳазор тонна ба маблағи 9 миллион доллар дар соли 2021 кам гардид, яъне аз рӯи ҳаҷм беш аз 21 баробар коҳиш ёфт. Инчунин, дастгириҳои давлатӣ ва имтиёзҳои пешниҳодшуда боиси рушди соҳаҳои боғу токпарварӣ, чорводориву парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва

занбӯриасалпарварӣ гардиданд. Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои рушди соҳа дар замони истиқлолият майдони боғу токзор дар мамлакат 3,6 баробар ва истеҳсоли меваю ангур 4,3 баробар афзоиш ёфт. Агар майдони умумии боғу токзорҳо соли 1991-ум 56 ҳазор гектарро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 202 ҳазор гектар расонида шуд. Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои соҳавӣ ва имтиёзҳои пешниҳоднамудаи Ҳукумати мамлакат соҳаҳои мазкур бомаром тараққӣ карда, танҳо аз ин ҳисоб дар соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 700 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд[23].

Рушди соҳибкории хурду миёна гарави муваффақияти рушди иқтисодиёти кишвар дар маҷмӯъ мебошад. Ба ин таҷрибаи тараққиёти иқтисодиёти ИМА ва баъзе мамлакатҳои Аврупо дар давоми чанд даҳсолаи охир равшан шаҳодат медиҳад. Соҳибкории хурду миёнаро метавон бо роҳҳои гуногун ташкил кард. Бо вуҷуди ин самти даромаднoктарин ва босуръат рушдёбандаи соҳибкори соҳибкории оилавӣ мебошад, ки дар он нақшҳои асосӣ дар ширкат байни хешони наздик ё дур тақсим карда мешаванд. Нақши оила дар рушди соҳибкорӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ бузург аст.

Бояд тазаккур дод, ки дар аксари мамолики дунё, ки сохтори бозори мутараққӣ доранд, ҳиссаи асосии хоҷагиҳои деҳқониро хоҷагиҳои инфиродӣ ё оилавӣ ташкил медиҳанд[4]. Маълумотҳои оморӣи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон хулосаҳои назариявиро дар бораи бартарӣ доштани шаклҳои оилавии соҳибкории хурд дар хоҷагии қишлоқ тасдиқ мекунанд. Ҳамин тавр, дар ИА ва Канада қариб 99 фоизи шумораи хоҷагиҳо, дар Австралия қариб 99,6 фоизи хоҷагиҳо, дар ИМА 98 фоиз шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба бахши оилавӣ рост меояд ва 90,5% даромади умумӣ ба ҳиссаи соҳибкории хурд рост меояд[28, с. 19-20].

Сарфи назар аз гуногунии зиёди шаклҳои ташкилию ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар комплекси агросаноатӣ, шаклҳои мавҷуда ба шароиту талаботи иқтисодиёти серсохти ҳозираи аграрӣ пурра ҷавоб дода наметавонанд. Ба ин фактҳои мавҷудияти корхонахои калон ва бомуваффақият тараққикардаистодаи хоҷагии қишлоқ - хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шаҳодат медиҳанд, ки онҳо аз ҷиҳати ҳаҷм аз ҷамъият ва шикатҳои хоҷагӣ зиёданд. Ин аз он сабаб аст, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аслан шакли оилавии хоҷагидорӣ мебошанд.

Ба ҳолати 30 декабри соли 2018 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ 185 951 ададро ташкил медод. Аз ин шумора 69 ҳазору 409 адад ба вилояти Суғд, 67 ҳазору 917 адад дар вилояти Хатлон, 16 ҳазору 200 адад дар ВМКБ ва 32 ҳазору 425 адад дар навоҳии тобеи ҷумҳурӣ мебошад. Дар соли 2018 6803 хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсис ёфта, аз қайди давлатӣ гузаштанд. Аз ин шумор 2714 адад дар вилояти Суғд, 2416 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилояти Хатлон, 112 адад дар ВМКБ ва 1534 адад дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад[11].

Сабаби зиёд шудани шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар он аст, ки Тоҷикистон мамлакати аграрӣ буда, зиёда аз 70 фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад. Кӯҳҳо 93 фоизи масоҳати Тоҷикистонро ишғол менамоянд. Соҳаи кишоварзӣ қариб 20 фоизи маҳсулоти умумии дохилиро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, зиёда аз 65 фоизи аҳолии машғули кор барои рӯзгузаронии худ ба соҳаи кишоварзӣ шуғл варзида, хоҷагидориашонро пеш мебаранд[15].

Рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва дигар шаклҳои хурди соҳибкорӣ дар деҳот дар марҳалаи ҳозира яке аз самтҳои муҳими таъмини афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, бо кор таъмин намудани аҳолии деҳот мебошад. Дараҷаи инкишофи онҳо имкониятҳои самарабахши истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, дараҷаи бо озуқаворӣ таъмин намудани мамлакатро муайян мекунад. Таҳлили амалияи ватанӣ нишон медиҳад, ки самти аз ҳама сердаромад, рақобатпазир ва ояндадори рушди комплекси агросаноатӣ соҳибкории оилавӣ мебошад ва он дараҷаи зиндагонии сокинони деҳот, худтаъминкунии ноҳия, шаҳрро бо озуқаворӣи асосӣ, фаъолияти корхонаҳои коркард ва дигар соҳаҳои ба ҳам алоқаманд, муайян мекунад.

Р.Э. Праус такид менамуд, ки хоҷагии оилавӣ унсури асосии хоҷагии қишлоқ мебошад. Дар хоҷагии оилавӣ фаъолияти меҳнатиро шаҳрванд ё гуруҳи шаҳрвандон, ки бо ҳамдигар аз руи уҳдадориҳои оилавӣ ва масъулияти фаъолияти иқтисодии муштарак дар

замин бе ташкили шахси ҳуқуқи алоқаманданд, ба амал мебароранд. Хусусиятҳои муҳимтарини иқтисоди оилавӣ инҳоянд: истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар асоси меҳнати оилавӣ (меҳнати корманд дар барои худ ва худаш); дар фаъолияти хоҷаги истифода бурдани молу мулки манқул ва ғайриманқули ба оила тааллукдошта; конеъ гардондани талаботи моддию маънавии аъзоёни оилаи хоҷагӣ аз ҳисоби даромаде, ки дар хоҷагии шахсии худ мегиранд[26, с. 23-31].

Аз рушди пойдори хоҷагиҳои хонаводагӣ фаъолияти бехатари умуман низоми иқтисодӣ вобаста аст. Қиматҳои баланди нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии зерин ба томияти низоми амнияти иқтисодии хоҷагиҳои хонаводагӣ кафолат медиҳанд: сатҳи даромад; сохтори хароҷот; озодии иқтисодӣ; фаъолнокии иқтисодӣ; самарабахшии сиёсати давлатии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Хоҷагии хонаводагӣ чун воҳиди хурдтарини низомманди хоҷагии минтақавӣ дар бозори меҳнат, дар бозори истеъмолӣ, бозори амволи ғайриманқул ва бозори молиявӣ амал мекунад. Ба назари мо, хоҷагии хонаводагӣ бо тамоми ҷузъҳою сохторҳои асосии иқтисодиёти минтақавӣ алоқаи таркибӣ дорад ва бо ин роҳ мукаммалии онро таъмин намуда, хосияту сифатҳои асосиро ҳангоми таъсири гуногуни беруна ва тағйироти дохилӣ нигоҳ медорад.

Аз рӯи муқоисаи коэффисиенти чандирӣ, метавон қайд кард, ки агар даромади пулӣ моҳе ба як узви хонавода 1 % зиёд шавад, пас МММ 11,28% меафзояд. Дар марҳилаи кунунии рушди минтақа нишондиҳандаи самараноке, ки сатҳи маҷмӯи маҳсулоти минтақаро ба ҳар сари аҳолӣ муайян мекунад, ба тағйирёбии шумораи миёнаи шуғлнокон ҳассос мебошад, ҳар як фоиз зиёдшавии он боиси 154,14 % афзудани МММ мегардад. Бекорӣ низ ба МММ алоқаманд аст: як банди фоизӣ камшавии шумораи бекорон боиси 8,0 маротиба зиёд шудани маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мегардад. Ҳамин тариқ, амсилаи таҳия гардида пурра қобили қабул ва мувофиқи мақсад буда, ҳамаи коэффисиентҳои регрессия муҳимманд ва мутаносибан, онҳоро барои қабули қарор ва ояндабинӣ истифода бурдан мумкин аст. Аз ин рӯ, имрӯз зарурати объективӣ бо роҳи баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, шуғли аҳолӣ ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ тақвият дода мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар он кишварҳое, ки сатҳи баландтарини зиндагӣ ба даст оварда шудааст, масалан, дар давлатҳои Аврупои Ғарбӣ, Осиё ва Америкои Шимолӣ, иқтисодиёт дорои соҳаи рушдкарда, низоми мураттабу муназзам, инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, ҳосилнокии баланди меҳнат, техника ва технологияи пешрафта мебошад[7, с. 61-69].

Дар Аврупо тавсифи асосии хоҷагии оилавӣ дар соли 1957 дода шудааст. Дар Шартномаи румӣ талаботҳои зерин муқаррар шудаанд: он бояд моликияти деҳқоне бошад, ки кори асосиаш дар ферма аст; деҳқон бояд дониши заруриро барои идоракунии оқилона дошта бошад; вазифаи деҳқонон истифодаи оқилонаи замин мебошад; хоҷагии оилавӣ бояд 1,5-3,0 кормандро ба ҳисоби 2300 соат ба ҳар як команд дар як сол бо кор таъмин намояд[27].

Дар соли 1968 ИА ду меъёри асосии хоҷагии оилавиро муқаррар кард: меъёри майдон – 15-75 га, бо тафриқа ба як корманди ҷисмонӣ: 20 га ба як мард ва 16 га ба як зан, лимити меҳнати кироя бояд аз 50 фоизи хароҷоти воқеии вақти корӣ камтар бошад. Хусусияти муҳимтарини хоҷагии оилавӣ дар Аврупа низоми оилавии иштироки меҳнат мебошад. Қариб тамоми хоҷагии қишлоқи Аврупа ба хоҷагии оилавӣ табдил дода шудааст. Дар соли 2013 дар ИА-28 12 миллион хоҷагиҳо ва асосан дар NMS13 7 миллион хоҷагиҳо мавҷуд буданд. Хорватия ба омор дохил карда шудааст, гарчанде ки кишвар дар соли 2013 ба Иттиҳодияи Аврупо шомил шуд. Ҳамин тариқ, 97% хоҷагиҳо дар ИА28 хоҷагиҳои оилавӣ мебошанд, аз ҷумла 99% дар NMS ва 94% дар 15 кишвари Иттиҳоди Аврупо[32, с. 24-28].

Хоҷагии оилавӣ дар истеҳсолоти кишоварзии Полша накши муҳим дорад, ки дар қонунгузорӣ инъикос ёфтааст[9]. Масалан дар моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Полша аз 2 апрели соли 1997 омадааст, ки «Асоси низоми аграрии давлатро хоҷагии оилавӣ ташкил медиҳад»[8]. Полша бузургтарин ва сераҳолитарин кишвари Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ мебошад. Тибқи маълумоти соли 2019 аҳолии он 38,3 миллион нафарро ташкил медиҳад. Масоҳати умумии заминҳои кишоварзии Полша 18,3 миллион гектарро ташкил медиҳад, ки ин 58,5 фоизи тамоми қаламрави кишварро ташкил медиҳад. Заминҳои кишоварзӣ дар

Активные факторы включают, например, юридические лица (ГОО), созданные для выявления и устранения коррупционных нарушений, которые либо по инициативе сотрудников организации, либо по скрытым указаниям представителей государственных органов и местных самоуправлений, участвуют в разработке и реализации специальных обучающих программ и практических занятий, направленных на выявление и предотвращение дальнейших коррупционных нарушений [12, с. 38].

Автор в данной статье не рассматривает все способы формирования юридической осведомленности о борьбе с коррупцией, а сосредоточился исключительно на вопросах обучения, воспитания и осведомленности граждан в области борьбы с коррупцией. Однако на основании изложенного выше подчеркнуто, что можно говорить о необходимости:

- разработки предложений по повышению уровня юридической грамотности граждан, их юридической осведомленности и популяризации антикоррупционных норм поведения, основанных на осознании общих прав и обязательств;
- активного использования дополнительных информационных ресурсов, через которые проводится образовательная и разъяснительная работа;
- разработки и утверждения в системе образовательных учреждений различных специализированных курсов по теме «Повышение уровня юридической осведомленности граждан и информирование о нормах антикоррупционного поведения»;
- проведения конференций, встреч, семинаров и круглых столов по вопросам повышения стандартов антикоррупционного поведения в СМИ;

увеличения уровня и качества научных публикаций в области борьбы с коррупцией;

создания условий для распространения законопослушного поведения среди граждан и формирования общественного негативного отношения к коррупции;

- укрепления роли деловых кругов, особенно организаций, союзов и ассоциаций предпринимателей, в разработке и реализации внутренних профессиональных кодексов, хартий и других документов, направленных на борьбу с коррупцией;

- формирования в обществе абсолютно негативного отношения к любым проявлениям коррупции, как на государственном уровне, так и на уровне домохозяйств.

Также, на наш взгляд, важную роль в формировании и реализации антикоррупционной политики Республики Таджикистан могут сыграть такие важные факторы, как роль прозрачности и «массовых СМИ» в формировании юридической осведомленности о борьбе с коррупцией.

***Адабиёт***


1. Мамитова, Н. В. Сиёсати ҳуқуқии зидди коррупсия: мушкилоти ташаккул дар замони муосир / Н. В. Мамитова // Қонун ва давлатҳои муосир. 20132. №3. С. 35-40.
2. Мамитова, Н.В. Самтҳои асосии сиёсати давлатии Федератсияи Русия дар соҳаи мубориза бо коррупсия / Н. В. Мамитова // Қонун ва давлатҳои муосир. 2015. 32. С.88-92.
3. Коваленко, К. Е. Хусусиятҳои инкишофи шуури ҳуқуқӣ / К.Е. Коваленко // Таърихи давлат ва ҳуқуқ. 2014. №8.С. 43-46.
4. Сергевнин, С.Л. Шуури ҳуқуқи миллии Русия: Баъзе мушкилоти конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ / С.Л. Сергевнин // Маҷаллаи адлияи конститутсионӣ. 2014. №5. С. 16-23.
5. Мамитова Н.В. Шуури ҳуқуқии ҷомеаи муосири Русия: Таҳлили назариявӣ ва ҳуқуқӣ // Инкишофи илми ҳуқуқ дар шароити нав: ягонагии назария ва амалия: Ст. Рефератҳо аз руи материалҳои байнадхалқӣ илмӣ-амалӣ. Конф. Ростов дар /Д: Южн.федерация. un-t, 2015, саҳ. 89-91.
6. Ильин, И.А. Дар бораи моҳияти шуури ҳуқуқӣ// Ильин И. Собр. цит.: дар 10 ҷилд. Т.М.: Рус. Кн., 1994. С. 67.
7. Ильин И.А. Фармон. Оп. С.67
8. Кабанов, П. А. Омӯзиши зиддикоррупсионӣ ҳамчун воситаи мубориза бо коррупсия: консепсия ва мундариҷа / П. А. Кабанов // Проблемаҳои актуалии иқтисодиёт. 2014. №4. С. 38-45.
9. Антонян Ю. М. Терроризм. Криминологическое и уголовно-правовое исследование / Ю. М. Антонян. –М., 1998.–156 с.
10. Шарифов, Р. А. Тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон – асоси давлати ҳуқуқбунёд / Р. А. Шарифов. – Душанбе, 2011. – 17.моҳияти шуури ҳуқуқӣ// Илйин
11. Ҳасанов Ш.Қ. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳими пешрафти ҷомеаи ҳуқуқбунёди Тоҷикистон: рукнҳои азнавсозӣ ва барқароргардии шуури ҳуқуқи маҳкумшудагон. – 2011. - 79
12. Ҳасанов Ш. Қ. Худшиносии миллӣ ва худогоҳии ҷавонон / Ш. Қ. Ҳасанов. – Душанбе, 2017. – С. 38


## ОГОҲИИ ҲУҚУҚИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ДАР ТАШАККУЛ ВА ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар ин мақола масъалаи коррупсия дар Тоҷикистон ва нақши маърифати ҳуқуқӣ дар мубориза бо он таҳлил шудааст. Муаллиф решаҳои таърихии фасод, оқибатҳои манфии он ба ҷомеа ва давлат ва усулҳои мавҷудаи мубориза бо ин зуҳуротро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба нақши маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Муаллиф дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва таҳкими сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Тоҷикистон як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст.



**Калидвожаҳо:** Коррупсия, Тоҷикистон, маърифати ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, сиёсати зиддикоррупсионӣ, омилҳои иҷтимоӣ, маърифати ҳуқуқӣ

## ЮРИДИЧЕСКАЯ ОСВЕДОМЛЕННОСТЬ В БОРЬБЕ С КОРРУПЦИЕЙ В ФОРМИРОВАНИИ И РЕАЛИЗАЦИИ АНТИКОРРУПЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена анализу проблемы коррупции в Таджикистане и роли юридической осведомленности в ее преодолении. Автор рассматривает исторические корни коррупции, ее негативные последствия для общества и государства, а также существующие методы борьбы с этим явлением. Особое внимание уделяется роли юридической осведомленности как одного из ключевых факторов, способствующих профилактике коррупционных правонарушений. На основе проведенного анализа автор предлагает ряд практических рекомендаций по повышению уровня юридической грамотности населения и усилению антикоррупционной политики в Таджикистане.

**Ключевые слова:** коррупция, Таджикистан, юридическая осведомленность, правовая культура, антикоррупционная политика, социальные факторы, правовое сознание.

## THE ROLE OF LEGAL AWARENESS IN COMBATING CORRUPTION IN THE FORMATION AND IMPLEMENTATION OF ANTI-CORRUPTION POLICY IN TAJIKISTAN

This paper analyzes the issue of corruption in Tajikistan and the role of legal awareness in combating it. The author examines the historical roots of corruption, its negative consequences for society and the state, and existing anti-corruption measures. Particular attention is paid to the role of legal awareness as a key factor in preventing corruption. Based on the analysis, the author provides a number of practical recommendations for increasing the level of legal literacy among the population and strengthening anti-corruption policy in Tajikistan.

**Keywords:** corruption, Tajikistan, legal awareness, legal culture, anti-corruption policy, social factors, legal consciousness.

**Дар бораи муаллиф:**
Қозиён Шариф Қозӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 907 44 29 99

**Об авторе:**
Козиён Шариф Кози
доктор юридических наук, профессор кафедры права факультет история и права.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 907 44 29 99

**About the author:**
Qoziyon Sharif Qozi,
Doctor of Law, Professor Departments of Law, Faculty of History and Law.
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 907 44 29 99

ТДУ 347,77:620,9 (575,3)

# ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ БОЗОРИ ЭНЕРГЕТИКӢ

***Абдуллозода М. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар асоси моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи энергетика” аз 29 ноябри соли 2000, №33 мақсадҳои асосии давлат дар соҳаи энергетика аз инҳо иборат аст: таъмини боэътимод ва сифатноки эҳтиёҷоти рӯзафзуни ҷумҳури ба захираҳо ва маҳсулоти энергетики ва кафолати амнияти энергетикии кишвар; таъмини ҳифзи муҳити зист ва аҳоли аз таъсири зараровари фаъолият дар соҳаи энергетика; муҳайё намудани шароити зарури барои пайгирона гузаштани энергетика ба муносибатҳои бозоргони, ҷалб намудани сармоягузории ватани ва хориҷи ба он, ба корхонаҳои энергетики додани мустақилияти иқтисоди ва таъмини тараққиёти онҳо дар асоси рақобати бозоргони; баланд бардоштани самаранокии фаъолияти комплекси сӯзишворию энергетики дар асоси ҷори намудани технологияҳои пешқадам, сарфаҷӯии энергия, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, кам кардани хароҷоти нисбии захираҳои энергетики дар истеҳсоли маҳсулоти умумии миллӣ[1].

Аммо таҳлили кулли санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи энергетика[2] ва асарҳои олимони ватанӣ[6] далели он аст, ки мафҳуми расмии бозори энергетикӣ дар онҳо пешбинӣ нашудааст. Аз ин рӯ, зарурати муайян намудани ин мафҳум аз асарҳои илмӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ пеш омадааст.

Ба андешаи Свечникова Н.В. бозори энергетикӣ маҷмӯи фурӯшандагон ва харидорони сохторӣ, дигар пайвандҳо (инфрасохтор) мебошад, ки дар пешбурди энергия аз генератор (манбаъ), ки энергия (фурӯшанда) ба истеъмолкунандагон (харидорон) истеҳсол мекунанд, иштирок мекунанд. Энергияи электрикӣ дуюмдараҷа аст, зеро натиҷаи истифодаи манбаъҳои ибтидоӣ мебошад. Аз ин рӯ, бозорҳо барои манбаъҳои алоҳидаи энергия (нефт, газ, ангишт аз бозори энергетикӣ (объект – амвол, ашё) фарқ мекунад[8, с. 71-72].

Проблемаҳои актуалии танзими ҳуқуқии бозори энергетикиро метавон ба ду намуд тақсим кард: 1) проблемаҳое, ки дар бозори байналмилалии энергетикӣ ба вуҷуд меоянд; 2) мушкилоте, ки дар бозори миллии энергия ба миён меоянд. Ҳамин тариқ, мушкилоти асосие, ки дар сатҳи байналмилалӣ ба миён меоянд, инҳоянд: ноустувории бозорҳои ҷаҳонии энергетикӣ; хатари глобализатсияи босуръати энергияи ҷаҳонӣ; аз бозорҳои Аврупо ба бозорҳои минтақаи Осиё ва Укёнуси Ором майл намудан. Мушкилоте, ки дар сатҳи миллӣ ба миён меоянд, инҳоянд: набудани мафҳуми ҳуқуқии «энергетика»; мавқеи номуайяни энергия дар комплекси объектҳои моддии ҳуқуқ; мавҷуд набудани механизми ягонаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои байни субъектҳои бозорҳои энергетикӣ; мавҷудияти бисёр меъёрҳо дар сатҳи федералӣ, минтақавӣ ва ҳатто маҳаллӣ, дар сурати мавҷуд набудани қонуни ҳамаҷонибаи федералӣ дар соҳаи энергетика[5, с. 54-57].

Барои он, ки хусусияти молҳои энергетикии бозорро таҳқиқ кунем, мо бояд пеш аз ҳама ҳудуди ин бозорро муайян кунем, яъне молҳоеро бояд муайян кунем, ки ба ин бозор дохил кардан мумкин аст. Бозори молӣ – ин номенклатураи мол мебошад, ки мувофиқи он харидор метавонад ҳангоми баланд шудани нархи пешбинишуда моли худро ба бозор ҷойгир кунад. Вазъи савдои бозорро аз назар гузаронида гуфтан мумкин аст, ки дар молҳои бозори энергетикӣ, ки дорои энергияи аввалиндарҷаю дуюмдараҷа мебошанд энергияи электрикӣ бо универсалӣ будани худ вобаста буда, наметавонад ба моли дигар иваз карда шавад. Гуфтан мумкин аст, ки дар бозори молҳои энергетикӣ бозори истеҳсоли молҳои энергетикӣ (ҳамчун бозори энергияи дуюмдараҷа) ва ташкилотҳои энергияистеҳсолкунандаро ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо метавонанд энергияро ба шаклҳои дигар тағйир дода талаботи истеъмолкунандагонро таъмин намоянд.

Захираҳои умумии энергетикии Тоҷикистон потенсиалӣ 527 млрд кВт/соат дар як сол (ҷойи 8-ум дар ҷаҳон), 4% потенсиали ҷаҳонии гидроэнергетикӣ буда, истеҳсоли миёнаи солонаи нерӯи барқ 16,5 миллиард кВт/соат (4-5 фоизи захираҳои эҳтимолӣ) мебошад. Иқтидори низоми энергетикӣ 5190 МВт (ҳиссаи нерӯгоҳи барқи обӣ 4872 МВт 94%, нерӯгоҳи ҳароратӣ 318 МВт 6%) буда, иқтидори лоиҳавии НБО Роғун 3600 МВт/13 миллиард кВт/соат дар як сол аст. Тараққиёти энергетика 15 фоизи хароҷоти буҷет буда, дар тобистон 3-5 миллиард киловатт-соат қувваи электрӣ зиёд аст. Норасоии қувваи электрикӣ дар фасли зимистон 2,5 миллиард киловатт-соат мебошад. Захираи ангишт 4,5 миллиард тонна мебошад[4].

Энергетика соҳаи бузурги хоҷагии имрӯзаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Муомилоти солонаи энергетика, аз рӯи баҳогузории коршиносони хориҷӣ аз 1,7 то 3,0 трлн. долл. ИМА-ро ташкил медиҳад. Бар замми ин энергетика яке аз соҳаҳои асосӣ, таъминкунандаи зиндагии хоҷагии мамлакат мебошад, ки сатҳи инкишофи он дар бисёр ҳолатҳо иқтидори иқтисодии мамлакат ва нақши геополитикии онро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян мекунад. Истифодаи самараноки захираҳои энергетикие, ки ба қисми азнавнашавандаҳо дохил мешаванд, воситаи баланд бардорандаии самаранокии иқтисодиёт ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, инчунин камкунандаи таъсири манфии фаъолияти паҳншавандаи одамон ба муҳити табиат мебошад.

Тақсими нобаробари сарчашмаҳои энергия ва маркази истеъмоли он дар ҷаҳон нақши бузурги савдои байналмиллалиро дар таъминоти корхонаҳо ва аҳолӣ бо энергия муайян мекунад. Ба ғайр аз ин, тавъамкунии маблағгузории беруна барои истихроҷ, коркард ва интиқолдиҳӣ бо технология ва таҷрибаи илмиву тадқиқотии транссарҳадӣ, ҳолати бозори энергетикии ҷаҳонро ба омилҳои тараққиёти муҳити иқтисодӣ барои бисёр мамлакатҳои чи маҳсулотсупоранда ва чи истеъмолкунандагони энергия мубаддал мегардонад. Ҳамаи ин ба зарурат доштани танзими ҷаҳонии бозори энергетикӣ барои бунёд ва доимо нигоҳ доштани шароити гирифтан ва амалӣ намудани энергия шаҳодат медиҳад. Дар нимаи дуюми асри 20 ҷомеаи ҷаҳонӣ иқдоми нахустини худро дар роҳи танзими бозори ҷаҳонии энергетика дар сатҳи бисёртарафа ва минтақавӣ бо роҳи созмон додани ташкилотҳои зарурӣ ва бастани созишномаҳо гузошт.

Аммо, чораҳои қабулшуда чун қоида, фақат қисми алоҳидаи бозори энергетикиро фаро гирифта, ба ҳолати он таъсири маҳдуд расонданд, на ҳама вақт ба манфиати умумии мамлакатҳои содиркунанда ва воридкунанда ҷавобгӯ буданд, аз ҳамин сабаб натиҷаи хубро ба даст оварда наметавонистанд.

Чораҳои дар сатҳи минтақа дар чорчӯбаи Иттиҳоди Аврупо татбиқшаванда натиҷаи хубтар додаст. Дар айни замон танзими бозори эннергетикии ҷаҳон дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад ва суст инкишоф ёфта истодааст. Сабаби ин гуногун мебошад: аҳамияти бузург доштани энергия ба зиндагонии ҳар як мамлакат, алалхусус муносибати эҳтиёткоронаи ҳукуматҳо ба мудохилаҳои байнидавлатӣ ва миллӣ дар ин соҳа; фарқияти манфиатҳои мамлакатҳои содироткунанда ва воридкунандаи энергия; мураккаб будани таъсири мақсаднок ба комплекси энергетикиву саноатӣ, ки намудҳои энергияи баҳамивазкунандаро муттаҳид карда маводҳои инфрасохтории асосиро истифода мебаранд; билохира, хос будани баъзе ташкилкунандаҳо (пеш аз ҳама энергетикаи ядроӣ). Бар замми ин, талабот ба танзими бозори энергетикӣ бо фаҳмиши иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, бо ҳадди зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот ва истеъмоли энергия, инкишофи ҷараёни глобализатсия дар хоҷагии ҷаҳон доимо зиёд шуда истодааст. Ин омӯзиши имкониятҳо ва пешравии ҷомеаи байналхалқиро барои ба даст овардани розигӣ дар муносибатҳо ва зарурати чораҳои комилан мувофиқи коллективиро зарурӣ меҳисобад. Ба назар чунин мерасад, ки дар чорчӯбаи стратегияи умумии СУС оид ба таъмин намудани рақобати соф дар савдои байналхалқӣ ҷои асосиро паҳн намудани шароити шабеҳ дар бозори энергетикии ҷаҳон ишғол менамояд.

Қисмҳои бозори энергетикӣ бозорҳои зерини намудҳои алоҳидаи захираҳои энергетикӣ мебошанд, ки аз рӯи усули тавлиди энергия фарқ мекунанд:

1. Бозори соҳаи нерӯи барқ, ки вобаста ба усули тавлиди энергия тақсим мешавад: бозори энергияи гармӣ (ба энергияи барқ табдил додани энергияи гармӣ ҳангоми сухтани

сузишвории хориҷшаванда); бозори энергияи атомӣ (табдилдиҳии энергияи тақсимшавии ядроҳои атомӣ дар реактор ба энергияи гармӣ, ки баъдан ба энергияи барқ табдил меёбад); бозори гидроэнергетика (ба неруи бару табдил додани энергияи кинетикии ҷараёни оби табиӣ); бозори энергияи барқароршаванда (алтернативӣ) (табдил додани энергияи офтобӣ, шамолӣ ва геотермалӣ ба нерӯи барқ); бозори хурди энергетикӣ (истеҳсоли қувваи барқ дар миқьёси хурд: дизел, бензин, поршени газ, стансияҳои электрикии газтурбинӣ, дегхонаҳо).

2. Бозори таъминоти гармӣ (истеҳсол ва ба истеъмолкунандагон интиқоли энергияи гармӣ).

3. Бозори захираҳои сӯзишворию энергетикӣ – маъданҳои фоиданок, ки ҳамчун сӯзишворӣ истифода мешаванд, ки инҳоро дар бар мегирад: бозори нафт ва маҳсулоти нафтӣ; бозори гази табиӣ ва гази сунъӣ (аз ангиштсанг ва сланес истеҳсол карда мешавад); бозори ангиштсанг ва ангиштсанг[1, с. 9].

Хусусияти бозори энергетикӣ (дастгоҳи баҳамоварандаи харидорону фурӯшандагони молҳои энергетикӣ) дар хусусияти технологии соҳа муайян карда мешавад. Якчанд ҳолатҳои асосиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ба истеҳсоли молҳои энергетикӣ корхонаҳои энергетикӣ машғул мешаванд (пойгоҳи электрикӣ), ки онҳо метавонанд ин молҳоро ба шабакаҳои электрикиву гармидиҳӣ тақсим кунанд. Ин имконият медиҳад, ки мо ҳудуди бозорро, ки ба корхонаи мушаххас хизмат мерасонад ва истеъмолкунандагон кадом таъминкунандаро интихоб менамоянд муайян кунем.

2. Корхонаҳои энергетикӣ, чун қоида субъекти ҷудогонаи мустақили бозор ба ҳисоб намераванд, зеро ба молҳои энергетикӣ талаботи ҷиддӣ вуҷуд дорад (аз ҷумла талабот ба сифати мол, устувор будани таъминкунӣ ва ғайра). Дар системаи баҳампайвасткунии корхонаҳои энергетикӣ ба вуҷуд меояд ва андозаашро функсияҳо муайян мекунад, ки онро бояд системаҳои энергетикӣ иҷро кунанд (аз қабили тартиб додан ва назорат кардани тавозун, коркарди тарифҳо, бастани кантрактҳо расонидани энергия ба истифодабарандагон ва ғайра).

3. Бемаҳдуд будани ҷараёни истеҳсолот, инчунин ба ҳам мувофиқ омадани истеҳсолот ва истеъмол дар як вақти муайян мутобиқат ва танзими инҳоро талаб мекунад. Барои қонеъ кардани ин талабот дар ҷумҳурӣ бояд маркази танзимнамоӣ вуҷуд дошта бошад, зеро, ки хаҷми истеҳсолот ба ҳаҷми истеъмолот мувофиқат намекунад.

4. Аҳамияти умумиҷумҳуриявӣ доштани энергия, ҳастии он ва инкишоф ёфтани он дар ҷумҳурӣ аҳамияти калони давлативу мудофиявӣ дорад. Ҳамаи ин муносибатҳо ба ташкил намудани шаклҳои гуногуни муносибатҳои шартномавӣ байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон хуб ба роҳ монда мешавад ва онҳо аз ҷониби мақомотҳои дахлдор танзим ва назорат карда мешаванд.

5. Аҳамияти иҷтимоӣ доштани энергетика, талаб мекунад, ки дар бозори энергетикӣ молсупорӣ ва нархгузорӣ аз ҷониби давлат идора ва назорат карда шавад.

6. Таъсири энергетика ба экология водор месозад, ки давлат дар соҳаи технология назоратро муайян карда, онро бар души худ гирад, бояд сиёсати инвеститсиониро пеш гирифта корхонаҳои электрикиро ба технологияҳои замонавӣ таъмин намояд, инчунин технологияҳоеро ба истеъмолкунандагони энергия дастрас намояд, ки онҳо каммасраф бошанд.

Хусусиятҳое, ки мо номбар кардем, моро водор месозад, ки дар соҳаи энергетика системаи махсуси маркетингро ба корхонаҳо таҳия кунем. Гуфтан ба маврид аст, ки маркетинг дар соҳаи энергетика истифодашаванда аз маркетингҳои соҳаҳои дигари хоҷагии халқ фарқ дорад, зеро он ба хусусиятҳои технологию иқтисодии энергетика алоқаманд мебошад[7, с. 17-20].

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо бозори энергетикӣ як намуди бозори молиест, ки дар он молҳои энергетикӣ (нафт, ангишт, газҳои гулхонаӣ, энергияи атомӣ, энергияи офтоб, энергияи шамол, қувваи барқ, қувваи гармӣ, нафт, газ ва маҳсулоти сӯзишворӣ) дар асоси қонунгузорӣ ба муомилот бароварда мешаванд.

***Адабиёт***

1. Городов О.А. Введение в энергетическое право: учебное пособие. М.: Проспект, 2012. С. 9. 224 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ” аз 20 июли соли 1994, № 983// Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994, № 15-16, мод. 235; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1995, № 22, мод. 259; соли 2008, №1, қ- 2, мод.16, №12, қ-2, мод.1005; соли 2010, №12, қ-1, мод.822; ҚҶТ аз 28.12.13с.№1048; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи энергетика” аз 29 ноябри соли 2000, №33// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2000, №11, мод.504; с. 2005, №12, мод.633; с.2007, №6, мод.436; №7, мод.672; с.2009, №9-10, мод.549; с.2011, №6, мод.440, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №998; Қонуни ҶТ аз 26.12.2005 № 118, аз 13.06.2007 № 280, аз 30.07.2007 № 310, аз 16.10.2009 № 556, аз 28.06.2011 № 727, аз 22.07.2013 № 998, аз 28.12.2013 № 1054, аз 19.07.2022 № 1909; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе намудҳои маҳсулоти нафт” аз 30 июли соли 2007, № 309// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №7, мод. 671; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1403; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия” аз 19 сентябри соли 2013, №1018// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №8-9, мод. 651; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафт ва газ” аз 18 марти соли 2015, № 1190; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ» аз 23 декабри соли 2021, № 1845.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи энергетика” аз 29 ноябри соли 2000, №33// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2000, №11, мод.504; с. 2005, №12, мод.633; с.2007, №6, мод.436; №7, мод.672; с.2009, №9-10, мод.549; с.2011, №6, мод.440, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №998; Қонуни ҶТ аз 26.12.2005 № 118, аз 13.06.2007 № 280, аз 30.07.2007 № 310, аз 16.10.2009 № 556, аз 28.06.2011 № 727, аз 22.07.2013 № 998, аз 28.12.2013 № 1054, аз 19.07.2022 № 1909.
4. Обзор энергетического сектора Республики Таджикистан// https://mfa.tj/ru/main/tadzhikistan/energetika
5. Пушкарева В.А. Актуальные проблемы правового регулирования энергетических рынков// Актуальные проблемы науки и практики. 2021. № 4. - С. 54-57.
6. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ. - Душанбе: «ЭР-граф». 2013. -200 с.; Сангинов Д.Ш. Энергетическое право Республики Таджикистан. Учебное пособие. Душанбе, «Эр-граф», 2013. - 200 с.; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон Васоити таълимӣ-методӣ- Душанбе, «Сино», МДМТ. 2016. - 320 с.; Сангинов Д.Ш. Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ. №1, 2022. - С.171-175; Сангинов Д.Ш. Правовые проблемы инновационной деятельности в нефтегазовой отрасли Республики Таджикистан// Сборник статей международного круглого стола "Экономико-правовое регулирование в энергетике"(Татар-станский международний форум по энерге-тике и энергоресурсоэффективности ТЭФ-2024).- Казан, 2024. – С. 43-48.
7. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ. - Душанбе: «ЭР-граф». 2013. –Саҳ.17-20.
8. Свечникова Н.В. Проблемы правового регулирования в сфере энергетики в Российской Федерации / Н.В. Свечникова // Пробелы в российском законодательстве. – 2015. – С.71-72.


## ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ БОЗОРИ ЭНЕРГЕТИКӢ


Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетикаи ҷаҳони муосир бо дарназардошти вазъи соҳаи энергетика, ки дар моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» зикр шудааст, таҳлил карда мешавад. Вазифаҳои асосии ҳукумат дар ин самт аз инҳо иборатанд: таъмини таъмини боэътимод ва босифати захираҳои энергетикӣ, баланд бардоштани амнияти энергетикӣ, ҳифзи муҳити зист

ва аҳолии кишвар аз таъсири манфии фаъолият дар соҳаи энергетика, инчунин фароҳам овардани шароит барои гузаштан ба муносибатхои бозорӣ ва чалб намудани сармоя.

Ба омӯзиши мафҳумҳои бозори энергетикӣ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон мавҷуд нестанд, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мешавад. Ин мақола таҷрибаи хориҷиро таҳлил мекунад, ки бозори энергетикӣ ҳамчун маҷмӯи фурӯшандагон, харидорон ва ҳалқаҳои сохтории инфрасохтор, ки ҳаракати энергияро аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда таъмин мекунанд, муайян карда мешавад.

Мушкилоти марбут ба танзими бозори энергетикӣ, чи дар рӯи замин ва чӣ дар зеризаминӣ зикр шудаанд. Аз ҷумла, ноустувории бозорҳои ҷаҳонии энержӣ, номуайян будани омили ҳуқуқии мафҳуми «энергия», набуди принсипҳои ягонаи танзими ҳуқуқӣ, парокандагии қонунгузорӣ дар соҳаи энергетика мебошанд.

Ниҳоят, барои истифодаи захираҳои Тоҷикистон, аз ҷумла иқтидори бузурги обии он (4% захираҳои ҷаҳонӣ), инчунин зарурати ҳамгироӣ ба системаи байналмилалии энергетикӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки ҳосилнокии иқтисодӣ беҳтар шавад, сатҳи зиндагии мардум баланд шавад ва таъсири манфӣ ба муҳити зист то ҳадди имкон кам карда шавад.

**Калидвожаҳо:** ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, мафҳум ва хусусият, бозори энергетикӣ, энергетика, намудҳои бозор, хусусиятҳои бозор, қонунгузории энергетикӣ.

## ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ПОНЯТИЯ И ХАРАКТЕРИСТИКИ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО РЫНКА

Настоящая статья посвящена анализу ключевых аспектов государственной политики Республики Таджикистан в энергетическом секторе современного мира, о положении в области энергетики статьи 4 Закона Республики Таджикистан «Об энергетике». Основными задачами государства в этой сфере являются: обеспечение надежного и качественного снабжения энергоресурсами, повышение энергетической безопасности, защита окружающей среды и населения страны от негативного воздействия деятельности в энергетической отрасли, а также создание условий для перехода к рыночным отношениям и привлечение инвестиций.

Особое внимание уделено рассмотрению понятий энергетического рынка, которые отсутствуют в нормативно-правовых актах Таджикистана. В статье проводится анализ зарубежного опыта, где энергетический рынок определяется как совокупность структурированных продавцов, покупателей и звеньев инфраструктуры, обеспечивающих движение энергии от производителя к потребителю.

Отмечаются проблемы, связанные с регулированием энергетического рынка, как на поверхности земли, так и на поверхности. Среди них выделяются нестабильность мировых рынков энергетики, неопределенность юридического фактора понятия «энергия», отсутствие единых принципов правового регулирования и фрагментарность законодательства в энергетической сфере.

В заключении принимаются меры по использованию ресурсов Таджикистана, включая огромный гидроэнергетический потенциал (4% мировых запасов), а также необходимость включения в международную энергетическую систему. Это позволит повысить экономическую эффективность, повысить уровень жизни населения и минимизировать негативное воздействие на окружающую среду.

**Ключевые слова**: правовые аспекты, понятие и характеристика, энергетический рынок, энергетика, виды рынков, характеристика рынка, энергетическое законодательство.

## LEGAL ASPECTS OF THE CONCEPT AND CHARACTERISTICS OF THE ENERGY MARKET

This article analyzes key aspects of the state policy of the Republic of Tajikistan in the energy sector of the modern world, concerning the situation in the field of energy as outlined in Article 4 of the Law of the Republic of Tajikistan "On Energy". The main tasks of the state in this area are:

ensuring reliable and high-quality supply of energy resources, increasing energy security, protecting the environment and the country's population from the negative impact of activities in the energy industry, as well as creating conditions for the transition to market relations and attracting investments.

Particular attention is paid to the examination of the concepts of the energy market, which are absent in the regulatory legal acts of Tajikistan. The article analyzes foreign experience, where the energy market is defined as a set of structured sellers, buyers, and infrastructure links that ensure the movement of energy from producer to consumer.

Problems related to the regulation of the energy market, both on the surface and subsurface, are noted. Among them are the instability of world energy markets, the uncertainty of the legal factor of the concept of "energy", the lack of uniform principles of legal regulation, and the fragmented nature of legislation in the energy sector.

In conclusion, measures are being taken to utilize Tajikistan's resources, including its huge hydropower potential (4% of world reserves), as well as the need to integrate into the international energy system. This will improve economic efficiency, raise the living standards of the population, and minimize the negative impact on the environment.

**Keywords**: legal aspects, concept and characteristics, energy market, energy, market types, market characteristics, energy legislation.

**Дар бораи муаллиф:**
Абдуллозода Муҳаммади Амонулло,
ассистенти кафедраи ҳуқуқ,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел: (+992) 934 80 62 62

**Об авторе:**
Абдуллозода Мухаммади Амонулло,
ассистент кафедры права,
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 934 80 62 62

**About the author:**
Abdullozoda Muhammadi Amonullo,
Assistant of the Department of Law,
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, 121
Tel: (+992) 934 80 62 62.

ТДУ 930.11'21:321.01

# НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ҲАХОМАНИШИҲО ДАР ДАВРАИ ДОРОИ I

***Аламов Ҳ.Н.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Тоҷикон дар ҷаҳони мутамаддин яке аз халқҳои хело қадима ба шумор рафта дар таҷрибаи давлатдорӣ собиқаи бузурги таърихӣ доранд. Бо такя ба манобеи таърихӣ метавон қайд намуд, ки оғози пайдоиши аввалин нишонаҳои давлатдории ниёгони тоҷикон ба аҳди Пешдодиён, дақиқтараш ба ҳазораҳои V – III то мелод рост меояд. Дар марҳилаҳои баъдӣ, ин таҷриба такмил ёфта, чун намуна ба минтақа ва ҷаҳон таъсиргузор гашт. Дар ин миён яке аз сулолаҳои ориёитаборе, ки дар усули давлатсозию давлатдорӣ мақоми шоистаеро дар таърихи ҷаҳони касб намуданд, ин дудмони Ҳахоманишиҳо ба ҳисоб меравад.

Империяи Ҳахоманишиҳо яке аз аввалин империяҳои ҷаҳонӣ буда, дар инкишофи тамаддуни умумибашарӣ нақши арзанда гузоштааст. Чи тавре ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ниёгони мо дар он давраҳои дур таҳти парчами асосгузори империя, Куруши Кабир на танҳо як давлати муқтадиру мутамаркази муштарак, балкии тақдири муштарак, таъриху фарҳанги муштарак, забону хати муштарак ва расму ойини муштаракро бунёд гузоштанд, ки аз сарчашмаи тамаддуни ориёӣ об меҳӯрд [9, с.7].

Ҳамин буд, ки намоядагони ин сулолаи овозманд тавонистанд муҳити сиёсӣ ва иҷтимоиеро эҷод намоянд то дар атрофу акноф мақом пайдо намояд.

Шоҳони машҳури империяи мазкур, ба монанди Куруши Кабир, Камбуҷия ва Дорои Кабир халқҳои се қитъа - Осиё, Африқо ва Аврупоро дар ҳайати як давлати бузурги ориёиҳо муттаҳид сохтанд. Дар натиҷаи ин се тамаддуни хос ва пешрафтаи ҷаҳони онрӯза имконият пайдо карданд, ки якдигарро шиносанд ва аз дастовардҳои фарҳангии якдигар эҷодкорона истифода баранд [10, с.101]. Раванди мутақобилаи суннатҳои қавму қабоили ин ҳудуди маъмурӣ марҳила ба марҳила майл ба шинохти ҳамдигар шуда, дар натиҷа як фазои мубодилаю муносибати гуворо миёнашон шакл гирифт.

Дар такя ба сарчашмаҳои муътамадӣ таърихӣ, муаррих ва эъроншиносӣ машҳур М.А. Дандамаев менависад, ки муносибатҳое, ки дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ фарҳангӣ ва сиёсии давраи импреияи Ҳахоманишиҳо бавуҷудомада дар таърихи ҷаҳонӣ нақши калон доранд ва сабаби таваҷҷуҳи бузурги олимону ва хонандагон ба таърихи бостонии Форсҳо ва империяи бунёдкардаи онҳо маҳз ҳамин аст [5, с.3].

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, яке аз шоҳони машҳури импреияи Хаҳоманиишиҳо баъд аз Куруши Кабир ин Дорои I буда, давраи ҳукмронии ӯ ба солҳои 522-486 п.м. рост меояд.

Дорои I баъди ба сари қудрат расидан, тамоми империяро ба панҷ округи калон бо сардории сардорони ҳарбӣ тақсим намуда, барои пурзӯр намудани ҳокимияти марказӣ ва маҳдуд кардани тавоноии сатрапҳо тақсимоти ҳокимияти ҳарбӣ ва шаҳрвандиро дар маҳалҳо ҷорӣ намуд.

Дастгоҳи маъмурии марказ ва волиёни вилоёту сардори бошгоҳҳои ҳарбиро ашрофзодагони форс сарварӣ мекарданд.

Дар низоми идоракунии империя, "ҳазорпат" мақоми баланди давлатӣ буда, у баъд аз шоҳ мақоми дуюмро дошт. Ӯ сардори ҳокимияти иҷроия буда, аз болои тамоми мансабдорони давлатӣ назорат мекард. Ҳазорпат вазифаи вазирро иҷро мекард. Ӯ ҳамчунин сардори навкарони яккачини шоҳаншоҳ буд ва дар вақти ҷанг вазифаи сарлашкарро иҷро мекард [5, с.3].

Назорати олӣ дар тамоми қаларави давлат ва шахсони мансабдорон низ ба зиммаи Ҳазорпат, ки дар як вақт сардори горди шахсии шоҳ буд, гузошта мешуд. Умуман, системаи мукаммал ва муташаккили назорати давлатӣ боэътимод ва пурсамар амал мекард, ки он дар баробари дигар тадбирҳои сиёсию ягонагии империяро таъмин мекард [6, с.42].

Дар баробари ин, зикр нуктаи дигар ба мавридаст, ки қабл аз Дорои I одатан кишварҳои забтгардида ба ихтиёри амалдорони маҳаллӣ ё ҳокимони собиқе вогузошта мешуданд, ки сари итоат фуруд овардаанд. Мувофиқи ислоҳоти Дорои I барои идоракунии ҳар як вилоят се амалдори воломақом -воли, девондори шоҳ ва сипаҳсолор таъин мегардид, ки онҳо ба якдигар мутеъ набуданд ва ҳар кадомашон бевосита ба ҳокимияти марказии шоҳаншоҳ итоат мекарданд [10, с.151].

Дорои I чун қоида, дар ҳама сатрапҳо шаклҳои маҳаллии идоракунӣ, амалияи судӣ ва фарҳанги таърихан муқарраргардидаро нигоҳ дошта, намехост, ки расму оинҳои онҳоро тағйир дода, норозигии онҳоро барангезад. Инчунин фармондеҳони бошгоҳҳои ҳарбии маҳаллӣ, ки ба сатрапҳо тобеъ набуданд ва мустақиман ба ҳокимияти маркази тобеъ буданд, дар идораи сатрапҳо нақши калиди доштанд. Ин, аз як тараф, ба хотири пурзӯр намудани назорат аз болои волиҳо ва ашрофони маҳаллӣ, ва аз ҷониби дигар, барои пешгирии майли ҷудоихоҳии сатрапҳо сурат мегирифт. Дар баробари ин Дорои I, як гурӯҳи васеъи шахсони махфиро ташкил намуда буд, ки фаъолияти сатрапҳо ва сардорони ҳарбиро назорат мекарданд.

Бояд қайд кард, ки сатрапҳо дар умури идораи империя нақши калон доштанд. Читавре ки академик Бобоҷон Ғафуров қайд менамояд, тамоми давлати Ҳахоманишӣ ба вилоятҳои молиётдиҳандаи ҳарбӣ, яъне сатрапҳо тақсим гардида буд, ки онҳоро волиҳо (сатрапҳо) идора мекарданд... шумораи ин қабил вилоятҳо ба 20 мерасид. Волиҳо, ки бевосита ба шоҳ итоат мекарданд, аксаран аз байни форсҳо таъин карда мешуданд. Вазифаи волӣ асосан аз ҷамъоварии андоз ва нигаҳдории қушун иборат буд. Вай инчунин ҳақ дошт бо ҳамсоягони итоатнакарда муносибат намояд ва бо ризоияти шоҳ метавонист, ҳатто бар зидди онҳо лашкар кашад. Мансаби волӣ бештар меросӣ буд [2, с.80]. Аз ин бармеояд, ки ҳар вазифа ба таври мушаххас муайян шуда, фаъолияти масъулон мунтазам пайгирӣ мешуд.

Яке аз вазифаҳои асосие, ки шоҳони Ҳахоманишиҳо дар пеши худ гузошта буданд, ин мутамарказ нигоҳ дошатни империя буд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ қайд менамояд, ки Куруши Кабир ва Дорои I басо хуб мефаҳмиданд, ки пурра ба ихтиёри волӣ (сатрап) гузоштани тақдири ин ё он вилоят (сатрапӣ), то андозае барои империяи паҳновар хатар дорад. Зеро ин вилоятҳо дар гузашта давлатҳои хурду бузурги алоҳида буданд ва бо фаро расидани имконияти муносиб раванди марказгурезӣ ва истиқлолиятхоҳии онҳо боло мегирад. Аз ин лиҳоз, махсусан, дар давраи шоҳаншоҳии Дорои I кушиши ислоҳоту танзими низоми идоракуние ба расмият даромад, ки мувофиқи он дар умури сарварии вилоятҳо ҳокимияти ҳарбӣ ва ҳокимияти маъмуриро ба ихтиёри як шахс гузоштан раво набуд [10, с.151]. Ба вазифаҳои сатрапҳо амалӣ намудани идораи шаҳрвандӣ, мунтазам ҷамъоварии андозҳо ва иҷрои дигар вазифаҳои хурд дохил мешуд. Сатрапҳо инчунин вазифаҳои судиро иҷро намуда, ҳуқуқ доштанд, ки тангаҳои нуқра ва мисиро сикка зананд. Аммо онҳо ба ғайр аз миқдори ками посбонони шахсӣ ва дастгоҳӣ маҷбуркунии маҳаллӣ, қувваи ҳарбӣ надоштанд. Дастгоҳи идораи сатрапҳо, сохтор ва мазмуни мақомоти марказии ҳокимияти давлатиро дар миқёси хурдтар такрор мекарданд.

Сиёсати мутамарказкунии Дорои I махсусан дар ислоҳоти ҳарбӣ зоҳир мегардид. Худи ӯ дар ҳар як сатрап ва ҳар бошгоҳи ҳарбӣ шахсан шумораи аскаронро муқаррар мекард, ғайр аз ин, шумораи ҳар як намуди лашкарро (пиёданизом, камонварон, саворaҳо ва ғайра) дар ҳар бошгоҳҳои ҳарбӣ муқаррар мекард. Чун қоида, форсҳо дар артиш ва бошгоҳҳои ҳарбӣ умдатарин қисмати артишро ташкил менамуданд ва қисми асосии ҷанговарон аз намояндагони қабила ва халқҳои гуногун ҷалб мешуданд. Дар маҷмуъ форсҳо дар тамоми давлати беканори Дорои I мавқеи ҳукмронро ишғол менамуданд.

Ҳокимияти шоҳӣ мутлақ ба шумор мерафт. Ҳукми охиринро доир ба ҳамаи масъалаҳои муҳими давлатӣ шоҳаншоҳ мебаровард ва он тағйирнопазир буд. Аммо дар амал дар дарбори шоҳ шӯрое вуҷуд дошт, ки аз хешу табор, назикони шоҳ ва ашрофу аъёни бонуфуз иборат буд. Шоҳаншоҳ пеш аз он ки доир ба ин ва ё он масъалаи муҳими давлатӣ қарор барорад, бо ин шӯро машварат мекард ва баъди ин бо назардошти хулосаи ин шӯро ҳукм мебаровард [8, с.105]. Дар ин замина гуфтан мумкин аст, ки муассисаҳои парламентмонанд аллакай дар

давраи империяи Ҳахоманишиҳо таъсис ёфта буд. Ҳахоманишиҳо дар батанзимандозии ҳуқуқ аз қонунҳои Бобул ва қонунҳои Хаммурапӣ васеъ истифода мекарданд. Дар баробари ин, дар давраи ҳукмронии форсҳо ҳуқуқи хусусии Бобул ба таври назаррас тағйир наёфтааст. Бисёре аз ниҳодҳои расмии ҳуқуқӣ таҳти таъсири Форсҳо қарор гирифта, «Тибқи қонуни шоҳ», дар онҳо истилоҳоти зиёди ҳуқуқии Форсӣ, аз ҷумла ибораи дунявӣ ворид карда шуданд.

Ҳануз дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир эълон шуда буд, ки «Ман эълон мекунам, ки ҳар кас озод аст, ҳар дину оинро, ки майл дорад, баргузинад ва дар ҳар ҷо, ки мехоҳад, сукунат намояд ва ба ҳар гуна ки муътақид аст, ибодат кунад ва муътақидоти худро ба ҷо оварад ва ҳар касбу кореро, ки мехоҳад, интихоб намояд, танҳо ба шарте ки ҳаққи касеро поймол нанамояд ва зиёне ба ҳуқуқи дигарон ворид насозад» [3, с.212]. Бо назардошти ин метавон қайд намуд, ки ҳақ ва диду ҷаҳонбинии ҳар кас аз ҷониби давлат ҳифз гашта дар баробари ин нисбати он эҳтиром гузошта мешавад.

Бо ҳамин мазмун, дар давраи ҳукмронии Дорои I қонунҳо ба тартиби муайян даровард шуда, онҳо барои танзими урфу одатҳо, меъёрҳои ҳуқуқии динии халқҳои ба империя ҳамроҳшуда мувофиқат карда шуданд [7, с.11].

Дар низоми судии Ҳахоманишиҳо зинаи олиро худи шоҳ ишғол мекард, яъне ӯ ваколатҳои суди олиро амалӣ мекард ва оид ба ҷиноятҳои вазнинтарин қарори ниҳоӣ мебаровард. Ба гуфтаи Ҳеродот, худи Дорои I низоъро ба сомон расонида, баъзан бо фармони худ судяҳоро таъин мекард [1, с.73]. Дар замони шоҳ коллегияи олии судӣ амал мекард, ки аз 5-7 нафар шахсони олимартаба иборат буд. Баъзан ҳайати судӣ омехта буд ва ба он ҳам судҳои аз тарафи шоҳ интихоб карда шуда ва ҳам куҳансолони комилҳуқуқ шомил мешуданд. Коллегияи судии омехта, пас аз шоҳ, дар мансаби судӣ мавқеи баландтаринро ишғол мекард. Коллегияи судӣ парвандаҳро дида барои хулосабарории ниҳоӣ ба шоҳ пешниҳод менамуд. Аммо дар баҳсҳои ҳуқуқӣ, ки ба сиёсати хориҷӣ ва амнияти миллӣ марбут буданд, шоҳ танҳо қарор қабул мекард. Сатҳи дуюм дар низомӣ судӣ пас аз шоҳро датабар, ки аз ҷониби шоҳ таъин шуда буд, ишғол мекард ва дар доираи ваколатҳои худ қарор қабул мекард.

Дар иҷрои адолат, дар қаламрави сатрапияҳо сатрапҳо масъул буданд ва судя-коргузорҳо, дар зери роҳбарии бевоситаи онҳо амал мекарданд. Агар даъвогарон сокинони сатрапҳои гуногун бошанд, дар мурофиаи судӣ, судяҳо аз ҷониби ҳарду сатрапҳо, иштирок мекарданд.

Судҳои ҷамъиятӣ бошад, барои муҳокимаи ҷиноятҳои хурд фаъолият мекарданд. Ҳукми қатл, чун қоида, барои ҷиноятҳои зидди шоҳ ва аъзои оилаи ӯ, барои хиёнат ба ватан, ба шоҳ, давлат ва дигар ҷиноятҳои махсусан вазнин татбиқ карда мешуд.

Ҳукми қатл метавонад барои ҷиноятҳои сершумор таъин карда шавад, аммо танҳо дар сурате, ки гуноҳи судшаванда аз ҳадди ниҳоии ҷазоҳои сабуктар гузата бошад. Барои содир кардани ҷиноятҳои начандон вазнин бошад, нисбат ба ҷинояткор ҷазои сабуктар ё бадарға таъйин карда мешуд. Нисбати судяҳое, ки ба порахурӣ даст мезаданд, ҷазои қатл таъйн карда мешуд [1, с.74]. Нишондодҳои мазкур исботи он аст, ки Дорои I дар самти ислоҳоти судӣ гомҳои ҷиддиеро пиёда намудааст.

Ба таври умум метавон гуфт, ки Дорои Кабир дар давоми зиёда аз 38 соли ҳукмрониаш на танҳо ошӯб ва норозигии аҳолии маҳаллиро пахш намуд, балки як давлати қудратманду мутамарказеро ташкил дода мисли Куруши Кабир ба мазҳаб ва одатҳои мардуми махаллӣ эҳтиром гузошта, нисбат ва унвоне, ки ҳокимони давлатҳои забткардааш «Шоҳи Бобул», «соҳибмамлакат», «шоҳи Миср» ва ғайраро қабул карда, ба унвони шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо илова намуд [4, с.44].

Хулоса, дар давраи идоракунии Дорои I империяи Ҳахоманишиҳо ба қуллаи баланди қудрати худ расида, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои ҳарбӣ-маъмурӣ, империя ба монархияи мутамарказ ва тавоно табдил ёфта буд.

### *Адабиёт*

1. Аминов И. И. Развитие государственности в Центральной Азии в ахеменидский период (VI—IV вв. до н.э.) / И.И. Аминов // Lex russica, научный журнал, издаваемый Московским государственным юридическим университетом имени О. Е. Кутафина. История и право. – 2020.- №5 (162). -173 с.
2. Бобоҷон Ғафуров. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна, Ҷилди 2. / Душанбе, «Ирфон», 1985. -862 ст.
3. Ғаффори Н.У. Инъикоси мақому манзалати Куруши Кабир дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ / Н.У. Ғаффори // Вестник Педагогического университета. Серия гуманитарних и общественных наук. – 2019. – №4 (81). – с. 212.
4. Буриев И. Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми аввал, таҳти назари академик Ф.Т. Тоҳиров. / Душанбе, 2013. -255 с.
5. Дандамаев М.А. Политическая история Ахменидской державы. / М.А. Дандамаев. Издательство «Наука» Главная редакция восточной литературы. Москва. 1985. -320 с.
6. Джавади Г. История государственного управления в Иране и Средней Азии в древности : дис. ... канд. ист. наук. / Г. Джавади. - Душанбе, 2004. -180 с.
7. Талезари А. А. Становление и развитие институтов преступления и наказания в истории права Ирана: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. / А.А. Талезари. Душанбе, 2015. -25 с.
8. Эмомалӣ Раҳмонов. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. - Душанбе: Ирфон, -372 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: «ЭР-граф», 2016. -364 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб. / Душанбе: «Ирфон», 2009. -704 с.


## НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ҲАХОМАНИШИҲО ДАР ДАВРАИ ДОРОИ I


Дар ин пажӯҳиш саҳми назарраси Ҳахоманишиён дар рушди тамаддун бо таваҷҷӯҳ ба низомҳои пешрафтаи ҳукумат ва идораи онҳо баррасӣ мешавад.

Ин матлаб решаҳои таърихии мардуми Эронро таҳқиқ карда, тамаддуни қадимии онҳо ва нақши онҳо дар ташаккули минтақаро нишон медиҳад. Дар ин китоб истиқрори империяи Ҳахоманишиҳо дар замони Куруши Кабир ва густариши минбаъдаи он дар замони Дориюши Кабир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин эзоҳ сохтори мураккаби маъмурии империяро, аз ҷумла нақши сатрапҳо ва системаҳои инноватсиониро, ки барои нигоҳ доштани назорат бар ҳудудҳои васеъ амалӣ карда мешаванд, баррасӣ мекунад.

Дар ин пажӯҳиш ҳамчунин дастовардҳои фарҳангӣ ва зехнии Ҳахоманишиён мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин таҳаммулпазирии империяро ба фарҳангҳо ва динҳои гуногун, саҳми он дар санъат, меъморӣ ва муҳандисӣ ва нақши он дар пешбурди тиҷорат ва табодули фарҳангиро таъкид мекунад. Ин мақола бо баррасии импературии Ҳахоманишиҳо дар бораи таърихи Эрони бостон ва осори пойдори он маълумоти арзишманд медиҳад.



**Калидвожаҳо:** Империяи Ҳахоманишиҳо, Форс, Куруши Кабир, Дорои I, таърихи қадим, маъмурият, идоракунӣ, тамаддун, табодули фарҳангӣ


## АДМИНИСТРАТИВНАЯ СИСТЕМА ИМПЕРИИ АХЕМЕНИДОВ ПРИ ДАРИИ I


Данное исследование изучает значительный вклад Ахеменидов в развитие цивилизации, с особым акцентом на их передовые системы управления и государственного устройства.

Статья прослеживает исторические корни персидского народа, подчеркивая их древнюю цивилизацию и их роль в формировании региона. Она исследует создание Ахеменидской империи при Кире Великом и ее последующее расширение при Дарии I. Аннотация рассматривает сложную административную структуру империи, включая роль сатрапов, и инновационные системы, внедренные для поддержания контроля над обширными территориями. Кроме того, исследование изучает культурные и интеллектуальные достижения Ахеменидов.

Она подчеркивает терпимость империи к различным культурам и религиям, ее вклад в искусство, архитектуру и инженерное дело, а также ее роль в развитии торговли и

культурного обмена. Изучая Ахеменидскую империю, эта статья предлагает ценные сведения об истории древнего Ирана и его непреходящем наследии.
**Ключевые слова:** Ахеменидская империя, Персия, Кир Великий, Дарии I. древняя история, администрация, управление, цивилизация, культурный обмен

## ADMINISTRATIVE SYSTEM OF THE ACHAEMENID EMPIRE UNDER DARIUS I

This study examines the significant contributions of the Achaemenids to the development of civilization, with a particular focus on their advanced systems of governance and administration.

The paper traces the historical roots of the Persian people, highlighting their ancient civilization and their role in shaping the region. It explores the establishment of the Achaemenid Empire under Cyrus the Great and its subsequent expansion under Darius the Great. The annotation examines the empire's complex administrative structure, including the role of satraps, and the innovative systems implemented to maintain control over vast territories.

Furthermore, the study investigates the cultural and intellectual achievements of the Achaemenids. It highlights the empire's tolerance for diverse cultures and religions, its contributions to art, architecture, and engineering, and its role in promoting trade and cultural exchange. By examining the Achaemenid Empire, this paper offers valuable insights into the history of ancient Iran and its enduring legacy.
**Keywords:** Achaemenid Empire, Persia, Cyrus the Great, Darius the Great, ancient history, administration, governance, civilization, cultural exchange.

**Дар бораи муаллиф:**
Аламов Ҳалимҷон Неъматович,
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи ҳуқуқ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Суроғa: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 121.
E-mail: alamov_141618@mail.ru
Тел: +992 907678282.

**About the author:**
Alamov Halimjon Nematovich,
candidate of Historical Sciences, dotsent of the Department of to the Law,
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.
Address: 734003, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121.
E-mail: alamov_141618@mail.ru
Phone: +992 907678282.

**Об авторе:**
Аламов Халимджон Неъматович
кандидат истарических наук, дотсент кафедры право.
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Аини.
Адрес: 734003, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121.
E-mail: alamov_141618@mail.ru
Тел: +992 907678282.

ТДУ 614.7:349(470.51)

# БЕХАТАРИИ ЭКОЛОГӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ УСТУВОРИИ ДАВЛАТ

***Обидова М. Н.***
*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

Дар ҷаҳони муосир проблемаҳои таъмини амнияти экологӣ яке аз мушкилоти асосии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Бо дарки дараҷаи таҳдиди дарпешистода, ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш мекунад механизмҳоеро таҳия намояд, ки амнияти экологии инсониятро таъмин карда тавонанд. Чунон ки маълумотхои оморӣ нишон медиханд, дар бисьёр мамлакатҳои ҷахон тадриҷан бад шудани вазъияти муҳити зист мушоҳида карда мешавад. Барои пешгирии офатҳои гуногуни экологӣ давлатҳои ҷаҳон дар самтҳои гуногун саъю кӯшишҳои муайянеро ба харҷ дода истодаанд, ки мақсад аз он обод ва мӯътадил гардонидани вазъи муҳити зист мебошад.

Татбиқи ҳуқуқи инсон дар маҷмӯъ ва алалхусус ҳуқуқҳои экологӣ бевосита ба таъмини амнияти экологӣ вобаста аст. Тавре ки амалияи имрӯзаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, бӯҳронҳои экологӣ, ки боиси ифлосшавии ҳаво, хок ва об, тағирёбии иқлим ва ғайра мегарданд, боиси поймол шудани ин ҳуқуқҳо мегарданд. Ҳамин тариқ, ифлосшавии ҳаво ё об метавонад боиси мушкилоти саломатӣ гардад, ки ҳуқуқ ба саломатиро поймол мекунад. Мисоли равшани ин замина вазъияти бахри Арал мебошад, ки дар он ҷо дар натиҷаи захбурҳо нарасидани захираҳои об ва паст шудани сифати оби нушокӣ ба амал омад.

Ин, дар навбати худ, боиси таназзули замин, тағйирёбии иқлим, афзоиши беморӣ дар байни аҳолӣ, пеш аз ҳама дар байни кӯдакон, дар минтақа гардид, ки боиси ба миён омадани маҷмӯи мураккаби мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ гардид.

Чунон ки дар ин бора В.Ю. Донченко қайд менамояд «бе кафолати ҳуқуқҳои муайяни ҳар инсон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таъмин намудани амнияти экологии байналмилалӣ ва миллӣ мумкин нест. Ҳамин тариқ, ҳуқуқҳои экологии инсон ва тамоми инсоният бо мафҳуми таъмини амнияти экологӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи системаи ҳамаҷонибаи амнияти байналмилалӣ робитаи мустақим доранд» [4, с. 326-333].

Воқеан, дар шароити муосир ҳуқуқҳои экологӣ дар таъмини амнияти экологӣ нақши асосиро мебозанд. Ҳамзамон дар адабиёти ҳуқуқӣ муносибати ин категорияҳо тавассути ҷанбаҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси онҳо нуқтаҳои асосии зеринро муайян кардан мумкин аст.

Аввалан, амнияти экологӣ ҳамчун асоси таъмини ҳуқуқҳои экологӣ баромад мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид шудааст, ки амнияти экологӣ асоси риояи ҳуқуқҳои асосии инсон мебошад.

Муаллифон ба ин категорияи ҳуқуқҳо ҳуқуқ ба саломатӣ (таъмини амнияти экологӣ ба коҳиш додани таъсири омилҳои зараровари экологӣ ба саломатии аҳолӣ мусоидат мекунад), ҳуқуқи дастрасӣ ба захираҳои табиӣ (истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои табиӣ кафолати мавҷудияти онҳоро барои наслҳои оянда дар бар мегиранд), ҳуқуқ ба маълумот дар бораи вазъи экологии ҳудуд (шаффофият ва дастрасии иттилооти экологӣ ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки қарорҳои оқилона қабул кунанд ва дар равандҳои муҳими экологӣ иштирок кунанд). [3, с. 166-178].

Дар навбати худ як қатор муаллифон қайд мекунанд, ки «ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ба муҳити мусоид кори мунтазами пешгирии таҳдидҳои экологиро тақозо мекунад» [5, с. 45-50]. Ба андешаи онҳо, ин тавассути таҳия ва татбиқи барномаҳои комплексии бехатарии экологӣ, ки ба пешгирӣ ва кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист, такмили қонунгузорӣ ҷиҳати таъмини танзими дақиқи стандартҳои экологӣ ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онҳо, иштироки фаъолонаи ҷомеа дар мониторинги муҳити зист равона шудаанд, ба даст овардан мумкин аст, инчунин қабули қарорҳо, ки ба баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии сиёсати экологӣ ва баланд бардоштани фарҳанги экологии аҳолӣ тавассути

барномаҳои таълимӣ ва маъракаҳои иттилоотӣ, ки ба ташаккули муносибати масъулиятнок ба табиат нигаронида шудаанд, мусоидат мекунад. [5, с. 45-50].

Дуюм, робитаи ҳуқуқҳои экологӣ ва амнияти экологӣ. Пас, О.С. Колбасов таъкид мекунад, ки ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти аз ҷиҳати экологӣ бехатар бо ӯҳдадориҳои давлат оид ба дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани амнияти экологӣ зич алоқаманд аст. Вай қайд мекунад, ки татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои иштирок дар равандҳои муҳими экологӣ ва ҷуброни зарари экологӣ механизмҳои амниятро мустаҳкам мекунад. Ҳамин тариқ, ҷалби фаъоли ҷомеа дар сиёсати экологӣ ва системаи самараноки ҷуброн унсурҳои калидӣ дар нигоҳ доштани амнияти экологӣ мебошанд. [6, с. 48].

Н.В. Кочеткова кайд мекунад, ки хукуки экологӣ на танхо ба бехатарии экологӣ вобаста аст, балки ба мустахкам шудани он фаъолона ёрӣ мерасонад. Аз ҷумла, ҳуқуқи шаҳрвандон барои иштирок дар қабули қарорҳои аз ҷиҳати экологӣ муҳим имкон медиҳад, ки таҳдидҳои эҳтимолии экологӣ дар марҳилаи барвақт ошкор ва пешгирӣ карда шаванд. Ҷалби фаъолонаи ҷомеа дар сиёсати экологӣ ба баланд бардоштани шаффофият ва масъулияти мақомоти давлатӣ мусоидат мекунад, ки дар навбати худ системаи умумии амнияти экологиро мустаҳкам мекунад. [7, с. 107-109].

Сеюм, муносибати байни амнияти экологӣ ва ҳуқуқҳои экологӣ тавассути призмаи танзими ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ. Ин чиҳатро махсусан В.Н. Лопатин қайд мекунад. Вай иброз мекунад, ки амнияти экологӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқҳои ҷаҳонии инсон, ки дар созишномаҳои байналмилалӣ, аз қабили Конвенсияи Орхус сабт шудааст, баррасӣ мешавад. Конвенсияи мазкур ҳуқуқҳои дастрасӣ ба иттилооти экологӣ, иштироки ҷомеа дар қабули қарорҳо ва дастрасӣ ба адолатро дар масъалаҳои экологӣ муқаррар мекунад. Ҳамин тариқ, таъмини амнияти экологӣ бевосита ба татбиқи ин ҳуқуқҳои бунёдӣ алоқаманд аст, ки аҳамияти ҳамкории байналмилалӣ ва риояи ӯҳдадориҳои қабулшударо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таъкид мекунад. [8, с. 21-31].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти экологӣ низ мавқеъи фаъол дорад. Ҳамин тариқ, 14-уми декабри соли 2022 дар иҷлосияи 77-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо як овоз қатънома қабул карда шуд, ки соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” ва 21 март “Рӯзи ҷаҳонии пиряххо” эълон карда шавад. Ин иқдом аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод шудааст. Аслан ин ташаббус беназир аст, зеро он ҳамзамон ҳам Рӯзи байналмиллалӣ ва ҳам Соли байналмилалии ҳифзи пиряххоро эълон мекунад. Тавре дар Паёми худ 23 декабри соли 2022 зикр гардид, Пешвои миллат «хушнуд аст, ки Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун ташаббускори фаъол дар ҳалли масъалаҳои обу иқлим эътироф мешавад. 14 декабри соли равон Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳоди Тоҷикистон қатъномаеро қабул кард, ки соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” ва 21 мартро “Рӯзи ҷаҳонии пиряххо” эълон кунад.

Мо ҳама ифтихор дорем, ки ташаббуси панҷуми ҷаҳонии кишвари мо оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар миқёси сайёра амалӣ мегардад. Қабули ин қатънома воқеан рӯйдоди муҳим ва таърихӣ дар миқёси ҷаҳонӣ буда, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки ҷиҳати ҳифзи манбаҳои бузурги оби нӯшокӣ чораҳои зарурии муштарак андешанд” [10].

Чунон ки Д.С. Раҳмон қайд менамояд “Пешвои миллат ба шарофати иқдомҳои ҷаҳонии худ тавонист халқу миллатҳои гуногунро барои ҳалли ин мушкилоти сайёра, ки бо мисоли пиряххои Тоҷикистон ёдовар шудем ва аз сӯи дигар намояндагӣ ва тарғиби арзишҳои фарҳанги экологии халқи соҳибихтиёри тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ муттаҳид созад» [11].

Дар идома қайд мекунад, ки «ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои об, аз қабили Соли оби тоза (соли 2003), Даҳсолаи амал «Об барои ҳаёт» (солҳои 2005-2015), дипломатияи об ё ҳамкорӣ дар масъалаҳои об» (соли 2013) ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» далели равшани нуфузи пешвои халқи тоҷик мӯҳтарам Эмомали Рахмон ва аҳамияти масъалаҳои баррасишаванда» [11].

Воқеан, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти экологӣ сиёсати фаъолро амалӣ менамояд. Аз ҷумла, солҳои охир дар кишвар як қатор стратегияҳо,

консепсияҳо ва барномаҳои соҳавӣ оид ба татбиқи сиёсати экологӣ, аз қабили «Консепсияи ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул карда шуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019”, “Барномаи давлатии рушди маърифати экологӣ ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020”.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол ба 10 конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи муҳити зист шомил шудааст. Яъне Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ рисолати худро дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ иҷро мекунад. Сиёсати Ҳукумати кишвар дар ин самт, аз як тараф, ба эътидол овардани вазъи экологӣ дар сатҳи миллӣ нигаронида шуда бошад, аз тарафи дигар, самтҳои асосии ҳамкориҳои ҷаҳонии умумиҷаҳонӣ дар соҳаи муҳити зист махсусан масъалахои обу иклим муайян менамояд.

Ҳамаи ин амалҳо ба таъмини амнияти экологӣ ҷанбаи муҳими ҳаёти давлати муосир нигаронида шудаанд. Масъалаҳои таъмини амнияти экологӣ маҷмӯи чорабиниҳоро дар бар мегирад, ки ба ҳифзи муҳити зист нигаронида шудаанд. Чунон ки Ю.Д. Сафонова, «Хусусияти асосии амнияти экологӣ на танҳо ҳифзи шаҳрвандон аз ҳолатҳои гуногуни экологӣ, аз қабили офатҳои табиӣ ё офати техногенӣ, балки аз таъсири омилҳои манфии ифлосшавии муҳити зист ба одамон низ мебошад». [12, с. 7-14]. Дар навбати худ Г.А. Тимофеев ва О.М. Орлинская қайд мекунанд, ки «Амнияти экологӣ ҷузъи амнияти миллӣ мебошад, ки ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон, ҷомеа, давлат ва муҳити зистро аз таҳдидҳои воқеӣ ё эҳтимолии аз ҷониби омилҳои табиӣ ё антропогенӣ ба вуҷуд омада кафолат медиҳад» [13, с. 73].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд мавқеи фаъолро ишғол намуда, дар сатҳи ҷаҳонӣ барои ҳалли бӯҳрони экологӣ ташаббусҳо нишон медиҳад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 28 декабри соли 2023 зимни Паёми худ ба парлумони кишвар як қатор мушкилоти экологиро зикр намуданд, ки талошҳои ҳарду ҷомеаи ҷаҳониро дар ҳалли онҳо ва давлатхои алохида бояд мутамарказ карда шаванд.

Сарвари давлат аз ҷумла қайд кардан, ки «гармшавии ҳарорати сайёра ва оқибатҳои манфии он – нарасидани об, хушксолии бардавом ва дигар офатҳои табиӣ, аз ҷумла сардиҳои бесобиқаи зимистони соли гузашта, яъне рӯз аз рӯз бад шудани вазъи саломатии инсон ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ мусоидат мекунад ва иммунитети беморро бо доруҳои мавҷуда зидди вируси чунин беморихо торафт мустаҳкам мекунад, илова бар он муҳит, ин боиси душвортар шудани таъминоти озуқаворӣ ва бо норасоии оби босифати нӯшокӣ дар бисёр кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон мегардад.

Аз ин рӯ, мардум маҷбуранд, ки барои ислоҳи вазъи номусоиди муҳити зист ва пешгирии харобшавии минбаъдаи он, пеш аз ҳама, бо роҳи хеле кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ, ниҳолшинонӣ ва кабудизоркунӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои об, яъне барои наҷот додани табиат ва инсоният». [10].

Ҳамин тариқ, Пешвои миллат ба яке аз мушкилоти ҷаҳонии муосир – таъмини амнияти экологӣ қайд намуданд. Дар паём ба масъалаҳои асосии экологӣ, ки ҳалли онҳо сатҳи амнияти экологиро муайян мекунад, қайд карда шуд.

Аз ҷумла, проблемаҳои зерин ба миён гузошта шуданд: якум, идоракунии партовҳои саноатӣ ва истеъмолӣ, аз ҷумла партовҳои коммуналӣ; дуюм, гузаштан ба технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тозатар дар соҳаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ, энергетика ва нақлиёт; сеюм, татбиқи технологияҳои беҳтарини мавҷуда ва риояи стандартҳои қатъии экологӣ дар саноат; чорум, андешидани чорахои кам кардани зарари ба муҳити зист расондаи корхонаҳои саноатӣ. Сарвари давлат ҳамчунин изҳор дошт, ки «ҳалли мушкилоти экологӣ вазифаи саноат ва илми мо, масъулияти ҳар яки мост». Вобаста ба ин, ба мақомоти ваколатдор оид ба таҳия ва пешниҳоди стандартҳои мукаммали экологӣ, инчунин қабул ва татбиқи барномаи мушаххаси давлатии кабудизоркунии кишвар барои давраи то соли 2040 супориш дода шуд[10].

Яъне, Сарвари давлат мушкилоти экологиро муайян намуда, барои ҳалли самараноки онҳо тадбирҳо пешниҳод менамояд. Дар байни ин тадбирҳо танзими ҳуқуқӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки дар заминаи он сиёсати муосири давлатии экологӣ ташаккул ёфта, стандартҳои нави экологӣ таҳия карда мешаванд.

Бо мавқеи Е.Н. Абабнина розӣ шудан лозим аст, ки ӯ қайд мекунад, ки "вазифаи илми хукукшиносӣ дар ҳалли проблемаҳои экологӣ аз такмил додани танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ ва махсусан муносибатҳо дар соҳаи таъмини ҳуқуқии амнияти экологӣ иборат аст. Маҳз, сохтани системаи ба ҳам мухолифи қонунгузорӣ, меъёрӣ-методологии таъмини амнияти экологӣ". [1, с.261].

Таъмини амнияти экологӣ бо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон зич алоқаманд аст. Давлат вазифадор аст, ки на танҳо шаҳрвандонро аз таҳдидҳои экологӣ ҳифз намояд, балки шароит фароҳам оварад, ки дар он ҳар кас ҳуқуқи худро ба муҳити зисти мусоид, дастрасӣ ба иттилооти экологӣ ва иштирок дар идоракунии муҳити зист амалӣ намояд. Танҳо чунин муносибати комплексӣ инкишофи мутаносиби ҷамъият ва ҳифзи муҳити зисти наслҳои ояндаро таъмин мекунад.

Дар баробари ин, нақши давлат дар таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар соҳаи амнияти экологӣ дар ҷанбаҳои зерин зуҳур меёбад:

–Танзими қонунгузорӣ: қабули қонунҳое, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрвандон, ташкилотҳо ва мақомотро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист равшан муқаррар мекунанд.

–Санҷиш ва назорат: таъсис ва нигоҳдории системаи самарабахши мониторинги муҳити зист, пешгирӣ ва муҷозоти қонуншикании экологӣ.

–Маърифат ва иттилоот: баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ, паҳн намудани дониш дар бораи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист.

Ҳамкории байналмилалӣ: иштирок дар ташаббусҳои байналмилалии экологӣ ва тасвиби созишномаҳое, ки ба ҳифзи муҳити зисти ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд.

Ҳамин тариқ, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар заминаи амнияти экологӣ ҷанбаи асосии сиёсати ҳуқуқии муосир ва рушди устувор мебошад. Ин бархӯрд ба эътирофи он асос ёфтааст, ки амнияти экологӣ бевосита ба татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқҳои асосии инсон, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, муҳити солим ва дастрасӣ ба иттилоот алоқаманд аст;

Истиқлолияти давлатӣ дар заминаи таъмини амнияти экологӣ ин қобилияти давлат барои мустақилона ташаккул додан ва амалӣ намудани сиёсатест, ки ба ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва пешгирии таҳдидҳои экологӣ нигаронида шуда, дар баробари масъулият дар назди аҳолӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Ҷанбаҳои асосии соҳибихтиёрии давлат дар таъмини амнияти экологӣ:

1. Бехатарии экологӣ ҳамчун ҷузъи амнияти миллӣ - амнияти экологӣ ҷузъи амнияти миллӣ мебошад, зеро он ба рушди устувор, саломатии аҳолӣ ва суботи иқтисодии давлат бевосита таъсир мерасонад. Давлат вазифадор аст, ки сарватҳои табиии худро аз камшавӣ, ифлосшавӣ ва нобудшавӣ ҳифз намояд, зеро онҳо асоси некӯаҳволии иқтисодӣ ва манбаи неруи стратегӣ мебошанд.

2. Танзими қонунгузорӣ дар доираи соҳибихтиёрӣ – давлат ҳуқуқи истисноии таҳия ва татбиқи қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои муҳити зист, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист, идоракунии захираҳои табиӣ ва пешгирии таҳдиди экологиро дорад. Истиқлолият ба давлат имкон медиҳад, ки стандартҳои амнияти экологии худро ҷорӣ кунад, аз ҷумла назорати партовҳои саноатӣ, идоракунии партовҳо ва ҳифзи гуногунии биологӣ.

3. Иштирок дар ҳамкориҳои байналмилалӣ – дар заминаи мушкилоти глобалии экологӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, ифлосшавии фаромарзӣ ва аз даст додани гуногунии биологӣ соҳибихтиёрии давлат тавассути иштирок дар созишномаҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ (масалан, Созишномаи Париж, Конвенсияи Орхус) амалӣ мегардад. Давлати соҳибихтиёр ҳуқуқи қабул ё рад кардани ӯҳдадориҳои байналмилалиро дар асоси манфиатҳои миллии худ нигоҳ медорад, вале барои риояи онҳо ҳангоми тасвиб масъул аст.

4. Назорат аз болои сарватҳои табиӣ — соҳибихтиёрии давлатӣ ҳуқуқи пурраи назорат кардани сарватҳои табии он, хоҳ канданиҳои фоиданок, хоҳ ҷангал, захираҳои об ё заминро дар бар мегирад. Давлат бояд истифодаи оқилона ва устувори захираҳоро таъмин намояд, аз истифодаи беиҷозати онҳо пешгирӣ кунад ва аз дахолати ғайриқонунии шахсони сеюм муҳофизат кунад.

5. Муқовимат ба таҳдидҳои экологии фаромарзӣ – соҳибихтиёрӣ ҳифзи қаламрави давлатро аз ифлосшавии фаромарзӣ, ки метавонад бо фаъолияти кишварҳои ҳамсоя ё корпоратсияҳои байналмилалӣ ба вуҷуд ояд, дар назар дорад. Давлат ҳуқуқ дорад рафъи зарари экологиро тавассути судҳои байналмилалӣ ё гуфтушуниди дутарафа талаб намояд.

6. Дипломатияи экологӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ – давлат барои ҳифзи манфиатҳои худ дар арсаи байналмилалӣ аз дипломатияи экологӣ истифода мебарад. Ин тарғибот бурдан барои стандартҳои мусоиди экологӣ, ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ ва дастгирии иқтисоди миллӣ дар шароити маҳдудиятҳои ҷаҳонии экологиро дар бар мегирад. Дар айни замон вай дар кабули қарорҳои вобаста ба проблемаҳои дохилии экологи мустақилиятро нигоҳ медорад.

Аммо сарфи назар аз принсипи соҳибихтиёрии давлат, давлатҳо маҷбуранд стандартҳои байналмилалии экологиро ба инобат гиранд, махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вобастагӣ. Ин дар зарурати ба инобат гирифтани ҳуқуқи байналмилали ҳангоми таҳияи қонунгузории ватанӣ, риояи уҳдадориҳои аз рӯи созишномаҳои байналхалқии экологӣ ва ба назар гирифтани сиёсати экологии ташкилотҳои байналмилали зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ, соҳибихтиёрии давлат дар заминаи таъмини амнияти экологӣ тавозуни байни истиқлолият дар ҳалли масъалаҳои дохилии экологӣ ва масъулият дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Истифодаи самараноки соҳибихтиёрӣ ба давлат имкон медиҳад, ки сарватҳои табиии худро ҳифз кунад, ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандонро таъмин намояд ва дар муборизаи глобалӣ дар соҳаи экологӣ саҳм гузорад.

Муаллифони дастури таълимӣ «Ҳуқуқи экологӣ» дар навбати худ қайд мекунанд, ки “бехатарии экологӣ ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои муосири иҷтимоию иқтисодӣ дарк карда мешавад, ки вазъи устувори дорои хусусияти глобалиро ифода мекунад, системахое, ки унсурхои ба хам алокаманд доранд, ки ягонагии мураккаби сиёсию ҳуқуқии давлатҳои гуногунро дарбар мегирад”[14, с. 369].

Дар асоси ин, онҳо ба мафҳуми «бехатарии экологӣ» чунин унсурҳоро ба мисли танзими ҳуқуқӣ, кафолатҳои ташкилӣ ва моддии ҳифзи муҳити зист аз ҷониби давлат аз таъсири манфии антропогенӣ ба табиат дохил мекунанд [14, с. 369].

А.Р. Махмутов масъалаҳои амнияти экологиро таҳқиқ намуда, онро аз призмаи ҳуқуқи инсон ба муҳити мусоид шарҳ дода, онро ҳамчун «муҳимтарин ҳолати амнияти манфиатҳои ҳаётии экологии инсон, пеш аз ҳама ҳуқуқи ӯ ба табиати пок, солим, ҳифзшаванда, мусоид муайян менамояд, муҳити табиии ҳаёт, ки ҳангоми ноил шудан ба ҳамзистии мутавозини муҳити зист ва фаъолияти иқтисодии инсон 55 ба вуҷуд меояд, вақте ки сатҳи фишор ба муҳити зист аз қобилияти худшифоии он зиёд набошад.

Мафҳуми бехатарии экологӣ ҳам системаи танзим ва ҳам системаи идоракуниро дар бар мегирад, ки ба мо имкон медиҳад, ки пешгӯии дақиқро бидонем ва мушкилоти экологиро пешгирӣ кунем ва дар ҳолати ҳодисаҳои фавқулодда оқибаташро бартараф намоем» [2, с. 207]. Дар асоси равишҳои илмии мавҷуда оид ба муайян кардани мафҳуми «бехатарии экологӣ» ду хулосаи асосиро баровардан мумкин аст. Аввалан, амнияти экологӣ ҷузъи ҷудонашаванда ва системасозандаи амнияти миллӣ мебошад. Тавре ки маълум аст, амнияти миллӣ аз ҷузъҳои гуногун, аз қабили амнияти сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва ғайра ташаккул меёбад. Ҳамзамон, амнияти экологӣ дар ин системаи унсурҳои таркибии амнияти миллӣ ҳамчун пайванди пайвасткунанда баромад мекунад.

Дар ин замина бо мавқеъи баёнкардаи А.Манлай розӣ шудан лозим аст, ки «қисмати экологии ҳар яке аз ин намудҳои амният аслиест, ки онҳоро метавонад ба системаи амнияти миллӣ муттаҳид созад ва ба дарёфти мувозинати оптималии онҳо дар ин система мусоидат намояд. Дар марҳилаи имрӯза дар мавриди рисолае, ки ҳар як ҷанбаи амнияти миллӣ, хоҳ

иқтисодӣ, хоҳ технологӣ ва хоҳ мудофиавӣ, дар ҳолати номувофиқ будани муҳити зист барои ҳаёт ва фаъолияти инсон маънии худро гум мекунад, дигар шубҳае нест. Аз ин рӯ, амнияти экологиро бояд ҳамчун қодир ба муттаҳидсозии ҷомеа ва аз ҷониби дигар ҳаракати такмил додани он донист» [9, с. 63-64]. Сонияи, мафҳуми амнияти экологӣ хусусияти эҳтиётӣ дорад, яъне фароҳам овардани механизму шароитҳоеро пешбинӣ менамояд, ки ба пешгирии оқибатҳои манфии фаъолияти инсон ба муҳити зист, ки метавонад боиси бад шудани вазъи экологӣ гардад ва эҳтимолияти таҳдиди мустақим ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандони давлат гардад. Ҳамин тариқ, механизми таъмини амнияти экологӣ доираи васеи амалҳоро дар бар мегирад, ки дар онҳо давлат бояд нақши муҳим бозад. Яке аз ҷанбаҳои асосии таъмини амнияти экологӣ ташаккули сиёсати дақиқи экологии давлат мебошад, ки бояд дар қонунгузории кишвар инъикос ёбад. Хусусияти асосии қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон дар ин масъала дар он аст, ки Конститутсияи кишвар ҷанбаҳои асосиро дар бар мегирад, ки дар асоси онҳо сиёсати давлатӣ дар масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ташаккул меёбад. (Моддаи 44). Танзими минбаъдаи масъалаҳои бехатарии экологӣ дар қонунгузории экологии кишвар амалӣ карда мешавад, ки он бо мавҷудияти доираи хеле васеи қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои таъмини амнияти экологӣ ва ташаккули заминаи ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои гуногун дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бехатарии экологӣ тавсиф мешавад. Таҳлили қонунгузории амалкунандаи экологӣ нишон медиҳад, ки он ба ҳалли ду масъалаи муҳим вобаста ба амнияти экологӣ нигаронида шудааст. Аввалан, амнияти экологӣ ҳамчун шарти ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими давлат, ҷомеа ва шахс аз намудҳои гуногуни хатарҳое, ки бо таъсири табиӣ ва антропогенӣ ба онҳо алоқаманданд, баромад мекунад. Дуюм, амнияти экологӣ ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои пешгирикунанда муайян карда мешавад, ки ба пешгирии офатҳои экологӣ ва таъсири манфии одамон ба табиат нигаронида шудаанд.

Барои ҷамъбасти гуфтаҳои боло бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи таъмини амнияти экологӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Ин далелро мавҷудияти сиёсати аниқ тартиб додашудаи давлатӣ, ки дар қонунгузории амалкунандаи мамлакат ифода ёфтааст, тасдиқ мекунад. Дар баробари ин, таъмини воқеии амнияти экологӣ низ ба худи шахс вобаста аст, ки бояд дарк намояд, ки ҳолати муҳити табии аксар вақт аз амалҳои ӯ вобаста аст.

## *Адабиёт*


1. Абанина Е.Н. Система принципов правового обеспечения экологической безопасности//Вестник Саратовской государственной юридической академии. – № 4 (129). 2019. –С. 259 – 264.
2. Алешкова А.А., Махмутов А.Р. Экологическая безопасность // Международный научный журнал «Вестник науки». № 1 (46). Т.3 Январь 2022 г. – С. 206-210.
3. Грачкова Ю.Л. Экологическая безопасность и роль права в решении экологических проблем в Российской Федерации // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). 2022. № 5. – С. 166-178.
4. Донченко В.Ю. Взаимосвязь экологической безопасности, устойчивого развития и прав человека в области международной охраны окружающей среды // Актуальные проблемы российского права. № 1. 2008. – С. 326-333
5. Ивакин В.И. Судебная защита прав граждан на благоприятную окружающую среду и проблемы ее реализации // Современное право. – С. 45-50. [Манбаи электронӣ] https://www.sovremennoepravo.ru/
6. Колбасов О.С. Концепция экологической безопасности (юридический аспект) // Советское государство и право. – 1988. – № 12. – С. 48.
7. Кочеткова Н. В. Экологические аспекты безопасности жизнедеятельности / Н. В. Кочеткова // Экология России: на пути к инновациям. – 2013. – № 8. – С. 107-109.
8. Лопатин, В.Н. Экологическая безопасность: проблемы конституционной законности / В. Н. Лопатин // Государство и право. – 2004. – № 2. – С. 21-31.

9. Манлай А. Экологическая безопасность как фундаментальная составляющая национальной безопасности Монголии // Сетевое издание «Академическая мысль» № 4 (21) 2022. – С. 62-67.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23.12.2022 с. [манбаи электронӣ] // www.president.tj (санаи муроҷиат: 06.11.2024)
11. Рахмон Д.С. Обеспечение экологической безопасности человечества находится в центре международных инициатив Президента Таджикистана в течение последних двадцати лет. [манбаи электронӣ] // https://tajsohtmon.tj/ru/news_ru/16761
12. Сафонова Ю. Д. Правовое обеспечение экологической безопасности в России // Контентус. 2017. №4. С. 7-14.
13. Тимофеев Г. А., Орлинская О.М. Экологическая безопасность в системе национальной безопасности Российской Федерации // Власть. 2017. № 2. – С.69-74.
14. Экологическое право России: учебное пособие для студентов вузов / [Н.В. Румянцев и др.]; под ред. Н.В. Румянцева. 5-е изд., перераб. и доп. М.: ЮНИТИ-ДАНА, Закон и право, 2018. (Серия «Dura lex, sed lex»). – 431 с.

## БЕХАТАРИИ ЭКОЛОГӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ УСТУВОРИИ ДАВЛАТ

Дар мақола ҷанбаҳои асосии таъмини амнияти экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, ба ташаккули сиёсати давлатии экологӣ ҳамчун воситаи муҳимтарини рушди устувор диққат дода мешавад. Муаллиф нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонии экологӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Бо ташаббусҳои Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ, ки ба ҳифзи захираҳои об ва пешгирии тағирёбии иқлим нигаронида шудаанд, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мешавад. Таҳқиқот аҳамияти равиши ҳамгироӣ ба сиёсати экологиро, ки талошҳои миллӣ ва ҷаҳониро барои ноил шудан ба ояндаи устувор муттаҳид мекунад, таъкид мекунад.

**Калидвожаҳо:** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, амнияти экологӣ, қонунгузории экологӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои экологии инсон

## ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ КАК ОСНОВНОЙ ФАКТОР СТАБИЛЬНОСТИ ГОСУДАРСТВА

В статье рассматриваются ключевые аспекты обеспечения экологической безопасности в Республике Таджикистан, акцептируется внимание на формировании государственной экологической политики как важнейшего инструмента устойчивого развития. Автор анализируют роль Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в решении актуальных мировых экологических проблем. Особое внимание уделяется его инициативам на международной арене, направленным на охрану водных ресурсов и предотвращение климатических изменений. Подчёркивается значимость комплексного подхода к экологической политике, объединяющего национальные и глобальные усилия для достижения устойчивого будущего.

**Ключевые слова:** Президент Республики Таджикистан, экологическая безопасность, экологическое законодательство, защита экологических прав человека

## ENVIRONMENTAL SECURITY AS THE MAIN FACTOR OF STATE STABILITY

The article considers key aspects of ensuring environmental security in the Republic of Tajikistan, focuses on the formation of the state environmental policy as the most important tool for sustainable development. The author analyzes the role of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in solving urgent world environmental problems. Particular attention is paid to his initiatives in the international arena aimed at protecting water resources and preventing climate change. The importance of an

integrated approach to environmental policy that combines national and global efforts to achieve a sustainable future is emphasized.

**Keywords:** President of the Republic of Tajikistan, environmental security, environmental legislation, protection of environmental human rights

**Дар бораи муаллиф:**
Обидова Манижа Насруллоевна,
н.и.ҳ., муаллими калони кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ,
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735719, ш. Хуҷанд, 17 мкрн., 1.
Тел.: (+992)928640027
E-mail: manija08@gmail.com

**Об авторе:**
Обидова Манижа Насруллоевна,
к.ю.н., старший преподаватель кафедры теории и истории государства и права.
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики,
Адрес: Таджикистан, 735719, г. Худжанд, 17 мкрн., 1.
Тел.: (+992)928640027,
E-mail: manija08@gmail.com

**About the author:**
Obidova Manizha Nasrulloevna,
candidate of law, senior lecturer of the department of theory and history of state and law,
Tajik state university of law, business and politics,
Address: Tajikistan, 735719, Khujand, 17th microdistrict, 1.
Tel.: (+992)928640027
E-mail: manija08@gmail.com

ТДУ 342.722(575.3)

# ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ ҲАМЧУН КАФИЛИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ИНСОН БА МЕҲНАТ

***Мирзозода Ш. М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Қонунгузории меҳнат, ки муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқаманд, шарикии иҷтимоӣ ва бехатарию ҳифзи меҳнатро байни корманд ва корфармо ба танзим даровarда, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, муқаррар намудани кафолату имтиёзҳои камтарини ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат равона карда шудааст. Таъминоти ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ бевосита бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дарбаргирандаи меъёри ҳуқуқи меҳнат мебошанд, ба танзим дароварда мешаванд. Мавҷудияту мутобиқати қонунгузории меҳнат барои муқаррар намудани кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои кормандон ва корфармоён, фароҳам овардани шароити мусоиди кор ва муҳофизат аз бекорӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо зарур аст. Барои амалӣ намудани самтҳои ин фаъолият назорати саривақтии риояи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат зарур аст.

Дар баробар ин, мушкилоти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат дар самти пешбурди дафтарчаҳои меҳнатӣ ба назар мерасад, ки метавонад ҳуқуқу манфиатҳои кормандон ва корфармоёнро халалдор намояд. Зеро ки қонун ин меъёри шахшуда, яъне догма нест, бо пайдо шудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, дигар шудани муносибатҳои ҷамъиятӣ таъғйир меёбанд ва аз нав қабул мешавад.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сарчашмаҳои асосии танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ, аз ҷумла дар самти дафтарчаҳои меҳнатӣ ба шумор рафта, бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, асосҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи меҳнат муқаррар мекунад ва ба таъмини риояи манфиатҳои қонунии онҳо ва давлат равона шудааст. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба дар давраи истиқлоли давлатӣ 15-уми майи соли 1997 [1] қабул гардида, то санаи 23-юми июли соли 2016, яъне то дар таҳрири нав қабул шудани Кодекси нави меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] амал намуд. Бо пайдо шудани муносибати нави ҷамъиятӣ зарурати дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Ҳадафи асосии дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин бартараф намудани хатогию нофаҳмиҳо,ислоҳи меъёрҳои ба ҳам мухолифи қонунгузорӣ ва ба низом даровардани муносибатҳои танзимнашуда дар соҳаи меҳнат, аз ҷумла дар самти мушаххаснамоии ҳуҷҷатҳое, ки собиқаи меҳнатиии кормандонро муайянкунанда [3] мебошад.

Дар таҳрири нав қабул шудани Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳоеро, ки ба таври васеъ ва фаррохтар ба танзим даровард, ин муқаррар намудани меъёр оид ба муайян намудани ҳуҷҷатҳое, ки собиқаи меҳнатии кормандро тасдиқ мекунад, ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи чандинсолаи ҳуҷҷатгузории муносибатҳои меҳнатӣ аҳамияти дафтарчаи меҳнатиро тасдиқ мекунад, ки он як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад.

Аввалан, дафтарчаи меҳнатӣ далели фаъолияти меҳнатӣ ва собиқаи воқеии кории корманд мебошад. Бо вуҷуди он ки маълумот дар бораи собиқаи корӣ аллакай шахсӣ гардонида шуда, дар пойгоҳи маълумоти нигоҳ дошта мешавад, ин ҳуҷҷат ҳамчун воситаи муҳими тасдиқи таҷрибаи кор дар ташкилотҳои муайян ва мансабҳои мушаххас, ки дар резюме ва дигар ҳуҷҷатҳо инъикос ёфтааст, боқӣ мемонад.

Дуввум, дафтарчаи меҳнатӣ маълумоти арзишмандро барои таҳлил дар марҳилаи интихоб намудани кормандон пешниҳод мекунад. Дар он маълумот дар бораи таҳсилот, сатҳи тахассус, ҷойҳои пешинаи кор ва ҷоизаву мукофотҳо нишон дода шудааст. Ин ҳуҷҷат ба корфармо кӯмак мекунад, ки басомади иваз кардани ҷойҳои корӣ, давомнокии

танаффусҳои меҳнатӣ, садоқати корманд ба корфармо ва ё соҳаи касбиро арзёбӣ кунад, инчунин рушди касб, мавҷудияти мукофотҳо ва сабабҳои аз кор рафтанро таҳлил намояд.

Севвум, дафтарчаи меҳнатӣ ба корманд имконият медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро ҳимоят намояд. Дар ҳолате ки корманд барканории худро ғайриқонунӣ меҳисобад, ин ҳуҷҷат метавонад дар додгоҳ ҳамчун далел барои барқарор кардани ҳуқуқҳои меҳнатии ӯ истифода шавад.

Меъёри мазкур дар баробари дафтарчаи меҳнатӣ, инчунин номгӯйи ҳуҷҷатҳои дигарро пешбинӣ намуд, ки собиқаи меҳнатии кормандро муайян менамоянд, ки аз инҳо иборатанд:

- шартномаи меҳнатӣ;
- иқтибос аз санади корфармо, ки ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатиро бо сабаби бастан ва қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ тасдиқ менамояд;
- иқтибос аз китоби пардохти музди меҳнати кормандон (ведомост);
- рӯйхати хизматӣ (номгӯйи маълумотҳо дар хусуси кор, фаъолияти меҳнатии корманд), ки аз тарафи корфармо имзо шуда, бо муҳри ташкилот ё ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шудааст;
- маълумотномаи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар хусуси супоридани андухти нафақавӣ;
- маълумотномаи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар хусуси пардохти саҳмҳои ҳатмии суғуртаи иҷтимоӣ;
- маълумотномаи бойгонӣ дар хусуси фаъолияти меҳнатии корманд [2].

Дар баробари ҳуҷҷатҳое, ки собиқаи кории кормандро тасдиқ менамояд, дафтарчаи меҳнатӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ ба ҳисоб рафта, дар ин радиф ҷойи махсусро ишғол менамояд.

Дафтарчаи меҳнатӣ- ин ҳуҷҷати дорои маълумот дар бораи фаъолияти меҳнатии корманд мебошад. Тибқи қонунгузории меҳнат корфармо вазифадор аст, ки тибқи тартиб дар дафтарчаи меҳнатии корманд доир ба фаъолияти меҳнатии ӯ сабтҳо ворид намояд. Чӣ тавре таҷриба нишон медиҳад, дафтарчаи меҳнатӣ воситаи самарабахши ҳифзи ҳуқуқи кормандон мебошад. Бекор кардани дафтарчаи меҳнатӣ боиси мураккаб гаштани коргузорӣ ва паст гардидани кафолатҳои иҷтимоии кормандон гашта, дар натиҷа оқибатҳои номусоиди ҳуқуқиро ба миён меорад. Дафтарчаи меҳнатии намунааш муқарраргардида ва дигар ҳуҷҷатҳо оид ба муайян кардани собиқаи кории корманд ҳуҷҷатҳои асосии фаъолияти меҳнатӣ буда, собиқаи меҳнатии кормандро тасдиқ менамоянд. Дафтарчаи меҳнатӣ ҳуҷҷати асосии фаъолияти меҳнатӣ ва таҷрибаи кории корманд мебошад, ки дар он маълумот дар бораи кори иҷрошуда, асосҳои пеш аз муҳлат катъ кардани шартномаи меҳнатӣ, инчунин мукофотҳо барои муваффақиятҳои меҳнатӣ дарҷ карда мешавад. Корфармо вазифадор аст барои ҳар як корманд, ба истисноӣ кормандони дар ду (якчанд) ҷой коркунанда дафтарчаи меҳнатӣ кушояд. Дафтарчаи меҳнатӣ аз ҷониби корфармо нигоҳ дошта мешавад ва он метавонад ба корманд танҳо дар сурати аз кор озод шуданаш дода шавад, дар ҳолатҳои дигар ӯ ҳуқуқ дорад нусхаи тасдиқкардаи корфарморо гирад. Мутобиқи банди 39-и “Тартиби корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон” [4], ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели сои 1999, №154 тасдиқ шудааст, дар вақти додани дафтарчаи меҳнатӣ корфармо аз корманд қимати дафтарчаи меҳнатиро ва варақаи замимаро меситонад. Дар сурати нодуруст пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ ва ё варақаи замимаи он, инчунин дар мавриди вайрон шудани бланкҳо дар натиҷаи ҳифзи ноэҳтиёткорона, қимати бланкаҳои вайроншуда аз тарафи корхона, муассиса ва ташкилот пардохт карда мешавад. Дар сурати гум кардани дафтарчаи меҳнатии корманд аз тарафи корхона ба соҳиби он нусхаи дуюми дафтарчаи навро бидуни ситонидани қимати он медиҳад.

Олими рус И.А. Филипова [5] дар мақолаи худ, овардааст, ки “Парлумони Федератсияи Россия пешниҳод доранд, ки дафтарчаи меҳнатӣ боқимондаи замони шӯравӣ аст, ки муносибатҳои байни корманд ва корфарморо печидатар мекунад. Барои тасдиқи мавқеъи худ далелҳои зеринро дар бораи бекор кардани дафтарчаи меҳнатӣ пешниҳод карданд:

- воситаи самарабахши ҳифзи ҳуқуқи корманд шартномаи меҳнатӣ мебошад, ки корманд ва корфармо вазифадоранд байни худ банданд, дар он тамоми шароит барои муносибатҳои меҳнатии оянда ифода ёфтааст;

- дафтарчаи меҳнатӣ, ки дар замони коммунизми ҷангӣ пайдо шудааст, осори гузашта аст, дар ягон мамлакати мутамаддин чунин воситаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ҷой надорад;

- дафтарчаи меҳнатӣ ҳамчун як воситаи назорат аз болои шахс ва фишор ба ӯ бинобар имкони аз кор озод кардан «тибқи моддаи дахлдор» ва монеаҳои минбаъда дар фаъолияти ӯ таъсис дода шудаанд;

- ҳамчун ҳуҷҷате, ки дар бораи собиқаи кории корманд шаҳодат медиҳад, маънои худро гум кардааст, зеро тамоми маълумот дар бораи собиқаи корӣ имрӯз инфиродӣ ва дар махзани хазинаи нафақаи Федератсияи Русия, ки қисми он мебошад, нигоҳ дошта мешавад.

Дафтарчаи меҳнатӣ ҳуҷҷати шахсиест, ки мавҷудияти он барои ҳар як корманд ҳатмист. Он на танҳо собиқаи кории шахсро ҳангоми баромадан ба нафақа тасдиқ мекунад, балки мавҷудияти собиқаи кории кормандро дар вазифаҳои муайян дар корхонаю ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият, аз рӯи ихтисоси муайян нишон медиҳад ва тамоми собиқаи корӣ, инчунин мувафақитҳои кормандро, ки ба қадршиносӣ ва сарфарозгардонӣ ба ордену медалҳо ва унвонҳои фахрӣ сарфароз гардидааст, тасдиқ мекунад.

Ҳамчунин, маълумот аз дафтарчаи меҳнатӣ барои ҳисоб ва пардохти маблағи давраи корношоямии корманд низ муҳим аст. Аз ҷумла, ҳангоми пешниҳоди варақаи корношоямӣ бо собиқаи умумии баробар ба ҳашт сол ва ё зиёда аз он ба андозаи 75%-и музди меҳнат ва бо собиқаи аз ҳашт сол кам ба андозаи 65%-и музди меҳнат пардохт карда мешавад [6]. Илова бар ин, корфармо уҳдадор аст ба ҳамаи кормандоне, ки дар ташкилот зиёда аз 5 рӯз кор кардаанд дафтарчаи меҳнатӣ кушояд (моддаи 52 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон) [2]

Ҳамчунин, мавҷудияти дафтарчаи меҳнатӣ ҷиҳати танзими сарбории воқеии кормандон ва роҳ надодани онҳо ба амалҳои ғайриқонунӣ ба хадамоти кадрии ташкилоту корхона мусоидат менамояд. Мутобиқи қисми 2 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ" аз 3 августи соли 2018, №1537 "шахсоне, ки ба онҳо маълумоти шахсии дорои дастрасии маҳдуд дар робита бо эҳтиёҷоти касбӣ, хизматӣ, инчунин муносибатҳои меҳнатӣ маълум гардидааст, уҳдадоранд махфияти онро таъмин намоянд) [7]. Илова бар ин, баҳри татбиқи дурусти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2018, №197 "Дар бораи Номгӯйи соҳаҳо, истеҳсолот, кор, касб ва вазифаҳо (мансабҳо), шароити пешниҳод ва давомнокии рухсатӣ барои собиқаи кории давомнок" [8], ҷиҳати муайян кардани давомнокии рухсатии барои собиқаи кории корманд дар як соҳа ё як ташкилот, дафтарчаи меҳнатӣ ҳамчун асоси ҳуқуқӣ баромад мекунад.

Бо дар назардошти нуктаҳои зикршуда, ҳамчун хулоса пешниҳод менамоем, ки новобаста аз таъғйиру иловаҳое, ки ба "Тартиби пешбурди дафтарчаҳои меҳнатӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 1999, №154) бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2004, №368, аз 2 ноябри соли 2011, №566, аз 31 декабри соли 2014, №794 ва аз 17 марти соли 2017, №135 ворид шудааст, бо пайдо шудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва ба талаботи қонун мутобиқ намудани он, ба қарори мазкур таъғйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба сархати 3, банди "а" қисми II-и қарори мазкур таъғйиру иловаҳо ворид карда шуда, ибораи "забонҳои тоҷикӣ ва русӣ" ба ибораи "забони тоҷикӣ" иваз карда шавад. Чунки дар сархати 1 моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" оварда шудааст, ки коргузории ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба забони давлатӣ сурат мегирад [9].

2.Дар сархати 3, банди "а" кисми II-и қарори мазкур ибораи "на дертар аз панҷ рӯзи ба кор қабул шуданаш" ба ибораи "ки дар ташкилот зиёда аз 5 рӯз кор кардаанд" иваз карда шавад. Чунки дар қисми 3 моддаи 52-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда

шудааст, ки корфармо уҳдадор аст ба ҳамаи кормандоне, ки дар ташкилот зиёда аз 5 рӯзи корӣ кор кардаанд, дафтарчаи меҳнатӣ кушояд [2].

3.Дар сархатҳои 8, 10, 11, 21, 25 кисми II-и қарори мазкур калимаи "фармон" ба калимаи "фармоиш" иваз карда шавад. Зеро ки дар банди 146-и "Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017, №358 тасдиқ шудааст, қайд шудааст, ки ҳуҷҷатҳо дар парвандаҳои шахсӣ бо тартиби зерин ҷойгир карда мешаванд: нусхаи фармоишҳо оид ба таъйинот, аз ҷое ба ҷое гузаронидан, озод кардан ва ғайра [10].

4.Дар сархатҳои 17, банди "в" қисми II-и қарори мазкур калимаи "аспирантура" ба калимаҳои "магистратура дар шакли рӯзона, докторантура аз рӯйи ихтисос" иваз карда шавад. Чунки дар банди 3, сархати 2-и Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №93 тасдиқ шудааст, оварда шудааст, ки "докторантура аз рӯйи ихтисос - шакли тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ ва муассисаҳои илмӣ бо додани дараҷаи илмии "доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос" барои шаҳрвандоне, ки дорои дараҷаи академии "магистр" мебошанд ё резидентура ва ординатураи клиникиро (барои ихтисосҳои тиббӣ) хатм намудаанд" [11].

5.Дар сархати 24, банди 3, кисми II-и қарори мазкур калимаи "кордиҳанда" ба калимаи "корфармо" иваз карда шавад. Чунки дар бандҳои 34 ва 71, моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми "корфармо" ва дар мафҳуми шартномаи меҳнатӣ низ тарафҳо "корфармо ва корманд" истифода шудааст [2].

6.Дар сархати 1, банди 3, кисми I-и қарори мазкур калимаи "коркун" ба калимаи "корманд" иваз карда шавад. Зеро дар бандҳои 30 ва 71, моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми "корманд" ва дар мафҳуми "шартномаи меҳнатӣ" низ тарафҳо "корфармо ва корманд" истифода шудааст [2].

### *Адабиёт*


1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997// Ахбори Маҷлиси Оли ҶТ, 1997 с., №9, м.112.
2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 // Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. –3 электрон. опт. диск (CD - ROM).
3. Сангинов, Д.Ш., Назаров, Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Баъзе пешниҳодҳо оид ба такмили Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Идоракунии давлатӣ. –2021. –№1 (50). –С. 131-142;ISSN 2664-0651.
4. "Тартиби корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.04.1999, №154 тасдиқ шудааст. "// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM) санаи муроҷиат 14 октябри соли 2024.
5. И.А. Филипова "Дафтарчаи меҳнатӣ ва оқибатҳои эҳтимолии бекор кардани он" Паёми Донишгоҳи давлатии Нижегород ба номи Н.И. Лобачевский 2012, No3 (1), с. 295–300 295
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз 13.12.1997, №517 (моддаи 12) "// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM) санаи муроҷиат 14 октябри соли 2024.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ" аз 3 августи соли 2018, №1537 (қисми 2 моддаи 13 шахсоне, ки ба онҳо маълумоти шахсии дорои дастрасии маҳдуд дар робита бо эҳтиёҷоти касбӣ, хизматӣ, инчунин муносибатҳои меҳнатӣ маълум гардидааст, уҳдадоранд махфияти онро таъмин намоянд.) "// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати

адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM) санаи муроҷиат 14 октябри соли 2024.
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2018, №197 "Дар бораи Номгӯйи соҳаҳо, истеҳсолот, кор, касб ва вазифаҳо (мансабҳо), шароити пешниҳод ва давомнокии рухсатӣ барои собиқаи кории давомнок" "// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM) санаи муроҷиат 14 октябри соли 2024.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 5 октябри соли 2009, №553"// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM) санаи муроҷиат 14 октябри соли 2024.
10. «Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017, №358 тасдиқ шудааст, "// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM) санаи муроҷиат 14 октябри соли 2024
11. Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №93 тасдиқ шудааст, "// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM) санаи муроҷиат 27 октябри соли 2024.

## ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ ҲАМЧУН КАФИЛИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ИНСОН БА МЕҲНАТ

Дар мақолаи мазкур баъзе пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти андешаи олимон, мутахассисон ва татбиқи муқаррароти қонунгузории меҳнатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба андешаи муаллиф то имрӯз дар қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешбурди дафтарчаҳои меҳнатӣ таъғиру иловаҳо ворид карда нашудааст, ҳарчанд дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав олимон андешаҳои худро оид ба мукаммалнамоии он пешниҳод намуда буданд. Бо ин нигоҳ накарда таҷрибаи ҳаштсолаи тадбиқи меъёрҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат дар самти пешбурди дафтарчаҳои меҳнатӣ баъзе аз нуқсонҳоро ошкор намуд, ки зарурати таъғйиру иловаҳоро дар он бамиён овардаанд. Аз ҷумла, муаллиф дар ин мақола асоснокӣ ва зарурати тағйиру иловаҳоро ба бандҳои дахлдори "Тартиби корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.04.1999, №154" тасдиқ шудааст, пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** кодекси меҳнат, Ҷумҳурии Тоҷикистон, корманд, корфармо, дафтарчаи меҳнатӣ, собиқаи корӣ, шуғл, муносибатҳои меҳнатӣ, шартномаи меҳнатӣ, ҷойи кори асосӣ

## ТРУДОВОЙ КНИЖКЕ КАК МЕХАНИЗМ ЗАЩИТЫ КОНСТИТУЦИОННЫХ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА НА ТРУД

В данной статье рассмотрены некоторые предложения по совершенствованию трудового законодательства Республики Таджикистан с учетом мнения ученых, специалистов и применения положений трудового законодательства. По мнению автора, никаких изменений и дополнений в трудовое законодательство Республики Таджикистан в направлении ведения трудового учета не внесено, хотя в новой редакции Трудового кодекса ученые изложили свои мнения по его совершенствованию. Несмотря на это, восьмилетний опыт применения норм Трудового кодекса Республики Таджикистан и других нормативных правовых актов Республики Таджикистан по труду в направлении ведения трудового учета выявил некоторые недостатки, выявившие необходимость изменений и дополнений. Помимо прочего, в данной статье автором предложено обоснование и необходимость внесения

изменений и дополнений в соответствующие положения «Порядка использования трудового стажа работников, утвержденного постановлением Правительства от 12.04.1999 г. № 154».

**Ключевые слова:** трудовой кодекс, Республика Таджикистан, работник, работодатель, трудовая книжка, опыт работы, трудоустройство, трудовые отношения, трудовой договор, основное место работы

## EMPLOYMENT RECORDS AS A MECHANISM FOR THE PROTECTION OF CONSTITUTIONAL LABOR RIGHTS

This article discusses some proposals for improving the labor legislation of the Republic of Tajikistan, taking into account the opinions of scientists, specialists and the application of the provisions of labor legislation. According to the author, no changes or additions have been made to the labor legislation of the Republic of Tajikistan in the area of maintaining labor records, although in the new edition of the Labor Code scientists have outlined their opinions on its improvement. Despite this, eight years of experience in applying the norms of the Labor Code of the Republic of Tajikistan and other regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan on labor in the area of maintaining labor records has revealed some shortcomings that have revealed the need for changes and additions.

Among other things, in this article the author proposes the rationale and need for making changes and additions to the relevant provisions of the “Procedure for using the seniority of employees, approved by Government Decree No. 154 of April 12, 1999.”

**Keywords:** Labor Code, Republic of Tajikistan, employee, employer, work record, work experience, employment, labor relations, employment contract, main place of work

**Дар бораи муаллиф:**
Мирзозода Шаҳриёр Мунавар,
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
Суроға:734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 918553721;
E-mail: shahriyor8787@mail.ru.

**Об авторе:**
Мирзозода Шахриёр Мунавар
Старший преподаватель кафедры права исторического и право факультет
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни,
Адрес: 734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121.
Тел.: +992 918553721;
E - mail: shahriyor8787@mail.ru.

**About the author:**
Mirzozoda Shahriyor Munavar
Senior Lecturer Teacher Department of Law,
Faculty of history and law,
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini,
Address:734003 Dushanbe city, Rudaki ave. 121
Tel.: +992 918553721;
Email: shahriyor8787@mail.ru.

ТДУ 34(5):94"13" + 32(5):94"13"

# ИНЪИКОСИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИ ВА ВАЗЪИ СИЁСИИ АСРИ XIV ДАР ЭҶОДИЁТИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

***Калонов Ф.М.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Халқи тоҷик ба тамаддуни башарӣ нобиғаҳоеро додааст, ки осори гаронбаҳои ҳар яки онҳо шӯҳрати оламшумул пайдо карда, дар ташаккули тафаккури инсоният саҳми басою арзишманд гузоштаанд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ дар ҳамин радиф қарор дошта, дар олами адабу ирфон ҷойгоҳи махсус ва мақоми баландедорад. Ин чеҳраи барҷаста яке аз шахсиятҳои бузург маҳсуб ёфта, на танҳо дар кишвари мо, балки дар Эрон, Покистон, Ҳиндустон ва Афғонистон ҳамчун муттафакир ва намояндаи барҷастаи тасаввуф шинохта щуда, бо тахаллусҳои Амири Кабир, Алии Сонӣ, Шоҳи Ҳамадон, ва Ҳазрати Амирҷон маъруф гардидааст ва шахсияту осораш то ба ҳол гиромӣ дониста мешавад[10, с.11.].

Ҷойгоҳ ва мақоми Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба сифати мутафаккири бузург дар ташаккули фарҳанги тафаккур, аз он ҷумла маърифати ҳуқуқии форсзабонон хеле бузург аст. Дар осор ва таълифоти вай масъалаҳои умури давлатдорӣ, сиёсат ва тартиботи ҳуқуқӣ (фиқҳ), идоракунӣ ва ахлоқ мавқеи хосса доранд. Масъалаҳои ҳуқуқӣ дар осори ин муттафакир, аз қабили «Захират-ул-мулук», «Даво-ул-кулуб», «Минҳоҷ-ул-орифин», «Чиҳиласрор», «Одоб-ул-машоих» ва ғайра мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд. Ин ва дигар асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ на танҳо дар бахши илми фалсафа, балки низоми ҳуқуқию давлатӣ ва сиёсӣ, адолати судӣ, гиромидошти инсон ва ҳуқуқҳои вай, ташаккул ва такомули низоми ҳуқуқии классикӣ (анъанавӣ) низ мубрамияти худро то кунун аз даст надодаанд[8, с. 6.].

Мутафаккир дар доираи андешаҳои инсонпарваронаи хеш соҳибони давлат, қудратмандону мансабдорон, хоссатан фақеҳони фасодкорро ба риояи ҳуқуқҳои раъият ва ҳифзу нигаҳдории амнияти давлат даъват намудааст[4, с. 98.]. Механизми ҳуқуқмуайянкунии ӯ асосан тавассути уҳдадор сохтани мардум ва кулли ҷомеа дар доираи рафтору амалҳои мушаххасу муайян амалӣ мегардад. Зеро дар натиҷаи амалӣ сохтани муносибат ва масъулияти муайян, қонунҳои давлат, ҳамзамон ҳуқуқи аъзоёни дигари ҷомеа низ риоя ва ҳифз карда мешаванд.

Дар маҷмӯъ осори Алии Ҳамадонӣ саршор аз масъалаҳои дорои хусусияти ҳуқуқию давлатӣ ва ахлоқӣ буда, дар шакли ягонаи се илм: ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқ баён гаштаанд. Таълимоти ӯ паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоиро фаро гирифта, хоси танзими ҳуқуқии соҳаҳо ва институтҳои гуногуни ҳуқуқии ҷомеа мебошанд[7, с. 111].

Таълимоти давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар асоси ин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ, динӣ ва адабӣ бунёд ёфтаанд. Ӯ ҳама гуна қарори оқилона, ҳалли мушкилоти ҳуқуқиро бо ёрии муқаррароти адабиёти илмӣ ва таълифоти муттафакирони давр асоснок карда, баррасӣ ва ҳал намудааст. Ҳамчунин дар самти таҳқиқи ҳуқуқҳои раъият ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқ барои ӯ доктринаи ҳуқуқи мусулмонӣ (иҷма, иҷтиҳод, фатво, қиёс), санадҳои ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ, асарҳои олимону муттафакирони давр ва ғайра хизмат мекарданд. Ӯ меъёрҳои ҳуқуқиеро, ки дар сарчашмаҳои номбурда инъикос ёфтаанд, инчунин ақидаҳои асосгузорони мактабҳои мазҳабию ҳуқуқӣ ва асарҳои дигар фақеҳони исломро дар бораи меъёрҳои ҳуқуқ таҳлил намуда, дар ин асос қоидаҳои рафтори нисбатан мукаммали одамонро коркард карда, муносибатҳои ҳуқуқии онҳоро асоснок намудааст.

Мутафаккир дар асарҳои худ муқаррароти заминавии ҳуқуқи раъиятро баён карда, проблемаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти давлатро шарҳ додааст, ки онҳо пурра бо проблемаҳои муосири назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқат менамоянд. Низоми ҳуқуқии раъият, ки аз ҷониби ин муттафакири бузурги Шарқ коркард ва пешниҳод шудааст ниҳоят ҷолиб мебошад.

Бо мақсади нишон додани асоси ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии раъият ӯ амалан ҳамаи бахшҳои ҳуқуқ ва соҳаҳои он, хусусан, ҳуқуқи давлатӣ, андоз, ҷиноятӣ, гражданӣ, тиҷоратӣ, оилавӣ ва ғайраро таҳлил ва пешниҳод кардааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мутобиқ ба талаботи низоми ҳуқуқии даврони худ асосҳои назариявии ҳуқуқи раъиятро ба низом даровард, таъкид намудааст, ки «ҳуқуқи раъият ду навъ аст, зеро ки раият ду қисманд: мӯъмин ва кофир. Ва аҳкоми ҳуқуқи эшон ба ҳасби куфр ва ислом мухталиф мегардад. Аммо раияти мусулмононро бар подшоҳ ва ҳоким бист ҳақ аст. Ва қиём ба адои ин ҳуқуқ бар ҳоким ва подшоҳ воҷиб аст»[2, с. 129].

Мутафаккир зери мафҳуми «мӯъмин» шахсони пайравони динеро медонист ва дар иртибот ба мафҳуми «кофир» одамонеро мешинохт, ки ба ҳеҷ дине робита надошта, дар доираи ақидаҳои ҷудогона зиндагӣ менамоянд. Хоссатан «раъияти мусулмонон», ки мавзӯи таҳлили ҳуқуқии Алӣ Ҳамадонӣ қарор дошт, дорои ҳуқуқҳое мебошанд, ки дар сарчашмаҳои номбурда баён гаштаанд ва сарчашмаи ҳуқуқии мусулмонӣ меъёрҳои рафтори аҳли раъият мебошанд. Ӯ дар доираи таълифоти хеш дар пайравӣ ба низоми ҳуқуқи исломӣ ва фарҳанги ислом мақом, манзалат, вазъи иҷтимоию ҳуқуқӣ ва доираи ваколату иродаи сокинони ҷомеаи мусулмононро мавриди шарҳу таҳлил қарор додааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба мақсади рушду такомули шуури ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, фаҳмиши (идроки) ҳуқуқӣ, инчунин поён овардани шиддати «нодонии ҳуқуқӣ» (нигилизми ҳуқуқӣ)-и аъзоёни ҷамъият диққати ҷиддӣ зоҳир намудааст.

Аз таълимоти ӯ доир ба ҳуқуқҳои раъият ва бист ҳуқуқҳои онҳо нисбат ба роҳбари давлат маълум мешавад, ки вай ҷонибдори адолати иҷтимоӣ ва судӣ мебошад[8. С. 7.]. Муттафакир бо баёни ин бист «ҳақ» тамоми андешаҳои худро дар бораи адолати иҷтимоӣ ба адолатнокии подшоҳ, объективии ҳокимияти судӣ ва муносибати беғаразонаи фаъолияти ҳокимияти иҷроия нисбати раияти худ бурда мерасонад.

Ҳуқуқи якуми раъият (шаҳрванд) аз он иборат аст, ки «бо ҳама аҳли ҷомеа бо тавозӯъ бошад ва ба сабаби ҳукумат ва вилоят бар ҳеҷ мусулмон такаббур накунад ва яқин донад, ки Худованд душман медорад мутакаббиронро»[2, с. 129.].

Бо истифода аз фазилатҳои ахлоқӣ ба хотири оромии ҷомеа, таъмини амнияти шахсӣ Алӣ Ҳамадонӣ раъиятро дар такя ба ҳадисҳо ба «фурутанӣ», дур шудан аз «кибр»-у «такаббур», «ғурур», «фахр»-и беҷой ва ғ., ки ин ба ваҳдат ва ягонагии уммат таъсири манфӣ гузошта, раъиятро дар муқобили якдигар ва шикасту фалаҷии низоми қонунӣ мебарад, даъват менамояд. Ҳуқуқи дуввуми раъият он аст, ки «сухани авомро дар ҳаққи якдигар нашнавад, чи охири он ба фитна ва надомат кашад, хосса сухани фосиқонро ва соҳибғаразонро ва ҳасудонро ва таммоонро, зеро ки таммоъ халқеро ба тамаи луқмае биранҷонад ва ҳасуд ҷумлаи хунарҳоро айб донад. Ва уламо гуфтаанд: Ҳар ки айби дигаронро ба ту расонад, бешак, айби туро ба дигарон барад.

Маҳз дар ин хусус Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон низ чуни қайд кардаанд: «… таълимоти ӯро ақидаву андешаҳои сулҳпарварона ва таҳаммулгароёна ташкил медиҳанд. … Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо мардуми гуногун ва мухталифандеша ҳамеша аз роҳи сулҳу салоҳ ва одобу маърифати баланди инсонӣмуносибат карда, пайравони зиёде пайдо кардааст»[10, с. 11-12.].

Алии Ҳамадонӣ қайд мекунад, ки амалҳои зишт ба воситаи ҳуқуқ ва меъёрҳои амалкунандаи замон манъ карда шудаанд ва содир кардани он ғайриқонунӣ дониста мешаванд. Ӯ боадолатии иҷтимоӣ медонад, ки раъият ба «суханчин»-и хабаркаш, ки дар замони мо низ хеле пеш рафтааст, фош кардани «айби» мардум машғул шаванд. Ин коре аст, ки ба он «фосиқон», «соҳибғаразон», «туҳматгарон», «ҳасудон», ки шахсони фитнаҷӯй ва надоматгар буда, аз меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳои давлатӣ даст кашидаанд ва ҷамъиятро ба гурӯҳҳои бо ҳам муқобил ҷудо меандозанд, то фоидаеро ба даст биёранд. Чунин амалҳо дар рафтор ва гӯфтори баъзе аз мухолифони давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ солҳои охир бараъло мушоҳида мешаванд.

Ҳуқуқи севвум доир ба масъалаи авф гуноҳи инфиродии ҳар як аъзои ҷомеа буда, ба қавли Алии Ҳамадонӣ «… чун ба ҷиҳати зиллате ё тақсире бар мусулмоне ғазаб кунад ва

ваҷҳи имкони афв бошад, аз се рӯз зиёда таъхири афв накунад, магар ғазаб ба ҷиҳати амре карда бошад, ки дар он нуқсони дин бошад. Чун дар ин маънӣ ҳама умр ӯро маҳҷур гардонад, раво бувад. Аммо дар умури дунявӣ афв авлотар»[2, с. 129-130.].

Чи тавре мебинем, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз самтҳои асосии идеологияи замони худро дар инсонпарварӣ, авфи гуноҳони якдигарӣ ва бахшояндагӣ мебинад. Ба хотири амнияти саросарии ҷомеа ва пирӯзии адолати судӣ роҳбарони давлат, мансабдорон, шахсиятҳои алоҳида ва сохторҳо, институтҳои дахлдорро бе гузашти гуноҳҳои якдигарӣ даъват менамояд. Барои исботи андешаи худ дар масъалаи авф ва бахшидани гуноҳи якдигарӣ аз ҷониби аҳли ҷомеа, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, мисолеро аз Юсуф Пайғамбар овардааст, ки мутобиқи он: «Худованд ваҳй кард ба Юсуф ки: Эй Юсуф, бад-он ки бародарони худ афв кардӣ, номи туро баланд гардонидам»[2, с. 130.].

«Дар таълимоти муттафакири соҳибфазл мақоми инсон басо арзишманду баланд ба ҳисоб меравад ва баробарии мардум, сарфи назар аз мақому мансаб, талқин гардида, нобаробариҳои иҷтимоӣ маҳкум карда мешаванд Ин худ як навъ ҳимоя аз манфиатҳои инсонӣ аст»[10, с. 11-12.].

Воқеан дар тамоми асарҳои мутафаккир манфиатҳои инсон ба назар гирифта шудаанд. Онҳо аз нуқтаи назари инсондӯстӣ, баробарҳуқуқӣ, адолатнокӣ таҳлилу таҳқиқ гаштаанд. Вай зери мафҳуми манфиатҳои инсон он арзишҳоеро дар назар дорад, ки ҷомеаи исломӣ ва умуман инсон бояд ҳамеша ба он кӯшиш намояд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ӯ манфиатҳои инсонро ба якчанд навъҳо таснифбандӣ намудааст: ба манфиатҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра[1, с. 336-344.].

Ҳаққи чаҳор ба он масъала бахшида шудааст, ки мутобиқи он адолату эҳсони роҳбар бояд ҳам неконро ва ҳам бадонро дар бар гирад: «Ҳаққи чаҳорум он, ки файзи адл ва эҳсон бар ҷамеи раоё ом гардонад ва дар нашри осори эшон миёни аҳл ва ноаҳл тамиз накунад»[2, с. 130.], зеро донотарин ва «фозилтарин ақл баъди имон дӯстӣ кардан аст бо халқ ва некӣ кардан аст бо некон ва бадон»[ 2, с. 131.].

Чи тавре мебинем муттафакир дар асарҳои худ проблемаҳои фарҳангию ахлоқии инсонро бардоштааст, ки ҳалли қатъии худро надоранд. Онҳо ба ҳамаи инсонҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи он дахл доранд, ки имрӯз ба масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон мубаддал гаштаанд. Вай ҷабҳаҳои гуногуни мустаҳкамнамоии ҳуқуқии имтиёзҳо ва манфиатҳои инсонро баррасӣ намуда, зери мафҳуми «манфиатҳои инсон» дар маҷмӯъ низоми арзишҳои умумиинсонии исломиро дар назар доштааст. Дар асл манфиатҳои инсон бо роҳи амалигардонии имкониятҳои онҳо таъмин карда мешаванд, бинобар ин, дар бораи ҳуқуқҳои инсон танҳо баъди ба ҳисоб гирифтани ин муқаррароти муҳим метавон таъкид сохт, ки онҳо аз идеали ҳуқуқӣ ба амалия табдил ёфтанд[6, с. 62-65.].

Дар доираи ҳуқуқҳои раъият Алии Ҳамадонӣ баъзе масъалаҳои муҳиме, ки ба амнияти шахс, молу мулк ва озодиҳои ӯ бахшида шудаанд, диққати хеле муҳим зоҳир кардааст. Масалан, дар бахши ҳуқуқи панҷум овардааст, ки «ба сабаби таҷаббури ҳукумат ба истило назар дар ҳарами мусулмонон накунад ва бе истизон дар манзил ва махозини раоё наравад». Агар иҷозат додандӣ, даромадӣ, вагарна бозгаштӣ ва наранҷидӣ». Ин амал худ маънои се бор иҷозат хостан дошт: «Бори аввал, бишнаванд, бори дуюм, худро ва ҷойро рост созанд, бори саввум, ба ҷиҳати маслиҳат иҷозат диҳанд ё манъ кунанд»[2, с. 131].

Ҳадаф аз ин гуфтаҳои мутафаккир аз он иборат аст, ки дар ҷомеа бояд ба масъалаҳои рушду инкишофи шуури ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқӣ аҳамияти бузург дода шавад. Ҳамин аст, ки вай ба ҳадисҳо рӯй оварда, онҳоро ба сифати ганҷинаи меъёрҳои рафтори раъият баҳо медиҳад ва аҳли ҷомеаро барои иҷрои бечуну чарои онҳо даъват месозад.

Дар ҳамин шакл мутафаккир вазъи ҳуқуқии раъиятро бо тартибу мантиқи муайян баён сохта, дар ҳуқуқи шашуми раъият таъкид мекунад: «Ҳаққи шашум он, ки мухотаба ва муомала бо аснофи халқ бар қадри маротиб ва дараҷоти ҳар кас бувад. Аз аҷлоф ва авбош иборати латиф чашм надорад ва аз ҷуҳҳоли омма фасоҳат ва балоғат наҷӯяд ва аз кӯҳӣ ва биёбонӣ адабӣ маҷлиси ашроф наталабад. Ва таклифи ҳар кас ба қадри ҳоли ӯ кунад ва ҳар

қавмро дар мартабаи ӯ маъзур дорад ва аз мувоҷаҳати ҳеҷ кас истинкоф накунад»[2, с. 131-132.].

Дар ин бахш Алии Ҳамадонӣ шоҳон ва давлатдоронро ба иҷрои меъёрҳои рафтор, ки моҳиятан худ меъёрҳои ҳуқуқ мебошанд, даъват намуда, пешниҳод месозад, ки на ҳама мардуми салтанат дорои фарҳанги маънавӣ ва модӣ мебошанд. Зеро ҳар кадоми онҳо аз табақоти мухталиф, гурӯҳи нобаробар иборат мебошанд. Аз ин рӯ, аз мардуми duздпеша ва авбош талаб кардани «иборати латиф», аз мардуми омма «фасоҳат ва балоғати» забонӣ, аз кӯҳистониён ва кӯчиёни биёбон ахлоқу «одоби маҷлиси ашроф» талабидан ғайриимкон аст. Бояд ҳар қавму гурӯҳро дар мартабаи худаш пазируфт ва дар ин самт аз меъёрҳои ҳуқуқии онҳо баробар дифоъ кард. Ин ҷо муттафакир бо истифода аз асосҳои динию дунявие, ки муносибати байни шоҳу раъиятро муайян месозанд рӯ меорад. Ӯ мехоҳад бо ин роҳ масъалаҳои муҳими рафтори аҳли ҷомеаро ба танзим дарорад.

Муттафакир тарафдори давлати монархӣ буда, ба сарвар эҳтиёҷ доштани одамонро пеш аз ҳама дар гуногун будани онҳо мебинад. Ба қавли ӯ сарвар онҳоро аз ҷабру зулми якдигар эмин дошта, муносибатҳои байни онҳоро мураттаб менамояд. Мувофиқи дарки муттафакир чунин шахс танҳо шоҳи одилу оқил шуда метавонад[3, с. 589].

Дар афкори иҷтимоии хеш муттафакир ба се рукни асосии ҷамъият: шоҳ, раият ва давлат диққати ҷиддӣ дода, нисбат ба онҳо андешаҳои ҷолиберо пешниҳод намудааст. Ба қавли ӯ ҷамъияти инсонӣ мавҷудияти аркони зикршуда: раъият, давлат ва шоҳ ҳукми зарурат бошад ҳам, лекин таркиби зуҳур ва амалиёти онҳодар ҳаёти ҷамъиятӣ гуногун мебошад. Раият нисбат ба шоҳу давлат рукни муҳимтар мансуб ёфта, дар ҳаёти иҷтимоӣнақши ҳалкунандаро иҷро менамояд. [3, с. 590].

Чи тавре аз ҳаққҳои охир маълум мешавад Алӣ Ҳамадонӣ дар доираи таълимоти худ дар атрофи бисёр масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки ба ҳимояи ҳуқуқҳо раъият ва ё шаҳрвандӣ бахшида шудаанд, мехоҳад мушкилоти раъиятро аз мавқеи инсонпарварӣ ҳал намояд. Вай зери мафҳуми ҳуқуқии халқ, раъият он қисмати аъзами аҳолиеро дар назар дорад, ки ҳаётдиҳандаи ҷомеа, қишри асосии он буда, нигаҳбони ҷомеа ба ҳисоб меравад ва аҳкоми диниро риоя менамояд. Аз ин рӯ, ба ақидаи мутафаккир, ҳуқуқ ва вазифаҳои раъият бояд дар баъзе ҳолатҳо аз «ақвиё ва ағниё» (дорандагон) ва бо ҳуқуқ ва вазифаҳои дигарон дар ҷамъияти исломӣ мутаносиб бошад. Ба ақидаи вай халқ дар ҷамъияти исломӣ бо дигарон баробарҳуқуқ ба ҳисоб мераванд, аммо чунин муносибатҳои ҳуқуқие вуҷуд доранд, ки дар онҳо ба ҳар ҳол ҳуқуқҳои вай маҳдуд карда мешаванд. Халқ ҳамеша дар ҷамъият мақоми сазовори худро ишғол менамоянд.

Ҳамин тариқ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба таври мухтасар ҳуқуқҳои мусулмононро муайян намуда, барои ҳимояи онҳо харакат мекунад. Дар боби ҳуқуқ сухан ронда, ӯ асосан уҳдадориҳои касро муайян мекунад. Чунки дар натиҷаи ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадори аз ҷониби як кас, албатта ҳуқуқҳои фарди дигар амали мегарданд. Маҳз ҳамин нуктаи назарро ҷонибдори намуда, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои як кас иҷрои уҳдадориҳои каси дигарро шарт мешуморад.

**_Адабиёт_**

1. Аламхон Кучаров. Шинохти нафс аз нигоҳи Амири Кабир / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Замони ӯ ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ / Мураттибон А.Раҷабов, М.Каримзода. Душанбе, 2015. – С. 336-344.
2. Асозода Х., К. Турдиев. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. - Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 129.
3. Гулаҳмадов Ш., Бобоев С. Мири сияҳпӯш ва ҷомеаи муслимин / / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Замони ӯ ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ / Мураттибон А.Раҷабов, М.Каримзода. Душанбе, 2015. –С. 589-590.
4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Феҳристи осор ва адабиёт доир ба ӯ / Мураттибон Ш. Комилзода, С.Иброҳимова/ Муҳар. Қ.Буриев. Душанбе: Аржанг, 2015. 128 с.;
5. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Замони ӯ ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ / Мураттибон А.Раҷабов, М.Каримзода. Душанбе, 2015. -757 с.

6. Ҷаббор Ш. Сиёсати мулкдорӣ ва масъулияти ҳокимон аз диди назари Алии Ҳамадонӣ [Матн] // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ. -1994. -№1. –С. 62-65.
7. Султанов, М. К характеристике мировоззрения Али Хамадани: онтологические и гносеологические аспекты [Текст] // Материалы юбилейных конференций молодых ученых Академии наук Таджикской ССР (общественные науки). –Душанбе, 1976. – С.110-114.
8. Султонзода М. Ҳикмати ирфонии Алии Ҳамадонӣ // Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб (иборат аз чаҳор ҷилд). Ҷилди 2. Душанбе: Ирфон, 1995- С. 6.
9. Шамолов А.А. Баъзе масоили ҳикмати амалии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Фарҳанг. 1995, №1-3, -С. 7-10.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Муттафакир, шоир ва орифи бузург / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: Замони ӯ ва нақши он дар тамаддуни Осиёи Марказӣ / Мураттибон А.Раҷабов, М.Каримзода. Душанбе, 2015. – С. 11-15.

## ИНЪИКОСИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ВАЗЪИ СИЁСИИ АСРИ XIV ДАР ЭҶОДИЁТИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Ин мақола ба рӯзгор ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (Мир Алии Ҳамадонӣ), мутафаккир, файласуф ва шахсияти барҷастаи тасаввуф, ки осори ӯ дар рушди афкори иҷтимоӣ, ба хусус дар арсаи ҳуқуқ, сиёсат асари қобили мулоҳизае доштааст, матраҳ шудааст. Асарҳои ӯ, ки на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Эрон, Покистон, Ҳинд ва Афғонистон маъруфанд, доираи васеи мавзӯъҳои идораукниро дар бар мегиранд. Онҳо системаи сиёсӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ахлоқ ва маънавиятро дар бар мегиранд.

Дар ин мақола ба ҷанбаҳои ҳуқуқии осори ӯ таваҷҷӯҳи хоса дода шудааст. Асарҳое чун «Захиратул-мулук», «Давоту-л-кулуб», «Минхоҷ ал-орифин», ки у ҳуқуқро дар доираи анъанаҳои ҳуқуқии исломӣ танзимгари универсалии муносибатҳои иҷтимоӣ медонад, таҳлил карда мешавад. Саъю кушиши у дар роҳи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандӣ, таъмини амнияти онҳо, даъват ба идоракунии одилона таъкид мешавад. Ҳамадонӣ бо таҳлили ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи шаҳрвандӣ, аз ҷумла ҳуқуқи давлатӣ, андоз, ҷиноятӣ, шаҳрвандӣ ва оилавӣ консепсияи ҳамкории ҳаматарафаи ҳуқуқ, сиёсат ва ахлоқро таҳия кардааст. Вай инчунин барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва мубориза бо нигилизми ҳуқуқӣ кор кардааст.

Дар ҷамъбаст зикр мегардад, ки андешаҳо ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки ба сарчашмаҳои мазҳабӣ, фалсафӣ ва ҳуқуқӣ асос ёфтаанд, дар замони мо ҳам аҳамияти худро дошта, барои дарки низоми ҳуқуқӣ-ҳукуматии муосир заминаи муҳим доранд.

**Калидвожаҳо:** Мир Сайид, фалсафаи исломӣ, тасаввуф, ҳуқуқ, сиёсат, ахлоқ, идоракунӣ, ҳуқуқи шаҳрвандон, огоҳии ҳуқуқӣ, Тоҷикистон, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Афғонистон.

## ОТРАЖЕНИЕ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ И ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ XIV ВЕКА В ТРУДАХ МИРА СЕЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

Данная статья посвящена жизни и творчеству Мира Сейида Али Хамадани, мыслителя, философа и видного деятеля суфизма, чьи труды оказали значительное влияние на развитие общественной мысли, особенно в области права и политики. Его работы, популярные не только в Таджикистане, но и в Иране, Пакистане, Индии и Афганистане, охватывают широкий спектр административных тем. Они включают в себя политическую систему, правовые нормы, этику и духовность.

В данной статье особое внимание уделяется правовым аспектам его творчества. Анализируются такие работы, как «Захират аль-Мулук», «Дават аль-Кулуб» и «Минхадж аль-Арифин», в которых он рассматривает закон в рамках исламской правовой традиции как универсальный регулятор социальных отношений. Подчёркиваются его усилия по защите гражданских прав, обеспечению их безопасности и призывы к справедливому правлению. Хамадани, анализируя различные аспекты гражданского права, включая государственные, налоговые, уголовные, гражданские и семейные права, выдвинул концепцию всестороннего взаимодействия права, политики и морали. Он также стремился к повышению осведомлённости и правовой грамотности в обществе и борьбе с правовым нигилизмом.

В заключение отмечается, что идеи и труды Мира Сейида Али Хамадани, основанные на религиозных, философских и правовых источниках, по-прежнему актуальны в наше время и обеспечивают важную основу для понимания современной правовой и правительственной системы.

**Ключевые слова:** Мир Сейид, исламская философия, суфизм, право, политика, этика, правительство, гражданские права, правовая осведомлённость, Таджикистан, Иран, Пакистан, Индия, Афганистан.

## THE REFLECTION OF LEGAL ENLIGHTENMENT AND THE POLITICAL SITUATION OF THE 14TH CENTURY IN THE WORKS OF MIR SAYYID ALI HAMADANI

This article is dedicated to the life and works of Mir Sayyid Ali Hamadani a thinker, philosopher, and prominent figure of Sufism whose writings significantly influenced the development of social thought, particularly in the fields of law and politics. His works, popular not only in Tajikistan but also in Iran, Pakistan, India, and Afghanistan, cover a wide range of administrative topics. They include the political system, legal norms, ethics, and spirituality.

This article pays particular attention to the legal aspects of his work. Works such as "Zakhirat al-Muluk," "Dawat al-Qulub," and "Minhaj al-Arifin," in which he considers law within the framework of Islamic legal tradition as a universal regulator of social relations, are analyzed. His efforts to protect civil rights, ensure their security, and calls for just governance are emphasized. Hamadani, analyzing various aspects of civil law, including state, tax, criminal, civil, and family law, put forward the concept of a comprehensive interaction of law, politics, and morality. He also strove to raise awareness and legal literacy in society and combat legal nihilism.

In conclusion, it is noted that the ideas and works of Mir Sayyid Ali Hamadani, based on religious, philosophical, and legal sources, remain relevant in our time and provide an important basis for understanding the modern legal and governmental system.

**Keywords:** Mir Sayyid, Islamic philosophy, Sufism, law, politics, ethics, government, civil rights, legal awareness, Tajikistan, Iran, Pakistan, India, Afghanistan

**Дар бораи муаллиф:**
Калонов Фатҳидин Мирзошарифович,
унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ факултети ҳуқуқшиносӣ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 907750331
E-mail: kalonovfathiddin@gmail.com

**Об авторе:**
Калонов Фатхидин Мирзошарифович,
Таджикский национальный универстет,
соискател кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 907750331
E-mail: kalonovfathiddin@gmail.com

**About the author:**
Kalonov Fathiddin Mirzosharifovich,
applicant for Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law.
Tajik National University.
Adres: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ave. Rudaki, 17.
Тел.: (+992) 907750331
E-mail: kalonovfathiddin@gmail.com

ТДУ 32+94(575.3) +008+81'27

# СИЁСАТИ ДУРБИНОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ОИД БА ЭҲЁ, ТАҲКИМ ВА РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

***Шарифзода А.А.***
*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

Забон ҳастии миллат аст! Барҳақ, забони ҳар қавму миллат инъикосгари фарҳангу тамаддун ва соҳибдавлатии ҳар миллат аст. Аз ин ҷост, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар баромаду мулоқотҳои хеш махсус таъкид менамоянд, ки посдории забони ноби тоҷикӣ – посдории миллату давлат ва аҷдоду авлод аст. Роҳбари давлат забони миллиро муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлативу сиёсӣ ва истиқлоли давлатиро омили воқеии эҳё ва такомули забони миллӣ маънидод кардаанд [6, с. 93, 166].

Яке аз падидаҳои бузурги даврони Истиқлолияти давлатӣ – ба даст овардани истиқлолияти забонӣ ва дар мақоми забони давлатӣ қарор додани забони тоҷикӣ мебошад. Дар ин муддат тариқи амалисозии сиёсати огоҳонаву мудаббирона дар бораи забон – муҳимтарин рукни пойдории миллат забони миллӣ ба ҳайси забони давлатӣ дар умури сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ мақому мартабаи махсус касб кард [7, с. 48].

Яке аз нуктаҳои вежае, ки аз мақолоту ақидаронихои Пешвои миллат маншаъ мегиранд, он аст, ки забон дар қатори таъриху фарҳанг ва маънавият аз омилҳои бунёдист, ки ҳувияти миллиро ташаккул медиҳад, симои миллатро муайян мекунад, мақоми онро дар таърих ва дар миёни ҷомеи миллатҳо мушаххас месозад. Ҳанӯз 22 июли соли 1996 Президенти кишвар дар Рӯзи ҷашни забон фармуда буданд: “Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд” [4, с. 69].

Шоёни зикри хос аст, ки мулоҳизаву ақидаҳои ҷолибу пурмуҳтавои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон дар аксари шоҳасару мақола ва суханрониҳояшон, аз ҷумла китобҳои “Тоҷикон дар оинаи таърих”, “Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ”, “Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ” ва “Забони миллат – ҳастии миллат” ифода ёфтаанд. Бавежа, завқмандони забони ноби тоҷикӣ имкон доранд, ки таърихи забони моро аз ҷилдҳои якуму дуюми “Забони миллат – ҳастии миллат” омӯхта, шоҳиди саргузаштҳои забони модарии мо бо ҳама шебу фароз ва комгорию нокомиҳои он аз даврони ташаккул то ибтидои асри XX гарданд. Дар китоби мазкур, ки бо гуфтаҳои беназири муаллиф “Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад” оғоз мёёбад, Пешвои муаззами миллат дар асоси таҳлилу бардоштҳои илман асоснок чунин тазаккур додаанд: “Таърихи давлатдории ориёӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои бостонии мо ҳамеша кӯшиш ва ҷаҳду ҷадал мекарданд, ки барои устувор сохтани пояҳои давлатдорӣ ва ба вуҷуд овардану мустаҳкам намудани давлатдории миллӣ ва ваҳдату ягонагӣ аз унсури забонӣ истифода бурда, барои рушду тараққӣ ва густариши забони модарии хеш тадбирҳои мушаххас андешанд.... Яке аз вижагиҳои аслии бисёр муҳими забони мо хосияти баҳамоварӣ ва ё ваҳдатофарии он аст. Ин хусусият сипас дар ташаккули он ба унвони як забони умумӣ барои мардуми эронитабор нақши муассир бозид.” [2, с. 14-15]

Тавре Президенти мамлакат дар китоби дигари худ “Чеҳраҳои мондагор” қайд кардаанд: “Ифтихор аз таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои наҷибу ҷовидонаи миллат як рукни бисёр муҳими истиқлолияти давлатӣ мебошад... Зеро эътиқод ва эътимод доштан ба таърих, фарҳанг ва адабиёт такягоҳи устувори миллат ба шумор меравад” [3, с. 5].

Забони тоҷикӣ танҳо дар замони Истиқлолияти давлатӣ пушту паноҳ ва ҳомиву сипари асили худро дар симои Президент Эмомалӣ Раҳмон дарёфт намуд. Сарвари давлат бо камоли ғамхорию заҳматҳои шаборӯзӣ дар баробари дигар арзишҳои миллӣ муқаддас будани забонро борҳо талқин сохта, дар ҷодаи ҳифзу гиромидошт ва эҳёи он пофишориҳои зиёде карда, миллати куҳанбунёди моро барои поку беолоиш ва муқаддас нигоҳ доштани ин ёдгории беназири ниёгон ҳидоят намуданд. «Насли имрӯз ва фардои мо бояд дар зеҳни худ забони модариро ҳамчун муқаддасоти миллӣ ва волотарин арзиши фарҳангӣ парвариш дода, аз таърихи забони модарии хеш ва осори он огоҳӣ дошта бошанд» [1, с. 130].

Дар зимни ҳофизаи таърихии забони тоҷикӣ бояд афзуд, ки агар Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ бо сухани ноб забони модарӣ ва илму адаби моро умри ҷовидона бахшида бошад, пас ойини давлатдории ниёгонамонро, ки аз аҳди Ҷамшед, давлатҳои Каёниён, Ҳахоманишиёну Кушониён, Ашкониёну Сосониён, давлатҳои Суғду Бохтар, Хоразму Парфия, Ҳайтолиён ва Тоҳириёну Саффориён ба мерос монда буд, амирони Оли Сомон, бахусус Шоҳ Исмоили Сомонӣ бо такя ба ҳидоятҳои аҳли илму хирад аз нав эҳё намуданд. Исмоили Сомонӣ фарҳанги давлатдориро ба ҳадде мукаммалу муназзам сохт, ки тайи беш аз ҳазор соли ҳукмронии баъдии бегонагон ин низоми давлатдорӣ ва забони коргузории он, яъне забони ноби тоҷикӣ қариб бетағйир боқӣ монд [8, с. 4].

Бино ба назари коршиноси ҳирфаии соҳа, сиёсати забонгустарии Исмоили Сомонӣ ва дигар амирони ин сулолаи некном чунон қавӣ пайрезӣ шуда буд, ки хонадонҳои баъдии ғайримаҳаллии фармонраво, аз қабили Қарахониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён, Чингизиён, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён ва амирони силсилаи Манғития бечунучаро аз ин сиёсат пайравӣ кардаанд. Дар баробари ин, Салҷуқиён мунодии ин забон дар Осиёи Сағир ва Ғазнавиёну Темуриён ҳомили он дар сарзамини Ҳинд будаанд. Саҳифаҳои рангини таърихи бостонии мардуми бонангу номус ва пуршарафи мо гувоҳи онанд, ки давлатдории миллӣ ҳамеша ба забони тавонои пӯёву поё ва забони миллӣ дар навбати худ ба давлати мустақил ва пешвову давлатдори ҳомию нигаҳбони забон ниёз доштааст. Таърихи мардуми деринарӯзгори мо ҳамчунин бозгӯи он аст, ки марҳалаҳои рушди таърихи забони модарӣ низ ба зуҳури шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ пайванди ногусастанӣ доранд. Дар ин қарина, Пешвои миллат аз рӯзҳои нахустини ба мақоми роҳбарӣ расидан, тақдири давлату миллат ва забони давлатиро бо ҳам тавъам шумурда, бақои давлатро дар паноҳи забон ва забонро дар паноҳи давлат эълом доштанд [5, с. 3-7].

Забони тоҷикӣ, бидуни шакку шубҳа, шиносномаест, ки халқу миллат ва фарҳангу тамаддуни онро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад. Ин забон аз замонҳои бостонӣ ба худ нишонаҳои забони классикиро дошта, дар ҷаҳон ба таври густарда вусъат пайдо кардаву асрҳо ба ҳайси забони фарҳангу адаб, савдову тиҷорат ва муоширату гуфтушуниди дипломатии Осиёи Марказӣ истифода мешуд. Забони тоҷикии дарӣ чун шиносномаи давлати Сомониёни тоҷикзабон азамату шукӯҳи давлатдорӣ ва фарҳанги беназири онро дар арсаи сиёсат, давлату давлатдорӣ, фарҳанг ва маънавиёти ҷомеаи башарӣ ба таври барҷаста падид овард [9, с. 24].

Тавре Пешвои миллат дар яке аз суханронияҳояшон тазаккур додаанд, дурахши истеъдодҳои нотакрор, ба мисли Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Сино, Берунӣ, Хайём, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Мавлоно Балхӣ ва Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Соиб, Сайидо, Бедил, Шоҳин ва садҳо нафари дигар барои ғановату мондагории забони ширини тоҷикӣ нақши барҷаста бозида, ҳам дар шеъру адаб ва ҳам дар илму фан забони модарии моро барои ифодаи маъниҳои нозуки бадеӣ ва андешаҳои дақиқи илмӣ қудрату тавон бахшидаанд, ки ҳамаи ин аз баракати сулолаи Сомониён ба шумор меравад [15]. Дар давраҳои баъдӣ танини ҷонбахши забони модарӣ ва забони офаридаҳои Аҳмади Дониш, Айнию Лоҳутӣ, Турсунзодаву Улуғзода ва дигарон дар ақсои олам аз эҳёи дигарбораи забону фарҳанги ҳазорсолаи тоҷикон мужда расонид [5, с. 8].

Бо ифтихор метавон гуфт, ки дар Ватани маҳбуби мо забони давлатӣ зери пуштибонию ғамхории бевоситаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад ва 6 октябри соли 2009 ба

хотири ҳимоят ва рушди фарогири забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ бо пешниҳоди Президенти кишвар Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Қонуни мазкур истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигарро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту идораҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва хоҷагиҳои деҳқонию соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд [10, с. 284].

Бо талошу кӯшишҳои фаровон ва ибтикороти бевоситаи Пешвои миллат забони тоҷикӣ ҳамчун забони миллӣ ва давлатӣ дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик дар мақому манзалати забони илм, маориф, фарҳангу санъат, коргузории давлатӣ, қонунгузорӣ, матбуот, равобити дипломатӣ, муошират байнимардумӣ ва тиҷорат қарор дошта, ба таври озод дар умури сиёсати дохиливу хориҷӣ истифода мешавад. Дар масири солҳои пурфайзи Истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикӣ аз минбарҳои бонуфузи сатҳи байналмилалӣ садо дода, соҳибдавлатӣ, тамаддунофарӣ ва соҳибмаърифатии миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ ва тарғиб мекунад. Дар моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати забони давлатии Тоҷикистон эътироф гардидани забони тоҷикӣ ва қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки иқдоми наҷиби Пешвои миллат буд, дар таърихи забони тоҷикӣ як саҳифаи наверо боз намуд. Забони тоҷикӣ он имконотеро, ки дар тӯли таърих бо таъқибу фишори бегонагон аз даст дода буд, дубора соҳиб шуд. Ин Қонун барои рушди забони тоҷикӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва илмиро фароҳам оварда, ҳамзамон барои истифодаи озоди забонҳои дигар, аз ҷумла забонҳои модарии ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳои сокини кишвар шароити муносиб муҳайё сохт [1, с. 130].

Тадбиру талошҳои хастагинопазири Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди пургустариши сиёсати фарҳангии ӯ муҷиби эҳёи манзалати таърихии забони тоҷикӣ гардид, ба фаъолиятмандии забони миллӣ дар ҷомеа вусъат бахшид, ҳуқуқҳои поймолшудаи онро барқарор намуд, заминае фароҳам овард, ки забони давлатии Тоҷикистон рисолати иҷтимоии худро ба сомон расонад. Таҷлили ҷашни Рӯзи забони тоҷикӣ, Соли забони тоҷикӣ эълон шудани соли 2008 якҷо бо ҷашни 1150-солагии одам-уш-шуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, таҳия ва қабули Қонуни нави забон, Барномаи давлатии рушди забони давлатӣ, таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амри бунёди Конуни забон барои равнақу ривоҷи забони модарӣ шароити муносиби сиёсиву маъмурӣ ва маънавиро муҳайё намуд [4, с. 70].

Бо дарназардошти амалисозии босамари Қонуни забон ва риояи меъёрҳои забони адабӣ дар суханронии хеш Пешвои миллат ба муносибати Рӯзи забон ҳанӯз 22 июли соли 1996 масъалаи таҳия ва тасвиби Қоидаҳои имлои забони тоҷикиро аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ карда буданд. Сабаб он буд, ки дар давраи қабули Қонуни забон дар соли 1989, ҳамзамон зарурати таҳияи Қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ пеш омада буд ва имлои соли 1972 ҷавобгӯйи ҳама хусусиятҳои забони меъёр ва марҳилаи кунунии рушди забони тоҷикӣ буда наметавонист. Аз ин рӯ, Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ 3 марҳилаи тағйиру такмилдиҳиро (солҳои 1998, 2011 ва 2021) паймуда, ахиран ба хотири дурустнависии аҳли ҷомеа бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №268 “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ” ва “Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ” тасдиқ ва барои истифодаи умум интишор шуданд. Барои зина ба зина амалӣ шудани сиёсати забони давлатӣ таҳия ва пешниҳоди Барномаи нави рушди забони давлатӣ (Барномаи қаблӣ солҳои 2012-2016-ро фаро гирифт) зарур буд, ки аз мақоми конститутсионии забони тоҷикӣ маншаъ гирифта, барои дурнамои рушди сиёсати забони давлатӣ дар ҷомеа заминаҳои ҳуқуқӣ, моддӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ фароҳам овардан ва истифодаи забони давлатӣ дар умури иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ, муайян кардани қонуниятҳои дохилии ташаккули таърихӣ ва меъёрҳои забони адабӣ, ҳамчунин таъмини ҳамаҷонибаи рушди забони давлатӣ дар ҳолати ҷаҳонишавӣ ва фаро гирифтани луғоту истилоҳоти муосир бо корбасти имконоти дохилии забон мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин росто, Қарори Ҳукумат “Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030” аз 28 ноябри соли 2020, №647 тасдиқ гардид [9, с. 25]. Барномаи мазкур маҷмуи

чорабиниҳоро барои рушди даҳсолаи забон муайян карда, ба қавли Пешвои миллат, "мо соҳибзабононро вазифадор менамояд, ки содиқона ва бо эҳсоси баланди худшиносиву худогоҳӣ аз пайи иҷрои масъалаҳои дар он пешбинишуда бошем".

Бино ба андешаронии ҳои коршиносон, Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 ҳадаф, вазифа, самтҳои асосӣ, усулҳои татбиқ ва натиҷаҳои ниҳоии амалисозии сиёсати давлатиро оид ба забон муайян намуда, муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро татбиқ намуда, ба ташаккули забони илм, рушди истилоҳоти тахассусӣ, таҳияи дастурҳо, эҳёи номҳои миллӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва мавзеҳои ҷуғрофӣ мусоидат менамояд. Дар баробари ин, Барнома ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои сиёсати давлатӣ оид ба забон равона шуда, барои рушду густариш ва баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ нақши муҳим дошта, бобати инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меорад. Дар Барнома сиёсати давлатӣ оид ба забони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои байналмилалии баробарии забонҳо муайян гардида, дар ташаккули худшиносиву худогоҳии шаҳрвандон, таҳкими ҳисси ватандӯстӣ ва рушди ҷаҳонбинии сиёсиву фарҳангии аҳли ҷомеа аҳаммияти махсус медиҳад. Барномаи нави рушди забони давлатӣ дар ду марҳила ва шаш самт роҳандозӣ мегардад. Марҳилаи аввал солҳои 2020-2025-ро дар бар гирифта, дар ин давра барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории соҳавӣ лоиҳаҳо таҳия мегарданд. Марҳалаи дуюм солҳои 2026-2030-ро фаро гирифта, аз роҳҳои амалисозии масъалаҳои таҳқиқотии омӯзиши назорат ва ташкилӣ иборат мебошад. Дар барнома таъмини рушди забони давлатӣ аз рӯи якчанд самт, аз ҷумла андешидани тадбирҳо барои таъмини заминаи меъёриву ҳуқуқӣ, таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалияи забони давлатӣ, таҳия ва нашри фарҳангномаҳо ва дастурамалҳо, омӯзиш, назорат, таҳлил ва амалӣ сохтани сиёсати давлатии забон, ҳифзи забонҳои миллатҳо ва халқиятҳои ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, он забонҳое, ки дар мамлакат мавриди истифода қарор доранд, муайян мегарданд. Бо инобати масъалагузориҳои зайли Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ як бахши муҳими Барнома ба ҳифзи забонҳои яғнобӣ ва бадахшонӣ бахшида шудааст: «Имрӯзҳо Тоҷикистон аз ҷиҳати боигарии забонӣ музейи зиндаи таърихӣ аст. Чанде аз забонҳои қадим, ки шомили гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ мебошанд, дар Бадахшон ва соҳилҳои болоии дарёи Зарафшон маҳфуз нигоҳ дошта шудаанд. Ин забонҳо хазинаи махсусе барои омӯзиши таърихи забонҳо дониста мешаванд, ки ҳифзу баррасии илмии онҳо бояд муҳайё карда шавад… Тағйироте, ки дар асоси талаботи давраи нави таърихи миллати мо ба вуқӯъ мепайванданд, забонҳои помириро ба тағйироти сифатӣ дучор хоҳанд намуд, вале мо бояд кӯшиш ба харҷ диҳем, то ин забонҳоро ба сифати бойигарии маънавии миллӣ нигаҳ дошта бошем» [11].

Барнома масъалаи омӯзиши дигар забонҳоро ҳам пешбинӣ мекунад ва ҳамзамон бо донистани забони давлатӣ, аз худ кардани на камтар аз ду забони дигар асоси сиёсати давлат дар бораи забонро ташкил медиҳад. Бино ба таъкиди Роҳбари давлат, донистани якчанд забон, ки аз анъанаҳои деринаи гузаштагони бузургамон сарчашма мегирад, имрӯз ҳама қишрҳои ҷомеа, махсусан насли наврасу ҷавонро водор месозад, ки дар баробари аъло донистани забони давлати худ, яъне тоҷикӣ, донандаи хуби дигар забонҳо низ бошанд. Дар робита ба ин, зарурати ҷараён гирифтани забономӯзӣ дар доира ва заминаи забони тоҷикӣ, яъне бар пояи меъёрҳои забони модарӣ ва риояи хусусиятҳои он, як ҷузъи муҳиму табиии аз бар кардан ва такмили дониши забонҳои хориҷӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, тавре Пешвои миллат дар ҳамаи суханрониву вохӯриҳои худ таъкид месозанд, бузургтарин вазифаи ҳар як фарди худогоҳи кишвар нигаҳдориву арҷгузорӣ ба забони давлатӣ чун мероси гаронбаҳо ва ба наслҳои оянда поку беолоиш расонидани забони ширину шево ва забони шеъру адаби оламшумули тоҷикӣ мебошад [13].

Дар доираҳои баланди илмӣ низ ба зарурати истифодаи забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи аз худ намудани забонҳои хориҷӣ ишора мешавад. Тавре аз андешаҳои онҳо бармеояд, дар ҳоле, ки мо забони хешро ба сатҳи зарурӣ намедонем, ҳеҷ гоҳ дар роҳи омӯзиши забони дигар комёб намешавем. Аҳли зиёи ҷомеа бояд ба тариқи осори хеш ва таълифи он бо забони ноби тоҷикӣ дар устувор гардидани забони миллат саҳмгузор бошад. Аҳаммияти муколама бо забони ноби тоҷикӣ дар сатҳи оилаҳо низ таъкид шуда, бо изҳори таассуф қайд мегардад, ки бино ба мушоҳидаҳои имрӯза, баъзан дар дохили оилаҳо ба ин арзиши миллӣ арҷ гузошта намешавад ва бо забони дигаре муколама менамоянд, ки чунин ҳолати корҳо паёмади манфӣ дорад [16].

Фаъолияти пурбаракати Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони истиқлолият, махсусан иқдомҳои наҷиби мавсуф дар солҳои 2000-2010, боис ба таҳкими раванди инкишофу густариши забони давлатӣ гардиданд. Нашри осори безаволи гузаштагон барои калонсолону хурдсолон аз силсилаҳои «Ахтарони адаб» ва «Китобхонаи мактаб», «Таърихи халқи тоҷик» (дар шаш ҷилд), «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (дар ду ҷилд соли 2008 чоп шуд), «Донишномаи Сомониён» (дар се ҷилд), «Донишномаи Рӯдакӣ» (дар ду ҷилд), ҷилдҳои нахустини Энсиклопедияи миллии тоҷик ва таърихи фалсафаи тоҷик аз татбиқи муваффақонаи ин ибтикороти доманадори фарҳангию забонӣ паём мерасонанд. Маҳз ба шарофати истиқлолият китобҳои «Қуръони Карим», «Маснавии маънавӣ», «Ҳидояи шариф», «Шоҳнома», «Қобуснома», «Кимиёи хирад», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Саргузашти Ҳотам», «Тӯтинома», «Гулистон», «Бӯстон», «Шашмақом» ва бисёр асарҳои гаронбаҳои дигар дастраси алоқамандон гардиданд. Бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таҳияи «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» дар шаш ҷилд оғоз гардид.

Умуман, агар ба умқи таърихи назар андозем, ҳувайдо хоҳад гашт, ки забони тоҷикӣ дар таълифоти илмӣ собиқаи беш аз ҳазорсола дорад. Бузургтарин донишмандони мо – Абӯалӣ ибни Сино бо таълифи «Донишномаи Алоӣ» ва Абӯрайҳони Берунӣ бо таълифи «Китоб-ут-тафҳим» ва «Осор-ул-боқия» бунёдгузорони забони илмии тоҷикӣ ба ҳисоб меравand, ки ин анъанаи ватанхоҳона дар қарнҳои баъдӣ аз тарафи донишмандони маъруф Насируддини Тӯсӣ, Умари Хайём ва то Аҳмади Дониш идома пайдо кард [15].

Гузашта аз ин, дар марҳилаи кунунӣ ташаббуси навбатии Пешвои миллат дар мавриди ба табъ расонидан ва ба ҳар як хонаводаи мамлакат туҳфа кардани «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, пеш аз ҳама, ба эҳёи ҳофизаи таърихӣ, густариши худшиносиву худогоҳии миллӣ ва эҳсоси ватанпарастии мардум, бахусус, наврасону ҷавонон равона шудааст. Аз ҷониби дигар Президенти кишвар ният доранд, ки калимаву ибораҳои ноби тоҷикӣ ва дар маҷмуъ, асолати забони модарии ҳар сокини Тоҷикистон дар марҳалаи муосир ҳифз гардад [14].

Дар робита ба такомули забони давлатӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони Истиқлол як зумра вазифаву масъалаҳо гузошта шуд, ки рушди забони тоҷикиро ба дараҷаи сифатан нави таърихӣ мерасонад. Ин масъалаҳо бино ба таҳлилу тадқиқи коршиносон чунинанд:

- танзими истилоҳот ва меъёрҳои забони давлатӣ бо истифода аз осори хаттии давраҳои таърихии он;
- таҳлилу танзим ва истифодаи дақиқи истилоҳоти забони муосир ва таъмини рушди забони адабӣ;
- таҳқиқ ва нашри грамматикаи илмии забони адабӣ дар асоси меъёрҳои нави забон;
- таҳия ва нашри грамматикаи таърихии забони тоҷикӣ;
- нашри маводи таълимӣ оид ба забони адабӣ;
- таҳия ва нашри фарҳангҳои тафсирӣ, дузабона, меъёрӣ ва фарҳанги имлои забони адабӣ.

Дар давраи аз соли 2019 инҷониб боз ҳам масъалаҳои рушди забони давлатӣ дар меҳвари диққати Роҳбари давлат қарор гирифта, вазифаҳои нав вобаста ба таҳияи пайкараи

забони тоҷикӣ, дастури илмии забони тоҷикӣ, ба сатҳи забони илмӣ баровардани забони тоҷикӣ, таҳияи истилоҳот ва ҳамгунсозии онҳо дар назди забоншиносон ироа шуд [12].

Барҳақ, сафарбарнамоии кӯшишҳои дастаҷамъона барои ҳамқадами замон шудани забони давлатӣ ва бар пояи забони илм рушд кардани он дар суханрониҳои Пешвои миллат ҳамчун масъалаи мубрам садо медиҳад. Бо ташаббуси Сарвари давлат Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шуруъ намуда, таълифи рисолаҳои илмӣ ба забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои илм ба роҳ монда шуд. Дар ин руҳия, аз донишмандон, аз ҷумла унвонҷӯён тақозо мегардад, ки рисолаву асарҳои илмии худро ба забони давлатӣ таълиф кунанд [15].

Дар фарҷом бояд тазаккур дод, ки тамоми талошу тадбирҳои шаборӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи пешбурди сиёсати давлатӣ ва барномарезиҳои муассири соҳа ба иҷрои вазифаи муқаддаси мо – насли имрӯза барои чун гаҳвараки чашм поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ, пайваста сайқал додани забондонии сокинон, инчунин баланд бардоштани саводнокиву донишмандӣ ва илму маданияти ҳамаи мо шаҳрвандони Тоҷикистони маҳбуб ва ҳамватанони бурунмарзӣ нигаронида шудааст. Маҳз ҳамин кӯшишу ғамхориҳо дар солҳои сипаришуда буд, ки забони тоҷикӣ ҳамчун забони миллӣ ва давлатӣ дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик дар мақоми забони илм, маориф, фарҳангу санъат, коргузории давлатӣ, қонунгузорӣ, матбуот, равобити дипломатӣ, муоширати байнимардумӣ ва тиҷорат ҷойгоҳи хоссаи худро ишғол кардааст.

***Адабиёт***


1. Пешвои муаззами миллат. (Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ). / Зери назари Раҳмон О.Э. – Душанбе, 2018. – 384 с.
2. Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе, “Эр-граф”, 2016. – 516 с.
3. Раҳмон, Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 316 с.
4. Салимов, Н. Тоҷики оламшумул. / Н. Салимов, А. Шарифзода. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 372 с.
5. Султон, Ҳ. Пешвои забонгустар ва ҳувиятофар. – Душанбе: МН “Дониш”, 2022. – 156 с.
6. Шарифзода, А. Президент. (Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ). / А. Шарифзода, С. Шамсиддинов, З. Қосимӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 372 с.
7. Шарифзода, А. Тоҷикистон-20 (Бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон). / А. Шарифзода, А. Асадов. – Душанбе, «Ирфон», 2011. – 372 с.
8. Шарифзода, А. Фархундапай. / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. –Душанбе, 2013. – 336 с.
9. Шарифзода, А. Фарҳанг ҳастии миллат аст. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2021. – 432 с.
10. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли Имоми Аъзам (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2009). / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Китоби 9. Нашри дуюм. Душанбе: “Ирфон”. – 2011. – 372 с.
11. Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 тасдиқ гардид, ки дар баланд бардоштани мақоми забони тоҷикӣ нақши муҳим хоҳад дошт (Суҳбати хабарнигори АМИТ “Ховар” бо раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ О. Муҳаммадҷонзода) [Манбаи электронӣ] / Сайти Кумитаи забон ва истилоҳот. URL: http://www.kumitaizabon.tj/ tg/content/barnomai-rushdi-zaboni-davlati-baroi-solkhoi-2020-2030-tasdik-gardid-ki-dar-baland (Санаи нашр: 08.01.2021)
12. Назарзода С., Шодиев Р.А. Истиқлол ва забони давлатӣ. [Манбаи электронӣ] / Сайти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. URL: https://zoa.tnu.tj/tj/ isti-lol-va-zaboni-davlat/ (Санаи нашр: 06.09.2023)
13. Паёми шодбошӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] / Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://www.president.tj/event/speeches/24286 (Санаи нашр: 05.10.2021)
14. Паёми шодбошӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ [Манбаи электронӣ] / Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://www.president.tj/event/news/47965 (Санаи нашр: 05.10.2024)
15. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] / Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://www.president.tj/event/in_trips/19466 (Санаи нашр: 04.10.2019)
16. Хушвахтзода Қ. Забон – василаи муҳими шинохти миллат. Андешаҳо бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ. [Манбаи электронӣ] / Сайти АМИТ “Ховар”. URL:

https://khovar.tj/2024/10/zabon-vasilai-mu-imi-shinohti-millat-andesha-o-bahshida-ba-r-zi-zaboni-davlat/ (Санаи нашр: 05.10.2024)

## СИЁСАТИ ДУРБИНОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ОИД БА ЭҲЁ, ТАҲКИМ ВА РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Мақола ба тадқиқу таҳлили сиёсати огоҳонаву дурбинонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё, таҳким ва рушди забони миллӣ, муҳимтарин рукни пойдории миллат, ки ба ҳайси забони давлатӣ дар умури сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ давоми солҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мақому мартабаи махсус касб кард, бахшида шудааст. Муаллиф бо баррасию арзёбии асарҳо ва мақолоту ақидарониҳои Президенти кишвар доир ба аҳаммияти забони ноби тоҷикӣ, инчунин нақши он дар ҳифзу таҳкими давлатдории тоҷикон ва тамоми бахшҳои ҳаёту фаъолияти кишвар, ҳамзамон таърихи муосири таҳаввулу такмили онро дар партавиислоҳи камбудиҳо ва тарғиби дастовардҳои соҳа мавриди омӯзиш қарор додааст. Зимни таълифи мақола муаллиф аз суханрониву шоҳасарҳои Президенти Тоҷикистон ва андешаву мақолаҳои олимону донишмандони тоҷик оид ба забони давлатӣ истифода кардааст.

**Калидвожаҳо:** забони тоҷикӣ, сиёсати давлатии забон, таърихи муосири забони миллӣ, Президенти Тоҷикистон, Истиқлолияти давлатӣ, Барномаи рушди забони давлатӣ, марҳилаҳои рушди забони тоҷикӣ, ташаббусу дастовардҳои марбут ба ҳифз ва рушди забони давлатӣ

## ДАЛЬНОВИДНАЯ ПОЛИТИКА ЛИДЕРА НАЦИИ ПО ВОЗРОЖДЕНИЮ, КРЕПЛЕНИЮ И РАЗВИТИЮ ГОСУДАРСТВЕННОГО ЯЗЫКА

Статья посвящена исследованию и анализу взвешенной и дальновидной политики Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона в области возрождения, укрепления и развития национального языка, важнейшей опоры долговечности нации, который как государственный язык обрел особое положение и статус в политических, экономических, социальных и культурных делах за годы независимости государства Таджикистан. Автор рассмотрел и оценил шедевральные произведения, выступления и соображения Президента страны о значимости таджикского языка, его роль в защите и укреплении государственности таджиков и всех сфер жизни и деятельности страны, а также высветил современную историю его развития и совершенствования в свете устранения недостатков и популяризации достижений отрасли. При написании статьи автор использовал выступления и книги Президента Таджикистана, а также мнения и статьи таджикских учёных и знатоков о государственном языке.

**Ключевые слова:** таджикский язык, государственная политика в области языка, новейшая история национального языка, Президент Таджикистана, государственная независимость, Программа развития государственного языка, этапы развития таджикского языка, инициативы и достижения, связанные с сохранением и развитием государственного языка.

## LEADER OF THE NATION’S FAR-SIGHTED POLICY ON THE REVIVAL, STRENGTHENING AND DEVELOPMENT OF THE STATE LANGUAGE

The article is devoted to the study and analysis of the balanced and far-sighted policy of the Leader of the Nation Emomali Rahmon in the field of revival, strengthening and development of the national language, the most important pillar for the longevity of the nation, which as the state language has acquired a special position and status in political, economic, social and cultural affairs over the years of independence of the state of Tajikistan. The author reviewed and assessed the masterpieces, speeches and thoughts of the President of the country on the importance of the Tajik language, its role in protecting and strengthening the statehood of Tajiks and all spheres of life and activity of the country, and also highlighted the modern history of its development and improvement in the light of eliminating shortcomings and popularizing the achievements of the sphere. When writing the article, the author referred to the speeches and books of the President of Tajikistan, as well as the opinions and articles of Tajik scientists and experts on the state language.

**Keywords:** Tajik language, state policy in the field of language, modern history of the national language, President of Tajikistan, state independence, Program for the Development of the State Language, stages of development of the Tajik language, initiatives and achievements related to the preservation and development of the state language.

**Дар бораи муаллиф:**
Шарифзода Абдуфаттоҳ Абдуваҳҳоб,
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
E-mail: abdufatoh@yahoo.co.uk
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, х.Рудакӣ, 33,

**Об авторе:**
Шарифзода Абдуфаттох Абдуваххоб,
доктор исторических наук, профессор,
член-корреспондент Национальной Академиинаук Таджикистана.
Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33,
E-mail: abdufatoh@yahoo.co.uk

**About the author:**
Sharifzoda Abdufattoh Abduvahhob,
Doctor of historical sciences, professor,
Corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan.
Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
E-mail: abdufatoh@yahoo.co.uk

ТДУ 324(575.3)

# ИНТИХОБОТ ҲАМЧУН УНСУРИ АСОСИИ СИЁСАТ

***Қурбонова З. М.***

*Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон доктори илмҳои сиёсӣ*

Воқеан ҳам, яке аз марҳалаҳои муҳим барои ҷомеа ин давраи интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Ин марҳилае мебошад, ки ҷараёни равандҳои сиёсиро метезонад. Интихобот яке аз воситаҳои асосии рушду инкишофи ҷомеа маҳсуб меёбад. Маҳз интихобот қодир аст, ки сохти сиёсиро тағйир дода, низоми навро ба вуҷуд биоварад. Яъне сохти сиёсие, ки тавонад талаботҳои шаҳрвандонро қонеъ гардонад. Одамон маҳз тавассути интихобот метавонанд, ки роҳи ояндаи инкишофи худро муайян намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ки имрӯз кӯшиши сохтани воқеан ҳам як ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократиро дорад, барои боз ҳам мустаҳкам намудани пояҳои устувори давлатдорӣ аз раванди интихоботӣ ба таври васеъ истфода менамояд. Маҳз «интихоби дурусти интихобкунандагон» метавонад, ки боиси инкишофи минбаъдаи ҷомеа ва сатҳи беҳтари зиндагии мардум гардад. Бояд қайд намуд, ки интихобот яке аз ҷузъҳои асосии системаи сиёсӣ маҳсуб меёбад. Мавҷуд будани интихоботи озод, баробар, пинҳонӣ ва бевосита метавонад иштироки фаъоли мардумро дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ таъмин намояд. Одамон дар интихобот иштирок намуда, бо ин роҳ ба ҳокимият таъсир мерасонанд. Аслан ҳангоми интихобот ба одамон набояд чизе ва ё касе таъсир расонад ва онҳоро маҷбур намояд, ки ба тарафдории ин ё он номзад овоз диҳанд. Яъне ҳар як шахсро мебояд, ки интихоби дурусту оқилона намояд, ки ин барои кули ҷомеа метавонад таъсир расонад.

Маълум аст, ки дар замони ҳозира барои гузаронидани интихобот нақши асосиро ҳизбҳои сиёсӣ мебозанд. Раванди фаъолияти аҳзоби сиёсӣ маҳз дар давраҳои интихоботӣ хеле тезутунд мегарданд. Онҳо барои интихоботи мансабҳои давлатӣ маъракаҳои пешазинтихоботӣ мегузаронанд ва ҳар яке барои соҳиб шудан ба миқдори зиёди овозҳо ва барои ба даст овардани ҳокимият кӯшиш менамоянд. Дар натиҷа, қисме аз одамон ба номзад таваҷҷӯҳ намуда, барои амалишавии барномаҳояш кӯмак мерасонанд. Аслан дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ номзадҳо ба мардум ҳар гуна ваъдаҳо медиҳанд ва ба онҳо шароити хуби зиндагиро кафолат медиҳанд, аммо пас аз интихоб шудан аксарияти ваъдаҳо фаромӯш мегарданд. Масалан, дар давраҳои пешазинтихоботӣ номзадҳо борҳо бо шаҳрвандон вомехӯранд ва роҳҳои ҳали масъалаҳои ҷомеаро пешниҳод менамоянд, аммо аз чӣ сабаб бошад, ки пас аз ворид шудан ба ҳокимият ҳали ин масъалаҳо пурпечутоб мегарданд.

Дар давлатҳои демократии ғарбӣ (ва на танҳо дар байни онҳо) маъракаи интихоботӣ раванди мураккаб ва тӯлонӣ аст. Ба он диққати калон дода мешавад. Дар урфият чунин мешуморанд, ки маъракаи интихоботӣ аз изҳороти расмии шахс дар бораи қарори худ дар бораи пешбарӣ кардани мансаби интихобӣ огоз меёбад. Имкониятҳои гурӯҳи мададгор ва қобилияти он барои таъмини ғалаба дар интихобот муайян карда мешавад.[4.с.28] Чунин фикр кардан хато мебуд, ки эълони расмӣ дар бораи пешбарӣ кардан дар ин ва ё он интихобот фақат огоҳ кардани омма аст. Чунин изҳорот мақсадҳои гуногунро пеш гирифта, ҳалли як қатор проблемаҳоро дорад.

Аввалан, дар ин изҳорот номзад ба интихобкунандагон муроҷиат карда, шарҳ медиҳад, ки чаро ба вазифаи интихобӣ пешбарӣ карданӣ шуд. Мақсад аз ин муроҷиатнома аз он иборат аст, ки интихобкунандагонро бовар кунондан аст, ки он чиро, ки дигарон карда наметавонанд, фақат вай барои онҳо ва ба манфиати тамоми ҷамъият карда метавонад.

Сонияи, аллакай дар ин муроҷиатнома ба интихобкунандагон он проблемаҳои мушаххас нишон дода шудаанд, ки баъд дар тамоми маъракаи интихоботӣ садо хоҳанд дод. Муҳокимаҳо бо мухолифон дар бораи ин мушкилот идома хоҳанд ёфт. Сеюм, довталаб ҳангоми изҳорот фурсатро аз даст намедиҳад, то рақибони худро аз пешбарӣ такон диҳад ё ҳаттокиилсард созад. Аз ин ру, вай аз ҳар ҷиҳат қувваи тавонои худро таъкид мекунад. [18, с. 45]

Дар ин раванд раҳонидани мардум аз хурофоти динӣ ва таъмини озодии инсон интихобот метавонад маҳаку меъёри пешрафти ҷомеаро таъмин менамояд. Сарвари давлат ба ояндаи кишвар назари нек ва эътимоди комил доранд. Аз ин лиҳоз, барномаи таҷдиди иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷумҳуриро тарҳрезӣ мекунанд, барои густариши муносибатҳои байналмилалӣ андешаҳои ҷолиб баён медоранд, ки аз густариши ғояи сулҳу ваҳдат дар ҷомеа дарак медод.

Дар мақолаи «Ҳадафи сиёсати мо манфиати мардум аст», ки 1 июни соли 1993 дар рӯзномаи «Садои мардум» ба нашр расидааст, Сарвари давлат на танҳо сабабҳои бӯҳрони сиёсию иқтисодиро баррасӣ менамоянд, балки марҳилаҳои ислоҳоти иқтисодиро низ тарҳрезӣ мекунанд. Боиси таъкид аст, ки дар мақола нигоҳ доштани афзалияти ҳамешагии маориф, илм ва фарҳанг вазифаи муҳимтарини Ҳукумату давлат эълон мегардад.

Ҳадафҳои ин гуна маъракаҳо бисёр ва гуногунанд. Ба инҷо, аз ҷумла, пешбарӣ кардани барномаи интихоботии номзадҳо дохил мешаванд. Сарвари давлат доир ба маънию мафҳум, ҳадафҳо ва сабақҳои тозаи он чунин андеша меронанд:

«Фарҳанги сулҳ, ба назари ман, шакли оқилона, дурандешона ва судбахши муносибати миёни давлатҳои ин ё он минтақа, робитаи мусолиҳатомези пешвоёни халқ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсию мазҳабӣ дар доираи меъёрҳои қонунгузории дохилидавлатӣ ва умумибашарӣ мебошад.

Фарҳанги сулҳ – иродаи нек, майлу хоҳиши самимона, кӯшиши ҳалли проблемаҳои мавҷуда ва ихтилофу низоъҳои сарзада дар сари мизи музокирот аст.

Фарҳанги сулҳ – аз тариқи сулҳу созиш ҳал намудани мушкилоти пешомада бо роҳи осоишта бе зӯроварию таҳдид, бе истифодаи силоҳ ва ҷангу хунрезӣ мебошад.

Фарҳанги сулҳ – қабл аз ҳама ба вуҷуд овардани фазои эътимоди байниҳамдигарӣ, эҳтироми рақиб, бо сабру таҳаммул омӯхтану дар мизони ақлу фаросат баркашидани афкору андешаҳои ӯ, гузашт карда тавонистан ба хотири пешомади нек ва манфиати ҷомеа мебошад.

Фарҳанги сулҳ – роҳи муросою сулҳу созиш дар асоси қонуну асноди амалкунанда, бо роҳу тадбирҳои расмию ғайрирасмӣ аз миён бурдани ихтилофу даргириҳо буда, аз сиёсатмадорону сарварони давлатҳо маданияти баланд, дасту дили пок ва инсофу адолатро тақозо мекунад.

Ва ниҳоят, фарҳанги сулҳ – ин муттаҳид намудани имконияту иқтидори давлатҳои олам ба хотири таъмини сулҳу амният ва бехатарии сокинони сайёра мебошад.

Мактаби фарҳанги сулҳи тоҷикон бо ҳама бурду бохтҳояш барои мо як мактаби бузурги ҳаёт, як сабақи нотакрори давлату давлатдорӣ гардид». [18, с. 86].

Ин андешаҳои Сарвари давлат оид ба фарҳанги сулҳ, бешубҳа, тақвияти назарияи ваҳдати миллӣ буда, дар бораи робитаи ногусастании фарҳанги сулҳи тоҷикон бо фарҳанги сулҳи ҷаҳонӣ гувоҳӣ медиҳад.

Минбаъд дар рафти маъракаи интихоботӣ бо истифода аз тамоми воситаҳои мавҷуда барномаи номзад ба таври васеъ ташвиқ карда мешавад. Стратегия ва тактикаи маъракаи пешазинтихоботӣ кор карда баромада, ташаккул ёфта, тамоми далелҳо дар як «мавзуи умумӣ» муттаҳид карда шуда, интихобкунандагонро бовар мекунонанд, ки ба тарафдории ин номзад овоз диҳанд. Дар байни вазифаҳои асосии маъракаи пешазинтихоботӣ тарғиби сифатҳои баланди шахсии номзад, ба вуҷуд овардани симои зарурӣ мебошад.

Бо мақсади таъмини суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа дар раванди интихобот системаи маҳдуди мажоритарӣ истифода мешавад, ки дар доираи он квотаҳо махсус барои ақаллиятҳои сиёсӣ (то 33 фоизи шумораи умумии овозҳо) муқаррар карда мешаванд ё онҳо унсурҳои мажоритарӣ ва мажоритариро муттаҳид мекунанд. [3, с. 87]

Намояндагии мутаносиб аслан тақсимоти мандатҳои депутатиро қатъиян мувофиқи шумораи овозҳои гирифтаи иштирокчиёни интихоботро дар назар дорад. Аммо дар ин ҷо низ дар роҳи адолат монеаҳои калон ба амал меоянд, зеро дар вақти интихоби депутатҳо дар ҳавзаҳои якмандатӣ танҳо системаи мажоритариро истифода бурдан мумкин аст. Дар баъзе мамлакатҳо масъалаи ба назар гирифтани хоҳиши интихобкунандагонро бо роҳи ташкил

кардани округҳои бисёрмандата ҳал кардан мехоҳанд, ки дар онҳо ҷойҳо байни ҳизбҳо ва номзадҳо аз руи фоизи овозҳои гирифташуда тақсим карда мешаванд. Аммо дар ҳақиқат чунин миқдор мандатҳоеро муқаррар кардан мумкин нест, ки дараҷаи тарафдории интихобкунандагонро дуруст инъикос намояд. Мақомоти намояндагӣ гуфта, мақомотеро меноманд, ки ифодакунандаи манфиатҳо ва иродаи халқ ба шумор меравад. Мақомоти намояндагӣ танҳо бо парлумон маҳдуд шуда наметавонад, зеро дар баробари мақомоти олии намояндагӣ боз мақомоти намояндагии маҳаллӣ фарқ карда мешавад, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ низоми мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳанд. [13, с. 29] Ҳар яке аз мақомоти намояндагӣ вобаста ба салоҳият ва вазифаҳои худ мавқеи муайянеро ишгол менамояд. Дар асоси моддаи 3 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия иборат мебошанд. Вобаста ба ин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шароити ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз унсурҳои асосии асосҳои сохти конститутсионӣ мебошад, ки мутобиқи он ин мақомот ҳамчун зинаи мақомоти зинаи поёнӣ бевосита бо халқ сару кор дорад. Дар асоси таҳлилҳои боло маҷлиси вакилони халқи дахлдор дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ мақомоти мустақил буда, аз номи халқи шаҳру ноҳияи дахлдор баромад мекунад.

Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро интихобкунандагони воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор дар асоси принсипҳои умумӣ, баробар, мустақим, бо овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб мекунанд. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз синни 18 метавонад вакили Маҷлиси вакилони халқи дахлдор интихоб шавад. Шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озоди маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот иштирок кардан надоранд. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як вақт вакили беш аз ду мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ буда наметавонад. Интихобкунандагон дар асоси ҳуқуқи баробар дар интихобот иштирок мекунанд ва ҳар кадоми онҳо як овоз доранд. Вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз тарафи шаҳрвандон мустақиман интихоб карда мешаванд. [8]

Овоздиҳи дар интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ озодона ва пинҳони мебошад. Назорат ба изҳори иродаи интихобкунандагон манъ аст. Таёйри ва гузаронидани интихобот ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз тарафи комиссияҳои интихобот ошкоро сурат мегирад ва дар воситаҳои ахбори омма инъикос мегардад.

Комиссияҳои интихобот ба шаҳрвандон аз кори худ, аз таъсиси ҳавзаҳо ва участкаҳои интихобот, ҳайат, ҷою соати корашон ва аз рӯйхати интихобкунандагон хабар медиҳанд.

Ба тарзи ошкоро сурат гирифтани иҷлосияҳои маҷлиси вакилони халқи дахлдор на фақат дар ҷаласаҳо бевосита ҳузур овардани шахсони вакил набударо дар назар дорад. Ин усул, инчунин, ба воситаи расонаҳои ахбор ба мардум расонидани ахборотро дар бораи рафти кори иҷлосия, тарзи гузориши масъалаҳо баррасии онҳо, қарорҳои қабулшуда ва мазмуни онҳоро ифода мекунад. [13, с. 32]

Маҷлиси вакилони халқ барои баррасии пешакии масъалаҳо ва ба иҷлосия манзур намудани онҳо, мусоидат ба татбиқи қарорҳои Маҷлиси вакилони халқ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияҳои доимӣ ва муваққатӣ таъсис медиҳад, ки дар амалӣ намудани ваколатҳои маҷлиси маҳаллии вакилони халқ нақши хеле калон доранд.

Маҷлиси вакилони халқ бо пешниҳоди раиси Маҷлиси вакилони халқ номгӯй ва шумораи ҳайати комиссияҳои доимӣ ва муваққатиро муқаррар намуда, аз ҳисоби вакилон раис ва аъзои онҳоро интихоб менамояд. Вакили Маҷлиси вакилони халқ метавонад танҳо узви як комиссияи доимӣ бошад.

Комиссияҳои доимӣ дар назди Маҷлиси вакилони халқ масъул буда, ба он ҳисобот медиҳанд. Ба ҳайати комиссияҳои доимӣ раиси Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия интихоб шуда наметавонад.

Дар асоси муқаррароти қонуни конститутсионӣ ва дастури маҷлиси вакилони халқи дахлдор комиссияҳои доимӣ ҳуқуқ доранд:

- ба Маҷлиси вакилони халқ ва раис оид ба рӯзномаи маҷлис ва дигар масъалаҳое, ки дар иҷлосия баррасӣ мешаванд, пешниҳод ирсол намоянд;

- оид ба масъалаҳое, ки дар иҷлосия баррасӣ мешаванд, хулоса диҳанд;

- дар иҷлосия мувофиқи ваколаташон маърӯза ва маърӯзаи иловагӣ кунанд;

- дар доираи ваколаташон ба иҷлосия оид ба шунидани ҳисоботи роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод манзур намоянд.

Ҳамин тавр мақомоти намояндагии сатҳи маҳаллӣ дар маҳалҳо бевосита аз тарафи сокинони воҳидҳои марзиву маъмурии дахлдор интихоб карда шуда, баҳри баррасӣ ва ҳал намудани тамоми масъалаҳое, ки аҳамияти маҳаллӣ доранд, равона карда шудааст. Зеро ислоҳоти идоракунии давлатӣ на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар тамоми давлатҳои дунё маҳз аз ислоҳоти низоми поёнии мақомоти ҳокимияти давлатӣ огоз гардидааст. Лекин новобаста аз он ки маҷлиси вакилони халқи дахлдор ба монанди мақомоти худидораи маҳаллӣ сохтори амудии худро надоранд, дар асоси сохтори дохилии худ, ки ба комиссияҳои доимӣ ва муваққатӣ дохил мешаванд, тамоми масъалаҳои ҳаётан муҳими аҳолиро ҳаллу фасл намуда, иштироки аҳолии воҳидҳои марзиву маъмурии дахлдорро дар идоракунии давлатӣ ва амалӣ намудани ҳокимияти халқӣ таъмин мекунад. [13, с. 37]

### ***Адабиёт***


1. Ашӯрбой И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2012, С. 471
2. Блек С.Пабликрилейшнз. Что это такое? М., 1990. С. 16—17.
3. Болл Т. Власть // Полис. - 1993. №5. –С.23.
4. Дегтарев А.А. Политическая власть как регулятивный механизм социального общения // Полис. 1996. -№3. -С.14.
5. Зоҳир Т. Афғонистон дар қарни бистум 1900 – 1996. Теҳрон. 1384.
6. Краснов Б.И. Теория власти и властных отношений // Социально-политический журнал. 1994. № 2. –С.5-17.
7. Краснов М.А. Введению в политологию. -М., 1995. – С.91
8. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» аз 10 декабри соли 1999. АМО ҶТ.
9. Қ. Наҷибуллоҳ. Режимҳои Афғонистон дар таи як қарни охир. Пешовар. 1378. Саҳ. 59 – 64.
10. Ницше Ф. Воля и власть - М., 1994. – С.24
11. Тоффлер О. Проблема власти на пароге XXI века. // Свободная мысль.1992. №4. –С. 54.
12. Технология и организация выборных кампаний: зарубежный и отечественный опыт. М., 1993. С. 92
13. Темиров В.Т. Мавқеи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия дар низоми мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ. Ҳаёт ва Қонун. Душанбе– 2010, № 1. С.29, 37, 32
14. Фарёди Афғон. Нигарише бар таърихи муосири Афғонистон. Дониш. Пешовар. Саҳ. 325.
15. Халипов В.Ф. Основы кратологии. -М., 1995. - С.34.
16. Чумиков А.Н. Связи с общественностью. М.: Дело, 2001. С.
17. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2001. – с.95-115 ҷ.1
18. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2001. – С. 672-673. ҷ.3


## ИНТИХОБОТ ҲАМЧУН УНСУРИ АСОСИИ СИЁСАТ

Муаллиф дар мақолаи худ оиди интихобот – унсури зарурии сиёсат ибрози андеша намудааст. Нақши интихобот дар идоракунии давлатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Меъёрҳои ташкил ва гузаронидани интихобот нишон дода шудааст. Дар мақола оиди унсури зарурии сиёсат будани интихобот мавриди омӯзиш қарор додааст. Интихобот яке аз

масъалаҳои муҳим барои ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Маҳз «интихоби дурусти интихобкунандагон» метавонад, ки боиси инкишофи минбаъдаи ҷомеа ва сатҳи беҳтари зиндагии мардум гардад. барои боз ҳам мустаҳкам намудани пояҳои устувори давлатдорӣ аз раванди интихоботӣ ба таври васеъ истфода менамояд.

**Калидвожаҳо:** Интихобот, сиёсат, унсури муҳим, маракаи интихоботи, маракаи сиёсӣ, субъекти идора, ташвиқот, штаби интихоботи, имиҷ, ҳизбҳои сиёсӣ, команда, гуруҳи рекламавӣ, иттилоот, идоракуни давлатӣ.

## ВЫБОРЫ КАК ГЛАВНЫЙ ЭЛЕМЕНТ ПОЛИТИКИ

Автор в своей статье упомянул о выборах - необходимом элементе политики. проанализирована роль выборов в государственном управлении. Указаны критерии организации и проведения выборов. В мире политики большое значение имеет статус и роль государственного управления в проведении выборов. Это зависит от активности управленческого процесса. По сути, субъектом управления является человек, который принимает управленческое решение и постоянно пытается реализовать его на практике, и в этом контексте доверяет тем людям, которые от него зависят, в достижении поставленных целей. Выборы являются одним из важнейших вопросов современного общества. Именно «правильный выбор избирателей» может привести к дальнейшему развитию общества и повышению уровня жизни народа. широко использует избирательный процесс для дальнейшего укрепления устойчивых основ государственности.

**Ключевые слова:** Выборы, политика, важный элемент, избирательная кампания, политическая кампания, административная единица, кампания, избирательный штаб, имидж, политические партии, команда, рекламная группа, информация, государственное управление.

## ELECTIONS AS THE MAIN ELEMENT OF POLITICS

The author in his article mentioned elections - a necessary element of politics. The role of elections in public administration is analyzed. The criteria for organizing and conducting elections are indicated. In the world of politics, the status and role of government in the conduct of elections is of great importance. It depends on the activity of the management process. In essence, the subject of management is a person who makes a management decision and constantly tries to implement it in practice, and in this context trusts those people who depend on him to achieve their goals. Elections are one of the most important issues in modern society. It is the “correct choice of voters” that can lead to further development of society and an increase in the standard of living of the people. makes extensive use of the electoral process to further strengthen the sustainable foundations of statehood.

Keywords: Elections, politics, important element, election campaign, political campaign, administrative unit, campaign, election headquarters, image, political parties, team, advertising group, information, public administration.

**Дар бораи муаллиф:**
Курбонова Зулфия Маҳманабиевна,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
сардори раёсати робитаҳои байналмилалӣ.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон доктори илмҳои сиёсӣ.
Тел: 918715005,
E mail: Zulkurbonova@gmail.com

**Об авторе:**
Курбонова Зульфия Махманабиевна
доктор политических наук, профессор
Заведующая отделом международных связей
Международный университет туризма и предпринимательство Таджикистана.
Телефон: 918715005,
E mail: Zulkurbonova@gmail.com.

**About the author:**
Kurbonova Zulfiya Mahmanabievna
Doctor of Political Science, Professor
Head of the Department of International Relations
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
Phone: 918715005,
E mail: Zulkurbonova@gmail.com.

ТДУ 327.74:

# РУШДИ ДИПЛОМАТИЯИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

***Нуриддин П. Р.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани самту мундариҷаи сиёсати хориҷии давлат ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда, муҳимтарин рукни давлатӣ дар соҳаи иҷрои вазифаҳои сиёсати байналмилалӣ Вазорати корҳои хориҷӣ мебошад.

Чунонки Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд, «татбиқи амалии стратегияи умумии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба амал баровардани иқдомҳои мушаххас дар ин арса ва таъмини ҳуқуқии фаъолияти сиёсии хориҷӣ, ҳамоҳанг сохтани робитаҳои байналмилалии мо бо мақсади пиёда кардани сиёсати ягонаву яксон дар муносибатҳо бо давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ аз ҷумлаи ин вазифаҳо ҳастанд. Ҳарчанд ки ман ба ин нукта чанд бор ишора кардаам, мехоҳам бори дигар аҳамияти дипломатияи иқтисодиро таъкид намоям, чунки солҳои охир дар радифи истифодаи тарзу усулҳои дипломатияи анъанавию классикӣ дар аксари давлатҳои ҷаҳон аҳамияти истифодаи муассири тариқаву василаҳои дипломатияи иқтисодӣ ба маротиб боло рафтааст»[1].

Таъсири равандҳои минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ ба Тоҷикистон тақозо менамояд, ки кишвари мо сиёсати иқтисодии миллии кушодаро ба амал барорад ва дар айни замон талаботро барои таъмини манфиатҳои миллӣ, рушди босуботи иқтисодиёт ва амнияти иқтисодӣ ба миён меорад ва зарурати вусъат додани дипломатияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз масъалаҳои мубрам қарор медиҳад.

Дипломатияи иқтисодии муосир муҳимтарин фишанг барои таҳкими рақобатпазирии байналмилалии кишвар ва рушд додани манфиатҳои иқтисодӣ бо истифода аз воситаҳои анъанавӣ ва ҳозиразамони дипломатӣ, маҷмӯи сохторҳои иқтисодии хориҷии ватанӣ, минтақавӣ ва созмонҳои байналмилалӣ мебошад.

Дар ин раванд дуруст муқаррар кардани самтҳои афзалиятноки дипломатияи иқтисодӣ, таъмини муносиби молиявӣ, ташкилӣ ва кадрӣ аҳамияти калон пайдо мекунад. Имрӯз дипломатияи иқтисодӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин вазифаҳои давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ бояд дорои хислати комплексӣ ва мунтазам бошад ва ба ҳамкории зичи доираҳои васеи сохторҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳоди соҳибкорон такя кунад.

Ба сифати унсурҳои муҳимтарини ташкили мунтазами дипломатияи иқтисодӣ нуктаҳои зеринро номбар кардан лозим аст:

– дар масъалаҳои маъмурӣ, ташкилӣ ва кадрӣ таҳким бахшидан ба функсияҳои сиёсати иқтисодии хориҷӣ вобаста ба ҳимоя кардан ва фаъолона инкишоф додани манфиатҳои иқтисодии миллӣ дар арсаи байналмилалӣ;

– такмил додан ва ба тарзи васеъ истифода намудани василаҳои пуштибонии сиёсию дипломатии ташаббусҳои тиҷоратӣ дар хориҷи кишвар бо ба ин фаъолият ҷалб сохтани шахсони мансабдори мартабаҳои олӣ ва ҳамаи намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа;

– ба вуҷуд овардан ва инкишоф додани механизмҳои самарабахши ҳамкории мутақобилаи дастгоҳи давлатӣ ва соҳибкорӣ дар ба амал баровардани мақсаду вазифаҳои сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар шакли ҳамкории шарикии хусусиву давлатӣ[7].

Раванди айнии ҳамеша тағйирёбандаи манфиатҳои шахсон дар миқёси минтақавӣ ва байналмилалӣ дар якҷоягӣ бо баъзе дигаргуниҳои авзоъ дар муносибатҳои байни кишварҳо

муҳитеро дар хориҷ ба вуҷуд меоварад, ки ташкили самарабахш, мантиқӣ ва пайгиронаи хадамоти дипломатиро дар кишвари мо талаб менамояд.

Тақозои замон ҷалби ҳарчи фаъолона ва мунтазами вазорату идораҳои дахлдорро дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз мавқеи ҳамоҳангсози фаъолияти байналмилалии сохторҳои давлативу хусусии кишвар ва иштироки баробарҳуқуқи онро дар қатори сохторҳои давлатие, ки сиёсат ва стратегияи иқтисодии хориҷии давлатро ташаккул медиҳанд, талаб мекунад.

Вобаста ба ин, раванди ҷаҳонишавӣ, ки тақвияти рақобати байналмилалиро ба ҳамроҳ дорад, иштироки фаъолонаи давлатҳоро дар пешбурд ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ талаб менамояд. Дастгирии давлатӣ дар шаклҳои гуногун имрӯз чун муҳимтарин омили фаъолияти муваффақонаи ширкатҳои ватанӣ ва умуман кишвар, дар бозори ҷаҳонӣ хизмат мекунад. Дар айни замон, сухан на дар бораи иваз кардани усулҳои хоҷагидории бозорӣ, балки дар бораи баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ меравад, ки дар шароити рақобати шадиди бозорӣ кору фаъолият мекунанд. Таҳкими рақобатпазирии миллӣ амалисозии маҷмӯи тадбирҳои ҳамалоқаманд ва такмилдиҳандаи якдигарро ҳам дар соҳаи сиёсати иқтисодии дохилӣ (мусоидат ба рушди технологӣ, фаъолияти инноватсионӣ ва ғайра) ва ҳам дар соҳаи сиёсати иқтисодии хориҷӣ (пешбурди содирот, беҳбуди шароити дастрасӣ ба бозори хориҷӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, технология ва ғайра) дар назар дорад. Дар ин радиф дипломатияи иқтисодӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад, ки фазои мусоиди берунаро ҷиҳати ҳаллу фасли амалии вазифаҳои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ташаккул медиҳад.

Амалан дар ҳама ҷо таҳкими пояи ниҳодӣ ва созмондиҳӣ, баланд бардоштани мақоми дипломатияи иқтисодӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ ба мушоҳида мерасад. Вазифаи сохторҳои махсуси давлатӣ дар соҳаи дастгирии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҳимояи манфиатҳои ширкатҳои ватанӣ дар хориҷа, мусоидати тиҷоратию сиёсӣ, сафарбаркунии манбаъҳои берунӣ ба мақсади рушд густариш меёбад, шумораи онҳо меафзояд ва сифати кори онҳо беҳбуд меёбад. Чунин сохторҳо ҳар чи бештар аз тарафи хизматчиёни сатҳи вазоратҳо роҳбарӣ карда мешаванд. Ҳамчунин тамоюл ба муттаҳидшавӣ дар доираи шуроҳои умумимиллӣ оид ба масоили рақобатпазирӣ, кумитаҳои мусоидат ба тиҷорат ҷой дорад, ки ин ба дипломатияи иқтисодӣ ҷанбаи бутунӣ, ҳадафмандӣ ва комплексӣ дода, имкон медиҳад, ки бо кумаки он вазифаҳои мураккаби таъмини муассири манфиатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳаллу фасл шаванд.

Ҳангоми мулоқоти сарони «Ҳаштгона» дар солҳои 2004-2007 беш аз 50 санади гуногун қабул шуданд, ки амалан тамоми масоили рушди ҷаҳониро фаро гирифтанд: яъне проблемаҳои амният, аз ҷумла амнияти энергетикӣ, мубориза бо терроризм ва офати табиӣ, густариш наёфтани аслиҳаи қатли ом, рӯйдодҳои Шарқи Наздик ва Шимоли Африка, аз байн бурдани гуруснагӣ ва фақр, мушкили қарзи фақиртарин давлатҳо, рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат, мубориза бо коррупсия, амнияти зеҳнӣ, ҳамчунин проблемаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғайра. Дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳар чи бештар истилоҳоте, монанди «шарикии глобалӣ», «имконоти глобалӣ» садо медиҳанд, ки дипломатияро умуман ва аз ҷумла, дипломатияи иқтисодиро ба зинаи сифатан нав мебардорад, ки ин гувоҳи имконияти зиёд ва масъулият дар ҳалли вазифаҳои умумиҷаҳонӣ мебошад[9].

Ба ҷумлаи вазифаҳои афзалиятноки дипломатияи иқтисодӣ оид ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ қабл аз ҳама, таъмини амнияти иқтисоди хориҷӣ дахл дорад, яъне огоҳсозӣ ё пешгирии таҳдид ба рушди мутавозуни хоҷагӣ, ки аз вайроншавии алоқаҳои иқтисоди хориҷӣ ва вазъи муҳити зист бармеояд. Сухан аз ҷумла, дар бораи таъминоти мунтазами аҳолӣ бо маводи ғизоӣ ва доруворӣ ва таъмини муассисаҳо бо манбаъҳои энергетикӣ ва маводи камёб, ҳамчунин, дар бораи ҳифзи фазои одии рақобат меравад. Аммо нақши дипломатияи иқтисодӣ фақат иборат аз амал кардан дар сурати ба вуҷуд омадани вазъияти фавқулода ё номусоид барои хоҷагии кишвар намебошад.

Дар сурати алоқамандии кишварҳо ба тавсеаи робитаҳои иқтисоди хориҷӣ тафовути ҷиддии миллӣ дар таъмини манбаъҳои табиӣ, молиявӣ ва дар сатҳи рушд ва сохтори хоҷагиҳо ва мавқеи ширкатҳо дар бозори ҷаҳонӣ ба он оварда мерасонад, ки фоидаи

соҳибкорони ватанӣ ва аҳолӣ ба андозаи зиёд аз шароити ҳамкории иқтисодии байнидавлатӣ вобаста мебошад. Таъмин будани ҳамкории иқтисодии байналмилалии давлат, ки дар ниҳоят ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии он мусоидат мекунад, низ вазифаи афзалиятноки дипломатияи иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин, ҳадафи дипломатияи иқтисодӣ ба ҷустуҷӯи қарорҳои созишкорона ба асоси гузашти ҳамдигарӣ ба ин шарт, ки фоидаи мутақобилаи шарикони музокиракунанда аз ин гузаштҳо бештар аз худи гузашт мебошад, равона карда шудааст.

Самаранокии дипломатияи иқтисодиро мавҷудияти стратегияи давлатии рушди робитаҳои миллии иқтисоди хориҷӣ барои оянда баланд мебардорад. Сухан на танҳо дар бораи шаклдиҳии ҳадафҳои умумӣ, балки дар бораи вазифаҳои мушаххаси вобаста ба муносибатҳои иқтисодӣ бо минтақаҳои алоҳида ва кишварҳои муҳим, ҳамчунин бо соҳаҳои алоҳидаи бузург, қабл аз ҳама, бо тиҷорати амволи асосӣ ва хизматрасонӣ, самтҳо ва шаклҳои ҳамкории сармоягузорӣ меравад. Чунин стратегия бояд тарҳрезӣ шавад ва вақт ба вақт аз тарафи мақомоти давлатии байниидоравӣ бо иштироки фаъоли институтҳои таҳқиқотии иқтисодӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорон ва ширкатҳои бузург – иштирокчиёни иқтисоди хориҷӣ, ҳамчунин ташкилоти ҷамъиятӣ, аз ҷумла иттифоқҳои касаба, ислоҳ карда шавад[7].

Самаранокии дипломатияи иқтисодӣ бо дастёбӣ ба сатҳи рушди иқтисодии давлат, мавҷудияти манбаъҳои зарурии молиявӣ ва дигар манбаъҳо алоқамандии наздик дорад. Дар айни замон, худи дипломатияи иқтисодӣ омили муҳимми рушди рақобатпазирӣ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳар чи бештар нақши муҳимро дипломатияи иқтисодии фаъол пайдо мекунад, ки ҳадафи он нуфуз ба бозорҳои ҷаҳонии ояндадор рҳо мебошад.

Густариши робитаҳои иқтисоди хориҷӣ ва шаклҳои он дар назди дипломатияи иқтисодӣ вазифаҳои ҳар чи бештар мураккабро мегузорад. Дар айни замон, тақвияти ҳамбастагии иқтисодии кишварҳо ҳукумати ин давлатҳоро водор месозад, ки дар аксар мавридҳо барои ҳалли вазифаҳои иқтисоди хориҷӣ, хусусан вақте ки бо ёрии воситаҳои анъанавии дипломатӣ пайдо кардани ҳалли онҳо муяссар намегардад, ба дипломатияи иқтисодӣ муроҷиат намоянд.

Умуман, воқеияти имрӯзаи ҷаҳонии оғози асри XXI боиси тағйироти ҷиддӣ дар дипломатияи иқтисодӣ, аз ҷумла дар масоили зерин мегардад:[12]

– майдони амали объектҳои дипломатияи иқтисодӣ тавсеа меёбад. Бар замми тиҷорат, сармоягузорӣ ва андоз масоили мусоидати иқтисодӣ, муҳоҷирати қувваи корӣ, рақобат ва ғайра илова мешаванд;

– доираи субъектҳои дипломатияи иқтисодӣ густариш меёбад. Дар баробари мавқеъҳои анъанавии вобаста ба хадамоти дипломатии касбӣ, дар дипломатияи иқтисодӣ дигар сохторҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, бизнеси хусусӣ низ ширкат кардан мегиранд. Қоидаи дастгирии бизнеси хусусӣ дар хориҷа ривоҷ меёбад;

– ҷаҳонишавӣ барои дипломатияи иқтисодӣ мавзуъҳо ва вазифаҳои навро меоварад, бинобар ин, фаъолияти байнидавлатии он қатъ мегардад;

– вазифаҳои ниҳодӣ оид ба таъмини иқтисоди миллӣ аз ҳисоби зарурати қабули дурусти меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бо шарти таъмини манфиатҳо ва амнияти миллӣ мураккаб мешаванд;

– тағйироти ҷузъии соҳавии дипломатияи иқтисодӣ ба амал меояд, ки ҷанбаи глобалӣ дорад: яъне тағйироти энергетикӣ, экологӣ, ғизоӣ ва ғайра. Масалан, дар шароити ҷаҳонишавӣ рафтори кишварҳо дар чунин масъалаи меҳварӣ, монанди соҳиб будан ба манбаъҳои энергия, назорат ба онҳо ва роҳҳою воситаҳои интиқоли ин манбаъҳо аҳамияти муҳим пайдо мекунад.

Чунин таҳаввулот боиси тағйири талабот нисбат ба ҳайати кадрии мақомоти робитаҳои хориҷӣ, қобилияти онҳо барои дуруст дарк кардани проблемаҳо ва ҷузъҳои алоҳидаи онҳо ва аз аксуламал дар баробари равандҳо гузаштан ба идоракунии онҳо мегардад. Аз ин ҷо метавон чунин натиҷагирӣ кард: дипломатияи иқтисодӣ беш аз пеш аз вазифаи мусоидат ба ҳалли мсъалаҳои алоҳидаи хусусӣ ба таъмини вазифаҳои идораи равандҳо аз тарафи давлат

мегузарад. Дар бораи оянда ва тамоюлоти рушди дипломатияи иқтисодӣ сухан гуфта, метавон омилҳои асосии зеринро ҷудо кард, ки дар оянда ба ин рушд таъсир хоҳанд кард:

– вусъат ёфтани пешрафти илмию техникӣ, ки дар паҳншавии технологияи нав, аз ҷумла воситаҳои алоқа ва ҳамлу нақл ифода меёбад; компютеркунонии глобалии фаъолияти иқтисодӣ таҳти таъсири пешрафти илмӣ-техникӣ тарзи роҳандозии бизнесро ба шакли нав матраҳ месозад. Иттилоотсозии глобалӣ имконоти дарёфти иттилооти тиҷоратӣ, умумиқтисодӣ ва махсусро хеле осон месозад.

– тағйироти глобалӣ дар соҳаи муҳити зист. Тамом шудани пояи иқтисодии зарурӣ барои нигоҳдории истеҳсолоти мунтазам тавсеаёфта масъаларо дар бораи манбаи маблағгузорӣ ба миён мегузорад. Бархурди ҷиддӣ нисбат ба муҳити зист ногузир боиси ташаннуҷ дар фаъолияти иқтисоди ҷаҳонӣ мегардад. Маблағ барои ҳалли масъалаҳои экологиро метавон аз ҳисоби кишварҳои ғайримарказ (музофотӣ) пайдо кард, ки ин боиси нобаробарии бештар байни Марказ ва ғайримарказ мегардад, ё ин ки хароҷотро Марказ ба уҳдаи худ мегирад, ки ин ногузир ба коҳиши сатҳи зиндагӣ дар он ҷо оварда мерасонад;

– рушд ва ҷойивазкунии доимии аҳолӣ. Аҳолӣ ба сабаби вазъи фалокатбори экологӣ ва вазъи ғайриқаноатбахши иқтисодӣ ва сиёсӣ муҳоҷират мекунад. Муҳоҷирати оммавӣ аз музофот ба марказ вокуниши ҷавобии ҷазоӣ (репрессивӣ)-ро ба вуҷуд меоварад, ки дар навбати худ, бо талаботи демократикунонии ҷомеа мухолиф буда, проблемаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро меофарад;

– афзоиши тафовут байни кишварҳои фақир ва доро. Тақвияти рақобат байни кишварҳои марказ (Иттиҳоди Европа / Ҳавзаи тиҷорати озоди Америкаи Шимолӣ – Япония / Иттиҳодияи кишварҳои Осиёи Ҷануб ва Шарқ) эҳтимоли равона кардани сармоя ба кишварҳои камтар рушдёфтаро коҳиш мебахшад ва зарурати сармоягузорӣ дар хоҷагии кишварҳои дорои иқтисоди гузариш ба мақсади пешгӯйии рафтори онҳо дар бозорҳои ҷаҳонии амвол инро амиқтар месозад;

– бештар шудани ҳамбастагии иқтисодии кишварҳои ҷаҳон ногузир ба якхелашавии меъёрҳои ҳуқуқ, арзишҳои фарҳангӣ, тарзи зиндагӣ, усули рафтор ва ғайра оварда мерасонад, ки ин мавқеи гурӯҳҳои гуногуни аҳолии алоқаманд ба ҳифзи асолати худ, арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ ва таърихии хеш бархурд мекунад. Аммо ин масъалаи иерархӣ будани иқтисоди ҷаҳонӣ, сершумор будани субъектҳои амалкунанда дар онро аз миён намебардорад;

– тақвияти нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, ки дар пасманзари коҳиши қобилияти баъзе давлатҳо дар бобати ҳифзи тартиботи дохилӣ ва нотавоноии онҳо ҷиҳати таъмин кардани амният ва таъминоти иҷтимоӣ барои шаҳрвандони худ ба амал меояд. Амали дохилӣ ва хориҷии давлатҳо ҳар чи бештар ба воситаи қоидаҳои ташаккул дода аз тарафи созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ идора мешавад. Нуфузу ҳайсияти ин созмонҳо бо бартараф намудани сабабҳои идеологӣ ҳангоми арзёбии вазъият, қабули қарор ва ғайрисамарабахш будани маҷозоти ҳарбӣ-сиёсӣ бар зидди вайронгарони тартиботи иқтисодии ҷаҳонӣ муайян карда мешавад;

– нақши рӯзафзуни сохторҳои ғайридавлатӣ (хусусан иттиҳодияҳои фаромиллӣ) дар ҳалли масоили байналмилалӣ, аз ҷумла проблемаҳои иқтисодӣ, масъалаи тағйири таркиби субъектҳои асосии дипломатияи иқтисодиро ба миён мегузорад. Ҷаҳон ба сӯйи вазъи нави иҷтимоию иқтисодӣ ҳаракат мекунад, ки дар шароити он ҷомеаи байналмилалӣ якчанд намуд симоҳои амалкунанда ва фарқкунанда аз якдигарро шакл медиҳад, ки нақши онҳоро чун аъзои мухтори ҷомеаи мазкур ба эътибор гирифтан ғайримкон хоҳад буд.

Зимни натиҷагирӣ аз матлаби зикршуда, метавон гуфт, ки дурнамои дипломатияи иқтисодӣ бо ҳалли ягон вазифаи хусусии дорои ҷанбаи иқтисодӣ алоқаманд намебошад. Дипломатияи иқтисодии намунаи асри XXI дипломатияи ошкоро мебошад, ки ба пешгузарӣ ва пешқадамӣ дар матраҳ намудани масоили мубрами рушди иқтисоди ҷаҳонӣ самтгирӣ шудааст. Имрӯз қариб, ки ҳамарӯза даҳҳо ибтикорҳои бузург пешниҳод ва баррасӣ мешаванд, ки ба проблемаҳои глобалӣ, минтақавӣ, тиҷоратию сиёсӣ, ҳамгироӣ, стратегияи бозор ва ғайра дахл доранд. Дар ин росто хусусан давлатҳои пешрафта фаъоланд, ки ба

заминаи қавии иқтисодӣ, манбаъҳои ғании молиявӣ, созмондиҳӣ ва дигар манбаъҳои дорои манфиатҳои глобалӣ ва гоҳҳо низоъбарангез такя мекунанд.

Хулоса, дипломатияи иқтисодӣ дар асри XXI муҳимтарин фишанги таҳкими рақобатпазирии байналмилалии кишвар, дарёфти фоида ва бартарии рақобатӣ дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Бинобар ин, солҳои охир шаклҳои фаъоли дипломатияи иқтисодӣ бештарривоҷу равнақ ёфтаанд, ки дастгирии сиёсию дипломатӣ ва ҳимояи содироти ватанӣ, тадбирҳои сершумори ҳамалоқаманд оид ба беҳтар кардани шароити дастрасии ширкатҳои миллӣ ба бозорҳои хориҷӣ (қабл аз ҳама, тадбирҳои тиҷоратию сиёсӣ), истифодаи созмонҳои бисёрҷониба ва минтақавӣ барои пешбурди манфиатҳои худӣ, таъсири ҳадафмандона ба шарикон бо истифодаи воситаҳои молиявӣ, манбаӣ ва дигар усулҳои фишоровариро фаро мегиранд. Дипломатияи иқтисодӣ дар асри XXI на танҳо падидаи миллӣ дар сатҳи макро ва микро, балки симои геополитикиро низ ба худ гирифтааст.

### *Адабиёт*


1. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 15 марти соли 2013. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/4113 (рӯзи воридшавӣ: 10.10.2024)
2. Дегтерев Д.А. Экономическая дипломатия: экономика, политика, право. Монография / Д.А. Дегтерев. М., 2010. – 176 с.
3. Джинджолия А.Ф. Мировая экономика и международные экономические отношения. Учебное пособие / А.Ф. Джинджолия, Е.Г. Попкова. – М.: КноРус, 2019. – 256 с.
4. Ивасенко А.Г. Мировая экономика. Учебное пособие / А.Г. Ивасенко, Я.И. Никонова. – М.: КноРус, 2018. 640 с.
5. Кузнецова Г.В. Экономическая дипломатия. Часть 2. Учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры / Г.В. Кузнецова, Г.В. Подбиралина. – М.: Юрайт, 2014. – 184 с.
6. Мавланов И.Р. Экономическая дипломатия. Учебное пособие / И.Р. Мавлонов. – М.: Аспект Пресс, 2016. – 528 с
7. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – 258 с.
8. Нуриддин П.Р. Суҳбатҳои дипломатӣ. Воситаи таълимӣ. Нашри дуюми такмилёфта. – Душанбе: «ЭР–граф», 2018. – 246 с.
9. Нуриддинов П.Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ / П.Р. Нуриддинов. Душанбе: «Таъминотчӣ», 2017. – 352 с.
10. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 576 с.
11. Нуриддинов Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ / Китоби дарсӣ. Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 496 с.
12. Нуриддинов Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 340 с.
13. Нуриддинов Р.Ш. Геополитика: Учебное пособие. / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 352 с.
14. Нуриддинов Р.Ш. Хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 388 с.
15. Раджабова З.К. Мировая экономика. Учебник / З.К. Раджабова. – М.: Инфра-М., 2019. – 370 с.
16. Райнхардт Р.О. Экономическая дипломатия ведущих европейских стран. – М.: МГИМО-Университет, 2016. – 260 с.
17. Шафиев Р. Экономическая дипломатия: вызовы современности. Монография / Р. Шафиев. – Lambert Academic Publishing, 2017. – 356 с.

## РУШДИ ДИПЛОМАТИЯИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Дар мақола мавзуи дипломатияи иқтисодӣ, ки муҳимтарин фишанг барои таҳкими рақобатпазирии байналмилалии давлат ва рушд додани манфиатҳои миллӣ, хусусан иқтисодӣ бо истифода аз воситаҳои анъанавӣ ва муосири дипломатӣ, маҷмӯи сохторҳои иқтисодии хориҷии ватанӣ, минтақавӣ ва созмонҳои байналмилалӣ мебошад мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст.

Зимни натиҷагирӣ аз мақолаи зикршуда, метавон гуфт, ки дурнамои дипломатияи иқтисодӣ бо ҳалли ягон вазифаи хусусии дорои ҷанбаи иқтисодӣ алоқаманд намебошад. Дипломатияи иқтисодии намунаи асри XXI дипломатияи ошкоро мебошад, ки ба пешгузарӣ ва пешқадамӣ дар матраҳ намудани масоили мубрами рушди иқтисоди ҷаҳонӣ самтгирӣ шудааст. Имрӯз қариб, ки ҳамарӯза даҳҳо ибтикорҳои бузург пешниҳод ва баррасӣ мешаванд, ки ба проблемаҳои глобалӣ, минтақавӣ, тиҷоратию сиёсӣ, ҳамгирой, стратегияи бозор ва ғайра дахл доранд.

Аз назари муаллиф, дипломатияи иқтисодӣ дар асри XXI на танҳо падидаи миллӣ дар сатҳи макро ва микро, балки симои геополитикиро низ ба худ гирифта ва муҳимтарин фишанги таҳкими рақобатпазирии байналмилалии давлат, дарёфти фоида ва бартарии рақобатӣ дар бозори ҷаҳонӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** дипломатия, дипломатияи иқтисодӣ, сиёсати хориҷӣ, манфиатҳои миллӣ, ҷаҳонишавӣ, амният, Тоҷикистон ва ғ.

## РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДИПЛОМАТИИ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

Эта статья посвящена изучению темы экономической дипломатии, которая является важнейшим рычагом укрепления международной конкурентоспособности государства и развития национальных интересов, особенно экономических, с использованием традиционных и современных дипломатических инструментов, комплекса внутренних, региональных, внешних экономических структур и международных организаций.

В результате, из данной статьи можно заключить, что экономическая дипломатия не сводится к решению какой-либо конкретной задачи, имеющей экономический аспект. Экономическая дипломатия – это модель открытой дипломатии XXI века, целью которой является лидерство и инициатива в решении насущных проблем развития мировой экономики. Сегодня практически ежедневно выдвигаются и обсуждаются десятки крупных инициатив, касающихся глобальных, региональных, торговых и политических вопросов, интеграции, рыночной стратегии и т.д.

С точки зрения автора, экономическая дипломатия в XXI веке стала не только национальным явлением на макро- и микроуровнях, но и приобрела геополитическое измерение, являясь важнейшим рычагом повышения международной конкурентоспособности государства, получения прибыли и конкурентных преимуществ на мировом рынке.

**Ключевые слова:** дипломатия, экономическая дипломатия, внешняя политика, национальные интересы, глобализация, безопасность, Таджикистан и др.

## DEVELOPMENT OF ECONOMIC DIPLOMACY IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

This article is dedicated to the study of economic diplomacy, which is a crucial lever for strengthening a state's international competitiveness and developing national interests, especially economic ones, through the use of traditional and modern diplomatic tools, a complex of domestic, regional, and external economic structures, and international organizations.

As a result, it can be concluded from this article that economic diplomacy is not limited to solving any specific problem with an economic aspect. Economic diplomacy is a 21st-century model of open diplomacy, the goal of which is leadership and initiative in addressing pressing issues of global economic development. Today, almost daily, dozens of major initiatives are put forward and discussed concerning global, regional, trade, and political issues, integration, market strategy, etc.

From the author's point of view, economic diplomacy in the 21st century has become not only a national phenomenon at the macro and micro levels but has also acquired a geopolitical dimension, being the most important lever for increasing the state's international competitiveness, generating profits, and gaining competitive advantages in the global market.

**Keywords:** diplomacy, economic diplomacy, foreign policy, national interests, globalization, security, Tajikistan, etc.

**Дар бораи муаллиф**
Нуриддин Парвин Раймалихон,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
мудири кафедраи сиёсатшиносӣ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
E-mail: panurama@mail.ru

**Об авторе**
Нуриддин Парвин Раймалихон,
кандидат политических наук, доцент,
заведующий кафедрой политологии.
Таджикий государственный педагогический университет имени Садриддина Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121.
E-mail: panurama@mail.ru

**About the author**
Nuriddin Parvin Raimalikhon,
candidate of political science, associate professor,
Head of the Department of Political Science.
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 121, Rudaki Avenue
E-mail: panurama@mail.ru

УДК 316.77:305

# ПРИЧИНЫ ВСТУПЛЕНИЯ МОЛОДЕЖИ В ЭКСТРЕМИСТСКИЕ ГРУППЫ И МЕРЫ ПО ИХ ПРЕДОТВРАЩЕНИЮ

***Назарзода Т. К.***
*Дангаринский государственный Университет*

***Козиён Ш. К.***
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*

В наше время человечество сталкивается с рядом глобальных проблем, решение которых является обязанностью всех стран мира. Среди таких проблем: обеспечение безопасности мирового сообщества, рост экстремизма и терроризма, транснациональная преступность, усиливающееся влияние сверхдержав на малые страны, обеспечение населения чистой питьевой водой и здоровой пищей, охрана здоровья людей, защита прав человека и многое другое. Экстремизм как идея, идеология и политика становится преступлением, когда для достижения целей выбираются силовые методы или террор.

По мнению исследователей, одной из причин распространения преступлений экстремистских движений являются социально-экономические проблемы (недостаток рабочих мест, трудовая миграция), культурное образование (низкий уровень знаний среди молодежи) и религия (недостаток знаний об основах исламского общества). Также, одной из причин развития преступлений экстремистских и террористических движений в Центральной Азии считается агрессивная деятельность разведывательных служб мировых сверхдержав, направленная на защиту их геополитических интересов.

При этом, одной из главных причин вовлечения молодежи в экстремистские группы является регулярная пропаганда экстремистско-террористической идеологии «салафизма» среди всех слоев общества через интернет. Следует отметить, что процесс вовлечения молодежи в экстремистские группы через интернет проводится очень искусно, и неосведомленные молодые люди попадают в ловушку обмана, уезжая за границу для участия в «мирных» конфликтах.

Изучение уголовных дел террористического и экстремистского характера показывает, что более 80% участников были завербованы в экстремистские и террористические организации в процессе трудовой миграции за границей, при этом более 87% из них в возрасте от 18 до 35 лет. Как правило, вербовщики используют мощные мобильные устройства и приложения, такие как Viber, WhatsApp, Imo, YouTube, Ok.ru, Twitter и другие. Эти приложения используются для дешевых голосовых звонков, а также для создания текстовой, визуальной и аудиоинформации. Используя наивность, неопытность и недостаток образования у молодежи, их вовлекают в экстремистские группы через интернет.

Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст

Также сторонники экстремистских течений — идеологи — через приложение **Zello** (радиотелефон), которое устанавливается на упомянутые выше мощные мобильные устройства и компьютеры, продвигают экстремистские идеи. Это происходит в социальных сетях, где одновременно могут участвовать до 1000 пользователей онлайн, проводятся обсуждения и даются ответы на вопросы [1, с. 31**].**

Некоторые социальные сайты и транснациональные сети играют ключевую роль в распространении и пропаганде идей такфиризма и экстремизма. Зачастую их центры расположены в зарубежных странах Запада и Востока, откуда действуют «караваны моджахедов» и организаций «Ахль аль-Байт». Эти структуры, представляющие собой разведывательные аппараты и международные экстремистско-террористические организации, продвигают свои экстремистские цели на различных языках мира [2, с. 34].

С помощью вышеуказанных методов многие представители литературы, культуры, искусства, истории, политики и исламской духовности, несмотря на свою образованность и творческий потенциал, стали жертвами политических игр и обмана экстремистских идей, распространяемых зарубежными проповедниками.

Фактически, из-за отсутствия "духовного ускорения" такие люди попадают в руки "террористов века". Анализы показывают, что только 8-10% всех участников вооруженных конфликтов за рубежом имеют высшее образование, 13-15% — неполное высшее или среднее специальное образование, а 78-80% — неполное общее среднее образование. Отсутствие глубоких знаний как светского, так и религиозного характера ослабляет их внутреннюю природу и вовлекает в водоворот гибели [3, с. 9].

Таким образом, для предотвращения вступления молодежи в террористические и экстремистские организации мы предлагаем следующее:

- Молодежь страны должна воспитываться в духе толерантности, характерной для всемирной ханафитской традиции, и правильно понимать уникальные наставления и руководства великого лидера нации, Эмомали Рахмона. Это поможет предотвратить вовлечение молодежи в экстремистские группы. Ведь некоторые недалекие, необразованные и неопытные молодые люди попадаются на уловки экстремистов и шпионов, лишая себя будущего. Постепенно они утрачивают связь с культурой своего народа, историей и традициями предков, становятся чуждыми своей стране и нации.
- Молодежи не следует обсуждать основы ислама с теми, кого они недостаточно хорошо знают, и кто не получал религиозного образования в учебных заведениях Таджикистана. Также следует избегать их провокаций.
- Гражданам не стоит доверять людям, которые регулярно предлагают деньги, еду, кров, одежду или другую помощь, так как это может быть частью экстремистской деятельности.

Кроме того, всем гражданам страны, общественности, молодежи и другим активным деятелям важно взять на себя высокую ответственность за реализацию вышеуказанных рекомендаций. Показывайте свою преданность делу не только лозунгами и словами, но и честным, искренним трудом во всех сферах. Мы не должны быть равнодушными и безответственными. Нужно воспитывать молодежь в духе патриотизма, богопочитания и самопознания, а также вовлекать их в созидательную деятельность, укреплять их роль в защите достижений независимости и содействовать укреплению национального единства.

### ***Литература***


1. Сафаров, Ҳ. С. Ҳафиззода Ш.Х. «Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ташклотҳои экстремистӣ дастурамали методӣ / Ҳ. С. Сафаров, Ш. Х. Ҳафиззода. – Душанбе, 2017. – 31 с.
2. Расулов, С.М. «Тероризм ва экстремизм – вабои аср» дастурамали методӣ / С.М. Расулов, Қ.Н. Носиров, М.Г. Мазиёнов. - Душанбе 2018. – 34 с.
3. Каён С. Шарифзода К. Чаро ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ мепайванданд газетаи Ҷавонони Тоҷкистон 30 апрел 2018 .
4. Муродов Ф. Мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм газетаи Қонун ва ҷомеа 2017 – 15 май.
5. Гулзор Р. Бо ифротгароӣ муборизаи дастҷамъона мебояд. Матн оид ба терроризм ва ифротгароӣ // Ҷумҳурият 28 май 2016
6. Ифротгароӣ ва оқибатҳои он [манобеи электронӣ] Низоми дастрасӣ: http:hhdt-sugd.tj /index.php/tg/ component /content / article/1- latestnevs/ 942-2015-04-02-03-48-53
7. Бухориев М. Муқовимат ба таҳдиду хатарҳои муосир [Матн]: оиди терроризм ва экстремизм // Қонун ва Ҷомеа 2014 19 июн

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм"// http://mvd.tj/index.php /tj/konun/93-onuni-umkhurii-toikiston-qdar-borai-muboriza-bar-ziddi-terrorizmq (Санаи муроҷиат: 27.03. 2019).
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 04.04.2003// Паём ва рисолати созандаи он.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. –С.72-98.

В Таджикистане ведется активная борьба с попытками вовлечения граждан в экстремистские группы. Одной из важнейших мер является предотвращение распространения любой информации и литературы, разжигающей межконфессиональную ненависть и умаляющей достоинство представителей других религий и конфессий. В стране предпринимаются полезные меры по снижению социальных конфликтов в обществе, а также для обеспечения взаимопонимания между религиями и конфессиями.

Одним из важных путей борьбы с чуждыми идеями, индивидуализмом и терроризмом является воспитание молодежи в духе национальных ценностей. Для этого необходимо популяризировать труды ученых и писателей, а также произведения, которые они создали.

Молодежь должна познакомиться с трудами исламских ученых, суфиев, хадисоведов и правоведов, которые внесли значительный вклад в развитие исламской культуры. Это позволит молодому поколению извлечь пользу из истинной сути чистого ислама и избежать слепого следования экстремистским сектам и группам.

Моральные ценности, философские учения ислама, такие как чистота, терпимость, патриотизм и творчество, должны играть ключевую роль в формировании мировоззрения и духовно-нравственном совершенствовании современной молодежи.

Таким образом, в современном мире одной из актуальных проблем остается борьба с экстремизмом и терроризмом, что требует от каждого гражданина бдительности, политической проницательности, патриотизма и высокого уровня самосознания.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм"// http://mvd.tj/index.php /tj/konun/93-onuni-umkhurii-toikiston-qdar-borai-muboriza-bar-ziddi-terrorizmq (Санаи муроҷиат: 27.03. 2019).
2. Мирский, Г. Экстремизм, терроризм и внутренние конфликты в «третьем мире» / Г. Мирский.// Мировая экономика и международные отношения. - 1988. – 302 с.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 04.04.2003// Паём ва рисолати созандаи он.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С.72-98.
4. Сигарев А.В. К вопросу о сущности религиозного экстремизма// Вестник Омской юридической академии. 2016. № 1 (30). -С.46-51.
5. Ифротгароӣ ва оқибатҳои он [манобеи электронӣ] Низоми дастрасӣ: http:hhdt-sugd.tj /index.php/tg/ component /content / article/1- latestnevs/ 942-2015-04-02-03-48-53
6. Бухориев М. Муқовимат ба таҳдиду хатарҳои муосир [Матн]: оиди терроризм ва экстремизм // Қонун ва Ҷомеа 2014 19 июн


## ХАВФУ ТАҲДИДИ ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОӢ БА ҶОМЕА ВА МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ОНҲО


Дар ин мақола масъалаи терроризм ва ифротгароӣ дар заминаи чолишҳои кунунии ҷаҳонӣ баррасӣ мешавад. Таваҷҷӯҳи аслии ин матлаб ба вазъи Тоҷикистон, ки дар даҳсолаҳои ахир шоҳиди чанд ҳодисаи террористӣ шудааст, аст. Муаллиф дар бораи решаҳои таърихии ин падидаҳо, асосҳои идеологии онҳо ва иртиботи онҳо бо созмонҳои террористии байналмиллалӣ баррасӣ мекунад. Муаллиф бо истифода аз мисоли Тоҷикистон нишон медиҳад, ки чӣ гуна ақидаҳои ифротгаро барои ба мардум даст кашидан, суботи иҷтимоӣ ва нооором кардани вазъи сиёсӣ истифода мешаванд. Мақола ҳамчунин чораҳои мубориза бар зидди паҳншавии идеологияи ифротгароӣ ва радикализми ҷавонон баррасӣ шудааст.

Ин пажӯҳиш дар бораи тадбирҳои андешидаи Тоҷикистон барои мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва барномаҳои пешгирикунанда маълумот медиҳад. Аҳамияти ин пажӯҳиш бо афзоиши хатари терроризм ва ифротгароӣ ба амнияти ҷаҳонӣ вобаста аст.



**Калидвожаҳо:** терроризм, ифротгароӣ, Тоҷикистон, амният, ҳамкории байналмилалӣ, радикализми динӣ, муқовимат


## ГЛОБАЛЬНАЯ УГРОЗА ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА И МЕРЫ ПО ИХ ПРОТИВОДЕЙСТВИЮ.


Статья посвящена анализу глобальной проблемы терроризма и экстремизма. Особое внимание уделено ситуации в Таджикистане, где за последние десятилетия произошло несколько террористических актов. Автор исследует исторические корни этих явлений, их идеологическую основу, связь с международными террористическими организациями.

В статье на примере Таджикистана показано, как экстремистские идеи используются для манипулирования общественным сознанием, подрыва социальной стабильности и дестабилизации политической обстановки.

В статье также рассматриваются меры, принимаемые Таджикистаном по борьбе с терроризмом и экстремизмом, включая законодательные акты, международное сотрудничество и профилактические программы. Актуальность исследования обусловлена растущей угрозой терроризма и экстремизма для глобальной безопасности.
**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, Таджикистан, безопасность, международное сотрудничество, радикализация, противодействие.

## THE GLOBAL MENACE OF TERRORISM AND EXTREMISM: STRATEGIES FOR PREVENTION AND RESPONSE.

The article analyzes the global problem of terrorism and extremism. Particular attention is given to the situation in Tajikistan, where several terrorist attacks have occurred in recent decades. The author explores the historical roots of these phenomena, their ideological foundations, and their links to international terrorist organizations.

Using Tajikistan as an example, the article illustrates how extremist ideas are employed to manipulate public consciousness, undermine social stability, and destabilize the political environment.

The article also examines the measures implemented by Tajikistan to combat terrorism and extremism, including legislative acts, international cooperation, and preventive programs. The study’s relevance lies in the growing threat of terrorism and extremism to global security.
**Keywords:** terrorism, extremism, Tajikistan, security, international cooperation, radicalization, counteraction.

**Дар бораи муаллиф:**
Назарзода Турабек Камол,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
докторанти кафедраи фанҳои гуманитарӣ.
Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел.: (+992) 880 00 20 05

**Об авторе:**
Назарзода Турабек Камал
кандидат юридических наук, доцент,
докторант кафедры гуманитарных наук
Дангаринский государственный университет
Тел.: (+992) 880 00 20 05

**About the author:**
Nazarzoda Turabek Kamal,
Candidate of legal sciences, associate professor,
Doctoral student of the Department of Humanities,
Dangara State University
Ph.: (+992) 880 00 20 05

ТДУ 327.594.15:327.519.5

# НАТИҶАҲОИ СИЁСИИ СОЛ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОН ВА КОРЕЯИ ҶАНУБӢ

***Қудратов К.А., Мунисаи А.***
*Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*

Тайи чанд соли охир Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ ба беҳбуди равобити худ дар бахшҳои гуногун, дар мисоли иқтисодӣ, энергетика, нақлиёт, тиб, саноат, маориф, фарҳанг ва муҳоҷирати меҳнатӣ шурӯъ кардаанд. Кишварҳо ҳанӯз соли 1992 равобити дипломатии худро барқарор намуда, дар кишварҳои худ намояндагиҳои дипломатии худро кушодаанд, аммо ҳамкориҳои фаъол хеле дертар, дар солҳои ахир оғоз ёфтааст. Инро метавон бо ҷанги шаҳрвандие, ки дар Тоҷикистон пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ рух дод, алоқаманд донист. Умуман муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ бо назардошти робитаи таърихии байни кишварҳо ва дар як ҷуғрофиё қарор доштан ҳамкориҳоро хуб тақвият бахшидааст. Ҷумҳурии Корея ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ду кишварест, ки ба ҳам монандҳои зиёд доранд. Ин ду кишвар, ки таърихи бостонӣ доранд, он ба зиёда аз панҷ ҳазор сол тул дорад. Ҳарду кишвар, чунон ки маълум аст, дар таърихи худ бисёр марҳалаҳои душвору фоҷиаборро аз сар гузаронидаанд, вале тавонистаанд соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатҳои худро барқарор созанд ва ҳифз кунанд [1].

Замоне, ки Тоҷикистон дар соли 1991 истиқлолияти худро эълон кард, Ҷумҳурии Корея аллакай як кишвари мустақил буд ва ба давлати тараққикардаи саноатӣ табдил ёфта буд. Тоҷикистон дар ин давра ба ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда бо бисёре аз кишварҳои ҷаҳон равобити дипломатӣ барқарор кард. Муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ 27 апрели соли 1992 барқарор шуда, соли гузашта ба 32-солагӣ расидаанд. Ҳайати Корея бо роҳбарии Консули генералии Сафорати Ҷумҳурии Корея дар Федератсияи Русия Со Хюн Сеоб 27 декабри соли 1992 вориди Тоҷикистон шуда, аввалин давлати хориҷӣ буд, ки аввалин сафари расмии худро ба ҷумҳурӣ анҷом дод. Ин иқдоми Ҷумҳурии Корея нишон дод, ки Корея ба суботи минтақа ва кишвар манфиатдор аст. Рӯзҳои 12-15 январи соли 1993 нахустин намояндагони расонаҳои хабарии хориҷӣ барои инъикоси ҳаводиси ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон - намояндагони расонаҳои Корея вориди кишвар шуданд. Калонтарин ширкатҳои телевизион ва радиои Корея: MBS, KBS, SBS ва се рӯзномаи бузургтарини Корея: Чосунилбо, Тонг Ах Илбо, Чунанилбо аз тоҷикистон гузориш доданд. Нахустин мусоҳибаи раисиҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо расонаҳои хориҷӣ дар соли 1993 дар Душанбе сурат гирифта буд, ки он ҳам яке аз рӯзномаҳои кореягӣ буд. Кореяи Ҷанубӣ низ аввалин кишваре буд, ки дар моҳи январи соли 1993 ба тоҷикистон кумаки башардӯстона кард. Ҳамаи ин амалҳо асоси муносибатҳои ояндаи байни мамлакатҳо ба ҳисоб мераванд. Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо нахуствазири Кореяи ҷанубӣ зикр карда буд, ки ҷониби Тоҷикистон ба амали ҷониби Корея, ки дар замони ҷанги шаҳрвандӣ анҷом дода шуда буд баҳои баланд дода, ёдовар мешавад, ки Кореяи Ҷанубӣ дар сиёсати хориҷии кишвар ин кишвар мавқеи хоса дорад [4].

Муносибатҳои байни мамлакатҳо суст инкишоф ёфтанд ва дар сатҳи дипломатӣ ва сиёсӣ муносибатҳои байни кишварҳо пайваста мусбат буданд ва ҳамин тавр боқӣ мемонад. Муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳо аз сабаби он, ки Тоҷикистон давраи баъдиҷангиро аз сар мегузаронид, суст инкишоф ёфтанд. Дар ибтидои асри XXI муносибатҳо дар ҳама сатҳҳо пеш мерафтанд. Соли 2005 нахустин сафари раисиҷумҳури Тоҷикистон ба Сеул сурат гирифт. Сафари сарвари давлат ба рушди муносибатҳо мусоидат кард. Пас аз се сол, соли 2008 дар Душанбе Сафорати Кореяи Ҷанубӣ таъсис ёфт, ки аз соли 2022 дар сатҳи Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Корея фаъолият мекунад. Пас аз даҳсолаи аввал муносибатҳо муваффақияти боз ҳам бештар ба даст оварданд. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Сеул соли 2015 кушода шуд. Дар ҳамон сол боздиди дуввуми Эмомалӣ Раҳмон аз Кореяи Ҷанубӣ сурат гирифт. Дар давраи аз соли 2005 то соли 2015 ҳаҷми

муомилоти мол миёни кишварҳо 7 баробар афзоиш ёфта, то он замон дар Тоҷикистон 16 корхонаи муштарак фаъолият мекард. Тарафоҳо созишномаҳои нави хамкории иқтисодӣ ва илмиро имзо карданд [23].

Дар давраи аз соли 2019 то соли 2021 аз Тоҷикистон нахуствазири Кореяи Ҷанубӣ, раиси Маҷлиси миллӣ (парлумон) ва вазири корҳои хориҷӣ дидан кардаанд. Ҳамаи ин сафарҳо аз муносибатхои нек гувоҳӣ дода, ба инкишофи минбаъдаи ҳамкорӣ мусоидат карданд. Ҳамин тариқ, соли 2019 дар Душанбе муколамаи тиҷорӣ байни ширкатҳои Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ баргузор гардид. Дар ин Форум намояндагони бахшҳои иқтисодиёт, аз қабили саноат, барқ, сайёҳӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва тиб ширкат доштанд. Муносибатҳо аз ҷониби COVID-19 дар соли 2020 таъсири зиёд расониданд. Аммо соли оянда ҳамааш баргашт. Соли 2021 дар Душанбе 14-умин Форуми ҳамкориҳои «Осиёи Марказӣ – Ҷумҳурии Корея» баргузор гардид. Соли 2022 дар Сеул панҷумин комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ баргузор шуд. Дар ҷараёни ин комиссия ҷониби Корея барои маблағгузории бахшҳои иқтисоди миллӣ изҳори сипос намуда, ҷониби Корея низ Тоҷикистонро ба феҳристи кишварҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ дар 5 соли оянда шомил кардааст. Сафорати Корея дар Тоҷикистон пайваста бо намояндагони диаспораҳои кореягӣ дар Тоҷикистон, ки ҳудуди 1000 нафарро ташкил медиҳанд, мулоқотҳо баргузор мекунад. Бояд гуфт, ки Кореяи Ҷанубӣ ба намояндагони халқи худ дар хориҷа диққати махсус медиҳад [2].

Соли 2023 муносибатҳои онҳо боз ҳам дар бахшҳои иқтисодӣ ва ҳам фарҳангӣ ба сатҳи нав баромад. Бонки содироту воридоти Кореяи Ҷанубӣ сохтмони роҳи оҳани минтақавиро маблағгузорӣ мекунад. Дар натиҷаи тавофуқи дуҷонибаи ҳукуматҳои ду кишвар нахустин гурӯҳи шаҳрвандони Тоҷикистон ба Кореяи Ҷанубӣ фиристода шуданд. Ҳамчунин дар тобистони соли 2023 ҷаласаи комиссияи Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ баргузор шуд, ки дар он масъалаҳои ҳамкориҳо дар иқтисод ва саноат баррасӣ шуданд. Бино ба маълумоти Сарраёсати омори Тоҷикистон, дар соли 2023 ҳаҷми гардиши мол ба 35,2 миллион доллари амрикоӣ расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 6,1 фоиз зиёд мебошад. Ҳамчунин, Кореяи Ҷанубӣ барои таҳсил ба донишҷӯёни тоҷик фаъолона бурсия медиҳад. Аз ҷониби Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ ба Корея зиёд аст. Тоҷикистон низ мехоҳад ки аз имконоти доштаи Корея дар тарбияи кадрҳо ва сафарбар намудани қувваи корӣ истифода намояд. Бо назардошти гуфтаҳои боло соли 2024 соли бобарор дар густариши муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои мухталиф, инчунин таҳкими заминаи шартномавӣ-ҳуқуқӣ ҷонибҳо, дар густариши минбаъдаи равобити тиҷоратӣ-иқтисодӣ, сармоягузорӣ, илмӣ-техникӣ, тавсеаи муносибатҳои байнипарлумонӣ, ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноату энергетика, фарҳангу гардишгарӣ, муҳоҷирати корӣ ва тақвияти мушорикат дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дониста мешавад.

Дар соли 2024 бо назардошти гуфтаҳои боло чунин амалҳои мутақобила анҷом дода шудааст, аз ҷумла:

30 январи 2024 сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея бо раиси вилояти Кёнсанбукдо Ли Чеол-ву мулоқот намуд. Зимни вохӯрӣ мавзуи роҳандозии ҳамкориҳои байниминтақавии Тоҷикистону Корея мавриди баррасӣ қарор гирифт [9].

9 апрели соли 2024 сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея Салоҳиддин Кином бо ректори Донишгоҳи Йонгнами Корея Чой О-чул мулоқот намуд. Зимни суҳбат ҷонибҳо мавзуи роҳандозии ҳамкориҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишварро, махсусан ҷиҳати омодасозии мутахассисони соҳаи рушди устувор, аз ҷумла табодули таҷрибаи рушди маҳали кишвари иқомат дар мисоли Барномаи "Saemaul Undong" матраҳ намуданд [12].

23 апрели соли 2024 мулоқоти сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея Салоҳиддин Киром бо Дабири кулли Шӯрои оби Осиё, директори генералии Раёсати ҳамкории байналмилалии Созмони захираҳои оби Корея (K-water) Чо Йонгдок баргузор

гардид. Зимни суҳбат ҷонибҳо масъалаҳои густариши ҳамкориҳоро дар соҳаи обро баррасӣ намуданд [6].

2 майи соли 2024 мулоқоти сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея Салоҳиддин Киром бо мудири кулли Институти ҷаҳонии рушди сабз (GGGI) Фрэнк Рейсберман баргузор гардид. Зимни суҳбат ҷонибҳо мавзуъҳои густариши ҳамкории Тоҷикистон ва GGGI-ро дар заминаи энергияи таҷдидшаванда ва рушди устувор баррасӣ намуданд [7].

21 майи соли 2024 сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея Салоҳиддин Киром аз вилояти Чунчонбукдо боздид намуда, бо раиси вилоят Ким Ён Ҳван мулоқот намуд. Зимни вохӯрӣ мавзуи роҳандозии ҳамкориҳои байниминтақавӣ, аз ҷумла ташкили барномаҳои омӯзишӣ барои донишҷӯёни тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифт [10].

24 май соли 2024 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон узви Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея Ю Донгсуро ба ҳузур пазируфтанд.

Дар рафти мулоқот масоили таҳкиму густариши муносибатҳои ҳамкории ду кишвар баррасӣ гардид. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмони олимақомро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд. Ҳар ду ҷониб аз ҳолати феълии робитаҳои Тоҷикистону Корея изҳори қаноатмандӣ намуданд. Зимни мулоқот рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои муҳими сиёсӣ, байнипарлумонӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию гуманитарӣ муҳокима гардид.

Таъкид шуд, ки бунёди корхонаҳои истеҳсоли зарфҳо ва пластинаҳои офтобӣ дар Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”, ки имрӯз барои сохтмони онҳо санги асос гузошта шуд, оғозбахши марҳалаи нави рушди ҳамкорӣ хоҳад гардид [18].

23 августи 2024 дар Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея рӯнамоии китоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён”, ки ба забони кореягӣ тарҷума ва нашр гардид, бо иштироки намояндагони мақомоти фарҳанг ва ВАО-и кишвари иқомат ва шаҳрвандону донишҷӯёни тоҷик баргузор шуд [21]. Инчунин дар ин рӯз дар Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Сеул дар ҳамкорӣ бо созмони “International World in Korea” чорабинӣ бахшида ба муаррифии имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон зери унвони "Tajikistan Day 2024" баргузор гардид. Зимни чорабинии мазкур, ки бо иштироки доираи васеи намояндагони бахши мудирияти сайёҳии Донишгоҳи Сунчонхянг Каримов Суҳайлӣ имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон, ҷозибаҳои сайёҳии гушаҳои гуногуни кишвар, иқдомҳои Ҳукумати кишварамонро ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ муаррифӣ карда шуд [3].

3 сентябри соли 2024 муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ нусхаи эътимодномаи сафири навтаъйини Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷон Сонг Шикро қабул кард. Зимни суҳбат ҷонибҳо перомуни ҳолати кунунӣ ва дурнамои густариши ҳамкорӣ байни Тоҷикистону Корея ва масъалаҳои дигари мавриди таваҷҷуҳи тарафайн табодули афкор намуданд. Муовини вазири корҳои хориҷӣ сафири Кореяро ба муносибати ба ин вазифа таъйин шуданаш табрик намуда, ба ӯ дар амалӣ намудани рисолати дипломатиаш дар Тоҷикистон комёбиҳо таманно намуд [14].

6 сентябри соли 2024 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ (КОИКА) Ҷанг Вон Самро ба ҳузур пазируфтанд. Дар мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ баррасӣ гардид. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Кореяро шарики боэътимоди Тоҷикистон дар Осиёи Шарқӣ ва КОИКА-ро ниҳоди муҳими тақвияти ин шарикӣ номиданд. 29% афзоиш ёфтани ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар дар 7 моҳи соли 2024 тамоюле номида шуд, ки арзандаи дастгирӣ аст.

Зимни суҳбат ҳамкорӣ дар татбиқи тарҳҳои мухталиф, аз ҷумла, дар самти энергетика, нақлиёт, саноат, соҳибкории хурду миёна, рақамикунонӣ, идоракунии давлатӣ ва рушди инсонӣ баррасӣ шуд. Ҳамкорӣ дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ ва идораи об,

ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавқулода ва таъмини рушди устувор низ самарабахш арзёбӣ гардид. Ҳамчунин доир ба масоили мубрами ҳамкории дуҷониба, аз қабили тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, афзоиши тавлиди "энергияи сабз", рушди "иқтисоди сабз", ташкили "технопаркҳо", ҷорӣ намудани "технологияҳои рақамӣ" ва тавсеаи "тиҷорати электронӣ" табодули андеша сурат гирифт [16].

Дар ҳамин рӯз Президенти Ҷумҳурии Корея Юн Сок Ёл бахшида ба рӯзи "Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро табрик намуда, дар номаи табрикотиаш чунин омадааст: "Муҳтарам ҷаноби Президент, Табрикоти гарму самимии маро ба Шумо ва мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати таҷлили Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул фармоед. Кишварҳои мо дар солҳои гузашта муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ барқарор намуданд. Ман ба рушди минбаъдаи онҳо ва ҳамчунин, таҳкими робитаҳои дӯстии байни халқҳоямон умед мебандам. Ба Шумо аз сидқи дил саломатии бардавому хушбахтӣ, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон шукуфоии пойдор орзумандам" [22].

9 сентябри соли 2024 дар доираи сафари корӣ ба вилояти Суғд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Темурмалики шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ба фаъолияти корхонаи дӯзандагии Тоҷикистону Корея "Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ориён Ҷей Текстайл"" шинос шуда, барои бунёди марҳилаи дуюми корхона санги асос гузоштанд. Корхонаи дӯзандагии "Ориён Ҷей Текстайл" дар масоҳати 8 ҳазору 906 метри мураббаъ бо харҷи 1 миллион доллари амрикоӣ дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар бунёд гардида, яке аз калонтарин корхонаҳои саноати дӯзандагии вилояти Суғд ба ҳисоб меравад.

Зимни муаррифии маҳсулоти корхона ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ҳоло дар корхона 500 мутахассиси маҳаллӣ фаъолият намуда, бо маоши аз 1500 сомонӣ боло, нақлиёти махсуси хизматрасонӣ ва як вақт хӯрок таъмин мебошанд.

Марҳилаи дуюми корхонаи дӯзандагии Тоҷикистону Корея дар масоҳати 8 906 метри мураббаъ бо харҷи 5 миллион доллари амрикоӣ бунёд карда мешавад. Пас аз анҷоми марҳилаи дуюми корхона барои боз 350 сокини маҳалӣ ҷойи корӣ муҳайё мегардад. Бунёди корхонаҳои саноатӣ, ғанӣ гардонидани бозорҳои кишвар бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо маоши хуб таъмин намудани аҳолӣ аз зумраи ҳамин тадбирҳои судманд маҳсуб мешаванд [5].

28 сентябри соли 2024 дар шаҳри Сеул чорабинӣ бахшида ба 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Маврид ба зикр аст, ки дар чорабинӣ сафирони кишварҳои Осиёи Марказӣ, намояндагони мақомоти давлатии Корея, ВАО-и кишвари иқомат ва донишҷӯёну ҳамватанон иштирок намуданд.

Дар чорчӯби ин Форуми ҷавонони Тоҷикистон ва Корея ва муаррифии китоби "Олами гулдӯзии тоҷикон", ки бо ибтикори Сафорат ба чоп расид, доир шуд. Дар кори Форум донишҷӯёни фаъол оид ба ҳадафҳои стратегӣ ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон бо маъруза баромад карданд [24].

3 ноябри соли 2024 мулоқоти муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ бо сафири Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷон Сонг Шик баргузор гардид.

Ҷонибҳо оид ба вазъият ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба, инчунин татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки иқтисодиву иҷтимоӣ табодули афкор намуданд. Зимни вохӯрӣ ҳамчунин самтҳои авлавиятноки ҳамкорӣ дар ҳошияи Форуми ҳамкории "Осиёи Марказӣ-Ҷумҳурии Корея" мавриди баррасӣ қарор гирифтанд [19].

4 ноябри соли 2024 дар шаҳри Сеул Нишасти 17-уми вазирони корҳои хориҷии Форуми ҳамкории "Осиёи Марказӣ - Ҷумҳурии Корея" баргузор гардид, ки дар он ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини вазири корҳои хориҷӣ Содиқ Имомӣ ширкат варзид.

Зимни суханронӣ, роҳбари ҳайати тоҷикистонӣ дидгоҳи кишварро роҷеъ ба тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо Ҷумҳурии Корея ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар

ҳошияи ин абзори муассир баён намуд. Дар ҳошияи Форуми ҳамкорӣ чор ҷаласаи тахассусӣ дар бахшҳои занҷираи таъминот, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим, сайёҳӣ ва фанноварихои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар шакли ҳузурӣ ва маҷозӣ баргузор гардиданд. Дар фарҷоми ҷаласа, Изҳороти муштараки вазирони корҳои хориҷӣ ва Нақшаи кории Котиботи Форуми ҳамкории "Осиёи Марказӣ-Ҷумҳурии Корея" барои соли 2025 қабул гардид [13].

4 ноябри соли 2024 дар ш. Сеул дар ҳошияи сафари корӣ мулоқоти муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ бо муовини якуми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Корея Ким Ҳонг Кюн баргузор шуд. Зимни вохӯрӣ масоили марбут ба густариши муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои мухталиф, инчунин таҳкими заминаи шартномавӣ-ҳуқуқӣ муҳокима гардид. Ҷонибҳо зарурати густариши минбаъдаи равобити тиҷоратӣ-иқтисодӣ, сармоягузорӣ, илмӣ-техникӣ, тавсеаи муносибатҳои байнипарлумонӣ, ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноату энергетика, фарҳангу гардишгарӣ, муҳоҷирати корӣ ва тақвияти мушорикат дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавиро таъкид намуданд [20].

4 ноябри соли 2024 муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ дар ҳошияи 17-умин нишасти вазирони корҳои хориҷии Форуми ҳамкории Осиёи Марказӣ - Ҷумҳурии Корея дар шаҳри Сеул дар мулоқоти муштараки сарони ҳайатҳои вазоратҳои корҳои хориҷии Осиёи Марказӣ бо Президенти Ҷумҳурии Корея Юн Сок Ёл иштирок кард.

Дар суҳбат муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон паёму таманниёти неки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба муҳтарам Юн Сок Ёл ва мардуми Ҷумҳурии Корея расонид. Дар навбати худ Президенти Ҷумҳурии Корея дуруд ва таманниёти неки худро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён намуд. Бо таъкиди ҳавасмандӣ ба муҳиммияти тавсеаи минбаъда, ҷонибҳо дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни Тоҷикистону Кореяро матраҳ намуданд [11].

5 ноябри соли 2024 дар шаҳри Сеул муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ бо муовини Президенти Хадамоти захираҳои инсонии Корея оид ба масъалаҳои қувваи кории хориҷӣ ва шуғли ҷаҳонии Лим Син Мук мулоқот кард.

Зимни суҳбат ҷонибҳо аз имзои Ёддошти тафоҳум оид ба фиристодан ва қабули кормандон тавассути низоми иҷозати кор миёни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон ва Вазорати шуғл ва меҳнати Корея истиқбол намуда, дар мавриди татбиқи он, аз ҷумла таъсиси Маркази низоми иҷозати шуғл дар Тоҷикистон ва фиристодани шаҳрвандони кишвар барои фаъолияти муваққатии меҳнатӣ ба Корея мубодилаи афкор намуданд [8].

5 ноябри соли 2024 дар ш. Сеул дар ҳошияи сафари корӣ мулоқоти муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ бо ноиби Президенти Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ (KOICA) Ҳонг Сок Ҳва баргузор гардид. Зимни вохӯрӣ ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо KOICA дар татбиқи тарҳҳои мухталиф, аз ҷумла, дар самти энергетика, нақлиёт, саноат, рақамикунонӣ, идоракунии давлатӣ ва рушди инсонӣ баррасӣ шуданд.

Ҳамчунин аз ноиби Президенти KOICA Ҳонг Сок Ҳва барои иштирок дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо, ки тибқи қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе ба нақша гирифта шудааст, даъват ба амал оварда шуд [15].

6 ноябри соли 2024 дар ш. Сеул дар ҳошияи сафари корӣ мулоқоти муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ бо Президенти Ассамблея ва раиси шурои Институти ҷаҳонии рушди сабз (GGGI) Пан Ги Мун баргузор гардид.

Дар рафти вохӯрӣ С. Имомӣ ба Пан Ги Мун нусхаи аслии Номаи ҳамроҳшавии Тоҷикистонро ба Созишнома дар бораи таъсиси Институти ҷаҳонии рушди сабз супорида, ҷонибҳо аъзо шудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба GGGI дар роҳи густариши минбаъдаи

ҳамкориҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим муҳим арзёбӣ намуданд. Ҳамчунин мавзуъҳои густариши ҳамкории Тоҷикистон ва GGGI-ро дар заминаи энергияи таҷдидшаванда ва рушди устувор мавриди баррасӣ гирифтанд.

Ҳамзамон аз роҳбарияти GGGI барои иштирок дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо, ки тибқи қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе ба нақша гирифта шудааст, даъват ба амал оварда шуд. Пан Ги Мун аз робитаҳои деринаи дӯстонааш бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, ба роҳбари давлати Тоҷикистон дуруд ва таманниёти неки худро баён намуд [17].

27 ноябри соли 2024 ҳайати намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон дар шаҳри Ичони вилояти Кёнгидои Ҷумҳурии Корея бо фаъолияти гармхонаи ҳушманди «Smart Farm Essence» шинос шуданд. Зимни шиносои оид ба имконият ва истифодаи технологияҳои ҳушманд барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ маълумоти муфассал пешниҳод гардида, амали намудани ин таҷриба дар Тоҷикистон баррасӣ шуд [25].

Инчунин 27 ноябр ҳайати мазкур бо фаъолияти корхонаҳои истеҳсолии маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокӣ “Solfood” ва “FB Shinyoung” -и шаҳри Ҳесонги вилояти Канвон-дои Ҷумҳурии Корея шинос шуда, зимни шиносоӣ аз корхонаҳои истеҳсолии Ҷумҳурии Корея масоили роҳандозии ҳамкориҳои дуҷониба, аз ҷумла ҷалби сармоя ва омӯзиши технологияҳои навинро баррасӣ намуданд.

Кореяи Ҷанубӣ дар баробари ҳамсоякишварҳояш Ҷопон ва Чин дар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ мавқеъи хоса дорад. Бале, ҳузури Кореяи Ҷанубӣ  дар Осиёи марказӣ камтар ба назар мерасад, аммо дар рушди иқтисоди минтақа нақши назаррас дорад. Дар Тоҷикистон пас аз Ҷопон ва Чин Кореяи Ҷанубӣ қарор дорад, ки бо назардошти он ки ин кишварҳо аз Корея як зина пештаранд, вале Корея низ аз ин кишварҳо ақиб мондани нест.  Зимни ташаккули иқтисоди Тоҷикистон, Чин ва Русия кишварҳое буданд, ки аз ӯҳдаи ин вазифа баромада буданд, дар ин давра Кореяи Ҷанубӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки шумораи бештари диаспораи кореягиҳо дар ин ҷо ҳастанд, фаъолона ҳузур дошт. Бале, мавҷудияти диаспора ба муносибатҳои дуҷонибаи Кореяи Ҷанубӣ бо дигар кишварҳо таъсири зиёд мерасонад, зеро он дар системаи сиёсати хориҷии он мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ба эътиқоди бештари коршиносон, равобити Кореяи Ҷанубӣ ва Тоҷикистон дар солҳои ахир бемайлон рушд мекунад, зеро маҳз дар ҳамин давра заминаи ин - иқтисод пайдо шуд. Ҳоло моро лозим аст, ки дар равобит бахусус бо Кореяи Ҷанубӣ, ки пас аз беш аз 32 соли истиқлолият ба қадами навбатӣ ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар сиёсати хориҷӣ омода аст, қадами навбатӣ гузорем. Аз имкониятҳои он дар муносибатхои байналхалқӣ истифода бурда, ҳамкориро бо як катор мамлакатҳо вусъат диҳед ва Кореяи Ҷанубӣ ба таври ҳаққонӣ яке аз чунин давлатхо ба шумор меравад.

Имрӯзҳо худи Кореяи Ҷанубӣ тайёр аст ҳамкориро бо Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ вусъат диҳад. Сафари муовини вазири корҳои хориҷӣ дар соли 2024, таъини Сафири нави Фавкулода ва Мухтори Кореяи Ҷанубӣ дар Тоҷикистон, ҳама амалҳо аз таваҷҷӯҳи Кореяи Ҷанубӣ ба Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ шаҳодат медиҳанд. Тоҷикистон бояд ҳамкориҳоро бо Кореяи Ҷанубӣ дар соҳаҳое, ки Кореяи Ҷанубӣ муваффақ аст, густариш диҳад, аз қабили технологияҳои хеле пешрафта ва иқтисоди рақамӣ, такмили соҳаи гуманитарии он ва истифода аз равиш ва усулҳои муосири тиббӣ. Аз рӯи фаъолияти байналмилалии Кореяи Ҷанубӣ онро фаҳмидан душвор нест, Кореяи Ҷанубӣ мехоҳад дар ҷаҳон ва минтақаҳои наздик ба он Ҷумҳурии Кореяро бо таъриху фарҳанги он муаррифӣ кунад ва бо истифода аз нерӯи нарм вориди ин ё он минтақа шавад ва тавонад аз имкониятҳои он ба манфиати ҳам кишварҳои минтақа ва ҳам худи Корея истифода намояд. Умед аст, ки минбаъд низ ҳамкории Тоҷикистон дар ҳама самтҳо  бо Ҷумҳурии Корея идома ёфта, имкон пайдо мешавад, ки аз таҷрибаи беҳамтои Ҷумҳурии Корея Тоҷикистон бархурдор хоҳад гашт. Зеро таҷрибаи Ҷумҳурии Корея дар минтақаи

Осиёи Шарқӣ таҷрибаи беҳамто мебошад ва истифодаи он ба рушди иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат хоҳад кард.

### *Адабиёт*


1. 30-летие дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Республикой Корея: новые перспективы // Новости Таджикистана. URL: https://novosti-tadzhikistana.ru/30-letie-diplomaticheskih-otnoshenij-mezhdu-respublikoj-tadzhikistan-i-respublikoj-koreya-novye-perspektivy/ (санаи муроҷиат 20.10.2024)
2. Аслонова Н. Таджикистан и Южная Корея обсуждают расширение сотрудничества // Asia-plus. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/politics/20221026/tadzhikistana-i-yuzhnaya-koreya-obsuzhdayut-rasshirenie-sotrudnichestva (санаи муроҷиат 20.10.2024)
3. Баргузории чорабинӣ бахшида ба муаррифии имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон зери унвони "Tajikistan Day 2024"// Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/15601/barguzorii-chorabini-bakhshida-ba-muarrifii-imkoniyathoi-saijohii-tojikiston-zeri-unvoni-tajikistan-day-2024 (санаи муроҷиат 20.10.2024)
4. Батенкова, Е. Сегодня 30 лет дипотношениям Таджикистана и Республики Корея / НИАТ «Ховар». URL: https://tajsohtmon.tj/ru/news_ru/10289-segodnya-30-let-dipotnosheniyam-tadzhikistana-i-respubliki-koreya-viktor-kim-rasskazal-ob-imeyuschihsya-vozmozhnostyah-i-resursah-kotorye-neobhodimo-zadeystvovat.html (санаи муроҷиат 20.10.2024)
5. Боздид аз корхонаи дӯзандагии Точикистону Корея ҶДММ "Ориён Ҷей Текстайл" ва гузоштани санги асоси марҳилаи дуюм // Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон URL: https://www.prezident.tj/event/photoreport/photoreport/47301 (санаи муроҷиат 20.10.2024)
6. Вохӯрӣ бо Дабири кулли Шӯрои оби Осиё/директори генералии Раёсати ҳамкории байналмилалии Созмони захираҳои оби Корея (K-water) // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/14914/vokhuri-bo-dabiri-kulli-shuroi-obi-osijodirektori-generalii-rajosati-hamkorii-bainalmilalii-sozmoni-zakhirahoi-obi-koreya-k-water (санаи муроҷиат 20.10.2024)
7. Вохӯрӣ бо мудири кулли Институти ҷаҳонии рушди сабз // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/14959/vokhuri-bo-mudiri-kulli-instituti-jahonii-rushdi-sabz (санаи муроҷиат 20.10.2024)
8. Вохӯрӣ бо муовини Президенти Хадамоти захираҳои инсонии Корея оид ба масъалаҳои қувваи кории хориҷӣ ва шуғли ҷаҳонӣ // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/16074/vokhuri-bo-muovini-prezidenti-khadamoti-zakhirahoi-insonii-koreya-oid-ba-masalahoi-quvvai-korii-khoriji-va-shugli-jahoni (санаи муроҷиат 20.10.2024)
9. Вохӯрӣ бо раиси вилояти Кёнсанбукдои Ҷумҳурии Корея // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/14260/vokhuri-bo-raisi-viloyati-kjonsanbukdoi-jumhurii-koreya
10. Вохӯрӣ бо раиси вилояти Чунчонбукдои Ҷумҳурии Корея // Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/15082/vokhuri-bo-raisi-viloyati-chunchonbukdoi-jumhurii-koreya (санаи муроҷиат 20.10.2024)
11. Вохӯрии сарони ҳайатҳои вазоратҳои корҳои хориҷии Осиёи Марказӣ бо Президенти Ҷумҳурии Корея // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/16068/vokhurii-saroni-haiathoi-vazorathoi-korhoi-khorijii-osijoi-markazi-bo-prezidenti-jumhurii-koreya (санаи муроҷиат 20.10.2024)
12. Вохӯрии сафир бо ректори Донишгоҳи Йонгнами Корея // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/14871/vokhurii-safir-bo-rektori-donishgohi-iongnami-koreya (санаи муроҷиат 20.10.2024)
13. Иштирок дар Нишасти 17-уми вазирони корҳои хориҷии Форуми ҳамкории "Осиёи Марказӣ-Ҷумҳурии Корея" // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/16066/ishtirok-dar-nishasti-17-umi-vazironi-korhoi-khorijii-forumi-hamkorii-osijoi-markazi-jumhurii-koreya (санаи муроҷиат 20.10.2024)
14. Қабули нусхаи эътимоднопмаи сафири Ҷумҳурии Корея // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/15638/qabuli-nuskhai-etimodnomai-safiri-jumhurii-koreya (санаи муроҷиат 20.10.2024)

15. Мулоқот бо ноиби Президенти Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ (KOICA) // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/16078/muloqot-bo-noibi-prezidenti-agentii-koreya-oid-ba-hamkorii-bainalmilali-koica (санаи муроҷиат 20.10.2024)
16. Мулоқот бо Президенти Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ (КОИКА) Ҷанг Вон Сам // Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон URL: https://www.prezident.tj/event/photoreport/photoreport/47173 (санаи муроҷиат 20.10.2024)
17. Мулоқот бо Президенти Ассамблея ва раиси шурои Институти ҷаҳонии рушди сабз // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/16087/muloqot-bo-prezidenti-assambleya-va-raisi-shuroi-instituti-jahonii-rushdi-sabz (санаи муроҷиат 20.10.2024)
18. Мулоқот бо узви Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея Ю Донгсу // Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон URL: https://www.president.tj/event/domestic_trips/37646 (санаи муроҷиат 20.10.2024)
19. Мулоқоти муовини вазири корҳои хориҷӣ бо сафири Ҷумҳурии Корея // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/16138/muloqoti-muovini-vaziri-korhoi-khoriji-bo-safiri-jumhurii-koreya (санаи муроҷиат 20.10.2024)
20. Мулоқоти муовинони вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистону Корея // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/16067/muloqoti-muovinoni-vazironi-korhoi-khorijii-tojikistonu-koreya (санаи муроҷиат 20.10.2024)
21. Рӯнамоии китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён” // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/15593/runamoii-kitobi-tojikon-dar-oinai-tarikh-az-orijon-to-somonijon (санаи муроҷиат 20.10.2024)
22. Табрикоти роҳбарони кишварҳои хориҷӣ, роҳбарони созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва шахсиятҳои маъруф ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ҷашни Рӯзи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон // Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон URL: https://www.prezident.tj/event/news/47212 (санаи муроҷиат 20.10.2024)
23. Таджикистан и Южная Корея расширяют инвестиционное сотрудничество // Спутник. / URL: https://tj.sputniknews.ru/20230619/tadjikistan-koreya-investitsii-sotrudnichestvo-1057792292.html (санаи муроҷиат 20.10.2024)
24. Таҷлили ҷашни Истиқлол дар Ҷумҳурии Корея // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: https://mfa.tj/tg/main/view/15842/tajlili-jashni-istiqlol-dar-jumhurii-koreya (санаи муроҷиат 20.10.2024)
25. Таҷрибаи Ҷумҳурии Корея оид ба истифодаи технологияҳои ҳушманд дар соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияҳои Тоҷикистон баррасӣ гардид // АМИТ «Ховар» URL: https://khovar.tj/2024/11/ta-ribai-um-urii-koreya-oid-ba-istifodai-tehnologiya-oi-ushmand-dar-so-ai-kishovarz-dar-no-iya-oi-to-ikiston-barras-gardid/ (санаи муроҷиат 20.10.2024)

## НАТИҶАҲОИ СИЁСИИ СОЛ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОН ВА КОРЕЯИ ҶАНУБӢ

Дар мақолаи мазкур масоили равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ бо назардошти дар солҳои ахир беҳбуд гардидани он мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ аз рӯзҳои аввал барқарор гардида бо сабаби он, ки Тоҷикистон ҷанги дохилиро аз сар мегузаронид, суст инкишоф меёфтанд. Дар ибтидои асри XXI муносибатҳо дар ҳама сатҳҳо пешрафт гардида, Кореяи Ҷанубӣ дар баробари дигар кишварҳо ҷиҳати хубтару беҳтар ба роҳ мондани муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ақиб мондани нест ва дар минтақа мавқеъи хоса дорад. Бале, ҳузури Кореяи Ҷанубӣ дар Осиёи Марказӣ кам нест ва дар рушди иқтисоди минтақа низ нақши назаррас дорад. Дар мақолаи мазкур диққати асосӣ ба равобити Кореяи Ҷанубӣ ва Тоҷикистон дар солҳои ахир дода шуда, омилҳои бемайлон рушд намудани он муайян карда мешавад, зеро маҳз дар соли 2024 боло рафтани муносибатҳои сиёсии дуҷонибаи Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ мушоҳида карда мешавад. Ҳоло моро лозим аст, ки дар ин раванд қадамҳои устувор гузорем ва дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ аз таҷрибаи беҳамтои Ҷумҳурии Корея истифода барем. Дар умум имрӯзҳо худи Ҷумҳурии Кореяи тайёр аст ҳамкориро бо Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ вусъат диҳад.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кореяи Ҷанубӣ, равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ, натиҷа ва дастовардҳои сиёсӣ, муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, рушди муносибатҳо, рушди ҳамкориҳо, муносибатҳои дуҷониба, муносибатҳои мутақобила

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ ИТОГИ ГОДА В ДВУСТОРОННИХ ОТНОШЕНИЯХ ТАДЖИКИСТАНА И ЮЖНОЙ КОРЕИ

В данной статье исследуются вопросы отношений между Республикой Таджикистан и Южной Кореей с учетом их улучшения за последние годы. Торгово-экономические отношения между Республикой Таджикистан и Южной Кореей были восстановлены с первых дней, но развивались медленно из-за того, что Таджикистан переживал гражданскую войну. В начале XXI века отношения на всех уровнях продвинулись вперед, и Южная Корея, наряду с другими странами, не отстает в налаживании лучших отношений со странами Центральной Азии и занимает особое положение в регионе. Да, присутствие Южной Кореи в Центральной Азии немало, и оно также играет значительную роль в развитии региональной экономики. В данной статье основное внимание уделено отношениям между Южной Кореей и Таджикистаном в последние годы и определены факторы их устойчивого развития, ведь именно в 2024 году наблюдается подъем двусторонних политических отношений между Таджикистаном и Южной Кореей. Теперь нам необходимо сделать решительные шаги в этом процессе и использовать уникальный опыт Республики Корея в нашей внутренней и внешней политике. В целом сегодня Республика Корея готова расширять сотрудничество с Таджикистаном и другими странами Центральноазиатского региона.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, Южная Корея, отношения между Республикой Таджикистан и Южной Кореей, политические результаты и достижения, отношения со странами Центральной Азии, развитие отношений, развитие сотрудничества, двусторонние отношения, взаимные отношения.

## POLITICAL RELATIONSHIPS OF GODA AND BETWEEN RELATIONS OF TAJIKISTAN AND SOUTH KOREA

In this article, the issues of relations between the Republic of Tajikistan and South Korea are explored, taking into account their improvement in recent years. Trade and economic relations between the Republic of Tajikistan and South Korea were restored from the first days, but they developed slowly because Tajikistan was experiencing a civil war. At the beginning of the 21st century, relations at all levels have advanced, and South Korea, along with other countries, is not lagging behind in the development of better relations with the countries of Central Asia and occupies a special position in the region. Yes, the presence of South Korea in Central Asia is significant, and it plays a significant role in the development of the regional economy. In this article, the main attention is paid to the relations between South Korea and Tajikistan in recent years and the determination of the factors of their sustainable development, because it is in 2024 that the rise of bilateral political relations between Tajikistan and South Korea is observed. Now we need to take decisive steps in this process and use the unique experience of the Republic of Korea in our domestic and foreign policy. In general, today the Republic of Korea is ready to expand cooperation with Tajikistan and other countries of the Central Asian region.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, South Korea, relations between the Republic of Tajikistan and South Korea, political results and achievements, relations with Central Asian countries, development of relations, development of cooperation, bilateral relations, mutual relations.

**Дар бораи муаллифон:**
Қудратов Комрон Абдунабиевич,
номзади илмҳои таърих, мудиришуъбаи ИДМ.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиёва Аврупо.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Телефон: (+992) 935282862. E-mail: komron.kudratov@mail.ru

**Мунисаи Аваз,**
магистранти шуъбаи ИДМ-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Тел: +992900463838

**Об авторах:**
Кудратов Комрон Абдунабиевич,
кандидат исторических наук, заведующий отделом СНГ.
Института изучения проблем стран Азии и Европы.
Национальной академии наук Таджикистана.
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33.
Телефон: (+992) 935282862.
E-mail: komron.kudratov@mail.ru

**Мунисаи Аваз,**
магистрант отдела СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы.
Национальной академии наук Таджикистана,
734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33.
Тел: +992900463838

**About the authors:**
KudratovKomronAbdunabievich,
Candidate of Historical Sciences, Head of the CIS Department.
Institute for the Study of Asian and European States.
National Academy of Sciences of Tajikistan.
734025, Tajikistan, Dushanbesity, Rudaki Ave. 33.
Phone: (+992) 935282862.
E-mail: komron.kudratov@mail.ru

**Munisay Avaz,**
graduate student of the CIS Department of the Institute for the Study of the Problems of the Countries of Asia and Europe.
National Academy of Sciences of Tajikistan,
734025, Dushanbe, pr. Rudaki, 33.
Tel: +992900463838.

ТДУ 821.111

# ҶАНГ ВА СУЛҲ ДАР “ШОҲНОМА” – И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

**_Валиева Ф.Б._**
_Донишгоҳи давлатии Данғара_

Файласуфи бузург Абулқосим Фирдавсӣ ба ҳайси як инсони покнажоду озода ва шахсияти нобиғаву достонсарои беҳамто, султони шеъру адаби форсигӯёни ҷаҳон дар воқеъ фалсафа ва адабиёти моро ба дараҷаи аъло расонида, шеърро ба ҳар дард даво ва ёвару мададгор ва ҷонбахши мардум гардонидааст. Аз ин лиҳоз Абулқосим Фирдавсӣ барои мо форсизабонон “бузургтарин ватансаро, худшиностарин шахсият, васофи бузурги рӯҳи миллӣ, тараннумгари сулҳ, эҳёкунандаи арзишҳои миллӣ, ҳамосасарои чирадаст, эҳёгари анъана, сунан ва азамати ниёкон, қаҳрамони каломи порсӣ, маъниофар ва васофи бузурги миллату сарзамини худ, зиндакунандаи номи Каюмарсу, Ҷамшед, Фариддуну Куруш, Дорову Зардушт ва дигарон, таърихофари сатҳи ҷаҳонӣ, пайвандгари дунёи кӯҳнаву нав, зиндакунандаи ақвоми Аҷам, шоир, файласуф, носеҳ, сиёсашинос, ҳакими тавоно, достонсаро, мунақиди гузаро, тараннумгари ростиву росткорӣ, мубоpизи роҳи адолату ростӣ, нафраткунанда аз ҷангу хунрезиву ноадолатӣ, миллатдӯсту арзишшинос, забоншиноси тавонно, паёмбари назми форсӣ...” ба шумор меравaнд.

Дар ибтидо бояд зикр намуд, ки дар миёни тамоми гӯяндагону ҳакимон аз Абумансуриву Рӯдакӣ, Ҳофизу Бедил сар карда то ба Айниву Турсунзодаву Лоиқу садҳои дигар шоиронy ҳакимон бар пояи Абулқосим Фирдавсӣ намерасанд. Ҷойгоҳи Фирдавсӣ дар миёни тамоми олимону донишмандон, файласуфону шоирон махсус бояд бошад. Зеро, ки Фирдавсӣ умри пурбаракати хешро моломоли васфи Ватан, васфи Эрон [1, с. 29-31], ёру диёр, забону фарҳанг, шоҳону паҳлавонон, сулҳу салоҳ, ифтихор аз эронибудану аз табори ориёӣ будан намуда, таъриху тамаддуни Аҷамро аз умқи асрҳо аз аввалин подшоҳи оламиён Каюмарс то ба салтанати Султон Маҳмуди Ғазнавӣ яъне то асри худ дар “Шоҳнома” гирдоварӣ намуда, ба миллати худ пешкаш намудааст. Аз ин лиҳоз ҳар тоҷик, эронӣ ва ҳар ақвоме, ки бо забони форсӣ ҳарф мезанад, қадре аз Фирдавсӣ қарздор аст.

Файласуфи бузург Абулқосим Фирдвсӣ дар асари фалсафавии худ “Шоҳнома” андешаҳои даққиқу ҷолиб доир ба масъалаҳои некиву бадӣ, ҳаёт ва марг, моҳияти ҳастии инсон, мавқеи инсон дар олам ва ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳифзи азишҳои миллӣ, таъмини амнияти давлату ҷамъият, ахлоқи ҳамида, ҷанг ва сулҳ ва ғайра баён намудааст.

Новобаста аз он, ки “Шоҳнома” аз корзори набардҳо ва ҷангҳо лаҳзаҳоро инъикос менамояд ва беҳтарин васфҳоро низ дар бораи ҷанг ва ҷанговарону паҳлавонон менамояд. Фирдавсӣ нишон медиҳад, ки ҷангҳо аз пурра набудани муносибатҳои иҷтимоӣ байни одамон, аз бесарусомонии дақиқи табиати инсон ва талаботу хоҳиши ӯ ба миён меояд. Аммо дар ҷойҳои фаровон ҷангро менакуҳад ва онро амали аҳриманӣ, беақлона ва ҳатто ҳайвонӣ меҳисобад.

Аз он, ки Фирдавсӣ достонсарои ҷангҳост ва беҳтарин васфҳоро аз майдонҳои ҷанг, пайкори ҷанговарону ҳунарнамоии ҷангҷӯёну ҷанговарон дар “Шоҳнома” мехонем, бо ин ҳама ин файласуфи худшиносу худогоҳ ва дӯстдори миллату сарзамини хеш аз ҷанг нафрат дорад ва онро ногузиру ҳукми сарнавишт медонад. Чи гуна метвонад ҳакиме, ки “Шоҳнома” – и безаволи хешро бо номи “Худованди ҷону хирад” оғоз карда, табиӣ аст, ки Ӯ қадри ҷони инсонҳо, ва ҳатто қадри ҷони мурчаи донакашро медонад. Зеро, ки ҷанг аст, ки некону озодагоне чун Эраҷ, Сиёвуш, Фуруд, Исфандиёр, Рустаму Сухроб ва ҳазорҳо паҳлавону шоҳону муҳофизони Ватанро рабудааст. Аз ин лиҳоз дар ҷойҳои фаровон ба ҷангу хунрезӣ нафраташро баён намудаву онро амали ғайри ақлӣ ва ҳайвонӣ меҳисобад:

Маро оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг,
Набояд гирифтан чунин кор танг.

Боиси зикри хос аст, ки ҷангҳо, ба ақидаи Фирдавсӣ, хусусиятҳои гуногунро доро мебошанд: ҷанг барои интиқом, барои озодӣ, барои забт намудани давлате ва ё сарзамини

дигар. Вале ҷанге, ки барои ҳифзи Ватан ва марзу буми он бурда мешавад, бояд фарқияти ҷиддӣ дошта бошад, зеро он, ба назари Фирдавсӣ, ҷанги муқаддас буда, кушта шудан дар роҳи дифои Ватан боиси ифтихор аст. Масалан, дар достони Фаридун Фирдавсӣ майдони набардро бо ин чор авомил: интиқоми падар, озодӣ, ба даст овардани ҳудудҳои аз даст рафта ва барои ҳифзи марзу бум ва якпорчагии Ватан тасвир ва тараннум намудааст.

Ҷанг, новобаста аз он, ки барои кадом мақсад бурда мешавад ҳамеша дарду ғаму ғусса, гуруснагию қашшоқӣ, бетартибию бенизомӣ ва бесарусомониро дар дунбол дорад. Аз ин бармеояд, ки Фирдавсӣ ҳамеша муқобили ҷанг буда, дар қиссаву ривоятҳои "Шоҳнома" доимо ҷангро маҳкум менамояд ва қайд мекунад, ки аз ҷанг дурӣ ҷӯста, ҳаётро бо осоиштагӣ ва меҳру шафқат паси сар бояд намуд, аммо бо душмане, ки ба чашми тамаъ ба арзишҳои мо менигаранд, ҷавоби сазовор бояд дод[2, с. 106].

Масалан, дар қиссаи Кайқубод Фирдавсӣ чунин овардааст, ки Рустам дар набард бо Афросиёб корнамоиҳое мекунад, ки ӯ шигифтзада мешавад:

Чу Афросиёбаш ба ҳомун бидид,  
Шигифтид аз он кӯдаки норасид.  
Зи гурдон бипурсид, к-ин аждаҳо,  
Бад – ин гуна аз банд гашта раҳо,  
Кадом аст, инро надонам ба ном?  
Яке гуфт, коми пури Дастони Сом [7, с. 10].

Дар ин муҳориба Рустам Афросиёбро аз камарбандаш гирифта, мехоҳад ба асорат барад, аммо зину афзоли асп ба ин қувва тоб наоварда меканад ва Афросиёб аз асп меафтад. Дар ин ҳолат, нигаҳбонони шоҳ расида, ӯро халос мекунанд. Набард бо бохти урдуҳои тӯронӣ ба анҷом мерасад. Тӯрониён аз мушоҳидаи зӯри бозӯи Рустам ба таҳлука афтода, аз Кайқубод сулҳ мехоҳанд. Ин муҳориба ба пирӯзии эрониён ба анҷом расида, онҳо ҳудуди пешинаи сарзаминро, ки Фаридун байни Тур, Эраҷ ва Салм тақсим намуда буд, аз нав барқарор менамоянд. Кайқубод ба сулҳ розӣ шуда, пойтахти худро ба шаҳри Истахр мекучонад ва сад сол дар он ҷо ҳукмронӣ мекунад.

Дар ин қисса Фирдавсӣ нишон додан мехоҳад, ки новобаста аз қувваи бузурги артиш тарафҳо метавонанд бо роҳи мусолиматомез баҳсҳои пайдошударо ҳаллу фасл намоянд ва аз хунрезии бемаънӣ даст бикашанд. Ба назар мерасад, ки иқтидори ҳарбии эрониён дар ин ҷанг нисбатан заифтар буд, аммо онҳо аз зури бозӯи нафаре чун Рустам ба таҳлука афтоданд ва рӯҳан шикаст хӯрданд.

Фирдавсӣ майдони набардро хеле моҳирона тасвир намуда, дар он ақидаҳои шахсии худро низ иброз намудааст. Масалан, дар набарди Рустам ва Сӯҳроб Фирдавсӣ ғояҳоеро ба қалам додааст, ки ин аслӣ набуда, аммо бо мазмуни умумии достон мувофиқат надошта, бошад ҳам, матнҳои шавқовартар мегардонад. Масалан, «Достони Сӯҳроб» аз эҷодиёти даҳонии мардуми саккой-суғдӣ гирифта шуда, ба эпоси давраи зардуштӣ ягон алоқамандӣ надорад. Дар ин қисса омадааст: "Паҳлавоне бо номи Сӯҳроб, ки писари Рустам мебошад", баъди ба сафар баромадни падараш таваллуд мешавад. Чун ба воя расида, паҳлавони номдоре мегардад, ӯро Афросиёб ҳамчун нигаҳбон ба хизмат мегирад. Сӯҳроб бо лашкари Афросиёб дар ҷангу набардҳои гуногуне бар зидди эрониён ширкат намуда, борҳо онҳоро шикаст медиҳад. Аммо Сӯҳроб падарашро надида буд ва кӣ будани ӯро намедонист. Рӯстам бошад он замон дар Зобулистон умр ба сар мебурд. Баъдан, сипоҳи тӯрониён бо роҳбарии Сӯҳроб ба Эронзамин лашкар мекашад. Хулас, байни падару писар ҷанги тан ба тан сурат мегирад. Дар набарди аввал Сӯҳроб нисбат ба Рустам имтиёзҳои бештар ба даст меорад, аммо аз куштани чунин паҳлавон худдорӣ мекунад. Дар муҳорибаи дуюм Рустам ғолиб омада, синаи ӯро ба ханҷар медарад. Сӯҳроб ҳангоми ҷон додан аз Рустам, ки будани ӯро мепурсад ва Рустам худро ба ӯ ошно месозад. Рустам аз рӯи нишонаҳое, ки Таҳмина ба бозӯи фарзандаш баста буд фарзандашро мешиносад, вале ҳайҳот, ки алакай дер мешавад.

Дар ин достон Фирдавсӣ маҳз макру фиреби қувваҳои аҳриманиро мавриди тасвир қарор дода, қайд менамояд, ки барои ба даст овардани манфиат ва бехатарии давлат аз ҳама роҳ, аз ҷумла, аз дурӯғу фитна ҳам истифода намудан мумкин аст. Лекин на ҳамеша пинҳон

намудани ҳақикат манфиатовар аст. Агар дурӯғ ва фитна аз як тараф ба фоидаи сарзамин ва шоҳон бошад, аз тарафи дигар он ба истифодакунандагонаш зарарнок аст.

Фирдавсӣ дар ин қисса низ муборизаи қувваҳои некӣ ва бадиро ба таври васеъ ва шаффофу равшан тасвир намуда, қайд намудааст, ки қувваҳои аҳриманӣ метавонанд тафаккури дилхоҳ инсонро мағшуш намуда, ақли солимро тира созанд. Дар қиссаи Заҳҳок низ Фирдавсӣ ба ин нукта ишора намудааст. Масалан, вақте Коваи оҳангар ба назди Заҳҳок омада, аз ӯ хоҳишу илтиҷо мекунад, ки ҳабдаҳ писараш тӯъмаи морони Заҳҳок шуданд, ба фарзанди охиринаш раҳм намуда, ӯро ба падараш бибахшад. Заҳҳок ба ин хоҳиши Кова розӣ мешавад, аммо ба ӯ шарт мегузорад, ки Кова бояд дар байни мардум сиёсати пешгирифтаи Заҳҳокро тавсиф кунад. Кова аз ин посухи Заҳҳок ба хашм омада, миёнбанди чармини худро дирафш намуда, мардуми дар зери зулму ситами қувваҳои аҳриманӣ мондаро ба шӯриш даъват мекунад ва ғолиб низ меояд. Дар ин қисса Фирдавсӣ қайд кардааст, ки натиҷаи зулму ситам ба мардуми оддӣ мунтаҳо ба мубориза бар зидди фармонравоён анҷом меёбад. Яъне, зулму ситам ба мардум боиси шӯришҳо, заиф гардидани пояҳои асосии давлдату давлатдорӣ мегардад[2, с. 106].

Барои Фирдавсӣ чун таъмингари сулҳ ва кафили амнияти давлат маҳз баҳодурону паҳлавонон баромад менамоянд, ки барои онҳо боигарӣ ва зару зевар қадре надоранд. Фирдавсӣ қайд менамояд, ки танҳо будани паҳловонон дар қатори лашкар боиси тарсу ҳароси душман, боиси нигоҳ доштани сулҳу субот, таъмини амнияти кишвар, устувор нигоҳ доштани пояҳои давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Чунин қиссаҳоро Фирдавсӣ дар достони худ зиёд ҷой дода, тавсиф намудааст.

Масалан, Фирдавсӣ аз Рустам бо ифтихор ҳамчун идеали миллӣ ёд мекунад, ки рӯҳан лашкари эрониёнро тақвият мебахшад:

Яке мужда бурданд наздики шоҳ,
Ки Рустам бидаррид қалби сипоҳ.
Буриду дариду шикасту бубаст,
Ялонро сару синаву пою даст[7, с. 12-13].

Фирдавсӣ ба масъалаи тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи далерӣ, ҷасурӣ, нотарсӣ ва дӯстдори Ватан будан аҳаммияти зиёд додааст. Масалан, дар бораи Рустам сухан карда, маҳз панду насиҳати бузургонро ба хонанда пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, вақте Рустам ба назди падараш омада, аз ӯ барои набард намудан бо Афросиёб иҷозат мепурсад, падар ба ӯ чунин панду насиҳат карда, барои мағлуб намудани Деви Сафед ба ӯ чунин мегӯяд:

Агар ҷанги деве кунӣ, чун шавад,
Аз овози ту кӯҳ ҳомун шавад.
Набояд, ки Аржангу Деви Сапед,
Ба ҷон аз ту доранд ҳаргиз умед! [7, с. 14-15]

Рустам дар ҷавоб ба падараш чунин посух медиҳад:

На Аржанг монам на Деви Сапед,
На Санча, на Пулоди Ғандӣ, на Бед[10, с. 88]…».

Аз таҳлили достонҳои “Шоҳнома” бар меояд, ки ҷангҳои эрониён ҳеҷ гоҳ  ба хотири кишваркӯшоӣ ва ғасби сарзамини дигарон ва ё таҳмили дину мазҳаби худ ё ба даст овардани манфиат, молу ҷоҳу ҷалол ва ғанимати ҷангӣ намебошад. “Шоҳнома” қисаи Искандару, Чингиз, Саъди Вақосу Темуру садҳо ҷоҳилону таҷовузгарону, душманони фарҳангу тамаддун ва ҳаёти осоишта нест, ки аз Шарқу Ғарб ба эронзамин метохтанду таҷовузу қатлу кӯшторро бар сари мардуми осоишта раво бинанд. “Шоҳнома” бузургтарин асари ҳамосӣ, таърихӣ ва фалсафавии Фирдавсӣ аст, ки дар он дифоъ аз ҳастии миллиму пойдории абадӣ, ифтихори милливу давлатдорӣ, тараннуми сулҳу субот, амнияти давлативу ҷамъиятӣ, ҳифзи забону фарҳанги миллӣ, васфи шоҳони одил, танқиди шоҳони ҷоҳил, васфи паҳлавонони сарзамин, танқиди ҳамагуна ифротгару ҷоҳил, васфи некиву нақзи бадӣ мебошад.

Нафрати Фирдавсӣ, ки нисбат ба муҳоҷимон ҳаст, ба сабаби табори онҳо нест, балки бо сабаби ин аст, ки душманони бадхоҳу нотавонбин, ноҳақ ба ин сарзамин ҳуҷум овардаанд ва ҳазорон фарзандони ин миллатро кӯштаву ғаниматҳои ҳангуфтро ба даст овардаанд, моли

мардуми мулкиро ба тороҷ бурдаанд ва зиндагонии мардуми тоҷику форсро табоҳ кардаву зулм болои ин миллатро раво дидаанд. Нафрати Фирдавсӣ аз ашхосе ба мисли Заҳҳоку Афросиёб баррин саркардагон ва фармонравони аҷнабии девсиришт аст.

Рафтору амали қаҳрамонон дар "Шоҳнома" ба хоҳиши онҳо барои таъмини накукорӣ ва хушбахтии халқ алоқаманд аст. Халқ ҳамчун довари асосӣ дар бараси ва баҳогузории рафтори қаҳрамонон, ки ҳифозати ватан ва марзу бумро бар ӯҳда доштанд, ҳамчун қаҳрамонҳои мусбӣ пазируфта шуда, онҳо ҳамчун нигоҳдорандаи сулҳу амонӣ ва таъминкунандаи амнияти миллӣ ва давлатӣ пазируфта шуда буданд.

Абулқосим Фирдавсӣ дар достонҳои "Шоҳнома" таснифоти фалсафавии ҷангро ошкор менамояд. Дар нутқи қаҳрамонон муаллиф ақидаи ниҳониро ҷой кардааст, ки мувофиқи он одамон ба ҷиноят, бадахлоқӣ ва кушторро дарк намудаанд. Одам бояд якдигарро нобуд насозад, бародар – бародарро, падар –писарро, писар -падарро накушад. Метавон қайд намуд, ки дар тамоми достонҳои «Шоҳнома» ин ғоя пайгирӣ карда мешавад.

Дар достонҳои алоҳида Фирдавсӣ таҷассум менамояд, ки ҷангҳо унсури зарурии давлат ба ҳисоб меравад, леин ба тариқи қатъӣ ҷангро маҳкум менамояд. Ҷангҳо танҳо барои ҳимоя ва таъмини амнияту бехатарии давлат зарур мебошанд. Ҳамин тариқ метавон қайд намуд, ки Фирдавсӣ ҳамон ҷангҳоро тарафдор буд, ки ба хотири бартараф намудани таҳдид ва хатарҳо ба амнияти давлат ба миён меоянд. Аз нигоҳи Фирдавсӣ ҷангҳои адолатнок ва беадолат ҷудо карда мешаванд.

Аз тамоми достонҳои "Шоҳнома" бармеояд, ки ҷангҳои эрониён тавъам бо ҷавонмардӣ аст. То он замоне, ки имконияти сулҳ кардан ҷой дорад, набояд даст ба ҷанг зад, то душман ҳамла накарда бошад, ба ӯ набояд ҳамла намуд. Ба душмане, ки таслим шудааст, набояд озоре расонид. Баъд аз пирӯзӣ ба асирон, меҳрубон будан, эмин доштани занону кудакон, парҳез намудан аз вайрон намудани шаҳру деҳотҳо, эҳтироми куштагони душман оини асосии корзор аст[10, с. 82]. Фирдавсӣ қайд менамояд, ки аз тарафи эрониён асосан ҷангҳои адолатнок пеш гирифта мешуд, ва ҳатто дар набарду ҷангҳо ойини муайяни корзор риоя карда мешуд.

Ҷанг ва моҷаро дар «Шоҳнома» ҳамчун категорияи фалсафавӣ таҷассум меёбад. Қайд намудан зарур аст, ки муҳорибаи байни паҳлавонон асоси ҷиддии умумифалсафавиро доро мебошад ва имконият медиҳад, ки дар шароити имрӯза хулосаҳои муҳими иҷтимоӣ бароварда шавад. Дар набарду муҳорибаҳо байни паҳлавонон, ва дар задухурду ҷангҳо байни одамони зиёд асосан тақдири ҳокимон ва халқ ҳал карда мешавад.

Дар асоси баррасии муҳориба ва набардҳои мухталиф, Фирдавсӣ кӯшиш намудааст, ки сабабҳои мухталифи ҷанг, оқибат ва натиҷаҳои онро муайян намояд. Дар асоси таҳлил намудани достонҳои алоҳида, метавон хулосабарорӣ намуд, ки сабабҳои асосии ҷанг, ки аз тарафи Фирдавсӣ ошкор карда шудааст, сарчашмаҳои мухталифро доро мебошад.

Якум, нафрату адоват ва ҷазодиҳии байниқавмӣ, ки дар натиҷа ба зиддияту ҷанг оварда мерасонид. Дар достонҳои алоҳида чунин муносибати байни қавмҳо, дар бисёр ҳолатҳо бо ҷангу хунрезӣ ба итмом мерасад, ки оқибатҳои мудҳишро ба миён меовард. Таҷассуми чунин набарду мухолифатҳо аз он далолат медиҳад, ки Фирдавсӣ тарафдори муносибати нек ва боадолатона дар байни кавмҳо буд, ва мехост нишон диҳад, ки бадбинӣ ва нафрату адоват дар муносибати байни қавмҳо ба кадом оқибатҳо оварда мерасонад.

Қайд намудан зарур аст, ки Фирдавсӣ масъалаҳои иҷтимоии замони худро аз мавқеи меъёрҳои ахлоқӣ, тариқи ҷангҳои доимӣ, нафрату адовати байни қавмҳо, миллату халқиятҳо таҷассум намояд, ки хусусияти фалсафавии эҷодиёти ӯро нишон медиҳад. Дар ҳар як достоне, ки ба масъалаи ҷанг ва нафрату адовати байни одамон ва қавмҳо бахшида шудааст, Фирдавсӣ табиати ҷангро ҳамчун фоҷиаи инсоният таҷассум намудааст.

Дуюм, кӯшиш ба ҳокимият ва истифодаи он барои амалӣ намудани манфиат ва талаботҳои мухталифи худ. Дар табиати ҳар як нафар кӯшиш ба ҳокимият ҷой дорад, ки дар бисёр ҳолатҳо ба ҷангу нооромиҳо дар ҷомеа оварда мерасонад. Метавон, Исфандиёрро мисол овард, ки барои ба даст овардани ҳокимият роҳи ғайриосоиштаро интихоб намуда, боиси нобуд шудани нафарони зиёд гардидааст.

Сеюм, кӯшиш ба боигарӣ ва шӯҳратмандӣ, ки дар «Шоҳнома» мисоли равшани ин сарчашмаи ҷангу нооромиҳо Искандар буда метавонад. Пас аз нишастан ба тахти Эрон, Искандар ба сӯи Қайди ҳинд лашкар мекашад, ва онро ба тасарруфи худ медарорад. Сипас ба суи Миср лашкар кашида, бо он паймона мебандад ва сипас ба замини Ҳабаш лашкар мекашад, пас аз ҷангу хунрезиҳо ниҳоят пирӯзӣ меёбад. Сипас ба хотири зиёд гардонидани боигарӣ ва пурзур намудани шӯҳрати худ ба кишвари Синд ва Бобул лашкар кашида, дар Бобул кушта мешавад[9, с . 156].

Фирдавсӣ таҷассум менамояд, ки бо ҷанг ба даст овардани боигарӣ, сарват ва шӯҳратмандӣ, оқибат инсонро ба нестӣ оварда мерасонад. Искандар тавонист, ки бо қувваи зурӣ, бо ҷангу хунрезиҳо, бо қатл намудани ҳазорҳо нафар боигарии худро зиёд намояд, шӯҳрати беандоза пайдо намояд, лекин дар охир кушта мешавад.

Чорум, гумроҳӣ ва беақливу бемаънигии хокимон, ки дар бисёр ҳолатҳо боиси ҷангу хунрезиҳо гардидааст. Дар «Шохнома», дар аксар ҳолатҳо чунин хусусияти ҳокимон ба ҷангу хунрезиҳо оварда расонидааст. Мисоли равшани чунин хусусиятҳо дар Кайковус дида мешавад. Фирдавсӣ қайд менамояд, ҳокимон бояд аз гумроҳиву беақлӣ дур бошанд, тавонанд, ки бо фикру ақидаронӣ роҳҳои осоиштаи ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ намоянд[11].

Панҷум, ташнаи интиқом будани як зумра хокимон ва паҳлавонон низ сабабгори ҷангу хунрезиҳо аст. Афросиёб ҳамеша ташнаи интиқом буда, роҳу воситаҳои амалӣ намудани интиқомро ҷустуҷӯ менамояд. Ӯ ҳатто кӯшиш менамояд, ки дар интиқоми худ хабару иттиллооти нодуруст ва бардуруғро паҳн намуда, дар мубориза мехоҳад ғолиб ояд.

Шашум, табиати хашмгину ғазабноки ҳоким, нодида гирифтани дарду кулфати оммаи мардум ва талаботи онҳо. Хокимон бештар кушиш менамоянд, ки баҳри устувории ҳокимияти худ, аз рафтори баъзе паҳлавонон хашмгин шуда, роҳи халосиро дар ҷангу набард мебинанд. Ба ақидаи чунин ҳокимон, ҷанг ягон роҳест, ки масъалаи мавҷударо ҳал менамояд. Дар баъзе достонҳо мушоҳида мешавад, ки ҳокимон дар ҳолати хашмгиниву ғазабнокӣ ба ҷангу хунрезиҳо оғоз бахшидаанд.

Қайд карда мешавад, ки дар фаъолияти ҳокимон доимо ҷанг мушоҳида карда мешавад, яъне Фирдавсӣ ҷангҳоро асосан ба рафтор ва фаъолияти ҳокимон алоқаманд менамояд. Чунин алоқаманд намудан, ин баёни интуитивӣ набуда, балки хулосабарории муаллиф аст, ки дар натиҷаи таҷрибаи дақиқи зиндагӣ ва мушоҳидаи доимии воқеаҳои таърихӣ ташаккул ёфтааст. Муаллиф ба абадияти ҳоким ва ҳукмронӣ боварӣ дошт, аз ин рӯ муътақид буд, ки ҷанг дар ҷомеаи инсонӣ низ абадӣ аст. Аз ҷанг наҷот ёфтан ғайриимкон аст, зеро он ҳамчун бадӣ ба инсон равона карда шудааст, лекин бартараф намудани он имконпазир аст, ки дар асоси ислоҳ намудани ҳоким ва такянамоӣ ба ақлу хирад ба даст оварда мешавад[3, с. 66].

Метавон қайд намуд, ки ин сабабҳо хусусияти умумӣ дошта, дар бисёр достонҳо мушоҳида карда мешаванд. Ҳамин тариқ, бо таҷассуми саҳнаҳои ҷангу хунрезӣ, Фирдавсӣ нишон медиҳад, ки ӯ тарафдори ҷангу хунрезӣ нест. Ҳамин аст, ки Фирдавсӣ баъд аз интиҳои ҳар як достон дар бораи ҷангу хунрезиҳо оиди оқибатҳои он сухан ронда, қайд менамояд, ки оқибати ҳар як ҷангу хунрезӣ ин валангор гардидани шаҳру давлатҳо, нобуд шудани миқдори зиёди одамон, ё ба даст овардани тоҷ аз тарафи нафари алоҳида аст.

Бояд таъкид намуд, ки аз таҳлили достонҳои алоҳидаи "Шоҳнома" бар меояд, ҷангҳои эрониён ҳеҷ гоҳ ба хотири кишваркӯшоӣ ва ғасби сарзамини дигарон ва ё таҳмили дину мазҳаби худ ё ба даст овардани манфиат, молу ҷоҳу ҷалол ва ғанимати ҷангӣ намебошад. "Шоҳнома" қисаи Искандару, Чингиз, Саъди Ваќосу Темуру садҳо ҷоҳилону таҷовузгарону, душманони фарҳангу тамаддун ва ҳаёти осоишта нест, ки аз Шарқу Ғарб ба Эрон метохтанду таҷовузу қатлу кӯшторро бар сари мардуми осоишта раво бинанд. "Шоҳнома" бузургтарин асари ҳамосӣ, таърихӣ ва фалсафавии Фирдавсӣ аст, ки дар он дифоъ аз ҳастии милливу пойдории абадӣ, ифтихори милливу давлатдорӣ, тараннуми сулҳу субот, амнияти давлативу ҷамъиятӣ, ҳифзи забону фарҳанги миллӣ, васфи шоҳони одил, танқиди шоҳони ҷоҳил, васфи паҳлавонони зарзамин, танқиди ҳамагуна ифротгару ҷоҳил, васфи некиву нақзи бадӣ мебошад.

Фирадавӣ дар “Шоҳнома” – и безаволи худ аз ҳама бештар ба масъалаи сулҳу ваҳдат, таъмини амнияти давлату ҷамъият, ваҳдату якпорчагии миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, марзу бум, некиву бадӣ ва дигар масъалаҳо бештар таваҷҷӯҳ намудааст, ки омили асосии таъмини сулҳу субот, амнияти давлату ҷамъият ва срзаминро Фирдавсӣ дар муқобили ҳамагуна хатарҳо пеш аз ҳама дар доштани қудрати дифоӣ, паҳлавонону баҳодурон, шоҳони одил, тарбияи насли наврасу ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ мебинад. Аз ин нуқтаи назар ҳифзи сарзамин ва муқовимат бо хатарҳо ва ҷангу набардҳоро дар ватандӯстӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ арзёбӣ намудааст.

Ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ ва ватанпарастии Фирдавсӣ ба эҳё ва зинда кардани ҳисси ифтихори миллӣ нигаронида шуда, ва бо васфи арзишҳои сиёсиву фарҳангии тоҷику форс эҳсоси ифтихорро барояшон мехоҳад, ки эҳё намояд. Илова бар ин Фирдавсӣ мехоҳад таъкид намояд, ки доштани фарҳанги пурғановат, сарзамини озодагону бузургон ва ҳамчун миллати озода набояд худро хору ҳаққир ва нотавону бечора пиндоранд. Яъне аҳдофи Фирдавсӣ таҳқири миллате, аз ҷумла юнониву арабу турк нест, зеро, ки дар давраи зиндагонии Фирдавсӣ мардумони тоҷику форс аз ҷониби арабҳо таҳқир мешуданд[4, с. 20]. Бинобар ҳамин танқиди сифатҳои зишти онҳоро дар асараш дода, даъват ба (амал) миён овардааст, ки ба онҳо напайванданд ва шаҳомату бузургии худро нигоҳ доранд. Ин ҳама сабаб шуда, ки Фирдавсӣ аз араб нафрат намояду чеҳраҳои манфури саркардагони лашкари арабро, ки тамоми ганҷинаи бостонии аҷамиёнро аз миён бурд, нишон дода, аз арабгароӣ ва бегонапарастӣ даст кашидани мардумони тоҷику форсро таъкид ба амал оварда, дар ҷойҳои фаровон одатҳои бади арабҳоро дар назмаш менакуҳад. Зеро, ки Фирдавсӣ ҳеҷ гуна салтанати бегонагонро аз болои миллати озодаи дорои таърихи фарҳанги бою пурғановати худ намехоҳад, андешаи озодиву истиқлолхоҳӣ ва таъмини истиқлоли кишварро аз ҳама гуна арзиш боло дониста, озодии ватану озодии фикриву маънавии миллати худро доимо дар афкори фалсафавии худ тараннум менамояд.

Ҳаминтариқ, дар миёни гуяндагон шояд Фирдавсӣ аввалин файласуфе бошад, ки ақидаи озодии Ватанро ба унвони як ниёзи табиӣ ва зарурат барои инсон муаррифӣ менамояд. Ӯ ҳамчунин мунодии озодӣ, тарафдори зебоӣ ва шахси дорои истиқлоли фикрӣ мебошад[5, с. 97].

Аз ин морхор аҳриманчеҳрагон,<br>
Зи доноию шарм бебаҳрагон.<br>
Аз ин зоғсорони беобу ранг,<br>
На ҳушу на даниш, на ному на нанг[8, с. 447].

Шоҳ, ҳоким метавонад, ки дар заминаи бадӣ, нафрат ҷой дошта бошад ва амали худро дар асоси ин хусусиятҳо роҳандозӣ намояд. Лекин Фирдавсӣ чунин мешуморад, ки онҳо метованад, дар сулҳ ва субот умр ба сар баранд, ҳокимӣ намоянд, агар дар амалу рафтори худ бештар ба ақлу хирад такя намоянд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки Фирдавсӣ бештар шоҳони гумроҳ ва беаклу бемаъниро ба ҳокимони боақлу хирад муқобил гузошта, қайд менамояд, ки ҳокимони боақлу хирад метавонанд, сарчашмаҳои асосии ба миён омадани ҷангу хунрезиҳоро бартараф намоянд.

Афросиёб бо фиребу найранг, барои нигоҳ доштани ҳукумати салтанати худ Сиёвушро нобуд менамояд, бо истифода аз фиребу найранг Рустам Сухробро набуд месозад. Фирдавсӣ бо таҷассуми ин кушторҳо нишон медиҳад, ки дар асоси бадӣ ва нафрат ҳокимон ба ҷангу хунрезиҳо рӯй мееоранд.

Ҳаминтариқ дар сар то сари “Шоҳнома” Фирдавсӣ ҷангро менакӯҳад, онро падидаи ғайри ақлӣ, ғайри инсонӣ ва ҳатто амали ҳайвонӣ мешуморад. Танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ ба хотири ҳифзи ватану сарзамин, истиқлолу озодӣ, манфиатҳои миллӣ, таъмини сулҳу салоҳ ҷангро бар ҳар мутаҷовизе тавсия менамояд. Дигар дар ҳамаи ҳолатҳо ин амалро амали ғайри инсонӣ меҳисобанд. Фирдавсӣ дар ҷойҳои фаровон зиндагонии мусолиматомезро тараннум намуда, сулҳу ваҳдат, адолату некӣ, худшиносиву худогоҳии миллиро тараннум менамояд. Ягона роҳи муқовимат бо ҷаҳлу бадбахтӣ, ифроту хурофот, ҷангҳои бемаънӣ Фирдавсӣ маҳз миллати донишманду дорои озодии фикриро тараннум менамояд. Қайд менамояд, ки

Тавоно бувад, ҳарки доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад[8, с. 22].

Нерӯи асосӣ дар муқобили ҳама гуна хатар ва ҳифзи ёру диёр, сарзамину давлату миллат маҳз донишу насли донишмандро медонад. Донишро ба як силлоҳи бузург, ки метавонад миллатро аз ҳама гуна хатар ҳифз намояд тасиф менамояд ва роҳи наҷот аз ҷангу бадбахтиву ҷаҳолатро дар рушди илму фан ва парҳез аз хурофоту тафриду ифрот ва бегонапарастӣ медонад.


***Адабиёт***

1. Зокиров Г.Н. “Хуросони Бузург”, (Доктринаи геополитикӣ). Душанбе: “Империал-Групп”, 2021. - 160 с..
2. Комил Азизов Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома” – и Абулқосим Фирдасӣ. –Душанбе: “Мулквар”, 2023. -159 с.
3. Курбонмамадов А. Эстетика Фирдавси – Ташкент, 2007. - 192 с.
4. С.Аҳмадов. Маҷмуаи мақолаҳои Конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами илмҳоиҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии ҶумҳурииТоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ. Душанбе, 2021. - 507 с.
5. Таърихи фалсафаи тоҷик”. Дар панҷ ҷилд. Ҷилд 5. (қисми 1). – Душанбе: “Дониш”, 2021. -600 с.
6. Фирдавсӣ, А. “Шоҳнома”, Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1. - 447.
7. Фирдавсӣ А. «Шоҳнома». Ҷилди 1. –Душанбе, 1989. - 635 с.
8. Фирдавсӣ А. «Шоҳнома». Ҷилди 7. –Душанбе, 1989. - 651с.
9. Фирдавсӣ, А. «Шоҳнома» – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.8. - 612 с.
10. Фирдавсӣ А. «Шоњнома». Љилди 2. –Душанбе, 1989. - 318 с.


## ҶАНГ ВА СУЛҲ ДАР “ШОҲНОМА” – И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ


Дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ба масъалаи ҷанг ва сулҳ диққати асосӣ дода шуда, дар ҷойҳои фаровон Фирдавсӣ ҷангро амалӣ ғайри ақлӣ ва ногузир ҳисобидааст. Аммо дар ҳолатҳои зарурӣ ба хотири ҳифзи Ватан, сарзамин, якпорчагӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллат ва ҷомеа ҷангро роиҷ медонад. Метавон қайд намуд, ки ин сабабҳо хусусияти умумӣ дошта, дар бисёр достонҳо мушоҳида карда мешаванд. Ҳамин тариқ, бо таҷассуми саҳнаҳои ҷангу хунрезӣ, Фирдавсӣ нишон медиҳад, ки ӯ тарафдори ҷангу хунрезӣ нест. Ҳамин аст, ки Фирдавсӣ баъд аз интиҳои ҳар як достон дар бораи ҷангу хунрезиҳо оиди оқибатҳои он сухан ронда, қайд менамояд, ки оқибати ҳар як ҷангу хунрезӣ ин валангор гардидани шаҳру давлатҳо, нобуд шудани миқдори зиёди одамон, ё ба даст овардани тоҷ аз тарафи нафари алоҳида аст. Аз ин хотир дар ҷойҳои фаровон Фирдавсӣ инсонҳоро ба сулҳ ва ваҳдат даъват намуда, рушди ҷомеаро аз сулҳу мутаҳиддӣ медонад.



**Калидвожаҳо:** ҷанг, сулҳ, хунрезӣ, “Шоҳнома”, оқибат, натиҷа, мушкилоти иҷтимоӣ, табиати инсон, сарват, бадбинӣ.


## ВОЙНА И МИР В ШАХНАМЕ АБУЛЬКАСИМА ФИРДОУСИ


В «Шахнаме» Фирдавси основное внимание было уделено вопросу войны и мира, и во многих местах Фирдавси считал войну практичной, иррациональной и неизбежной. Но в необходимых случаях ради защиты Родины, земли, целостности и защиты интересов нации и общества война является обычным явлением.

В этой статье автор рассматривает проблемы войны в философских идеях Фирдавси. Автор подчеркивает, что обобщения причин конфликтов и кровопролитие в «Шахнаме» показывает, что имеются некоторые универсальные источники войн в идеях Фирдавсӣ. Анализ отдельных поэм, которые посвящены этой проблеме, показывают, что Фирдавсӣ не был сторонником решения проблемы путем войн и кровопролитие. Автор подчеркивает, что Фирдавси поддерживает тех войн и противостояние, которые направлены на защиту отечества. По этой причине во многих местах Фирдоуси призывает людей к миру и единству и считает развитие общества основанным на мире и единстве.

**Ключевые слова**: война, мира, кровопролитие, «Шахname», последствие, результаты, социальные проблемы, природа человека, богатства, ненависть.

## WARS AND PEACE IN SHAHNAMA OF ABULKASIM FIRDAVSI

Firdavsi's Shahnameh paid close attention to the issue of war and peace, and in many aspects Firdavsi considered war as practical, irrational and inevitable. But in certain cases, for the sake of protecting the homeland, land, interests and protecting the interests of nations and society, war is a common occurrence.

In this article the author examines the problems of war in philosophical ideas of Firdavsi. The author emphasizes that generalization of the reasons of the conflicts and the bloodshed in "Shahname" shows, that there are some universal sources of wars in ideas of Firdavsi. The analysis of separate poems, which are devoted to this problem, shows, that Firdavsi was not the supporter of the decision of a problem by wars and bloodshed. The author emphasizes, that Firdavsi supports those wars and opposition, which are directed to protection of motherland. For this reason, in many places, Firdavsi calls people to peace and unity and considers the development of society to be based on peace and unity.

**Keywords**: war, peace, bloodshed, "Shahname", consequence, results, social problems, human nature, riches, hatred.

**Дар бораи муаллиф:**
Валиева Фирӯза Баҳромовна,
унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ.
Донишгоҳи давлатии Данғара,
Суроға. 735320, н. Дангара, куч. Маркази 25
E mail: firuzavalieva03@gmail.com .
Тел.: +992-908-77-75-12

**Об авторе:**
Валиева Фируза Бахромовна,
соискатель кафедри гуманитарных наук.
Дангаринский государственный Университет,
Адрес. 735320, р. Дангара, ул. Маркази 25
E mail: firuzavalieva03@gmail.com
Тел.: +992-908-77-75-12

**About the author:**
Valieva Firuza Bahromovna,
applicant of the department of humanities.
Dangara Stati University,
Address. 735320, r. Dangara, st. Markazi 25
E mail: firuzavalieva03@gmail.com
Тел.: +992-908-77-75-12

ТДУ 355.033.594.15

# САБАБҲО ВА ОМИЛҲОИ ШИКАСТИ НИЗОМӢ ВА ФУРӮПОШИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ АФҒОНИСТОН

***Саийдкарим А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Қувваҳои мусаллаҳи Афғонистон, ки сутуни асосии дифоъ аз тамомияти арзӣ ва низоми сиёсӣ дар баробари таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ буданд, бинобар бурҳонҳои шадид ва ҳамзамон бо сукути низоми сиёсӣ фурӯ пошиданд. Як қарн қабл аз ин фурӯпошии Қӯвваҳои мусаллаҳи Афғонистон ҳаммонанди сукути низоми сиёсӣ такрор шудааст. Боварии куллӣ бар он аст, ки вақте Раиси ҷумҳурии Афғонистон ба унвони сарфармондеҳи олии неруҳои мусаллаҳ аз майдон фирор мекунад, фирори зердастон, фурӯпошии сохторҳои дифоӣ ва амниятӣ ҳатмӣ ва ногузир мегардад. Пас аз фурӯпошии низоми сиёсӣ дар Афғонистон саволҳои зиёде ба унвони Қувваҳои мусаллаҳи Афғонистон, ки мавриди ҳимояти Амрико буданд, пайдо мегардад; чаро кувваҳои мусаллаҳ, иборат аз урдуи миллӣ, пулиси миллӣ ва амнияти миллии Афғонистон аз низоми ҷумҳурӣ ҳимоят накарданд? Оё Қувваҳои мусаллаҳ хаёлӣ буданд? Оё роҳбари он заъифу бекифоят буд? Оё ҳимоятҳои хориҷӣ ва такя ба неруҳои хориҷӣ ва хуруҷи неруҳои берунӣ сабаби фурӯпошии Қувваҳои мусаллаҳ шуд? Оё Қувваҳои мусаллаҳ қавмӣ ва сиёсӣ шуда буданд? Оё нуфузи душман аз Қувваҳои мусаллаҳ мустаҳкамтар буд? Оё тарфдорони “сутуни панҷум” сабаби сукути Қувваҳои мусаллаҳ шуданд? Оё набуди ҳамоҳангӣ ва набуди таҷҳизоти кофӣ сабаби сукути Қувваҳои мусаллаҳ шуд? Боз даҳҳо саволҳои дигар аз ин қабил матраҳ мешаванд.

Монанди ҳар кишвари дигар қувваҳои Афғонистон дорои се ниҳоди шомили артиши миллии иборат аз 200 ҳазор нафар сарбоз, нерӯҳои ҳифзи қонун ё пулиси миллӣ иборат аз 150 ҳазор нафар ходимон ва ниҳоди истихборот бо бештар аз 50 ҳазор нафар хизматчиён буд. Бар асоси Қонуни асосиии Афғонистон Раиси ҷумҳурӣ сарфармондеҳи олии Қувваҳои мусаллаҳ буд ва бе амру фармони ӯ ҳеҷ коре иҷро ва амалӣ намешуд. Баъди ба сари қудрат расидани Раиси ҷумҳур Муҳаммад Ашраф Ғанӣ бинобар вуҷуди омилҳои гуногун руҳия ва ангезаи умумӣ барои муқобилият бо толибон коҳиш ёфт.

Баррасиҳои тадқиқоти нишон медиҳад, ки стратегияи Покистон ва толибон аз ибтидо нуфуз дар сохторҳо ва бахшҳои мухталифи Қувваҳои Мусаллаҳи Афғонистон буд. Раҳбарии Қувваҳои мусаллаҳи кишвар қаблан сиёсӣ шуда буд; толибон аз хешу табории шуморе аз афсарони Қувваҳои мусаллаҳ истифодаи ҳадафманд карданд. Ҳамзамон шуморе аз афсарон ва сарбозон дар вобастагии қавмияти бо зеҳниятҳои идеологии моил ба толибон дар қувваҳои мусаллаҳ истихдом шуданд. Ҳузури қувваҳои мусаллаҳи хориҷӣ дар канори афсарон ва сарбозони бо зеҳнияти мушобеҳ бо толибон ва тафовутҳои фарҳангӣ бо қувваҳои хориҷӣ васвасаҳоеро барои ҳамла ба сарбозони хориҷӣ ва куштани онҳо дар дохили қароргоҳҳо ва марказҳоии таълимӣ фароҳам кард, ки чунин ҳамлаҳо “ҳамлаҳои сабз бар обӣ” ва “ҳамлаҳои сабз бар сабз” номгузорӣ шуданд. Фасоди систематикӣ ва фарогир бунёди қувваҳои мусаллаҳро заъиф кард; такя ба ҳимоятҳои хориҷӣ роҳбарӣ ва ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳро ба нобоварӣ ба худ ва беташаббусӣ рӯ ба рӯ намуд. Дахолати беҳуда ва аз ҳад зиёди Дафтари мушовирияти Шурои амнияти миллии Раёсати ҷумҳурӣ дар корҳои Қувваҳои мусаллаҳ, набуди ҳамоҳангии истихборотӣ ва шумораи зиёди идороти истихборотӣ, камбуди ваҳдати назар миёни роҳбарӣ ва ҳайати шахсии Қувваҳои мусаллаҳ сабаби барҳам хурдани силсиламаротиб шуда буд. Аз миёни ҳамин мушкилоти вайронгар буд, ки толибон барои тасарруфи тадриҷии манотиқи рустоӣ ва баъдан бовари кунонидани раҳбарони вулусволиҳо ва вилоятҳо бар ин маъни, ки пирузии онҳо ногузир аст, иқдом карданд.

Дар солҳои охир тағйироти муқаррари стратегияҳои Иёлоти Муттаҳида ва неруҳои эътилоф, ки бо тасмимгириҳо бар асоси таърих устувор буданд на бар асоси шароити мавҷуд, асбоби нобудии муваффақият дар ҷанги Афғонистонро фароҳам кард. Тайғири тамаркузи Иёлоти Муттаҳида аз Афғонистон ба ҷанги Ироқ аз соли 2003 то соли 2010, набудани стратегияи мушаххаси Америка нисбати Афғонистон ба унвони омилҳои дигари

камтаваҷҷуҳии ба шароити Афғонистон дониста шудаанд. Вуҷуди паноҳгоҳҳои амни толибон дар Покистон фаъолияти неруҳои дифоӣ ва амниятии афғон, Иёлоти Муттаҳида ва эътилофро барои нобудии онон маҳдуд ва номумкин сохта буд. Неруҳои амниятии Афғонистон беш аз ҳад ба технологияи ғарбӣ ва бо ҷангҳои мутаориф вобастагӣ доштанд ва бо ин неруҳо бештар ба ҳайси як неруи низомии ғарбӣ бархурд мешуд; мушкилоти марбут ба машруъият давлати Афғонистон дар миёни неруҳои дифоӣ ва амниятии Афғонистон ва тавофуқномаи Доҳа миёни Иёлоти Муттаҳида ва толибон дар моҳи феврали 2020 фурӯпошии давлати Афғнистонро тезонид.[1, с. 3]

Алӣ Аҳмад Ҷалолӣ, вазири умури дохилаи пешини Афғонистон ва устоди Донишғоҳи дифои миллии Амрико, ки таълифоте дар заминаи таърихи умури низомии Афғонистон дорад, пас аз сукути Афғонистон ба дасти толибон дар робита бо чигунагии фурӯпошии қувваҳои амниятӣ гуфт: “Қувваҳои низомии Афғонистон тавре тарбия ва таҷҳиз шуда буданд, ки то ҳадди зиёде вобаста ба кумакҳои хориҷи буданд, ва бидуни кумаки хориҷӣ давом ва бақои урду ва пулиси кишвар имкон надошт”. Вай машруъияти низоми ҷумҳуриро зери савол бурда гуфт: “Давлати миллӣ артиши миллӣ халқ мекунад, аммо давлати Афғонистон миллӣ набуд ва бино бар саҳлангориҳои солҳои ахир машруъияти давлат аз байн рафт, танҳо унсури машруъият ҳимояти хориҷӣ буд, ки дар набуди машруъияти низом артиш наметавонад аз он дифоъ кунад” [2]

Акрам Андешаманд яке аз пажуҳишгарони ҳавзаи таърих ва сиёсати Афғонистон, муътақид аст, ки набуди тавоноии неруҳои дифоӣ ва амниятӣ дар ҳимоят аз ҷумҳурият, набуди тавофуқ миёни Амрико ва Покистон болои масоили шумори урду, зери савол рафтани масъалаи миллӣ будани урду бо фармони Карзай барои қавмисозии урду, бо зикри 40 дар сади қавми пуштун бо бештарин ҷазб аз вилоятҳои Нангарҳор, Лағмон ва Кунар, тоҷикон бо бештарин ҷазб аз вилоятҳои Бадахшон, Панҷшер ва Бағлон сабаби набудани тавозун дар ҷазби сарбозонро фароҳам оварда буд. Аз назари вай, фақри иқтисодӣ муҷиби ҷалб ва ҷазб дар урду шуда буд; ангезаи кофӣ барои дифоъ вуҷуд надошт; ҳеҷ гоҳе ҷои холии талафот пур намешавад; ҳамчунин фасоди густурда дар сатҳи фармондеҳони ҷузву томҳо, поён бурдани синни даъват ба сафи артиш ва ихроҷи дастаҷамъии афроди ботаҷриба ва овардани ҷавонони бетаҷриба монанди Торикшоҳ Баҳромӣ, вазири дифоъ, Хушҳол Саодат, муовини аввали вазорати кишвар, Ҳайбатуллоҳ Ализай, раиси ситоди артиш ва садҳо тани дигар, дуст ва бародар хондани толибон аз сӯи бархе аз сиёсатмадорон, вуҷуди неруҳои тарфдори Покистон – ҳамаи ин омилҳо ба унвони сабабҳои фурӯпошии урдуи Афғонистон маҳсуб мешаванд.[3, с. 1].

Ба бовари бархе аз мунтақидини артиши Афғонистон, ин ниҳоди кирояшуда ва вобастта ба амрикоиҳо буд, ва ҳар гоҳ, ки амрикоиҳо бо толибон вориди муомила шуданд, артиши вобаста ба худро қурбонӣ карданд ва бо эъломи хуруҷи комил пушти артишро холӣ намуданд. Тағйироти сохторӣ, бахусус якҷо кардани бахшҳои низоми омма ва сарҳадии вазорати кишвар ба артиш бахши дигаре аз мушкилот буд. Вобаста будани амният ва субот аз урдуи маҳаллӣ, неруҳои хезишҳои мардумӣ ва пулиси маҳаллӣ, ки бештарин масрафро доштанд, истифода аз неруҳои мардумӣ бар асоси тарҳи Мак Кристал, фармондеҳи неруҳои НАТО, хориҷ аз аз қувваҳои мусаллаҳи Афғонистон дар замоне анҷом шуд, ки артиши миллӣ ва дар кулл неруҳои амниятӣ тавоноии дифоъ аз маҳаллотро аз даст дода буданд.

Пажуҳишҳо дар заминаи манбаҳои ғарбӣ низ баёнгари онанд, ки Америка ва муттаҳидини аврупоӣ, артиш ва ниҳодҳои амнияии башиддат заиф ва бо шикасти тадриҷӣ ба ҷо гузоштанд. Ба назари манбаҳои ғарбӣ шаш масъала боиси фурӯпошии артиши Афғонистон гардидааст: 1) Артиш дар арзи чанд моҳ сукут карда буд, на дар чанд сол; 2) Иёлоти Муттаҳида ниёзмандиҳои зарурии артиши неруҳои амниятии Афғонистонро фароҳам накард, то онон муваффақона ва мустақилона бар пой истанд; 3) Артиш солҳо дар ҷанги фарсоишӣ ширкат карда садама дида буд; 4) Неруҳои амниятии Афғонистон ба раҳбарони заъифи сиёсӣ хидмат карданд; 5) Неруҳои амнияти фармондеҳони заифе доштанд; 6) Стратегияи толибон низ ба суст намудани руҳия ва нобудии ангезаи неруҳои амниятӣ равона шуда буд.[4, с. 1]. Ба гуфтаи Муҳаммад Назиф Шаҳронӣ, устоди Донишгоҳи Принстони Амрико, рақобат миёни вазирони дифоъ ва раисони ситоди артиш, ислоҳи синну соли афрод

барои сафарбар шудан ба урду ва ниҳодҳои дифоӣ аз омилҳои барҷастаи хароб шудан ва сукут кардани артиш гардид.[5, с. 2].

Ахмад Зиё Сироҷ, охирин раиси идораи амнияти миллии Афғонистон, дар мусоҳибае бо муаллифи ин рисолаи таҳқиқӣ дар моҳи октябри соли 2022 омилҳои дохилии сукути ҷумҳуриро чунин баён кард: вобастагии беш аз ҳадди урдуи Афғонистон ба ҳимояти ҳавоӣ; набуди тамоюли руҳӣ ва ангезаи қавӣ барои ҷанг; коҳиши эътимоди бахшҳои низомӣ ба сарфармондеҳи олӣ ва гурӯҳи наздиконаш; таъсироти манфии кашмакашҳо дар ҷараёни эълони натоиҷи интихоботи раёсати ҷумҳурӣ дар соли 2019; набуди паёми равшан ба сарбозон ва фармондеҳон роҷеъ ба сарнавишти сулҳ ва ҷанг; таблиғоти густурда дар байни урду ва бахшҳои дигари низомӣ роҷеъ ба он, ки баъди хуруҷи Америка ҳимояти дуруст барояшон намерасад; талафоти қобили мулоҳиза тайи чанд соли ахири баъд аз соли 2014 ва ҷуброн нашудани талафоти инсонӣ дар дохили урду; набудани алоқамандии оммаи мардум бобати пайвастан ба артиш, ки ин ҳолат масири ояндаро чунон нишон медод, ки баъд аз хуруҷи неруҳои хориҷи ҳифзи ҷумҳурият ба мушкили зиёде мувоҷеҳ мешавад. Вале ду роҳи ҳалли дигари сиёсӣ метавонист вазъиятро дар ин росто беҳтар намояд; ва ҳар дуи ин роҳи ҳалҳо тасмими сиёсӣ буданд. Аввал ин, ки раиси ҷумхур метавонист баъд аз имзои тафоҳумномаи Доҳа ва қабл аз эълони хуруҷи комили неруҳои эътилоф аз Афғонистон канор биравад, ва қудратро ба давлати интиқолӣ бисупорад; дуюм ин, ки барои муқобила бо таҳдиди тамоми гуруҳҳои террористии фаъол дар дохили Афғонистон, сафарбаркунии оммавии мардумиро бо ворид намудани тамоми раҳбарони зидди толиб дар қудрат шакл бидиҳад, ва ҳар ду тасмим бо сабаби печидагиҳои ба онҳо хос амалӣ нашуданд. Агар тамоми корҳоеро, ки дар бист сол анҷом шуд, ба назар бигирем, пас маълум мешавад, ки ин шикаст бештар сиёсӣ буд, магар ки низомӣ.[6, с. 1].

Шабаки хабарии “ал-Ҷазира” дар мақолае таҳлилӣ бо ишора ба шикасти артиши Афғонистон дар баробари толибон навишта аст: “Дар ду даҳаи гузашта Амрико беш аз 83 миллиард доллар барои омӯзиш, таҷҳиз ва тавсеаи артиши миллӣ, пулис, неруи ҳавоӣ ва неруҳои вижаи Афғонистон ҳазина кард. Аммо ин ҳазинаҳо ҳеҷ кадом кумаке ба ҳифзи Афғонистон ва ҷилавгирӣ аз сукут накарданд”. Ба назари хабарнигори шабакаи “ал-Ҷазира”, омилҳои сершуморе дар фурӯпошии давлат ва неруҳои низомию амниятӣ нақш доштанд.

***Нахуст***, вуҷуди фасоди густурда дар вазоратхонаҳои дифоъ ва умури дохилаи Афғонистон буд, ки бар асари он манбаҳо, муҳимот ва маводи ғизоӣ пеш аз расидан ба дасти сарбозон ба яғмо бурда шуда буданд. Муҳимот ва таҷҳизоти дигар низ дар бозори сиёҳ фурӯхта шуданд ва саранҷом, дар дасти толибон қарор гирифтанд. Бархе аз фармондеҳон бо тартиб додани санадҳои қалбакӣ ва феҳристи сарбозоне, ки вуҷуди воқеӣ надоштанд ба азхудкунии василаҳо иқдом карданд ва пули зиёде ба даст оварданд.

***Дуюм,*** тасарруфи моликияти давлатӣ ва фасод боиси заъиф гардидани руҳия дар сафҳои артиши Афғонистон шуд. Садоқати фармондеҳони баландпоя дар масоили низомӣ барои ҷалби эҳтироми сарбозон хеле муҳим аст. Сарбозоне, ки сари вакт маош намегирифтанд, шеваи зиндагии пурдабдаба ва сарватмандии фармондеҳонро медиданд. Аз ин ру онон ба ҷои ҷангидан ва кушта шудан тарчеҳ медоданд, ки таслими толибон шаванд. Толибон низ ваъдаи афви умумиро иҷро карданд ва ҷони сарбозонро наҷот доданд.

***Сеюм,*** набудани ҳамоҳангии идеологи ва беэътимодии зиёд нисбат ба раҳбарии сиёсӣ ба назар мерасид. Ҳеч сарбози Афғонистон ҳозир набуд, ки барои дифоъ аз раиси ҷумҳур Ашраф Ғанӣ биҷангад ва кушта шавад. Назарияти тавтеъа дар бораи тавофуқи пинҳонии давлати Кобул ва толибон дар байни неруҳои низомиии Афғонистон роиҷ буд. Дар натиҷа, онон барои муқовимат дар баробари толибон тардид доштанд.

***Чаҳорум,*** Мудохилоти сиёсии мудовим ва тағйири фармондеҳони неруҳои дифоӣ ва пулис бар амалкарди онон дар майдони ҷанг таъсиргузор буд. Ашраф Ғанӣ ба таври мудовим фармондеҳони низомиро тағйир медод, ва шаш фармондеҳи аслиро дар моҳҳои охир тағйир дода буд, ки таъсири манфӣ бар амалкарди неруҳои низомӣ гузошт.

***Панҷум,*** стратегияи низомии ҳушмандонаи толибон дар контроли гузаргоҳҳои аслии марзӣ ва муҳосираи шаҳрҳои бузург имконоти Кобул барои эъзоми неруҳои кумакӣ ва ирсоли таҷҳизотро аз байн бурд. Бисёре аз воҳидҳои артиш аз соири нуқоти кишвар ҷудо шуда, маҷбур буданд ба кишварҳои ҳамсоя фирор кунанд.

***Шашум,*** алорағми солҳо омӯзиш дидани сарбозон ва вуруди таҷҳизоти чандин миллиард долларии неруҳои дифоӣ ва низомии Афғонистон онҳо тавоноии истодагиро пайдо накарданд ва ҳифозат аз манотиқи шаҳрӣ комилан вобаста ба нируҳои амрикоӣ ва НАТО буд. Ҳаногми хуруҷи ин неруҳо аз Афғонистон дигар монеае бар сари роҳи толибон барои пешравӣ вуҷуд надошт.[7.]

Ҳайбатуллоҳ Ализай, охирин раиси ситоди артиши Афғонистон, ки худ маҳсули сиёсати гароишҳои қавмии раиси ҷумҳур бо номи “ҷавонсозии фармондеҳон”-и артиш буд, баъд аз суқут ба мунтақиди сахти раиси ҷумҳури қабли мубаддал шуд ва изҳор кард, ки Кобул суқут накард, балки ба толибон таҳвил дода шуд. Аз диди вай суқути Афғонистон на низомӣ, балки як суқути сиёсӣ буда, системаи роҳбарӣ ба таври куллӣ фардмеҳвар буд. Ба ақидаи вай, инъитофпазирии Ҳомид Карзай дар баробари толибон, муомилаи пинҳонии Ашраф Ғанӣ бо толибон ва бархурди инъитофпазири толибон бо сарбозони таслимшудаи артиш сабаби шикаст гардид.[8.].

Абдулҳай Рауф, муовини собики вазорати дифои Афғонистон дар давраи ҷумҳурият, дар мусоҳиба бо муаллифи ин рисола дар моҳи сентябри соли 2022 дар бораи сабабҳо ва омилҳои дохилии суқути ҷумурият гуфт: “Авомили мутааддиди дохилӣ боиси суқути ҷумҳурият буда, ки аз ҷумла фасоди густурдаи идорӣ, тамаркузи қудрат ва мудохилаи раиси ҷумҳур дар сутуҳи ниҳоят поёнии идора, масалан, тақозои муҷозоти як фармондеҳи сатҳи поёнӣ, такяи аз ҳад зиёд ба ҳимояти неруҳои байналмилалӣ ва таъминоти молии хориҷӣ, қудрати беҳади мафияи иқтисодӣ ва теъдоде аз аҳзоби сиёсӣ, фосилаи миёни давлат ва миллат, коҳиши ҳокимияти давлат, таассуботи қавмӣ, набудани руҳияи ҷангӣ, ғурур ва кибри сиёсатмадорон, бахусус ҳалқаи сенафарии наздик ба раиси ҷумҳур, набудани татбиқи қонун болои ҳама ба сурати яксон, хусусан он гурӯҳ аз сиёсатмадорони наздик ба раиси ҷумҳур, ё касоне, ки раиси ҷумҳур аз онҳо ҳарос дошт, ки ҳеч вакт посухгӯ ба қонун набуда, ҳамеша амалашон фароқонуни буд ”.[9.]

Алӣ Аҳмад Ҷалолӣ, вазири умумри дохилаи пешин, чаҳор омилро дар шикаст ва фурӯпошии қувваҳои низомӣ ошкор месозад: 1) тактикаҳои қувваҳои низомии Афғонистон бидуни стратегия буданд; 2) сармоягузорӣ болои артиш ба ҳадар рафт, зеро фармондеҳони қувваҳои низомӣ фасодпеша буданд; 3) раҳбарони Афғонистон ба ҷои миллисозии равандҳо ба тарҳҳои шахсӣ мутавассил шуданд; 4) ҳамсояҳои Афғонистон, бахусус Покистон, дар шиддат ёфтани ҳаракати толибон нақши муҳим бозиданд.[10, с. 1]. Матин Бек, раиси собиқи Дафтари раиси ҷумҳурӣ, заифию нотавонии неруҳои амнияти ва омилҳои дигари фурӯпошии онҳоро чунин баршумурд: артиш аз назари техникӣ ва логистикӣ вобаста ба кумакҳои Амрико буд; Ашраф Ғанӣ бо лақаби сарфармондеҳи олии қувваҳои мусаллаҳ, ба ҷои он, ки заминаҳои рушди табиии неруҳои амниятиро мусоид кунад, баракс, ба неруҳои дифоӣ ва амниятӣ шак дошта, ба ин неруҳо итминон надошт; тағйироти рӯзҳои ахир дар раҳбарии ниҳодҳои амниятӣ сардаргумӣ эҷод кард, ва сарбозон намедонистанд, ки аз кӣ фармон бигиранд. Ашраф Ғанӣ ҳамеша ҳарос дошт, ки кудатое алайҳи вай сурат нагирад ва монеъи иқдомоти вай нашавад, Ашраф Ғанӣ фикр мекард, ки дар сурати муқтадир шудани артиш мумкин аст неруҳои мусаллаҳ барои мувофиқаташ бо тавофуқнома Доҳа алайҳи ӯ иқдом кунанд. Ба ҳамин хотир ӯ то тавонист, артишро заъиф кард.[11.].

Ба назари муаллифи ин рисола, он чӣ оқои Бек иддао мекунад, дуруст ба назар меояд, зеро дар ин ҳангом ва бахусус дар моҳҳои ахири ҳукумат курсиҳои вазоратхонаҳо ва мовинатҳо ба дасти афроди нолоиқ, камтаҷриба ва фаъолони ҷомеаи маданӣ даст ба даст шуд. Аз ҷумлаи онхо метавон аз афроде, мисли Асадулло Холид, вазири дифоъ, ки маризу маъюб буд; Шоҳ Маҳмуди Миёхел, фаъоли маданӣ ва волии қаблии Нангарҳор, ки муовини аввали вазир таъйин шуд; Мунира Юсуфзода, муовини пулисии вазорати дифоъ; Ҳаётуллоҳ Ҳаёт, волии қаблии Кандаҳор; Абдуссаттор Мирзокавол, волии қаблии Кундуз, ки ба маснади вазири дохила таъйин шуд; Ҳасанӣ Ҷалил, ба ҳайси муовин дар вазорати умумри дохила; Хушҳол Саодат, муовини амалиётӣ вазорати дифоъ; Абдулғаффор Хонтанӣ, муовини низомӣ ва Аҷмал Балучзода, муовини умури таҳлили Раёсати умумии амнияти миллӣ, ёд кард, ки ба мансабҳои ишғолкардаашон мувофиқ набуданд, аммо маъмурияташонро дар ростои харобсозӣ ва заъиф намудани далат муваффақона анҷом доданд.

Абдулсабур Қонеъ, муовини аршади вазорати кишвар дар давраи ҷумҳурият, тайи мусоҳибае бо муаллифи ин рисола дар моҳи сентябри соли 2022 бо баршумурдани нукоти дар боло зикршуда тайид мекунад, ки набудани ҳамфикрӣ дар бобати бақои ҷумҳурият, ихтилофи миёни сиёсатмадорони тарафи дигар ва давлат ва миёни раҳбарии давлату сиёсатмадорон бидуни дарназардошти манфиатҳои миллӣ, ироаи гузоришҳои ғайривоқеӣ аз вазъият ва зикр нашудани ҷиҳатҳои заифи тавоноии давлат, итминони дуруғин ва таҳлилҳои рӯякӣ ба раиси ҷумҳур ношӣ аз ихтилофоти фардӣ бо мақсади хушомад задан ба раиси ҷумҳур, фосилаи миёни роҳбарии низомӣ ва фармондехони сатҳҳои поёнӣ, ҳатто огоҳ набудани вазир аз вазифаҳои худ дар шароити ҳассоси кишвар ва дигар авомил заминаи мусоидро барои суқути низом фароохтанд. Куллан неруҳои низомии кишвар миллӣ набуданд ва бахше аз онҳо таҳти таъсири сиёсатмадорон қарор доштанд.[10, с. 1].

Фарид Аҳмадӣ, фармодеҳи собиқи лашкари таъиноти махсуси артиши Афғонистон, дар мусоҳибае бо муаллифи ин рисола дар моҳи августи соли 2022 дар бораи омилҳо ва сабабҳои дохилии суқути низоми ҷумҳурӣ гуфт: “Омилҳои дохилии суқути ҷумҳурият дар буъдҳои дугонаи сиёсӣ ва созмои қобили таъриф аст. Дар буъди сиёсӣ тиммиҳарис ва тамомиятхоҳи Карзай ва Ғанӣ, ки фурсати тиллоиро ба чолиш ва ва буҳрон табдил карданд ва ҷаҳонро ноумед сохтанд. Дар буъди созмонӣ, яъне ташкилот ва созмонҳои миллӣ ва давлатӣ дар назар аст, ки ҳаргиз истиқлоли корӣ ва кадрӣ наёфтанд. Қуввахои мусаллаҳ сиёсӣ шуда, заифтарин афрод дар макомоти болоии низомӣ, ки вафодрӣ ба ашхос доштанд, на ба мамлакат ва арзишҳои демократӣ, муқаррар шуда буданд; интихоботи райсати ҷумҳурӣ пур аз тақаллуб буд ва билохира аъзои ҷумҳурият мисли раиси дафтари раиси ҷумҳур, раиси дафтари Шурои амният ва мушовирони раиси ҷумҳур ва баъзе генералҳои хоин ба хайси омилони нуфузи толибон фаъол буданд; онҳо ҷумҳуриятро аз дохил тазъиф карданд то руҳия ва иродаи ҷангро миёни қуввахои мусаллаҳ беасар созанд”.[11, с. 2].

Темур Шорон, нависанда ва пажуҳишгар, пас аз мусиҳибаҳои мутааддид бо мақомоти калидии давлати пеш дар моҳи декабри соли 2022 навишт: “Баршумурдани иштибоҳоти Ашраф Ғанӣ ва ҳалқаи наздики ӯ мунҷар ба суқути низом шуд. Бартарафии Масъуд Андарободи аз мақоми вазорати кишвар ва овардани Ҳаётуллоҳ Ҳаёт барои як муддати кӯтоҳи чаҳормоҳа ба унвони иштиҳоботи муҳосиботии тими кучаки Ашраф Ғанӣ дар дақоиқи охир будааст ва Ҳаёт дар ҳақиқат омада буд, то вазорати умумри дохиларо пуштунизатся кунад ва мақомоти ин вазоратро, ки ба Шурроии наззор вобастагӣ дошт, бартараф созад. Бо омадани Ҳаётуллоҳ Ҳаёт дар вазорати умумри дохила, теъдоди мақомот, ки бошандаи вилоятҳои Кобул, Панҷшер ва Парвон буданд, ба зудӣ кам шуданд ва теъдоди пуштунҳои ғилзоӣ аз вилояти Нангарҳор, ки иритботи хубе бо Ҳамдуллоҳ Муҳиб ва Ғанӣ доштанд, афзоиш ёфт”. Сипас Шорон менависад, ки “Ғанӣ аз ҳамон нахуст, ки ба қудрат расид, даст ба қавмгароӣ зад, ва қисми зиёде аз мансабҳои баландро ба пуштунҳои ғилзоӣ дод. Ба бовари муаллифи ин пауҳиш, ӯ ҳатто пуштунҳои ҷанубро ба ҳошия ронда буд. Ғанӣ саъй кард вазорати дифоъро аз низомиёни баландпоя, ки ба Шурои наззор вобастагӣ доштанд, пок кунад ва ба ҷояшон афроди марбут ба қавми худашро ба мансабҳои баланд бигуморад. Ғанӣ ҳеҷ тарҳ ва стратегияи бузург надошт ва намедонист чӣ гуна амал кунад. Ахиран ҳамин гароиши қабилаи сабаб шуд, то Ашраф Ғанӣ Кобулро қасдан ба шабакаи Ҳаққонӣ таслим кард, то миёни толибон ихтилоф эҷод кунад, аммо муҳосибаи ӯ дақиқ набуд”.[11, с. 1].

**Адабиёт**


1. SIGAR (30 октябр 2021). Гузориш ба Конгресси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико. https://www.sigar.mil/pdf/quarterlyreports/dari/2021-10-30-summary-dari.pdf
2. Ҷалолӣ, Алӣ Аҳмад (сентябри 2022). Мусоҳиба бо телвизиони «Афғонистон интернейшнл». https://www.youtube.com/watch?v=I6pAxHh_m8s
3. Андешаманд, Муҳаммад Акрам (декабри 2021). «Баррасии илал ва авомили сукути ҷумҳурият». Нишасти «Андешагоҳ», Бахши аввал. https://youtu.be/ki1dIf36a_Q
4. JONATHAN SCHRODEN( OCTOBER 2021)" Lessons from the Collapse of Afghanistan’s Security Forces”, VOLUME 14, ISSUE 8, COMBATAING TERROISM CENTER AT WEST POINT. HTTPS://CTC.WESTPOINT.EDU/LESSONS-FROM-THE-COLLAPSE-OF-AFGHANISTANS-SECURITY-FORCES/

5. Шаҳронӣ, Муҳаммад Лати. ( OCTOBER 2021)" Lessons from the Collapse of Afghanistan's Security Forces", VOLUME 14, ISSUE 8, COMBATAING TERROISM CENTER AT WEST POINT. HTTPS://CTC.WESTPOINT.EDU/LESSONS-FROM-THE-COLLAPSE-OF-AFGHANISTANS-SECURITY-FORCES/
6. Сироҷ, Ахмад Зиё (октябри 2022). «Баррасии авомили дохилӣ ва хориҷии суқути ҷумҳурият». Мусоҳибаи нашр ношуда. Шаҳри Лондон.
7. Шабакаи «ал-Ҷазира» (27 мурдоди 1400). «Чаро аритиши Афғонистон ба ин суръат фуру пошид? / ба ин шаш далел». https://aftabnews.ir/fa/news/722643/
8. Ализай, Хайбатулло (сентябри 2022). Мусоҳиба бо телевизиони «Афғонистон интернейшнл». https://www.youtube.com/watch?v=x6C6isyRRwA
9. Рауф, Абдулҳай ( 29 сентябри 2022). «Арзёбии авомили дохилӣ ва хориҷии суқути ҷумҳурияти Афғонистон». Мусоҳибаи нашрнашуда, шаҳри Вашингтон. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.
10. Қонеъ, Абдуссатор (26 сентябри 2022). «Арзёбии авомили дохилӣ ва хориҷии суқути низоми ҷумҳурӣ дар Афғонистон». Мусоҳибаи нашрнашуда. Шаҳри Париж, Фаронса.
11. Ахмади, Фарид (24 августи 2022). «Арзёбии суқути низоми ҷумҳурии Афғонистон». Мусҳибаи нашрношуда. Истамбул, Туркия.
12. TEMOR SHARAN. (December 2022) "What went wrong: The 2021 collapse of Afghan National security force "Afghan analyst networkfile:///C:/Users/User/Downloads/20221215-Collapse-of-ANSF-final%20(4).pdf

## САБАБҲО ВА ОМИЛҲОИ ШИКАСТИ НИЗОМӢ ВА ФУРӮПОШИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ АФҒОНИСТОН

Баррасиҳои тадқиқоти нишон медиҳад, ки стратегияи Покистон ва толибон аз ибтидо нуфуз дар сохторҳо ва бахшҳои мухталифи Қувваҳои Мусаллаҳи Афғонистон буд. Раҳбарии Қувваҳои мусаллаҳи кишвар қаблан сиёсӣ шуда буд; толибон аз хешу табории шуморе аз афсарони Қувваҳои мусаллаҳ истифодаи ҳадафманд карданд. Ҳамзамон шуморе аз афсарон ва сарбозон дар вобастагии қавмияти бо зеҳниятҳои идеологии моил ба толибон дар қувваҳои мусаллаҳ истихдом шуданд.

